ISSN 2414 9217

https://www.gospravacheloveka.tnu.tj

# ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научно-практический журнал**

**№ 4 (32)**
**2023**

**ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН**
**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

**№ 4 (32)**
**2023**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 196/МҶ-97 аз 12 апрели соли 2021 ба қайд гирифта шудааст.**
**Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.**
**Маҷалла соли 2016 таъсис дода шуда, дар як сол чор маротиба чоп мегардад.**

***Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Сармуҳаррир:** | **Азиззода У.А. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Муовини сармуҳаррир:** | **Диноршоҳ А.М. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Котиби масъул:** | **Салоҳидинова С.М. – н. и. ҳ.** |

**Ҳайати таҳририя:**

| | |
|---|---|
| **Имомзода М.С.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ф., профессор** |
| **Маҳмудзода М.А.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ҳ., профессор** |
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. и. ҳ., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** |
| **Авакян С.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Зоир Ҷ.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Нуриддинов Р.** | **д. и. с., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Золотухин А.В.** | **д. и. ҳ., дотсент** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Раҳмон Д.С.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ҷамшедов Ҷ.Н.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Камолзода И.И.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Павленко Е.М.** | **н. и. ҳ., дотсент** |

**Муҳаррирони илмӣ ва мусаҳҳеҳон:**
**Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Наимов Б.Ғ., Азимов С.Ш.**

**ISSN 2414 9217**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научно-практический журнал**

**№ 4 (32)**
**2023**

**Издание зарегистрировано в Министерстве культуры Республики Таджикистан за № 196/МЧ-97 от 12 апреля 2021 года.**
**Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.**

**Журнал выходит с 2016 года, издается 4 раза в год.**

***Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет***



| | |
|---|---|
| **Главный редактор:** | **Азиззода У.А. – д. ю. н., профессор** |
| **Заместитель главного редактора:** | **Диноршох А.М. – д. ю. н., профессор** |
| **Ответственный секретарь:** | **Салохидинова С.М. – к. ю. н.** |

**Члены редколлегии:**

| | |
|---|---|
| **Имомзода М.С.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ф. н., профессор** |
| **Махмудзода М.А.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ю. н., профессор** |
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. ю. н., профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана** |
| **Авакьян С.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Зоир Дж.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Нуриддинов Р.** | **д. п. н., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Золотухин А.В.** | **д. ю. н., доцент** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Рахмон Д.С.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Джамшедов Дж.Н.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Камолзода И.И.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Павленко Е.М.** | **к. ю. н., доцент** |

**Научное редактирование и корректура:**
**Саъдизода Дж., Шоев Ф.М., Наимов Б.Г., Азимов С.Ш.**



**ISSN 2414 9217**

## МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

### НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)


| | | |
|---|---|---|
| **Сафарзода Б.А.** **Исозода Б.Ч.** | Масъалаҳои назариявии раванди ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **7** |
| **Азиззода У.А., Раҳимов Р.Л.** | Таълимот оид ба мафҳум, аломатҳо ва хусусиятҳои коррупсия | **15** |
| **Бобокалон Ғ.М., Саъдизода Ҷ.** | Оид ба созгории мафҳумҳои асосии моддаи 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон | **31** |
| **Элназаров Д.Х.** | Баъзе масъалаҳои назариявии мураттабсозии қонунгузорӣ | **43** |
| **Собирзода А.Ҷ.** | Асосҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ | **54** |
| **Азимов Ф.А.** | Мафҳум ва таснифоти ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод | **64** |
| **Азизаи Н.** | Асосҳои ҳуқуқии таъмини амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **72** |
| **Исозода Б.Ч.** | Заминаҳои таърихии ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд | **83** |


### ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МЕСТНЫЕ ОРГАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)


| | | |
|---|---|---|
| **Сулаймонзода М.С.** | Конститутсия – заминаи асосии рушди давлат | **95** |
| **Олимзода Д.А.** | Сохтор ва ташкили дохилии мақомоти намояндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **104** |


### ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)


| | | |
|---|---|---|
| **Раҳимзода М.З., Пулодзода Ш.П.** | Недобросовестная конкуренция: особенности правового регулирования | **116** |
| **Мирзозода П.З., Ҳакимов Я.Б.** | Предмети шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) | **130** |
| **Мавлоназарзода О.А.** | Вазъи ҳуқуқи андозбандии | **147** |

| | | |
|---|---|---|
| | хизматрасониҳои фосилавии шахсони хориҷӣ | |
| **Шабонов Ш.С.** | Нақши шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард | **155** |
| **Исматзода И.Б.** | Баъзе масъалаҳо оид ба ҳуқуқи ашёӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ | **163** |


## ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ (ИХТИСОС: 12.00.05) – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.05)

| | | |
|---|---|---|
| **Музафарзода М.Ш.** | Принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ ва таснифоти онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ | **171** |


## ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)

| | | |
|---|---|---|
| **Зоир Ҷ.М.** | Таҳлили муқосиавӣ-ҳуқуқии ҷинояти вайрон кардани дахлнопазирии манзил тибқи қонунгузории кишварҳои хориҷи дур | **193** |
| **Давлатов Б.С.** | Таҳлили назариявии низоми ҷиноятҳо дар соҳаи андоз | **204** |
| **Абдуллозода Б.В.** | Ҷанбаҳои ҳуқуқии байналмилалии ҳифзи об аз ифлосшавӣ | **212** |
| **Сафарзода Н.Н.** | Мафҳум ва аломатҳои ретсидиви ҷиноят | **222** |


## ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.09) – УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.09)

| | | |
|---|---|---|
| **Маҳмудов И.Т., Собиров М.Ш.** | Нақши принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар низоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ | **236** |
| **Исоев К.М.** | Исботкунӣ ва махсусиятҳои гносеологӣ (маърифатӣ)-и он дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ | **243** |


## КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОС: 12.00.12) – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.12)

| | | |
|---|---|---|
| **Файзуллозода А.К.** | Внедрение новейших технико-криминалистических средств в практику осмотра места происшествия | **252** |


## ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ (ИХТИСОС: 12.00.14) – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС

**(СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.14)**

| | | |
|---|---|---|
| **Ойев Х.** | Закон о системе органов государственного управления нуждается в пересмотре | **264** |
| **Каримов А.Қ.** | Вазъи ҳуқуқии мақомоти зиддиинҳисорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **274** |
| **Шарипова М.Ғ.** | Омилҳои асосии зухури коррупсия дар низоми хизмати давлатӣ | **284** |

**МУРОФИАИ ГРАЖДАНӢ; МУРОФИАИ ИҚТИСОДӢ (ИХТИСОС: 12.00.15) – ГРАЖДАНСКИЙ ПРОЦЕСС; ЭКОНОМИЧЕСКИЙ ПРОЦЕСС (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.15)**

| | | |
|---|---|---|
| **Тагайназаров Т.Ш., Фозилов Н.Н.** | Третьи лица, не заявляющие самостоятельные требования на предмет спора в гражданском процессе | **293** |

| | |
|---|---|
| **Требования, предъявляемые к статьям соискателей, аспирантов и докторантов для публикации в журнале «Государствоведение и права человека»** | **307** |

## НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РАВАНДИ ИСЛОҲОТ ВА ТАКМИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Сафарзода Бахтовар Амиралӣ,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
**Тел.:** +992 557020202
**E-mail:** bakht-83@mail.ru

**Исозода Баҳодур Чиллахон,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
**Тел.:** +992 557020202
**E-mail:** bakht-83@mail.ru

**Фишурда:** Яке аз ҳадафҳои асосии ислоҳоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодие, ки дар кишвар гузаронида мешаванд, аз рӯзҳои аввал ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, инчунин фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ нигаронида шудааст. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои асосии назариявии ислоҳот ва такмили фаъолияти мақомоти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор дода мешавад. Ҳангоми таҳлил ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон давлат ва ҷомеа ба суди комилан мустақил ва аз ҳама гуна таъсиррасонӣ озод зарурат дорад, ки ин ҳадаф аз оғози соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, аниқтараш аз давраи қабули нахустин Конститутсия дар даврони соҳибистиқлолӣ амалӣ гардида истодааст.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқи инсон, суд, инсондӯстӣ, адолати судӣ, таҷзияи ҳокимият, ислоҳоти судӣ, ислоҳоти конститутсионӣ, ислоҳоти сиёсӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, такмили қонунгузорӣ,

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ПРОЦЕССА РЕФОРМИРОВАНИЯ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ СУДЕБНОЙ ВЛАСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Сафарзода Бахтовар Амиралӣ,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры прав человека и сравнительного правоведения
**Тел.:** +992 557020202
**E-mail:** bakht-83@mail.ru

**Исозода Баходур Чиллахон,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения
**Тел:** +992 557020202
**E-mail:** bakht-83@mail.ru

**Аннотация:** Одна из основных целей политических, правовых и экономических реформ, проводимых в стране, с первых дней направлена на обеспечение и защиту законных прав и интересов граждан, а также создание благоприятных условий жизни. В данной статье научному исследованию подвергнуты основные теоретические вопросы реформирования и совершенствования деятельности органов судебной власти в Республике Таджикистан. В результате анализа автор пришел к выводу, что для защиты прав и свобод граждан государству и обществу необходим полностью независимый, свободный от всякого влияния судебная система.

**Ключевые слова:** Права человека, суд, гуманность, судебная юстиция, распределение власти, судебная реформа, конституционные реформы, политические реформы, экономические реформы, совершенствование законодательства.

# THEORETICAL QUESTIONS OF THE PROCESS OF REFORMATION AND SOVEREIGNTY OF THE JUDICIAL GOVERNMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Safarzoda Bakhtovar Amirali,**
Tajik National University, Faculty of Law, professor the department of human rights and comparative law
**Phone:** +992 557020202
**E-mail:** bakht-83@mail.ru

**Isozoda Bahodur Chillakhon,**
Tajik National University, faculty of law, applicant at the department of human rights and comparative law
**Phone:** +992 557020202
**E-mail:** bakht-83@mail.ru

**Annotation:** One of the main goals of the political, legal and economic reforms carried out in the country, from the first days, is aimed at ensuring and protecting the legal rights and interests of citizens, as well as creating favorable living conditions. In this article, the main theoretical issues of reforming and improving the activities of the judiciary in the Republic of Tajikistan are subjected to scientific research. During the analysis, we can come to the conclusion that in order to protect the rights and freedoms of citizens, the state and society need a completely independent court, free from any influence, which has been the goal since the beginning of independence in the Republic of Tajikistan, more precisely, since the period of the first adoption of the Constitution in the era of practical independence.

**Keywords:** Human rights, court, humanity, judicial justice, judicial reform, improvement of legislation, constitutional reforms, political reforms, economic reforms, distribution of power.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолият, сиёсати пешбурди ғояҳои ҳуқуқи инсонро дар соҳаҳои зиёди ҳаёти ҷомеа фаъолона татбиқ менамояд ва дар ин замина асосҳои устувори давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эътироф ва афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва принсипҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамраъӣ буда, онҳоро ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии миллӣ тасдиқ менамояд, уҳдадории эътирофи ҷудонопазирӣ ва бегонанашавандагии ҳуқуқу озодиҳои шахс ва риояи онҳоро ба зимма мегирад. Бо ин мақсад дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат ҷиҳати самарабахш таъмин намудан ва такмил додани кафолатҳои ҳифзи давлатии ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла тавассути ҳокимияти судӣ, ислоҳоти васеъмиқёс амалӣ карда шуд.

Ин ҷанбаро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд. Ҳамин тариқ, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015, аз ҷумла қайд чунин қайд кардаанд: «таҳкими фаъолияти ҳокимияти судӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати давлат мебошад, чунки фаъолияти судҳо бо инсон, ҳуқуқу озодиҳои он зич алоқаманд аст»[1]. Дар Паёми худ аз 22 декабри соли 2017 Пешвои миллат таъкид доштанд, ки «кишвари мо роҳи сохтмони ҷомеаи ҳуқуқбунёдро интихоб кардааст, ки яке аз ғояҳои асосии он таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд мебошад. Принсипи

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23/01/2015. Речаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/13747 (санаи дастрасӣ: 17.09.2022).

мазкур вазифадор мекунад, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳама соҳаҳо бо қонунҳои ба меъёрҳои ахлоқ, адолат ва инсондустӣ мувофиқ танзим шаванд”[2].

Дар ин замина зарурати такмил додани фаъолияти ҳокимияти судӣ борҳо ишора шудааст. Ҳамин тариқ, Пешвои миллат зимни Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 таъкид доштанд, ки «таҳия намудани барномаи навиислоҳоти судиву ҳуқуқӣ ва дар доираи он сохтор ва фаъолияти мақомоти судиро такмил дода, барои босифат ва сари вақт баррасӣ намудани парвандаҳо, иҷрои қарорҳои қабулкардаи мақомоти судӣ тадбирҳои мушаххасро андешидан лозим аст»[3].

Ҳамин тариқ, тасдиқ намудан мумкин аст, киислоҳоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодие, ки дар кишвар гузаронда мешаванд, аз рӯзҳои аввал ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, инчунин фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ нигаронида шудаанд. Муқаррароти мазкур дар Конститутсияи 6 ноябри соли 1994 қабулгардидаи кишвар инъикос меёбанд. А.И. Имомов чунин қайд менамояд: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994, санади асосии ҳуқуқиест, ки марҳалаи нави ташаккули давлатдории миллии тоҷиконро ба расмият медарорад. Дар Конститутсия заминаҳои ҳуқуқии бунёди давлати нави миллӣ гузошта шуда, шакл, моҳият, мазмун, мақсаду вазифаҳои он муайян шудаанд. Маҳз дар баробари қабули Конститутсия раванди таъсис ва фаъолияти давлатдории миллии тоҷикон ниҳоят қонунӣ гардонда шуд”[4].

Тавре маълум аст, одатан дигаргуниҳои каму беш пешрафтаро, ки дар кишвар ба амал меоянд, ислоҳот меноманд. Чӣ тавре, ки Ҷ.Ш. Шерализода қайд менамояд, “ислоҳоти ҳуқуқӣ аз маҷмуи чорабиниҳои ҳуқуӣ, ташкилӣ-сиёсӣ иборат аст, ки бо мақсади гузаронидани дигаргуниҳои куллӣ, инчунин дар асоси он тадриҷан мутобиқ намудани қонунгузории давлат равона карда мешавад. Дар заминаи мафҳуми муайяншуда хусусиятҳои ислоҳоти ҳуқуқиро чунин муайян кардан имконпазир аст: ислоҳоти ҳуқуқӣ пеш аз ҳама зуҳуроти сиёсӣ-ҳуқуқӣ мебошад; ба чорабинии давлатии хусусияти ҳуқуқӣ ва сиёсию ташкилидошта алоқаманд аст; бо мақсади тадриҷан тағйир додани қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад; ислоҳоти ҳуқуқӣ хусусияти рушдёбанда (диалектикӣ) дорад»[5].

Омӯзиши умумии назариявии ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон ба сифати кафили ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин омӯзиши ислоҳотро ҳамчун шарти такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22/12/2017. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/ 16772 (санаи дастрасӣ: 14.11.2022).

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26/12/2018. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/ 19089 (санаи дастрасӣ: 14.11.2022).

[4] Имомов А. Конституционно-правовые проблемы развития Республики Таджикистан (1992-1998).- Душанбе,1998. – 208 с.

[5] Шерализода Ҷ.Ш. Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Чумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе 2023. – С.14.

таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар назар дорад. Солҳои охир дар байни олимони ватанӣ ба омӯзиши ин масъала таваҷҷуҳ зиёд шудааст. Аз ҷумла, ба масъалаҳои ислоҳоти ҳокимияти судӣ, ташаккули сиёсати судию ҳуқуқӣ, ҳифзи судии ҳуқуқи инсон асарҳои илмии чунин олимони ватанӣ, мисли И.Р. Шодиев[6], Х.М. Мирзамонзода[7], А.М. Диноршоев[8], З.Х. Искандаров[9], Д.Х. Элназаров[10] ва дигарон бахшида шудаанд.

Муаллифони номбаршуда қайд мекунанд, ки оғози кор дар самти ислоҳоти куллии ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон бояд ба лаҳзаи қабули Конститутсияи соли 1994 нисбат дода шавад. Дар баробари ин, муҳимтарин шарти пешакии ислоҳоти судӣ дар кишвар эътирофи соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлати демократии ҳуқуқбунёд эълон гардидани он буд, ки фаъолияти он ба принсипи таҷзияи ҳокимият асос ёфтааст. Аён гардид, ки барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон давлат ва ҷомеа ба суди комилан мустақил, аз ҳама гуна таъсиррасонӣ озод, зарур аст. Таъмини ин нуқта танҳо дар сурати воқеан ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим шудани ҳокимият имконпазир аст, ки дар он ҳокимияти судӣ комилан мустақил бошад.

Ҳамин тавр, И.Р. Шодиев қайд мекунад, ки «тамоюлҳои муосири рушди низоми судӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 қабул гардид ва дар Барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст. Дар моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судӣ пас аз ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия дар навбати сеюм қарор мегирад»[11]. Ҷ.Ш. Шерализода, дар навбати худ, қайд менамояд, ки «дар низоми имрӯзаи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти судӣ мавқеи махсус дода мешавад. Ба ин мақом ҳокимияти судӣ дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ ва қабули Конститутсияи ҶТ соли 1994 соҳиб гардид. Аз ҷумла, таҷдиди қонунгузории конститутсионӣ дар ин самт, раванди ташаккули низоми демократии ҳокимияти давлатӣ, раванди гузаронидани ислоҳоти судӣ бо мақсади фароҳам овардани механизмҳои ҳуқуқии кафолатдиҳандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мисолҳои мушаххас дар ин самт мебошанд. Ислоҳоти анҷомдодашудаи конститутсионии ҳокимияти судӣ дар кишвар,

[6] Ниг.: Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2009. – 176 с.

[7] Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021

[8] Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Душанбе 2007.

[9] Искандаров З.Х. Ҳуқуқи инсон ва механизмҳои миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007.

[10] Эльназаров Д. Х. Конституционно-правовое регулирование защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики: автореф. дисс. … д-ра юрид. наук. - Душанбе, 2020. – 97 с.

[11] Ниг.: Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2009. – 176 с

барои ташаккул ва рушди давлатдории муосири мамлакат шароит фароҳам овард»[12].

Инчунин олимони ватанӣ қайд менамоянд, ки дар Тоҷикистон дар ташаккули сохтори судӣ аз таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ истифода шуда, вазифаҳои асосӣ, усулҳои ташкилёбӣ ва фаъолияти мақомоти судӣ муайян карда шудаанд.[13]

Аз мавқеъҳои зикрнамудаи олимони ватанӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки раванди ташаккули низоми судии муосир аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолият ва қабули Конститутсияи соли 1994 оғоз гардид.

Таъмини ислоҳоти судӣ тақозо менамуд, ки консепсияи ҳокимияти судӣ таҳия карда шавад, нисбат ба ҳадафҳо, вазифаю функсияҳои ҳокимияти судӣ, принсипҳои фаъолияти он муносибатҳои нав муайян карда шаванд; дарк ва татбиқи мунтазами ғояҳои васеъ намудани доираи кафолатҳои судии ҳуқуқҳои инсон ва роҳ надодан ба пастшавии сатҳи бадастомада дар қонунгузорӣ.

Чӣ тавре, ки Ф.Н. Абдуллозода қайд менамояд, "барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои такмили ҳокимияти судӣ чун навгонии назаррас арзёбӣ мегардад, зеро барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии дар солҳои гуногун қабулкардашуда шаҳодати ин гуфтаҳо мебошанд. Мақсади ин барномаҳо низ баландбардории сифати амалисозии адолати судӣ, тақвияти низоми судӣ, такмили қонунгузории моддӣ ва мурофиавии ба ин фаъолият вобаста мебошад[14].

Ҳамин тариқ, тасдиқ кардан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолият ва қабули Конститутсияи амалкунанда раванди таҷдиди давра ба давраи сохтори ҳокимияти судӣ амалӣ шудааст.

Дар баробари ин, олимони ватанӣ даврабандии гуногуни раванди таҷдиди ҳокимияти судиро пешниҳод менамоянд. Ҳамин тариқ, Ҷ.Ш. Шерализода таъкид мекунад, ки «бо баррасии равандҳои ислоҳоти ҳокимияти судӣ онҳоро ба 4 марҳила ҷудо кардан мумкин аст: марҳилаи аввал, бо раванди ба даст овардани истиқлолияти ҶТ; марҳилаи дуюми ислоҳоти ҳокимияти судӣ бо қабули Конститутсияи соли 1994; марҳилаи сеюми ислоҳоти ҳокимияти судӣ бо ислоҳоти конститутсионии солҳои 1999 ва 2003; давраи чоруми ислоҳоти конститутсионии ҳокимияти судӣ бо қабул шудани барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ оғоз меёбад»[15]. Муаллифони дигар ин равандро ба ду марҳала ҷудо мекунанд - аз лаҳзаи қабули

---

[12] Шерализода Ҷ.Ш. Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе 2023. – С. 172-174.

[13] Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе, 2017. – 766 с.; Шерализода Ҷ.Ш. Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе 2023. – С. 174

[14] шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ –ҳуқуқӣ): диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – С.184.

[15] Шерализода Ҷ.Ш. Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе 2023. -С. 174-175.

Конститутсияи соли 1994 ва аз лаҳзаи қабули барномаи аввали ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010.[16]

Дар ин замина мехостем таваҷҷуҳро ба як ҷанба ҷалб намоем. Муҳаққиқони ватанӣ тамоми раванди дигаргуниро дар соҳаи судӣ ислоҳот меноманд[17]. Ин аз як ҷиҳат ба он вобаста аст, ки раванди навсозии фаъолияти ҳокимияти судӣ дар доираи 4 барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ (солҳои 2007-2010, 2011-2013, 2015-2017, 2019-2021) сурат гирифтааст.

Ба фикри мо, чунин тасдиқкунӣ пурра дуруст нест. Ислоҳот, тавре пештар қайд кардем, шарти зарурии такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Аммо, тибқи эроди одилонаи муаллифони ватанӣ, " ислоҳот ва такмилро фарқ кардан лозим аст. Такмил раванди беохир мебошад. Ислоҳот, яъне дигаргуниҳои бузург ва куллиро доимо амалӣ намудан мумкин нест ва аз ин рӯ, онҳо бояд дар ҷое хотима ёбанд».[18]

Дар ин бобат раванди ислоҳоти ҳокимияти судӣ ва раванди такмили ҳокимияти судиро аз ҳам фарқ кардан лозим аст. Раванди ислоҳот дар Тоҷикистон, ба назари мо, бо раванди қабули Конститутсияи кишвар ва гузариш ба низоми таҷзияи ҳокимият, муайян намудани низоми судии давлат дар асоси Конститутсияи кишвар алоқаманд аст. Раванди такмилдиҳӣ дар Тоҷикистон бо таҳия ва қабули барномаҳои ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ алоқаманд аст.

**Адабиёт:**


1. Абдуллозода Ф.Н. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи Шуравӣ ва пасошуравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ –ҳуқуқӣ): диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020.
2. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. – Душанбе 2007.
3. Имомов А. Конституционно-правовые проблемы развития Республики Таджикистан (1992-1998).– Душанбе, 1998.– 208 с.
4. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе, 2017. – 766 с.


---

[16] Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021; Абдуллозода Ф.Н. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ –ҳуқуқӣ): диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020.

[17] Оид ба нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон муфассал ниг.: Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия бароидарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01 / Саъдизода Ҷаҳонгир. – Душанбе, 2018. – С. 160-167; Саъдизода Ҷ. Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини камолоти фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. №2 (26). – Душанбе, 2022. – С. 6-21.

[18] Шерализода Ҷ.Ш. Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Чумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе 2023.

5. Искандаров З.Х. Ҳуқуқи инсон ва механизмҳои миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007.

6. Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.01.2015. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/13747 (санаи дастрасӣ: 17.09.2022).

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/ 16772 (санаи дастрасӣ: 14.11.2022).

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/ 19089 (санаи дастрасӣ: 14.11.2022).

10. Саъдизода Ҷ. Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини камолоти фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. №2 (26). – Душанбе, 2022. – С. 6-21.

11. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия бароидарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01 / Саъдизода Ҷаҳонгир. – Душанбе, 2018. – 241 с.

12. Шерализода Ҷ.Ш. Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе 2023. – 174с.

13. Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2009. – 176 с.

14. Эльназаров Д.Х. Конституционно-правовое регулирование защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики: автореф. дисс. … д-ра юрид. наук. - Душанбе, 2020. – 97 с.

# ТАЪЛИМОТ ОИД БА МАФҲУМ, АЛОМАТҲО ВА ХУСУСИЯТҲОИ КОРРУПСИЯ

**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, д.и.ҳ., профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ
**Тел:** (+992) 907811285
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Раҳимов Равшан Лақаевич,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ
**Тел:** (+992) 888999688
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаи таълимот оид ба мафҳум, аломатҳо ва хусусиятҳои коррупсия мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон, зимни таҳқиқот, андешаҳои олимони ватанию хориҷиро мавриди таҳлил қарор дода, мафҳум, аломатҳо ва хусусиятҳои коррупсияро муайян кардаанд. Зимни таҳқиқоти худ муаллифон ба хулосае омадаанд, ки атрофи мафҳуми коррупсия дар адабиётҳо андешаҳои мухталиф ҷой дошта, мафҳуми умумиэътирофшудаи он вуҷуд надорад. Як гурӯҳи олимон онро як фаҳмиши умумӣ таъриф дода, гурӯҳи дигар онро ба фаҳмиши васеъ ва маҳдуд тафсир кардаанд. Коррупсия на танҳо аз нуқтаи назари илмҳои ҳуқуқшиносӣ, балки сиёсатшиносию ҷомеашиносӣ низ мафҳумбандӣ гардидааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки коррупсия дорои хусусиятҳо ва аломатҳои ба худ хос буда, онро аз дигар падидаҳои ҳуқуқӣ фарқ мекунонад. Маврид ба зикр аст, ки аз нигоҳи назарияи давлат ва ҳуқуқ мафҳумбандӣ кардании коррупсия каме душвор ба назар мерасад, зеро дар он на танҳо хусусиятҳои ҳуқуқӣ, балки баъзе хусусиятҳои сиёсию ҷамъиятии онро низ ба инобат бояд гирифт. Мо фаҳмиши коррупсияро ба мазмуни васеъ ва маҳдуд бо чунин асосҳо қабул дорем: коррупсия дар мазмуни маҳдуд ҳамчун ришваситонии шахсони мансабдори давлатӣ, ки қонунгузории ҷиноятӣ бо таҳдиди татбиқи ҷазо ҷиноят муқаррар кардааст, фаҳмида мешавад. Дар мазмуни васеъ бошад, мафҳуми коррупсия на танҳо ришваситонӣ, балки дигар амалҳои монанд ба ришваситонӣ (азонихудкунӣ, пора, таъмаҷӯӣ ва ғ.), инчунин доираи васеътари субъектонро фаро мегирад. Бояд гуфт, ки омӯзиши равишҳои дарки моҳияти коррупсия ва сохтори он метавонад ба таҳияи тадбирҳои муассири мубориза бо коррупсия ва дар ниҳояти кор таҳкими волоияти қонун ва интизом дар идораи давлатӣ мусоидат намояд.

**Калидвожаҳо:** Таълимот, мафҳум, аломатҳо, хусусиятҳо, коррупсия, фаҳмиши васеъ, фаҳмиши маҳдуд, ришва, пора, шахси мансабдор, мубориза ба коррупсия.

## ДОКТРИНА О ПОНЯТИИ, ПРИЗНАКИ И ХАРАКТЕРИСТИКАХ КОРРУПЦИИ

**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, д.ю.н., профессор, заведующий кафедрой теория и история государства и права
**Тел:** (+992) 907811285
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Рахимов Равшан Лакаевич,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедрой теория и история государства и права
**Тел:** (+992) 888999688
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Аннотация:** В данной статье рассматривается вопрос доктрина о понятию, признакам и характеристикам коррупции. В ходе исследования авторы проанализировали мнения отечественных и зарубежных ученых и определили понятие, признаки и характеристики коррупции. В ходе исследования авторы пришли к выводу, что в литературе существуют разные мнения о понятии коррупции, а общепризнанной концепции ее не существует. Одна группа ученых определила это как общее понимание, а другая группа интерпретировала его как широкое и ограниченное понимание. Коррупция определяется не только с точки зрения юридических наук, но также политологии и социологии.

Исследование показывает, что коррупция имеет свои особенности и признаки, отличающие ее от других правовых явлений. Стоит отметить, что с точки зрения теории государства и права определение коррупции представляется несколько сложным, поскольку необходимо учитывать не только юридические особенности, но и некоторые ее политические и социальные особенности. Мы принимаем понимание коррупции в широком и узком смысле по следующим основаниям: под коррупцией в узком смысле понимается подкуп должностных лиц, который уголовным законодательством установлен как преступление с угрозой наказания. В широком контексте понятие коррупции включает в себя не только взяточничество, но и другие действия, сходные со взяточничеством (хищение, подкуп, взяточничество и т.п.), а также более широкий круг субъектов. Следует сказать, что изучение подходов к пониманию сущности

коррупции и ее структуры может помочь разработать эффективные меры борьбы с коррупцией и в конечном итоге укрепить верховенство закона и дисциплину в государственном управлении.

**Ключевые слова:** Доктрина, понятие, признаки, характеристики, коррупция, широкое понимание, ограниченное понимание, взятка, подкуп, должностное лицо, борьба с коррупцией.

## DOCTRINE ON THE CONCEPT, SIGNS AND CHARACTERISTICS OF CORRUPTION

**Azizzoda Ubaidullo Abdullo,**
Tajik national university, faculty of law, doctor of law, professor, head of department theory and history of state and law,
**Phone:** (+992) 907811285
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Rakhimov Ravshan Lakaevich,**
Tajik national university, faculty of law, applicant of the department of theory and history of state and law,
**Phone:** (+992) 888999688
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Annotation:** This article discusses the doctrine of the concept, signs and characteristics of corruption. During the study, the authors analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and defined the concept, signs and characteristics of corruption. During the study, the authors came to the conclusion that in the literature there are different opinions about the concept of corruption, and there is no generally accepted concept of it. One group of scholars defined it as general understanding, while another group interpreted it as broad and limited understanding. Corruption is defined not only from the point of view of legal sciences, but also from political science and sociology.

The study shows that corruption has its own characteristics and characteristics that distinguish it from other legal phenomena. It is worth noting that from the point of view of the theory of state and law, the definition of corruption seems somewhat complex, since it is necessary to take into account not only legal features, but also some of its political and social features. We accept the understanding of corruption in the broad and narrow sense for the following reasons: corruption in the narrow sense means bribery of officials, which is established by criminal law as a crime with the threat of punishment. In a broad context, the concept of corruption includes not only bribery, but also other actions similar to bribery (theft, bribery, bribery, etc.), as well as a wider range of entities. It should be said that studying approaches to understanding the essence of corruption and its structure can help develop effective measures to

combat corruption and ultimately strengthen the rule of law and discipline in public administration.

**Keywords:** Doctrine, concept, signs, characteristics, corruption, broad understanding, limited understanding, bribe, bribery, official, fight against corruption.

Масъалаи коррупсия то кунун яке аз масъалаҳои актуаллӣ боқӣ мондааст ва минбаъд низ чунин боқӣ хоҳад монд. Ин дар ҳолест, ки таҳлилу баррасӣ, таҳқиқотҳо, омӯзиш ва мубориза бо коррупсия яке аз масъалаҳои рӯзмараи ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Новобаста аз он, ки таҳқиқотҳо, таҳия ва қабули санадҳои дахлдори ҳуқуқӣ дар самти мазкур роҳандозӣ мегарданд, вале то кунун ин масъала мубрам боқӣ монда, ҳалли худро наёфта истодааст. Бинобар ин, таҳқиқу омӯзиши онро аз нигоҳи назариявӣ амри зарурӣ меҳисобем.

Бояд тазаккур дод, ки коррупсия ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ мавзуи тадқиқоти бисёр илмҳои ҷамъиятӣ – сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, психология мебошад. Он барои криминология, ки аз нуқтаи назари он хусусиятҳои криминологии коррупсия, аз ҷумла ҷузъҳо, аз қабили ҳолат, сохтор, динамика, сабабҳо, шароит ва чораҳои пешгирии ин падида мунтазам омӯхта мешаванд, аҳамияти хоса дорад. Чунин мавзуи гуногунҷабҳаи таҳқиқот мавҷудияти маводи воқеии пурмазмуни назариявӣ ва намояндагӣ барои ташаккули заминаи консептуалии мубориза бо коррупсия, хулосаву пешниҳодҳоро оид ба марҳилаи кунунӣ ва дурнамои рушди иҷтимоӣ муайян мекунад[19]. Ба андешаи А.Г. Лахман, шубҳае нест, ки кормандони давлатию коммуналӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки аз коррупсия зарар дидаанд, наметавонанд вазифа, ваколат ва салоҳиятҳои худро самаранок иҷро намоянд. Аз ин лиҳоз, коррупсия имрӯз яке аз монеаҳои асосии татбиқи ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ буд ва боқӣ мемонад, он яке аз бемориҳои нодида гирифтаи ҷамъият мебошад, ки нерӯи созандаи кишварро банд карда, ҳаракати куллиро дар самти навсозӣ суст мекунад[20]. Муаллифони дигар бар ин назаранд, ки қонун ба воқеияти иҷтимоиву иқтисодии муосир, хусусияти хатарҳои коррупсионӣ мувофиқат намекунад ва барои ифшои падидаи коррупсия аз муносибати маҳдуд бархурдор аст. Дар ин хусус, дигар муҳокимаҳо ва баҳодиҳиҳои хеле сахт низ мушоҳида мешавад[21]. Аз андешаҳои олимон мушоҳида мегардад, ки масъалаи мубориза ба коррупсия яке аз масъалаҳои актуалӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, таҳқиқу омӯзиши ҷанбаҳои алоҳидаи он дар ин раванд нақши муҳим дорад.

Яке аз масъалаҳои муҳим вобаста ба таҳқиқу омӯзиши коррупсия ин таҳлили мафҳум ва моҳияти он ба ҳисоб меравад. Зеро муайян ва дақиқ будани мафҳум ва моҳияти коррупсия сарҳади онро аниқ намуда, доираи

[19]Ниг.: Миненок М.Г. К вопросу о борьбе с коррупцией // Вестник Балтийского федерального университета им. И. Канта. – 2013. – Вып. 9. – С. 88.
[20]Ниг.: Лахман А. Г. Коррупция *и* противодействие коррупции*:* проблемы правопонимания // Власть и управление на Востоке России. – 2013. – № 1 (62). – С. 130.
[21]Ниг.: Кудашкин А.В., Козлов Т.Л. Еще раз о правовом понятии коррупции / А.В. Кудашкин, Т.Л. Козлов // Современное право. – 2010. – № 6. – С. 7.

субъектони ҷиноятҳои коррупсиониро аз онҳое, ки бо ин ҷиноят субъект ҳисоб намеёбанд муайян менамояд. Дар ин хусус олимони зиёди ватанию хориҷӣ изҳори назар кардаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқони ватанӣ А.И. Сафаров ва А.Х. Авзалов мафҳумҳои «коррупсия» ва «ҷиноятҳои коррупсионӣ»-ро муфассал таҳлил намуда, қайд менамоянд, ки оид ба ин мафҳум дар байни олимон ақидаи ягона вуҷуд надорад. Баъзе олимон мафҳуми «ҷинояткории коррупсионӣ»-ро истифода мекунанд, баъзеи дигарон «ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта» ва баъзеи дигарон бошанд ҳамаи онҳоро дар якҷоягӣ истифода мекунанд. Онҳо асоснок мекунанд, ки истифодаи мафҳумҳои «коррупсия» ва «ҷинояткории коррупсионӣ» ба сифати синоним он қадар дуруст нест, чунки мафҳуми коррупсия васеътар буда, дар баробари ҷинояткории коррупсионӣ дигар ҳуқуқвайронкунии хусусияти коррупсионидоштаро (маъмурӣ, интизомӣ, маданӣ-ҳуқуқӣ) дар бар мегирад[22]. Ба андешаи С. Хурсандзода, истилоҳи «коррупсия» дар адабиёти касбӣ, даврӣ ва оммавӣ хеле серистифода аст, аммо аз нуқтаи назари илмӣ мафҳум ё худ истилоҳе, ки дар он фаҳмиши ягонаи ин истилоҳ ва ё моҳияти он инъикос ёфта бошад, вуҷуд надорад. Аз нуқтаи назари этимологӣ истилоҳи «коррупсия» аз калимаи лотинии «corruptio» гирифта шуда маънояш «шикастан, пора додан» мебошад. Моҳиятан ин ду калима фаҳмиши коррупсияро муайян намуда, имкон медиҳанд то ин падида ба тариқи гуногун шарҳ дода шавад[23]. Бо вуҷуди тафовути муайяни ақидаҳо дар бораи худи мафҳуми коррупсия, ки як қатор тадқиқотчиёни хориҷӣ баён кардаанд, аксари муаллифон бо коррупсия ҳамчун «сӯиистифода аз қудрати давлатӣ, истифода аз мақоми хизматӣ бо мақсадҳои ғаразнок, дигар шахс ё гурӯҳ алоқамандбуда» муносибат менамоянд[24]. И.Д. Фиалковский дар ин хусус қайд мекунад, ки таърифи «corrumpire» дар ҳуқуқи римӣ ҳамчун «нобуд кардан, шикастан, ришва додан» фаҳмида мешуд ва амали ғайриқонунӣ алайҳи мансабдорон буд. Ин истилоҳ рафтори якчанд иштирокчиёнро ифода мекард, ки ҳадафашон расонидани таъсири номатлуб, масалан, ба раванди судӣ ва халалдор кардани чараёни муқаррарии идоракунии корҳои ҷамъиятӣ буд[25]. Вобаста ба андешаҳои олимон бояд ҳаминро қайд намуд, ки воқеан дар адабиётҳо то кунун мафҳуми ягонаю умумиэътирофшуда оид ба коррупсия ба назар намерасад. Аммо, ин маънои онро надорад, ки коррупсия мафҳумбандӣ карда нашудааст. Балки сухан сари он меравад, ки дар таҳқиқотҳои худ аксари таҳқиқотчиён аз ягон мафҳуми мушаххаси коррупсия ҷонибдорӣ накардаанд. Дар ин миён танҳо ду мафҳум ба назар

---

[22] Ниг.: Сафаров А.И., Авзалов А.Х. Соотношение понятий коррупциии и коррупционной преступности по законодательству Республики Таджикистан // Юридическая наука: история и современность. – Санкт-Петербург. – 2016. – № 3. – С. 176.

[23] Ниг.: Хурсандзода С. Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ: дисс. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 32.

[24] Волженкин Б.В. Коррупция. Сер. Современные стандарты в уголовном праве и уголовном процессе. СПб., 1998. – С. 5-6.

[25] Ниг.: Фиалковская И.Д. Противодействие коррупции как цель контрольно-надзорной деятельности в государственном управлении: зарубежный опыт // Материалы I Всероссийской научно-практической конференции «Актуальные вопросы контроля и надзора в социально значимых сферах деятельности общества и государства». – Н. Новгород, 2015. – С. 477.

мерасад: яке мафҳуми дар қонунгузорӣ муқарраршуда ва дигаре мафҳуми таҳтуллафзии коррупсия.

Мафҳумҳои муҳимтарин ва мушаххаси коррупсия айни замон дар назарияи муосири давлат ва ҳуқуқ оварда шудаанд. Дар ин бобат муҳаққиқони дигар қайд мекунанд, ки ҳарчанд то ҳол дар доираи ин илм таърифи аз ҷониби умум эътирофшудаи коррупсия тахия нашудааст, вале ба ҳар ҳол намояндагони назарияи давлат ва ҳуқуқ тавонистаанд нуқтаи назари гуногунро оид ба коррупсия ба ду мавқеъи асосӣ: ба истилоҳ фаҳмиши маҳдуд ва васеъ изҳор намоянд. Дар доираи тафсири «маҳдуд»-и коррупсия, охирин тавассути мафҳумҳои ришвахӯрӣ, пора, коррупсияи шахсони мансабдор муайян карда мешавад; дар доираи фаҳмиши «васеъ» ҳамчун сӯиистеъмоли ғаразнок аз мавқеи мансабӣ (ва ё васеътар гӯем мавқеи иҷтимоию сиёсии шахс ва нуфузи худ дар давлат) муайян карда мешавад[26]. Вобаста ба фаҳмиши маҳдуд ва васеъи коррупсия А.В. Кузмин низ изҳори ақида намудааст. Номбурда, ду мафҳуми коррупсияро пешниҳод мекунад: фаҳмиши васеъ, ки ҳам ришвахӯрӣ дар тамоми шохаҳои ҳокимият ва идора (давлатӣ ва хусусӣ) ва ҷиноятҳои шахсони мансабдор, ки бо мақсадҳои ғаразнок содир мешаванд, дар бар мегирад; фаҳмиши маҳдуди коррупсия, ки ришвахӯрӣ дар ҳама навъҳои он ва илова бар ин (бо дараҷаи муайяни конвенсия) иғвогарии он мебошад. Ҳар ду намуди коррупсия асосҳои ҳуқуқии ҷомеа ва ҳокимияти давлатиро бераҳмона вайрон мекунад[27]. Ҳамин тавр, аз андешаҳои олимон бармеояд, ки мафҳуми коррупсия мураккаб буда, онро ба як мазмуни умумӣ баҳо додан душвор аст. Аз ин рӯ, онро ба фаҳмиши васеъ ва маҳдуд ҷудо кардаанд. Новобаста аз ин, таҳлили адабиётҳо нишон медиҳад, ки дар аксарни мавқеъҳо мафҳуми анъанавии коррупсия ҳамчун фаҳмиши таҳтулафзии он дар чунин шакл пешбинӣ мешавад: коррупсия аз калимаи лотинии «corruption» гирифта шуда, маънои «ришва»-ро ифода мекунад ва он ҳамчун як амали ҷиноятӣ муайян карда мешавад, ки аз истифодаи мақоми мансабӣ аз ҷониби шахсони мансабдор барои қонеъсозии шахсӣ иборат аст. Чунин фаҳмиши коррупсия то андозае дар замони муосир шакли худро иваз кардааст. Зеро имрӯзҳо бо ташаккули муносибатҳои иқтисодию бозоргонӣ шаклҳои нави содиршавии амалҳои коррупсионӣ ба вуҷуд омадаанд, ки олимонро ба баҳси доманадор ҷалб сохтаанд.

Бояд гуфт, ки коррупсия ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ одатан аз нуқтаи назари илмҳои гуногун баррасӣ мешавад. Аммо, бархе аз муаллифон гуногунии равишҳои омӯзиш ва фаҳмиши коррупсияро бо набудани таърифи якхелаи мафҳуми "коррупсия", ки ҳамаро қонеъ мекунад, шарҳ медиҳанд[28]. Дар мавриди «...таърифи якхелаи коррупсия, ки ҳамаро қонеъ мекунад», бояд изҳор намуд, ки чунин чизе вуҷуд надорад ва

---

[26] Ниг.: Барис В.В., Народицкий Ю.О. Определение коррупции с политологической и государственно-правовой точек зрения // Вестн. Моск. УН-ТА. Сер. 18. Социология и политология. – 2009. – № 1. – С. 109.

[27] Ниг.: Кузьмин А.В., Козловских Е.А. Проблемы преодоления коррупции в РФ // Актуальные проблемы антикоррупционной политики на региональном уровне: Материалы региональной научно- практической конференции. – СПб., 2001. – С. 165.

[28] Ниг.: Сулейманов Т.М. Борьба с коррупцией в России в IX-XIX вв. // История государства и права. – 2010. – №7. – С. 26.

буда ҳам наметавонад. Коррупсия як падидаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ хеле мураккаб аст, ки таърифу тафсирҳои илмии он “... якранг ва барои ҳама қонеъкунанда” нест. Модоме, ки коррупсия аз нуқтаи назари илмҳои гуногун омӯхта шуда, шарҳу тафсир карда мешавад, пас табиист, ки доир ба он фаҳмишҳо мухталиф хоҳанд буд. Маълум аст, ки коррупсияро илми ҷомеашиносӣ ҳамчун проблемаи умумии ҷомеа ҳисобида, онро на ҳамчун ҷиноят ва ё падидаи ҳуқуқӣ, балки ҳамчун як мушкилоти ҷомеа баррасӣ менамояд. Аз ин бармеояд, ки фаҳмиши коррупсия дар илмҳои ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки оид ба коррупсия мафҳум ва фаҳмиши ягона ва умумиэътирофшуда, ки ҳамагонро қонеъ гардонад вуҷуд доштанаш ғайриимкон мебошад. Аммо, мафҳуми ягонаи умумиэътирофшудаи ҳуқуқии он барои банду басти ҷиноятҳои коррупсионӣ шарт ва зарур мебошад. Пеш аз ҳама дар фарҳангу тафсирҳо ва луғатҳои ҳуқуқию ғайриҳуқуқӣ истилоҳи коррупсия фаҳмишҳои худро дорад. Аз ҷумла, дар яке аз луғатҳои энсиклопедӣ муайян шудааст, ки истилоҳи «коррупсия» барои тавсифи истифодаи бевоситаи мақоми хизматии шахси мансабдор истифода мешавад, ки одатан бо вайронкунии қонун ҳамроҳ мешавад[29]. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ (ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, криминологӣ) коррупсия ҳамчун падидаи зиддиҳуқуқӣ, барои ҷамъият хавфнок, ки ҷиноят эътироф мегардад ва аз ҷониби шахси мансабдор бо истифода аз ваколатҳои мансабӣ содир мегардад[30].

Тавре дар боло қайд карда гузаштем, мафҳуми коррупсия ба маънои васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, таҳлили андешаҳои баъзе аз олимон дар ин хусус ба мафҳуми коррупсия боз ҳам равшанӣ хоҳад бахшид. Дар адабиётҳои криминологӣ қайд мегардад, ки намунаи равиши «маҳдуд» ба таърифи коррупсия метавонад таърифи зерин бошад: коррупсия (аз лотинии “corruptio” – шикастан, вайрон кардан, зарар расонидан) ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, маъмулан ба ришвахӯрӣ ва ришваситонии мансабдорони давлатӣ, мансабдорон, инчунин умуман ходимони ҷамъиятию сиёсӣ мебошад[31]. Я.И. Кузминов дар асари худ «Тезисҳо дар бораи коррупсия» таърифи нодири коррупсияро пешниҳод кардааст. Ба андешаи номбурда, коррупсия ба маънои маҳдуд падидаест, ки мансабдорон ба хотири мукофоти муайяни моддӣ дидаву дониста ба вазифаҳои худ беэътиноӣ мекунанд ё хилофи ин вазифаҳо амал мекунанд. Дар коррупсия ҳамеша ду тараф даст доранд: касе, ки мехарад ва дигаре, ки пора гирифта, хилофи вазифаи хизматиаш амал мекунад. Дар баробари коррупсия ба маънои маҳдуд ришвахӯрӣ ва соҳибкории мустақили бюрократӣ вуҷуд дорад. Пора аз коррупсия бо он фарқ мекунад, ки ба мансабдор на барои вайрон кардани вазифааш, балки барои иҷрои он пора

[29] Ниг.: Большой энциклопедический словарь. 2-е издание, перераб. И доп. – М.: Большая Российская энциклопедия; СПб., 2000. – С. 576.
[30] Ниг.: Хурсандзода С. Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ: дисс. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 33.
[31] Криминология / Под ред. В.Н. Кудрявцева, В.Е. Эминова. – М., 2004. – С. 384.

дода мешавад»[32]. С.И. Ожегов бошад, коррупсияро ба мазмуни маҳдуд ҳамчун «порагирӣ бо ришва, фурӯхташавандагии мансабдорон ва сиёсатмадорон» таъриф мекунад[33]. Аз мафҳумҳои додашуда, се хусусияти муҳими коррупсияро ҷудо кардан мумкин аст: аввалан, шахси мансабдор будани субъекти ришвахӯранда; дуюмин, вобаста ба иҷрои вазифаи хизматии ба вуҷуд меояд; сеюмин, барои гирифтани манфиати муайяни шахсӣ ва ё гурӯҳӣ (ба фоидаи шахсони наздик) содир карда мешавад.

Маврид ба тазаккур аст, ки аксар вақт ҷонибдорони равиши «маҳдуд» ба таърифи мафҳуми «коррупсия» аз худи этимологияи вожаи «коррупсия» ба маънои аслии он бармеоянд ва дар ин замина ба тафсири васеъ эътироз мекунанд, зеро, ба ақидаи онҳо, моҳияти ин зуҳуротро гум мекунад. Дар ин хусус А.И. Долгов қайд мекунад, ки тафсири аз ҳад зиёди коррупсия, аз ҷумла, амалан дар зери як истилоҳ муттаҳид шудани зуҳуроти хеле гуногунро аз рӯи аломатҳои криминологӣ дар назар доштан зарур аст: азхудкунӣ, бадрафторӣ ва ришвахӯрӣ (коррупсия ба маънои дурусти калима). Худи А.И. Долгов коррупсияро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, ки бо ришвахӯрӣ ва фасоди кормандони давлатӣ ва дигар хизматчиён ва дар ин замина истифодаи ғаразноки онҳо барои гурӯҳи шахсӣ ё маҳдуд, манфиатҳои корпоративии ваколатҳои мансабдорон, салоҳият ва имкониятҳои марбут ба он тавсиф мешавад, таъриф мекунад[34]. Дар адабиёти криминологӣ қайд гардидааст, ки коррупсия падидаи ришваситонӣ ва тамаъҷӯӣ мебошад, ки як субъект мансаби муайяни давлатиро ишғол намуда, дорои ваколатҳои муайян аз ҷониби субъекти дигар ришва дода мешавад, то мансаб ва ваколатҳои дахлдори хизматии худро ба манфиати шахси порагир истифода намояд»[35]. В.В. Лунеев, коррупсияро ҳамчун падидаи иҷтимоию ҳуқуқӣ ё криминологӣ маънидод менамояд, ки маҷмуи кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнокро дар бар мегирад, ки аз як тараф ҳамчун кирдори ҷиноятӣ дониста шуда, аз тарафи дигар (бо сабабҳои гуногун) кирдори ҷиноятӣ ҳисобида нашудааст, вале дар амалияи ҷиноятӣ эътироф шудаанд»[36].

М.Ю. Попов таърифи ҳуқуқии мафҳуми «коррупсия»-ро ғаразнок арзёбӣ мекунад, зеро дар он «танҳо равишҳои ҳуқуқӣ» истифода мешавад. Аммо, чаро аслан дар таърифи падидаи ҳуқуқӣ, ки аслан коррупсия аст, набояд аз «равишҳои ҳуқуқӣ» истифода шавад? Ба падидаи иҷтимоию ҳуқуқие, ки асосан моҳияти ҷиноятӣ ва мазмуни ҳуқуқи ҷиноятӣ дорад, кадом «баромадҳоро» истифода бурдан лозим аст? Ба андешаи М.Ю. Попов, дар ин маврид ивазшавии мафҳумҳо ба амал меояд, ки дар натиҷаи он муносибати комплексӣ дар таърифи коррупсия ба баҳои ҳуқуқии он ҳамчун натиҷаи ин бемории иҷтимоӣ роҳ медиҳад. Ин муҳокимаҳо ва баҳодиҳиҳо (хусусан дар бораи ҷойгузини мафҳумҳо) ниҳоят субъективӣ ба

32 Кузьминов Я.И. Тезисы о коррупции. – М., 2000. – С. 4-5.
33 Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М., 1968. – С. 290.
34 Преступность и власть / Редкол.: А.И. Долгова и др. – М., 2000. – С. 23.
35 Криминология: Учебник / Под общ. ред. А.И. Долговой. – М., 2008. – С. 708.
36 Лунеев В.В. Коррупция: политические, экономические, организационные и правовые проблемы (Тезисы доклада) // Государство и право. – 2000. – № 4. – С. 101.

назар мерасанд[37]. П.А. Чебоксаров коррупсияро ҳамчун маҷмуи падидаҳои манфие, ки дар ҷомеа ва давлат ба вуҷуд меоянд, таъриф мекунад. Он пеш аз ҳама дар беэътиноӣ ба меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби шахсони мансабдор ва содир намудани кирдорҳои аз рӯи манфиатҳои ғаразнок ё шахсии онҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ, манфиатҳои хизмати давлатӣ ва хизмат дар мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ифода меёбад»[38]. Маънои мантиқии ин таъриф, ба фикри мо, бояд дар ҳамин шакл ифода ёбад. Коррупсия падидаи иҷтимоӣ мебошад, ки дар истифодаи ғаразноки ваколатҳои худ аз ҷониби шахсони мансабдори давлатӣ ва дигар шахсони мансабдор ба манфиатҳои хусусӣ (шахсӣ, маҳдуди гурӯҳӣ ё корпоративӣ) бо ҳамроҳӣ (ё боиси ришвахӯрӣ) ва ришвахӯрии худи шахсони мансабдор мебошад. Ба ибораи дигар, А.И. Долгова фақат чунин сӯистеъмоли ваколатҳои мансабиро, ки аз ҷониби ашхоси ришвахӯр ва порагир содир мекунанд, ришвахӯрӣ номидан бамаврид мешуморад[39]. Маълум аст, ки таърифҳои дар илми ҳуқуқ пазируфташуда ва ҳатто мафҳумҳои ҳуқуқӣ наметавонанд тӯлонӣ ва аз ҳад зиёд муфассал бошанд. Вазифаи онҳо дар шакли ниҳоят мухтасар пешниҳоди мунтазами хусусиятҳои асосӣ, муҳим ва паҳлӯҳои падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ифода меёбад.

Дар сатҳи миллӣ мафҳуми коррупсия дар моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия»аз 7-уми августи соли 2020, № 1714 инъикос гардидааст[40]. Мутобиқи он коррупсия кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, фаҳмида мешавад. Бидуни арзёбии бартарият ва нуқсонҳои тамоми қонуни зиддикоррупсионӣ, мо танҳо қайд мекунем, ки ба андешаи мо, қонунгузор тавонист матни ҳуқуқии хеле кӯтоҳ, вале аз ҷиҳати услубӣ мувофиқ ва хеле мураккаби мафҳуми ҳуқуқии коррупсияро бо риояи талаботи луғати ҳуқуқӣ «...то ки сухан маҳдуду андеша фарох бошад», таҳия намояд.

Вобаста ба мафҳумҳои таҳлилшуда бояд қайд намуд, ки авалан, онҳо мафҳуми ягона ва умумиэътирофшудаи коррупсия ба ҳисоб намераванд.

---

[37] Ниг.: Лахман А. Г. Коррупция *и* противодействие коррупции*:* проблемы правопонимания // Власть и управление на Востоке России. – 2013. – № 1 (62). – С. 131.

[38] Чебоксаров П.А. Проблема коррупции на уровне местного самоуправления // Актуальные проблемы антикоррупционной политики на региональном уровне: Материалы региональной научно- практической конференции. – СПб., 2001. – С. 220.

[39] Ниг.: Барис В.В., Народицкий Ю.О. Определение коррупции с политологической и государственно-правовой точек зрения // Вестн. Моск. УН-ТА. Сер. 18. Социология и политология. – 2009. – № 1. – С. 110-111.

[40] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» аз 7-уми августи соли 2020, № 1714. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 05.12.2023).

Як қатор нуқсонҳо дар мафҳумҳои мазкур мушоҳида мегардад. Ба назари мо, аввалан, аз чунин таърифи коррупсия, аломати «фурухташавандагӣ»-ро ҳамчун номарбуте хориҷ кардан лозим аст. Фурӯхташавандагӣ як хислати шахсият аст, на ҷиноят. Чунин хислати шахсият, албатта, метавонад ба содир шудани ҷиноятҳои дахлдор мусоидат кунад, вале боиси он нагардад. Одам метавонад «фурӯхташаванда» бошад, аммо дар тамоми фаъолияти худ ягон ҷинояти расмӣ содир намекунад. Дар баробари ин, шахс метавонад ришвахӯр набошад, аммо дар шароити муайян ришва мегирад. Аз нуқтаи назари давлатӣ-ҳуқуқӣ (барои бандубасти ҷиноят) танҳо худи кирдор муҳим аст ва на хислати ҷинояткор ва на ҳолатҳое, ки ӯро ба содир кардани ҷиноят водор кардаанд, аҳамият надоранд (ҳарчанд ҳамаи ин барои тафтиши ҷиноят муҳим аст). Дар баробари ин, худи порагирӣ ва ришвагирӣ кирдорҳои ҷиноятӣ буда, барои муайян намудани моҳияти криминологии коррупсия аҳамияти калон дошта метавонанд. Бо ин назардошт, коррупсия танҳо як муродифи вожаҳои «пора» ва «порагирӣ» мегардад. Дар ин хусус В.В. Барис қайд намудааст, ки ришвахӯрӣ ва пора, ҳамчун кирдорҳои ҷиноятие, ки аз ҷиҳати моҳият гуногунанд, дар калимаи «коррупсия» ифодаи чизи умумиро мегиранд, ки онҳоро дар як синф муттаҳид мекунад[41]. В.В. Барис дар идома изҳор намудааст, ки бо бархӯрди маҳдуд ба мафҳуми коррупсия саволи оқилона ба миён меояд: пас ҳамаи дигар амалҳои ғайриқонунии худпарастии хизматчиёни давлатӣ, ки барои фурӯш ва ришваситонӣ нестанд, балки зери аломати сӯиистифодаи ваколатҳои расмие қарор доранд, ки ба ин шахсон дода шудааст, чӣ ном бояд кард? Ҳар кадоми ин кирдорҳо, албатта, аллакай номи махсуси худро доранд – ғорат, азхудкунӣ, сохтакорӣ ва ғайра. Аммо, дар якҷоягӣ онҳо то ҳол ном надоранд. Дар айни замон, табиитарин ва мувофиқтаринаш онҳоро навъҳои гуногуни коррупсия, ҷиноятҳои коррупсионӣ номид. Дуруст аст, ки дар ҳамаи ин амалҳо то ҳадди имкон равшан ва қатъиян нишон додан лозим аст, ки он чиро маҳз ба як гурӯҳи махсус муттаҳид мекунад[42]. Аз андешаи мазкур чунин хулосабарорӣ мегардад, ки коррупсия мафҳуми умумӣ ва васеъ буда, дигар амалҳо ва ё ҷиноятҳои коррупсиониро дар бар мегирад.

Ю.М. Антонян бар ин назар аст, ки «коррупсияро ба маънои васеъ метавон ҳамчун содир кардани амалҳои муайян аз ҷониби шахсе муайян кард, ки аз рӯи мавқеи хидматиаш қобилияти зарурӣ дорад, ба манфиати шахсе, ки ғайриқонунӣ барои чунин амал пардохт кардааст. Гузашта аз ин, худи амалҳо метавонанд комилан қонунӣ бошанд»[43]. Аммо, дар ин маврид содир намудани кирдори зикршуда ба фоидаи худи чунин шахс, инчунин ба манфиати хешу табор, дӯстон, аъзои ҳизби ӯ ва ғайра, ки бо пардохти чунин кирдор ҳамроҳ нашудаанд, коррупсия ҳисобида мешавад, гарчанде ки зиёни моддию маънавӣ аз он метавонад аз зиёни амали пардохташуда

[41] Ниг.: Барис В.В., Народицкий Ю.О. Определение коррупции с политологической и государственно-правовой точек зрения // Вестн. Моск. УН-ТА. Сер. 18. Социология и политология. – 2009. – № 1. – С. 111.
[42] Ҳамон ҷо.
[43] Ниг.: Антонян Ю.М. Типология коррупции и коррупционного поведения // Социология коррупции: Мат-лы науч.-практ. конф. – М., 2003. – С. 38.

зиёд бошад (хусусан, агар он ғайриқонунӣ бошад). Н.Ф. Кузнетсова муносибати васеъро ба мафҳуми коррупсия танқид карда, менависад: «Тамоми низоми сӯистеъмолкуниро, ба монанди сӯистеъмоли ҳокимият, аз ҳад зиёд будани ваколат, сохтакорӣ, коррупсия номидан на танҳо ба мақсад мувофиқ нест, балки ба принсипҳо, тафовути гуноҳ, масъулият ва фарқ кардани ҷазо ҳам мувофиқ нест. Дар қонуни ҷиноятӣ ин танзими қонунгузории ҷиноятҳои иқтисодӣ ва мансабиро хеле душвор карда, дар бандубасти ҷиноятҳо ва ҷазо додани онҳо нофаҳмиҳо ба вуҷуд меорад». Ин далел, ба фикри мо, ба танқид тоб оварда наметавонад[44]. Ба андешаи А.Г. Корчагин ва А.М. Иванов, механизми коррупсия аслан ду варианти рафтори коррупсиониро пешбинӣ карда метавонад: дар як маврид таъсири мутақобилаи ду субъект ба амал меояд, ки ҳар кадоми онҳо тавассути алоқаи коррупсионӣ манфиатҳои худро қонеъ гардонидан мехоҳанд[45]. Андешаҳои мазкур моро бори дигар водор месозад, ки “сарҳади” коррупсия бояд дақиқ ва равшан муайян карда шавад. Маҳз сарҳади коррупсия метавонад, ки амалҳои коррупсиониро аз дигар амалҳои ғайриқонунӣ ҷудо созад.

Ба андешаи И.Д. Фиалковский, коррупсия зуҳуроти ғайриқонунии барои ҷамъият хавфнок мебошад, ки бо истифодаи ғаразнок аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ ваколатҳои мансабӣ, инчунин ҳокимиятҳои бо онҳо алоқаманд ба манфиатҳои шахсӣ ё дигар хос аст[46]. Н.А. Лопашенко низ фаҳмиши маҳдуди коррупсияро ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунад, ки маҳз дар натиҷаи порахӯрӣ шахс ба порахӯр табдил меёбад, ки мазмуни коррупсияро тавсиф мекунад. Пора асоси коррупсия буда, он бешубҳа ҳамеша дар мафҳуми коррупсия мавҷуд аст. Сӯиистифода аз ҷониби шахсони мансабдор ва дигар кормандон, ҳатто онҳое, ки характери зархаридӣ доранд, ки ба ришвахӯрӣ иртибот надоранд, ба назари мо, коррупсия ҳисобида намешавад[47]. Мо фикр мекунем, ки мавқеъи дигаре, ки коррупсияро васеътар маънидод мекунад, ба ошкор намудани амалҳои ғайриқонунӣ ва коррупсионӣ асос ёфтааст. Дар ҳамин ҳол, охирин ҳама гуна рафтори ношоиста ва ҳатто ҷиноятии шахси мансабдор ё кормандро дар бар намегирад. Кирдорҳои коррупсионӣ аз рӯи дараҷаи хатари ҷамъиятӣ бо ҳуқуқвайронкунии мансабӣ ва хизматӣ муқоисашаванда нестанд; онҳо хеле хатарноктаранд, зеро онҳо ҳамеша муомилоти байни мансабдор ё хизматчӣ ва шахси ба рафтори муайяни ӯ манфиатдорро ифода мекунанд.

Дар Ҳуҷҷати заминавии СММ оид ба муборизаи байналмилалӣ бар зидди коррупсия омадааст, ки коррупсия сӯиистифода аз қудрати давлатӣ

---

[44] Ниг.: Барис В.В., Народицкий Ю.О. Определение коррупции с политологической и государственно-правовой точек зрения // Вестн. Моск. УН-ТА. Сер. 18. Социология и политология. – 2009. – № 1. – С. 112.

[45]Ниг.: Корчагин А.Г., Иванов А.М. Сравнительное исследование коррупционных и служебных преступлений. – Владивосток, 2001. – С. 46.

[46]Ниг.: Фиалковская И.Д. Коррупция: понятие, признаки, виды // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2018. – № 1. – С. 139.

[47]Ниг.:Барис В.В., Народицкий Ю.О. Определение коррупции с политологической и государственно-правовой точек зрения // Вестн. Моск. УН-ТА. Сер. 18. Социология и политология. – 2009. – № 1. – С. 112-113.

бо мақсади ба даст овардани манфиатҳо ба фоидаи шахсӣ мебошад[48]. Аз ин таъриф маълум мешавад, ки коррупсия додани подош барои аз вазифаи мансабдор фирефтани шахс, сарпарастӣ дар асоси робитаҳои шахсӣ ва азхудкунии маблағҳои давлатӣ барои истифодаи шахсӣ иборат аст. Ба гуфтаи Н.И. Мелник, таърифи мафҳуми коррупсия ва муқаррар намудани зуҳуроти хоси он бояд ба дарки моҳияти иҷтимоии ин падида асос ёбад. Моҳияти коррупсия дар он аст, ки муносибатҳои иҷтимоиро вайрон мекунад[49]. Аз андешаҳо бармеояд, ки далели асосӣ ба тарафдории нишон додани кирдорҳои коррупсионии вобаста ба порахӯрӣ Н.А. Лопашенко онҳоро хатари бештар барои ҷомеа мешуморад. Бо чунин далелҳо розӣ шудан душвор аст. Ба фикри мо, барои ҷамъият фарқи калон надорад, ки қонун ба манфиати кӣ вайрон карда мешавад – хоҳ ба фоидаи шахсоне, ки барои ин гуна вайронкуниҳо пул додаанд, хоҳ ба манфиати хешу табори вайронкунанда, шиносҳои вай ва ғайра. Дар баробари ин барои он асосҳои кофӣ мавҷуд нестанд, ки дар сурати охир ҳаҷми зарари расида ҳамеша назар ба зарари аввал камтар мебуд.

Ҳамин тариқ, мафҳуми маҳдуди коррупсия дар доираи назарияи давлат ва ҳуқуқ ба назари мо ғайриқаноатбахш менамояд. Ба фикри мо, равиши васеъ, ки вақтҳои охир, аз ҷумла дар байни олимони хориҷӣ торафт бештар маъмул гаштааст, хеле қаноатбахштар ба назар мерасад. Аз нигоҳи давлатӣ-ҳуқуқӣ шарти ҳатмии коррупсия хусусияти ғайриқонунӣ ва ҷиноятии он мебошад. Бе вайрон кардани қонунҳо ва дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ (дастурҳои кор ва ғайра) ягон амали ҷамъиятиро ҳамчун ҷиноят ё коррупсионӣ тасниф кардан мумкин нест, гарчанде ки шахси мансабдоре, ки онро содир кардааст, аз он ягон манфиати шахсии худро гирифта бошад ё ба шахсони сеюм роҳ дода бошад. Масалан, қарор дар бораи ғолиби конкурс ё тендер барои дархости давлатӣ, бешубҳа, ба нафъи баъзе иштирокчиёни тендер ва зарари дигарон мегардад. Аммо, агар чунин қарор бо риояи тамоми тартиботи муқарраршуда қабул карда шавад, он гоҳ наметавонад ба мафҳуми амали коррупсионӣ дохил шавад. Аз ин лиҳоз, ба мафҳуми коррупсия дохил кардани аломати ғаразпарастии рафтори ҷинояткор ба назари мо номуносиб ва ғайриқонунӣ ба назар мерасад.

Г.И. Богуш, ки равиши маҳдуди таърифи коррупсияро дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ба таври амиқ ва ҳаматарафа танқид мекунад, дар натиҷаи таҳлили худ таърифи зеринро пешниҳод намудааст: ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ, коррупсияро, ба ақидаи мо, метавон ҳамчун амали ғайриқонунӣ аз ҷониби субъектҳои ҳокимият ва идоракунӣ истифода бурдани мавқеи хизматии худро, ки ба манфиати шахсӣ нигаронида шуда, ба манфиати хизматӣ мухолиф аст, инчунин ғайриқонунӣ аз ҷониби дигар шахсон барои амали (беамалии) ба манфиати онҳо бо истифода аз мансаби худ содиркардаашон ба чунин шахсон додани имтиёзҳои моддӣ ё дигар имтиёзҳо фаҳмид. Номбурда, илова менамояд, ки чунон ки аз таърифи

[48] Ниг.: Справочный документ о международной борьбе с коррупцией, подготовленный секретариатом ООН. A/CONF. 169/ 14, 1995. 13 April.
[49] Ниг.: Мельник Н.И. Понятие коррупции // Коррупция и борьба с ней. – М., 2000. – С. 202.

мухтасари пешниҳодшуда дида мешавад, мо ришвахӯрӣ ва порахӯрии шахсони мансабдорони давлатиро васеътар мефаҳмем. Коррупсия, ба назари мо, суиистифодаи ғаразнок аз ваколатҳои мансабдор дар бахшҳои давлатӣ, ҳокимиятӣ ва хусусӣ, шаклҳои гуногуни ришвахӯрӣ ва коррупсияи кормандонро дар бар мегирад[50]. Коррупсия падидаи иҷтимоӣ мебошад, ки дар истифодаи ғайриқонунӣ аз ҷониби шахсони мансабдор (шахсони ваколатдор) ваколатҳои ба онҳо додашуда ба манфиат ва мақсадҳои шахсӣ (аз ҷумла шахсӣ) ва бар хилофи манфиатҳои шахсони ваколатдори онҳо (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ) ифода меёбад.

Дар натиҷаи таҳлили мафҳумҳои додашуда чунин аломатҳо ва ё хусусиятҳои муҳими коррупсияро қайд кардан мумкин аст:

Якум, танҳо амали шахсони мансабдор (ваколатдор), ки ваколатҳои худро аз шахси дигар гирифтаанд, коррупсия шуда метавонад. Аз ин рӯ, онҳоро амали коррупсионии шахсе, ки дар доираи ҳуқуқу озодиҳои бечунучарои ба ӯ додашуда аз номи худ амал мекунад, ҳисоб кардан мумкин нест. Агар чунин шахс аз доираи чунин ҳуқуқу озодиҳо берун ояд, амали ӯро ғайриқонунӣ, ҷинояткорӣ ҳисоб кардан мумкин аст, вале онҳоро коррупсионӣ ҳисоб кардан мумкин нест. Аз ҷумла, шахсе, ки ба мансабдор пора пешниҳод мекунад, бо ин амалҳои коррупсионӣ намекунад. Амалҳои ӯро ғайриқонунӣ донистан мумкин аст, аммо на ҳамчун коррупсия.

Дуюм, барои коррупсионӣ будани кирдор, он бояд бо истифода (ё истифода накардан) ва дар доираи ваколатҳое, ки ба шахси содиркардаи он аз ҷониби ягон шахси дигар, ки бечунучарои дорои ҳуқуқи чунин амалҳо (ё беамалӣ) мебошад, амалӣ карда шавад. Ҳуқуқҳои ҳар шахси ваколатдор шартӣ мебошанд, зеро онҳо аз ҷониби шахси дигар ба ӯ дода мешаванд. Бо вуҷуди ин, ҳар як ҳуқуқи мушаххас инчунин барандагони бечунучаро дорад. Масалан, танҳо соҳиби он ҳуқуқи бечунучарои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории ҳама гуна ашёро дорад. Тамоми ашхоси дигаре, ки ба онҳо ҳуқуқи истифода ва ихтиёрдории ин ашёро медиҳад (вале соҳиби он нест) соҳиби ҳуқуқҳои шартии он мебошанд. Аз ин рӯ, аз ҷониби чунин шахс беиҷозат азхуд кардани ҳуқуқи бечунучаро ба ин ашё амали ғайриқонунӣ мебошад. Дар баробари ин шахси ваколатдор метавонад дигар кирдорҳои ғайриқонуниро низ содир кунад, вале танҳо онҳо метавонанд ба мафҳуми коррупсия дохил шаванд, ки аз ҷониби ӯ бо истифода аз чунин ҳуқуқҳои худсарона додашуда ва дар доираи онҳо содир карда мешавад. Дар чунин ҳолатҳо шахси ваколатдор гӯё аз номи шахсе, ки ба ӯ ваколат додааст, ғайриқонунӣ амал мекунад, ки коррупсия воқеан аз он иборат аст.

Сеюм, амали коррупсионӣ бояд ҳатмӣ ва ғайриқонунӣ бошад. Ҳамзамон, он метавонад ҳам ҳуқуқҳои шахсии дорандаи ҳуқуқи муаллифро (ки дар шартномаи байни ӯ ва шахсе, ки аз ӯ ҳуқуқҳои шартӣ мегирад – корманди давлатӣ ё хусусӣ махсусан пешбинӣ шудааст) ва инчунин ҳуқуқҳои умумидавлатӣ - ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ ва ғайраро

[50] Ниг.: Барис В.В., Народицкий Ю.О. Определение коррупции с политологической и государственно-правовой точек зрения // Вестн. Моск. УН-ТА. Сер. 18. Социология и политология. – 2009. – № 1. – С. 116.

вайрон кунад, ки барои вайрон кардани онҳо, табиист, ки касе ба ӯ ваколат дода наметавонад.

Чорум, амали коррупсионии шахси ваколатдор ҳатман ба муқобили манфиатҳои шахсе равона карда шавад, ки ба ваколатҳои ба ӯ додашуда ҳуқуқи бечунучаро дорад. Гап дар сари он аст, ки шахси ваколатдор метавонад амали ғайриқонунӣ содир кунад, ки танҳо манфиатҳои соҳиби ҳуқуқҳои бечунучаро ба ҳисоб гирифта, вай дар шароити феълӣ ногузир айнан ҳамин тавр амал мекард. Барои коррупсия шудан, онҳо бояд манфиатҳои шахси дигареро, ба истиснои дорандаи мутлақи ҳуқуқҳои ин гуна амалҳо пайгирӣ кунанд.

Дар адабиёти илмӣ аз нуқтаи назари субъекти коррупсия аломатҳои зерини иҷтимоии коррупсия пешниҳод карда шудаанд: инфиродии рафтор нисбат ба манфиати аксарият; истифодаи маҷбурӣ барои ноил шудан ба бартарии иқтисодӣ; хусусияти ғайрирасмии муносибатҳои коррупсионӣ; ғайриқонунӣ истифода бурдани неъматҳои моддӣ ва дигар неъматҳои ба давлат ва ҷамъият тааллуқдошта, воситаҳои ба даст овардани онҳо[51]. Муаллифони дигар хусусиятҳои коррупсия чунин пешниҳод кардаанд: коррупсия маҷмуи оддии механикии ҳуқуқвайронкуниҳои якхела нест, балки як падидаи мураккаби иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад; коррупсия як падидаи системавӣ аст, аз ин рӯ дар мавриди ришваи якдафъаинаи хизматчии давлатӣ сухан дар бораи коррупсия нест; коррупсия – мунтазам гирифтани хизматчиёни давлатӣ аз шахсони (гурӯҳҳои) сеюм ба манфиати онҳо ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва дигар мебошад; амалҳое, ки барои музд анҷом дода мешаванд, бешубҳа бо иҷрои вазифаҳои хизматии хизматчии давлатӣ алоқаманданд[52]. Коррупсия ҳамчун падидаи иҷтимоӣ нишонаҳои зеринро доро мебошад: барои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат дар маҷмуъ мушкилотеро ба бор меоварад, ки осебпазирии онҳоро зиёд мегардонад; доираи муайяни шахсоне вуҷуд доранд, ки ҳамчун субъекти он метавонанд ҳисобида шаванд (пеш аз ҳама шахсони мансабдор); аз ҷониби ин субъектон истифода ё худ суиистифодаи ваколати мансабӣ бар хилофи манфиатҳои хизматӣ ва муқаррароти меъёрҳои қонун ва ахлоқ; фаъолияти ин субъектон пеш аз ҳама ба манфиатҳои шахсии худ ё дигарон (субектони махсус) равона гардидааст[53].

Ҳамин тавр, таҳқиқи масъалаи мафҳум ва моҳияти коррупсия нишон медиҳад, ки атрофи мафҳуми коррупсия дар адабиёт андешаҳои мухталиф ҷой дошта, мафҳуми умумиэътирофшудаи он вуҷуд надорад. Як гурӯҳи олимон онро як фаҳмиши умумӣ таъриф дода, гурӯҳи дигар онро ба фаҳмиши васеъ ва маҳдуд тафсир кардаанд. Коррупсия на танҳо аз нуқтаи назари илмҳои ҳуқуқшиносӣ, балки сиёсатшиносию ҷомеашиносӣ низ мафҳумбандӣ гардидааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки коррупсия дорои хусусиятҳо ва аломатҳои ба худ хос буда, онро аз дигар падидаҳои ҳуқуқӣ

---

[51]Ниг.: Селихов Н.В. Коррупция в государственном механизме современной России (теоретические аспекты): дис… канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2001. – С. 53.
[52]Ниг.: Костенников М.В., Куракин А.В. Предупреждение и пресечение коррупции в системе государственной службы. – М., 2004. – С. 32.
[53]Ниг.: Хурсандзода С. Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ: дисс. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 32.

фарқ мекунонад. Маврид ба зикр аст, ки аз нигоҳи назарияи давлат ва ҳуқуқ мафҳумбандӣ кардани коррупсия каме душвор ба назар мерасад, зеро дар он на танҳо хусусиятҳои ҳуқуқӣ, балки баъзе хусусиятҳои сиёсию ҷамъиятии онро низ ба инобат бояд гирифт. Мо фаҳмиши коррупсияро ба мазмуни васеъ ва маҳдуд бо чунин асосҳо қабул дорем: коррупсия дар мазмуни маҳдуд ҳамчун ришваситонии шахсони мансабдори давлатӣ, ки қонунгузории ҷиноятӣ бо таҳдиди татбиқи ҷазо ҷиноят муқаррар кардааст, фаҳмида мешавад. Дар мазмуни васеъ бошад, мафҳуми коррупсия на танҳо ришваситонӣ, балки дигар амалҳои монанд ба ришваситонӣ (азонихудкунӣ, пора, таъмаҷӯӣ ва ғ.), инчунин доираи васеътари субъектонро фаро мегирад. Бояд гуфт, ки омӯзиши равишҳои дарки моҳияти коррупсия ва сохтори он метавонад ба таҳияи тадбирҳои муассири мубориза бо коррупсия ва дар ниҳояти кор таҳкими волоияти қонун ва интизом дар идораи давлатӣ мусоидат намояд.

**Адабиёт:**


1. Антонян Ю.М. Типология коррупции и коррупционного поведения // Социология коррупции: Мат-лы науч.-практ. конф. – М., 2003. – С. 37-41.
2. Барис В.В., Народицкий Ю.О. Определение коррупции с политологической и государственно-правовой точек зрения // Вестн. Моск. УН-ТА. Сер. 18. Социология и политология. – 2009. – № 1. – С. 109-119.
3. Большой энциклопедический словарь: 2-е издание, перераб. идоп. – М.: Большая Российская энциклопедия, 2000. – 1434 с.
4. Волженкин Б.В. Коррупция // Сер. Современные стандарты в уголовном праве и уголовном процессе. – СПб., 1998. – С. 5-6.
5. Корчагин А.Г., Иванов А.М. Сравнительное исследование коррупционных и служебных преступлений. – Владивосток, 2001. – 226 с.
6. Костенников М.В., Куракин А.В. Предупреждение и пресечение коррупции в системе государственной службы / М.В. Костенников, А.В. Куракин. – М., 2004. – 214 с.
7. Криминология / Под ред. В.Н. Кудрявцева, В.Е. Эминова. – М., 2004. – 428 с.
8. Криминология: Учебник / Под общ. ред. А.И. Долговой. – М., 2008. – 912 с.
9. Кудашкин А.В., Козлов Т.Л. Еще раз о правовом понятии коррупции / А.В. Кудашкин, Т.Л. Козлов // Современное право. – 2010. – № 6. – С. 6-10.
10. Кузьмин А.В., Козловских Е.А. Проблемы преодоления коррупции в РФ / А.В. Кузьмин, Е.А. Козловских // Актуальные проблемы антикоррупционной политики на региональном уровне: Материалы региональной научно- практической конференции. – СПб., 2001. – С. 162-167.
11. Кузьминов Я.И. Тезисы о коррупции / Я.И. Кузьминов. – М., 2000. – 38 с.

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» аз 7-уми августи соли 2020, № 1714. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 05.12.2023).

13. Лахман А.Г. Коррупция *и* противодействие коррупции: проблемы правопонимания // Власть и управление на Востоке России. – 2013. – № 1 (62). – С. 129-134.

14. Лунеев В.В. Коррупция: политические, экономические, организационные и правовые проблемы (Тезисы доклада) // Государство и право. – 2000. – № 4. – С. 99-111.

15. Мельник Н.И. Понятие коррупции // Коррупция и борьба с ней. – М., 2000. – 326 с.

16. Миненок М.Г. К вопросу о борьбе с коррупцией // Вестник Балтийского федерального университета им. И. Канта. – 2013. – Вып. 9. – С. 88-93.

17. Ожегов С.И. Словарь русского языка / С.И. Ожегов. – М., 1968. – 900 с.

18. Преступность и власть / Редкол.: А.И. Долгова и др. – М., 2000. – 151 с.

19. Сафаров А.И., Авзалов А.Х. Соотношение понятий коррупциии и коррупционной преступности по законодательству Республики Таджикистан // Юридическая наука: история и современность. – Санкт-Петербург. – 2016. – № 3. – С. 174-183.

20. Селихов Н.В. Коррупция в государственном механизме современной России (теоретические аспекты): дис… канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2001. – 268 с.

21. Справочный документ о международной борьбе с коррупцией, подготовленный секретариатом ООН. A/CONF. 169/ 14, 1995. 13 April.

22. Сулейманов Т.М. Борьба с коррупцией в России в IX-XIX вв. // История государства и права. – 2010. – №7. – С. 25-28.

23. Фиалковская И.Д. Коррупция: понятие, признаки, виды // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2018. – № 1. – С. 137-142.

24. Фиалковская И.Д. Противодействие коррупции как цель контрольно-надзорной деятельности в государственном управлении: зарубежный опыт // Материалы I Всероссийской научно-практической конференции «Актуальные вопросы контроля и надзора в социально значимых сферах деятельности общества и государства». – Н. Новгород, 2015. – С. 137-141.

25. Хурсандзода С. Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ: дисс. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – 176 с.

26. Чебоксаров П.А. Проблема коррупции на уровне местного самоуправления // Актуальные проблемы антикоррупционной политики на региональном уровне: Материалы региональной научно-практической конференции. – СПб., 2001. – 370 с.

# ОИД БА СОЗГОРИИ МАФҲУМҲОИ АСОСИИ МОДДАИ 1 КОДЕКСИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ДИГАР САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бобокалон Ғоиб Мерган,**
Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (+992) 907948773
**E-mail:** bgoib@mail.ru

**Саъдизода Ҷаҳонгир,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Тел.:** (+992) 985383867
**E-mail**: jahon_1967@mail.ru

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – созгории мафҳумҳои моддаи 1-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар бахшида шудааст. Дар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳоти зиёди ҳуқуқие истифода мегарданд, ки ҳамеша бо мазмуну мундариҷаашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва барои дар амал дуруст татбиқ намудани онҳо нахуст бояд маънои онҳоро дарк кард. Дарки дурусти мазмуну моҳияти вожаҳои ҳуқуқӣ барои амалӣ гардидани меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамояд.

Ба андешаи муҳаққиқон дар санади меъёрии ҳуқуқӣ калима, ибора ва ҷумлаҳое бояд истифода шаванд, ки содаву равон бошанд ва маънои луғавии онҳо ба аҳолӣ фаҳмо бошад. Чунончи муаллифон баъзе вожаҳо ва мафҳумҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳлил намуда, хулосаҳои худро пешниҳод намудаанд.

Ба андешаи муаллифон истилоҳоти ҳуқуқии дар қонунҳои амалкунанда истифодашаванда бояд мафҳумҳоро аниқ ифода намоянд, ба як маъно истифода шаванд, оммафаҳм бошанд ва мазмуни ягона дошта бошанд. Дар охири мақола муаллифон пешниҳод намудаанд, ки зимни тартиб додани саволномаҳои тестӣ дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби Маркази миллии тестии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вожа ё мафҳумҳои хуқуқие, ки дар якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такроран, гуногун ва мухталиф пешбинӣ шудаанд, набояд истифода карда шаванд.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқ, созгорӣ, мафҳум, истилоҳ, Кодекси меҳнат, ҳуқуқи меҳнат, касб, мутахассис, бекорӣ, падида, ихтисос, бемории касбӣ, санади меъёрии ҳуқуқӣ, техникаи қонунгузорӣ.

# О СООТВЕТСТВИИ ОСНОВНЫХ ПОНЯТИЙ СТАТЬИ 1 ТРУДОВОГО КОДЕКСА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ДРУГИМИ НОРМАТИВНЫМИ ПРАВОВЫМИ АКТАМИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Бобокалон Гоиб Мерган,**
Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан, начальник отдела законодательства по труду, миграции и социальной защите, Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры предпринимательского и коммерческого права, кандидат юридических наук
**Тел.:** (+992) 907-94-87-73
**E-mail:** bgoib@mail.ru

**Саъдизода Джахонгир,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой прав человека и сравнительного правоведения, кандидат юридических наук, доцент
**Тел.:** (+992) 985383867
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Аннотация:** Данная статья посвящена одному из актуальных вопросов юридической науки – соответствии понятий статьи 1 Трудового кодекса Республики Таджикистан с другими нормативными правовыми актами страны. Действующие законы Республики Таджикистан, в том числе Трудовой Кодекс Республики Таджикистан, содержат множество юридических терминов, которые всегда различаются по своему содержанию, и для того, чтобы правильно применять их на практике, необходимо прежде всего познать их значение. Точное представление содержания юридических терминов способствует реализации правовых норм.

По мнению исследователей, в нормативном правовом акте должны использоваться слова, словосочетания и предложения, которые должны быть простыми и широкораспространенными, а их смысл должен быть общепонятным. Так же авторы проанализировали некоторые термины и понятия Трудового Кодекса Республики Таджикистан с другими нормативными правовыми документами и представили свои выводы.

Авторы придерживаются мнения, что используемые в действующих законах юридические термины должны четко выражать понятия, использоваться в одном смысле, быть общепонятными и иметь одно значение. В конце статьи авторы предложили при составлении Национальным центром тестирования при Президенте Республики Таджикистан тестовых вопросов на централизованных вступительных экзаменах в средние и высшие профессиональные учебные заведения Республики Таджикистан не следует использовать юридические термины или понятия, предусмотренные неоднократно и двусмысленно в нескольких нормативных правовых документах.

**Ключевые слова**: Право, соответствие, понятие, термин, Трудовой кодекс, трудовое право, профессия, специалист, безработица, явление, специальность, профессиональное заболевание, нормативный правовой акт, законодательная техника.

## ABOUT COMPATIBILITY OF THE BASIC CONCEPTS OF ARTICLE 1 OF THE LABOR CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH OTHER NORMATIVE LEGAL ACTS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Bobokalon Goib Mergan,**
National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, Head of the Department of Labor Law, Migration and Social Protection of the Associate Professor of the Department of Business and Commercial Law of the Tajik National University, Candidate of Laws
**Phone.:** (+992) 907948773
**E-mail:** bgoib@mail.ru

**Sadizoda Jahongir,**
Tajik National University, Law Faculty, Head of the Department of human rights and Comparative law, candidate of law, docent
**Phone.:** (+992) 985383867
**E-mail:** jahon_1967@mail.ru

**Annotation:** This article is devoted to one of the topical issues of legal science - the correspondence of the concepts of Article 1 of the Labor Code of the Republic of Tajikistan with other normative legal acts of the country. The current laws of the Republic of Tajikistan, including the Labor Code of the Republic of Tajikistan, contain many legal terms that always differ in their content, and in order to correctly apply them in practice, it is necessary first of all to know their meaning. A correct understanding of the content of legal terms contributes to the implementation of legal norms.

According to researchers, a normative legal act should use words, phrases and sentences that should be simple and widespread, and their meaning should be generally understandable. The authors also analyzed some terms and concepts of the Labor Code of the Republic of Tajikistan with other regulatory legal documents and presented their conclusions.

According to the authors, the legal terms used in current laws must clearly express concepts, be used in the same sense, be generally understandable and have the same meaning. At the end of the article, the authors suggested that when the National Testing Center under the President of the Republic of Tajikistan compiles test questions for centralized entrance exams to secondary and higher vocational educational institutions of the Republic of Tajikistan, should not use legal terms or concepts that are provided repeatedly and ambiguously in several normative legal documents.

**Keywords:** Law, compliance, concept, term, Labor Code, labor law, profession, specialist, unemployment, phenomenon, specialty, occupational disease, normative legal act, legislative technique.

Мақсади олии давлат ва ҷомеа таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият ва кафолати амалӣ намудани онҳо буда, яке аз самтҳои асосии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба қатори омилҳои муҳимми инкишофи ҷомеа, рушди босуботи қонунгузории соҳаи меҳнат низ шомил мебошад. Маҳз аз ҳамин хотир давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи мазкур ва рушди пайвастаи он таваҷҷуҳи доимӣ дода, онро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати худ медонад.

Дигаргуниҳои куллие, ки бо дарназардошти муносибатҳои бозоргонӣ ва ба хусус дар муносибатҳои меҳнатӣ ба вуҷуд омаданд, танзими мутамаддини ҳуқуқиро тақозо менамоянд, ки ин аз баланд гардидани нақш ва мавқеи ҳуқуқ дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва давлатӣ гувоҳӣ медиҳад. Ин дигаргуниҳо танҳо бо роҳи таҳия ва қабул намудани қонунҳои ҷавобгӯй ба талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ амалӣ шуда метавонанд. Умуман ҳама гуна ислоҳот танҳо тавассути татбиқи муқаррароти қонунгузорӣ ба амал бароварда мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста зимни баромаду суханрониҳояшон дар хусуси таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти таъмини рушди устувори иҷтимоӣ, таҷриҷан

баланд бардоштани беҳсозии шароити зиндагӣ, таъмини кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандон, рушди шарикии иҷтимоӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатии дохилию берунӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои байналмилалӣ таъкидҳо менамоянд. Аз ҷумла Пешвои миллат бамаврид иброз намудаанд: «Рушди минбаъдаи ҷомеа тақозо менамояд, ки бо мақсади танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунҳои амалкунанда мунтазам такмил дода шаванд. Чунин тарзи танзими ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки мақомоти ҳокимияти иҷроия фаъолияти худро асосан ба идоракунии давлатӣ равона созанд. Аз ин рӯ, ба субъектҳои ҳқуқэҷодкунанда, аз ҷумла вакилони парламент зарур аст, ки сифати қонунҳои амалкунанда ва ба сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар мутобиқ будани онҳоро мунтазам таҳлил карда, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи рӯз мувофиқро таҳия намоянд»[54].

Вабаста ба ислоҳоти соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҷиҳати таъмини рушди иқтисодиёт ва танзими самараноки муносибатҳои меҳнатӣ, баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мувофиқи мақсад аст, ки барои бартараф намудани мухолифат ва номувофиқатии дар қонунгузории соҳаҳои мазкур вуҷуддошта ва аз байн бурдани хусусиятҳои эъломиявии як қатор меъёрҳо ва бо механизми самараноки амалишавӣ таъмин намудани онҳо тадбирҳо андешида шаванд.

Ҳамаи ин тавҷҷуҳи хоссаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, моро вазифадор менамояд, ки тамоми имкониятҳоямонро барои беҳтар намудани рушди соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ равона намуда, барои рушди ватани азизамон саҳми муносиб гузорем.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо мурури замон ва пешрафти ҳаёти ҷомеа дар соҳаи меҳнат муносибатҳои нав ба вуҷуд омаданд, ки онҳо танзими худро талаб менамоянд. Аммо ҳанӯз ҳам дар қонунгузории соҳаи мазкур ҳолатҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки такмили онҳо фаъолияти пурсамар ва ҳамаҷонибаро тақозо менамояд.

Таҳлили мутобиқат ё созгории Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон[55] нишон дод, ки ба Кодекси мазкур меъёрҳоеро ворид намудан зарур аст, ки дар баробари хусусияти таҳририӣ ва муайянкунанда доштан, ҳамзамон бештар хусусияти мутобиқкунандаро дошта бошанд.

Аз ин рӯ, мутобиқат ё созгории мафҳумҳои асосии моддаи 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил менамоем.

---

[54] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон аз 26-уми декабри соли 2018. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/19088 (Санаи муроҷиат: 27.10.2023)

[55] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – 136 с.

Қонунҳоро агар аз нигоҳи диалектикӣ назар андозем, ҳамеша дар рушду такомул ва инкишофу пешравӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз дар қонунгузорӣ хоҳ нохоҳ пайваста истилоҳоти нав ба нав ба вуҷуд меоянд.

Дар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳоти зиёди ҳуқуқие истифода мегарданд, ки ҳамеша бо мазмуну мундариҷаашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва барои дар амал дуруст татбиқ намудани онҳо нахуст бояд маънои онҳоро дарк кард. Дарки дурусти мазмуну моҳияти вожаҳои ҳуқуқӣ барои амалӣ гардидани меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки ҳар як илм аз дигар илмҳо бо истилоҳоти худ тафовут дорад, ки онҳо аз рӯи қоида дар натиҷаи таҳлили донишҳо дар соҳаи муайян, омӯзишҳо ва натиҷабардориҳо аз таҷрибаи андӯхташуда ба даст оварда мешаванд.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳум ва истилоҳоти ҳуқуқии соҳаи меҳнат дар ҳоли ташаккулёбист ва он барои дар сатҳи муайян инъикос гардидани соҳаҳои алоҳидаи қонунгузорӣ ва рушду тағйироти ин раванд мусоидат менамояд. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки инкишофи қонунгузорӣ дар ҳар як соҳаи ҳуқуқ вижагиҳои худро дорад. Истилоҳоти ҳуқуқии соҳаи меҳнат низ дорои чунин хусусият буда, зарурати дар алоҳидагӣ таҳлил намудани онро талаб менамояд.

Дар меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаи 50-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» сухан дар бораи истилоҳоти санади меъёрии ҳуқуқӣ меравад.

Мутобиқи қисми 1-и моддаи 50-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» истилоҳоти санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо истифода аз калима ва ибораҳои оммафаҳм тартиб дода шавад.

Калима ва ибораҳои оммафаҳм, яъне дар санади меъёрии ҳуқуқӣ калима, ибора ва ҷумлаҳое бояд истифода шаванд, ки содаву равон бошанд ва маънои луғавии онҳо ба аҳолӣ фаҳмо бошад. Зеро калимаҳо ба ибора ва ҷумла дохил шуда, алоқаи муайяни грамматикӣ пайдо мекунанд, аммо хусусияти ин алоқаҳо дар ибора ва ҷумла як хел нестанд. Сохти ибора нисбат ба сохти ҷумла соддатар аст, бинобар ин алоқаи калимаҳо дар сохти ибора ва сохти ҷумла бояд мураккаб набошанд.

Мутобиқи қисми 2-и моддаи 50-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҳамон як истилоҳ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд як маъноро ифода намуда, мазмуни ягона дошта бошад.

Мутобиқи қисми 3-и моддаи 50-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар ҳолати зарурати дақиқ намудани истилоҳот ва мафҳумҳои дар санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашуда дар санад моддае (қисме, банде) оварда мешавад, ки дар он моҳияти ин истилоҳоту мафҳумҳо шарҳ дода мешаванд.

Мутобиқи қисми 4-и моддаи 50-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» истилоҳоти махсус мумкин аст дар санади меъёрии ҳуқуқӣ танҳо бо ҳамон маъное истифода гардад, ки он дар соҳаи махсуси дахлдор истифода мешавад. Истилоҳоти махсус бояд дар санади меъёрии ҳуқуқӣ шарҳ дода шавад.

Дар ин чор қисми моддаи 50-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» талабот ба истилоҳоти санади меъёрии ҳуқуқӣ пурра пешбинӣ шудааст.

Тавре А.Ғ. Холиқзода ва М. Ҳоҷиев зикр намудаанд: «…истилоҳот дар санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷузъи муҳимтарини он буда, дар мавриди тавассути шарҳи мафҳумҳо барои истифодабаранда фаҳмову равшан гаштани онҳо, мундариҷаи санади меъёрии ҳуқуқӣ низ оммафаҳм мешавад. Ин дар навбати худ боиси риоя гаштани меъёрҳо ва иҷрошавии санади меъёрии ҳуқуқӣ мегардад[56].

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки ҳамаи қисмҳои моддаи 50 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз ҷониби олимони номбаршуда ба таври пурра тафсиру тавзеҳоти худро ёфтаанд.

М.А. Маҳмудзода, Ҷ.З. Маҷидзода, А.Ғ. Холиқзода чунин қайд намудаанд: «Сифати баланди шарҳи мафҳумҳо, усули сода ва одии баёни техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, сатҳи баланд ва олии баррасии меъёрҳо, ба инобат гирифтани нуктаҳои мухталифи илмӣ ва назарӣ нисбат ба шарҳи истилоҳоти ҳуқуқӣ ва ҷамъбасти хулосаҳои шахсӣ нисбат ба падидаҳои ҳуқуқӣ мутобиқ ба табиати давлати демократӣ ҳуқуқбунёд ва иҷтимоии Тоҷикистон ва мувофиқ ба талаботи Конститутсияи кишвар, шаҳодати масъулияти баланди касбии муаллифон ва эътимоднокии шарҳу тафсири эшон ба қонун аст»[57].

Дар китоби «Техникаи қонунгузорӣ» оид ба масъалаҳои забони қонун ва истилоҳоти ҳуқуқӣ М.З. Раҳимзода ва А.Р. Нематов ин мавзуъро ба таври муфассал мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додаанд. Онҳо қайд менамоянд, ки «Ҳар як илм истилоҳоти худро дорад. Масъалаҳои истилоҳоти ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ яке аз масъалаҳои марказии техникаи қонунгузорӣ ҳисобида мешавад. Илми ҳуқуқшиносӣ низ ба худ хос калимаҳо дорад, ки инҳо дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Аммо забони қонун бо истифодаи калимаҳои ҳуқуқӣ маҳдуд намегардад. Қонун барои доираи васеъ ва номуайяни иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ эҷод карда мешавад. Бинобар ин, матни қонун бояд ба ҳар як аъзои ҷамъият низ дастрас ва фаҳмо бошад[58].

Оид ба истифодаи истилоҳот ва вожаҳои ҳуқуқии ягона, содаву равон ва оммафаҳм олимони зиёди ватанӣ пажӯҳишҳои илмӣ бурдаанд[59]. Аммо оид ба истилоҳоти соҳаи ҳуқуқи меҳнат пажӯҳишҳо ангуштшуморанд.

---

[56] Ниг.: Холиқзода А.Ғ., Ҳоҷиев М. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2017. – С. 287-288.

[57] Ниг.: Маҳмудзода М.А., Маҷидзода Ҷ.З., Холиқзода А.Ғ. Назари тозаи илмӣ ба тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Холиқзода А.Ғ., Ҳоҷиев М. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2017. – С. 12.

[58]Ниг.: Раҳимзода М.З., Нематов А.Р. Техникаи қонунгузорӣ. Нашри дуввум. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Бухоро. 2016. – С. 94.

[59] Оид ба ин масъала муфассал ниг.: Луғати истилоҳот // Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ) / Э.С. Насриддинзода. – Нашри 2-юм. – Душанбе: Адиб, 2022. – С. 206-218. Раҳмон Д.С., Саъдизода Ҷ. Мушкилоти корбасти истилоҳот аз дидгоҳи фарҳанги миллии ҳуқуқи инсон / Д.С. Раҳмон, Ҷ. Саъдизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – №2/10. – Душанбе, 2017. – С. 204-209; Саъдизода Ҷ. Фарҳанги ҳуқуқи инсон: шарҳи истилоҳот // Форуми ҳуқуқшиносони ҷавон бахшида ба Соли ҷавонон дар доираи Форуми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: моводи форум (Душанбе, 3 ноябри соли 2017). – Душанбе: Контраст, 2017. – С. 60-64; Саъдизода Ҷ. Мушкилоти тарҷумаи истилоҳоти ҳуқуқӣ аз дидгоҳи

Аз ин рӯ, ба моддаи 50-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тафсиру тавзеҳот надода, онро дар доираи масъалаи гузошташуда, ки мавзуи мақола ба он бахшида шудааст, мавриди таҳлил қарор хоҳем дод.

Вобаста ба ин, мо дар мадди аввал ба ду мафҳумҳои маъмулӣ ё истилоҳоти хуқуқие, ки мафҳумҳоро аниқ ифода менамоянд, ба як маъно истифода мешаванд, оммафаҳм мебошанд ва мазмуни ягона доранд, аз ҷумла истилоҳоту мафҳумҳои **«бемории касбӣ»** ва **«баҳисобгирии инфиродӣ»**, истода мегузарем.

Дар сархати ҳафтуми моддаи 1-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, зери истилоҳи **«бемории касбӣ»** *«беморие, ки ба он корманд бар асари таъсири омилҳои хатарнок ё зараровари истеҳсолӣ гирифтор шудааст»*, фаҳмида мешавад. Дар сархати ҳафтуми моддаи 1-и Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, «бемории касбӣ» ҳамчун *«беморие, ки ба он корманд бар асари таъсири омилҳои хатарнок ё зараровари истеҳсолӣ гирифтор шудааст»*, ифода ёфтааст, ки аз рӯйи мазмунашон якхела мебошанд.

Инчунин, ба ҳамин монанд дар сархати ҳафтуми моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» мафҳуми «баҳисобгирии инфиродӣ» ҳамчун *«тартиби ҷамъоварӣ, коркард ва нигоҳдории маълумоте, ки барои таъини нафақа дар низоми суғуртаи нафақавӣ зарур мебошад»*, пешбинӣ шудааст. Дар сархати 1-и моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» бошад, «баҳисобгирии инфиродӣ» ҳамчун *«тартиби ҷамъоварӣ, коркард ва нигоҳдории маълумоте, ки барои таъини нафақа дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ зарур мебошад»*, маънидод мегардад.

Таҳлилҳо аз таҷриба нишон медиҳанд, ки калима, истилоҳ ё ибораҳое дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешаванд, ки як маъноро ифода менамоянд ва мазмуни ягона доранд.

Вобаста ба ин, дар сархати биступанҷуми моддаи 1-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон вожаи **«ихтисос»** ҳамчун *«маҷмуи дониш, кордонӣ ва малакаи тавассути омодагии махсус ва таҷрибаи кории андӯхташудае, ки барои иҷрои навъи муайяни фаъолияти меҳнатӣ дар доираи касби мазкур зарур аст ва бо ҳуҷҷатҳои дахлдор дар бораи таҳсилот тасдиқ мешавад»*, маънидод гардидааст. Дар сархати дувоздаҳуми моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» бошад, вожаи **«ихтисос»** ҳамчун *«маҷмӯи дониш ва маҳорату малака, ки бо роҳи омӯзиши ҳадафнок ва таҷрибаи корӣ ҳосилшуда, барои навъи муайяни фаъолият зарур мебошанд ва бо ҳуҷҷатҳои мувофиқ дар бораи таҳсилот тасдиқ карда мешаванд»* шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

---

фарҳанги миллии ҳуқуқи инсон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе: Чопхонаи ДМТ, 2018. – С. 448-449.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ вожаи **«кордонӣ»** кордон будан, донистани (чашми) кор, коргоҳӣ[60] маънидод гардидааст. Калима ё ибораи **«маҳорат»** бошад, 1. моҳирӣ, устодӣ, устогӣ, ҳунармандӣ; забардастӣ (дар кор): маҳорати баланд, маҳорати зиёд, маҳорати калон, маҳорати калон ё том, маҳорати фавқулода, маҳорат нишон додан, маҳорат пайдо кардан. 2. қобилият, лаёқат: маҳорати ҳунарпешагӣ, ҳунару санъати ҳунарпешагӣ; силсилаи фанҳои марбут ба ихтисоси ҳунарпешаҳо; маҳорати нависандагӣ лаёқат ва истеъдоди нависандагӣ; маҳорати сарояндагӣ маҳорат ва қобилият дар сурудан; бо маҳорат, моҳирона, устодона[61] шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Аз лиҳози метаномия, яъне маҷозӣ омадани калимаҳо вобаста ба амал назар меандозем. Дар метаномия ду истилоҳоти ба ҳам алоқаманд як ном доранд, яъне бо як калима ифода карда мешаванд: Соҳиб кордони хуб аст, Соҳиб маҳорати хуб дорад.

Дар шарҳи вожаи «**ихтисос»** ду калима ё ибора – **«кордонӣ»** ва **«маҳорат»** истифода шудааст, ки онҳо ҳаммаъно буда, истифодаи онҳо дуруст мебошад.

Дигар истилоҳ ё вожа «**бекорӣ»** мебошад, ки дар ду қонун истифода шудааст.

Дар сархати шашуми моддаи 1-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, истилоҳи **«бекорӣ»** ҳамчун *«зуҳуроти иҷтимоию иқтисодие, ки ба набудани талабот ба қисми муайяни қувваи корӣ дар бозори меҳнат вобастагӣ дорад»*, омадааст.

Дар сархати якуми моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» бошад, вожаи «**бекорӣ»** ҳамчун *«падидаи иҷтимоию иқтисодиест, ки ба қисми муайяни қувваи корӣ мавҷуд набудани талабот дар бозори меҳнат вобастагӣ дорад»*, пешбинӣ шудааст.

Ҳангоми пешниҳоди таъриф ё мафҳуми **«бекорӣ»** дар қонунҳои зикршуда вожаҳои **«падида»** ва **«зуҳурот»** истифода гардидаанд. Яъне новобаста аз оне, ки дар қонунҳои мазкур ҳангоми маънидоди як истилоҳ ду калимаҳои гуногун мавриди корбаст қарор гирифтаанд, аммо онҳо дар чунин маврид як мазмун ё маъноро ифода менамоянд.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ҳарчанд, ки вожаи **«зуҳурот»** ҳамчун падида, ҳодиса ва вожаи **«падида»** ҳамчун чизи зоҳиршуда, ҳодиса[62] тавзеҳ ёфтаанд, аммо дар илми ҳуқуқшиносӣ, ки забони вижаи худро дорад, онҳо ҳаммаъно буда, дуруст истифода шудаанд.

Мутобиқи сархати дуюми моддаи 51-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодаи мафҳумҳои (истилоҳоти) гуногуни ҳаммаъно нораво мебошад[63].

---

[60] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. А-Н (Нашри дувум). – Душанбе: Шуҷоиён, 2008. – С. 652.

[61] Ниг.: Асари зикргардида. – С. 815.

[62] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. А-Н (Нашри дувум). – Душанбе: Шуҷоиён, 2008. – С. 652.

[63] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, №5, қ. 1, мод. 271) (Қонуни ҶТ аз 19.07.2019, №1632).

Чи тавре Р.Ш. Шарофзода (Сотиволдиев) қайд мекунад: ҳангоми вуҷуд доштани мафҳумҳои гуногуни илмӣ оид ба як падидаи ҳаёти ҳуқуқӣ, ки натиҷаи мубоҳисаҳои илмӣ мебошад, мебояд аз мафҳумҳои маъмулӣ, ки дар фаъолияти ҳуқуқӣ пазируфта мешаванд, истифода намуд. Мафҳумҳои илмӣ ва таърифҳои ин мафҳумҳо бояд ба як маъно истифода шаванд. Дар ҳолати истифодаи маъниҳои гуногуни мафҳумҳои илмӣ, ки дар соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ мушоҳида мешавад, вазифаи асосии истилоҳоти ҳуқуқӣ дар хусуси ифодаи ҳаммаънои мафҳумҳо халалдор мешавад[64].

Оид ба ин масъала дигар мисолҳоро низ рӯйи қоғаз овардан мумкин аст, то ки исботи андешаҳои болозикр бошанд.

Дар сархати бистушашуми моддаи 1-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон вожаи «**касб**» ҳамчун *«намуди фаъолияти меҳнатие, ки донишу малакаи тавассути омӯзиш ва таҷриба андӯхташударо тақозо менамояд»*, маънидод шудааст.

Дар сархати сездаҳуми моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» бошад, истилоҳи «**касб**» чунин омадааст: *«... намуди асосии шуғл ва фаъолияти меҳнатии инсон буда, бо ҳуҷҷати марбут ба таҳсилот тасдиқ мегардад».*

Ба ҳамин монанд, дар якчанд қонунҳои дигар таъриф ё мафҳумҳои гуногуни «мутахассис» пешбинӣ шудааст.

Якум, дар сархати чилучоруми моддаи 1-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вожаи «**мутахассис**» чун *«шахси дорои таҳсилоти касбӣ, ки доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, малака ва маҳорати касбиро соҳиб шудааст, ки ба ӯ имконият медиҳад дар соҳаи муайян фаъолияти касбӣ намояд»*, маънидод гардидааст.

Дуюм, дар моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» вожаи «мутахассис» ҳамчун *«шахсе, ки соҳиби таҳсилоти касбӣ буда, доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, малака ва маҳорати касбиро соҳиб шудааст, ки ба ӯ имконият медиҳад дар соҳаи муайян фаъолияти касбӣ намояд»*, тевзеҳ дода шудааст.

Сеюм, дар сархати бистуми моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» мафҳуми зерини «мутахассис» пешбинӣ шудааст: *«... шахсе, ки соҳиби таҳсилоти олии касбӣ буда, доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, малака ва маҳорати касбиро соҳиб шудааст ва барои иҷро намудани кори илмӣ қобилият дорад».*

Чорум, сархати биступанҷуми моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» мафҳуми «мутахассис»-ро чунин тавзеҳ додааст: *«... шахсе, ки соҳиби таҳсилоти олии касбӣ буда, доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, маҳорат ва малакаи касбиро соҳиб шудааст ва барои иҷро намудани кори илмӣ имконият дорад».*

---

[64] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи ихтисоси «ҳуқуқшинос» таҳсил мекунанд. – Душанбе: Сино. ДМТ. 2018. – С. 575.

Ба андешаи мо чунин такроршавии мафҳумҳо ё пешбинӣ гардидани мафҳумҳои гуногун ҷиҳати ифодаи як истилоҳ ё категорияи ҳуқуқӣ барои дарки дурусти онҳо ва татбиқу амалисозии меъёрҳои ҳуқуқӣ халал эҷод мекунад.

Ҳамзамон такрору гуногунмаъноии чунин мафҳумҳо на танҳо барои амалисозии меъёрҳои ҳуқуқӣ халал эҷод мекунанд, балки ба довталабоне, ки дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамоянд, монеаҳоро пеш оварданашон мумкин аст. Масалан, ҳангоми тартиб додани саволномаҳои тестӣ дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар саволномаҳо мафҳуми **«мутахассис»** гирд оварда шудааст, дар ҷавоб бошад, номи яке аз қонунҳо КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, аммо дар ҷавоб номи яке аз се қонуни дигари зикргардида низ дода шудааст, ки ин метавонад барои довталабон мушкилотро пеш орад. Шояд зумрае аз тартибдиҳандагон чунин ҳолатро саволҳои мантиқии гирдовардашуда ҳисобанд, бояд ба назар гирифт, ки саволҳои мантиқӣ тамоман чизи дигар аст.

Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки вожа ё истилоҳоти ҳуқуқии дар қонунҳои амалкунанда истифодашаванда бояд мафҳумҳоро аниқ ифода намоянд, ба як маъно истифода шаванд, оммафаҳм бошанд ва мазмуни ягона дошта бошанд.

Таклиф менамоем, ки зимни тартиб додани саволномаҳои тестӣ дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вожа ё мафҳумҳои хуқуқие, ки дар якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такроран, гуногун ва мухталиф пешбинӣ шудаанд, набояд истифода карда шаванд[65].

## Адабиёт:


1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, №5, қ. 1, мод. 271) (Қонуни ҶТ аз 19.07.2019, №1632).

2. Бобокалонов Ғ.М. Роҷеъ ба баъзе масъалаҳои истилоҳоту мафҳумҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилиҳо», 31 марти соли 2020, Муассисаи давлатии «Душанбе Плаза» шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 38/1. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. 2020. – С. 116-124.


[65] Оид ба ин масъала муфассал ниг.: Бобокалонов Ғ.М. Роҷеъ ба баъзе масъалаҳои истилоҳоту мафҳумҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилиҳо», 31 марти соли 2020, Муассисаи давлатии «Душанбе Плаза» шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 38/1. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. 2020. – С. 116-124.

3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – 136 с.

4. Луғати истилоҳот // Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ) / Э.С. Насриддинзода. – Нашри 2-юм. – Душанбе: Адиб, 2022. – С. 206-218.

5. Маҳмудзода М.А., Маҷидзода Ҷ.З., Холиқзода А.Ғ. Назари тозаи илмӣ ба тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Холиқзода А.Ғ., Ҳоҷиев М. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2017. – С. 12.

6. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ) / Э.С. Насриддинзода. – Нашри 2-юм. – Душанбе: Адиб, 2022. – 224 с.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2018. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/19088 (Санаи муроҷиат: 27.10.2023).

8. Раҳимзода М.З., Нематов А.Р. Техникаи қонунгузорӣ. Нашри дуввум. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Бухоро. 2016. – С. 94.

9. Раҳмон Д.С., Саъдизода Ҷ. Мушкилоти корбасти истилоҳот аз дидгоҳи фарҳанги миллии ҳуқуқи инсон / Д.С. Раҳмон, Ҷ. Саъдизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – №2/10. – Душанбе, 2017. – С. 204-209.

10. Саъдизода Ҷ. Мушкилоти тарҷумаи истилоҳоти ҳуқуқӣ аз дидгоҳи фарҳанги миллии ҳуқуқи инсон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе: Чопхонаи ДМТ, 2018. – С. 448-449.

11. Саъдизода Ҷ. Фарҳанги ҳуқуқи инсон: шарҳи истилоҳот // Форуми ҳуқуқшиносони ҷавон бахшида ба Соли ҷавонон дар доираи Форуми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи форум (Душанбе, 3 ноябри соли 2017). – Душанбе: Контраст, 2017. – С. 60-64.

12. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи ихтисоси «ҳуқуқшинос» таҳсил мекунанд. – Душанбе: Сино. ДМТ, 2018. – 784 с

13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. А-Н (Нашри дувум). – Душанбе: Шуҷоиён, 2008.

14. Холиқзода А.Ғ., Ҳоҷиев М. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2017.

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУРАТТАБСОЗИИ ҚОНУНГУЗОРӢ

**Элназаров Давлатшо Хоҷаевич,**
Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Россия, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент
**Тел.:** (+992) 918-61-19-15
**E-mail:** sabkar@list.ru

**Муқарриз:** Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар назарияи илми ҳуқуқшиносӣ яке аз падидаҳои қобили таваҷҷуҳро муратгабсозии қонунгузорӣ ташкил менамояд. Ташаккул ва фаъолияти ниҳодҳои (институтҳои) давлати ҳуқуқбунёд танҳо дар сурати мавҷудияти низоми мавзун ва самарабахши қонунгузории давлат имконпазир аст. Волоияти ҳуқуқ ва қонуни ҳуқуқӣ дар давлати ҳуқуқбунёд рушди қонунгузории ҳуқуқиро пешбинӣ мекунад, ки арзишҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқиро инъикос мекунад. Дар ин раванд мураттабсозии қонунгузорӣ нақши муҳим мебозад.

Дар асри XX усуле ба миён омад, ки бо ёрии он санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳар як мамлакат ба низоми мантиқан муратгабгашта ворид карда мешуданд. Чунин равандро муратгабсозии қонунгузорӣ меноманд. Дар ин раванд қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, яъне меъёрҳои ҳуқуқӣ ба як низоми муратгабгашта ворид карда мешаванд. Муратгабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба пайдошавии мафҳумҳои зерин, аз қабили «ба қайд гирифтани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «инкорпоратсияи қонунгузорӣ», «муттаҳидсозии (консолидатсияи) қонунгузорӣ» ва «тадвини (кодификатсияи) қонунгузорӣ» оварда расонид.

Муратгабсозии қонунгузорӣ дар шаклҳои гуногун анҷом дода мешавад. Дар раванди мазкур ҳолатҳое дида мешаванд, ки қонунгузорӣ, яъне санадҳои меъёрии ҳуқукӣ бе таҳияи санади муратгабгашта сурат мегирад, яъне танҳо ҷамъ карда мешаванд (ба қайд гирифтани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ). Дар дигар ҳолат бошад, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар як санади нави муратгабгашта ҷамъ карда мешаванд (инкорпорация). Дар ҳолати сеюм меъёрҳои чанд санадҳое, ки баҳри танзими як масъала қабул шудаанд, муттаҳид карда шуда, дар ҳамин замина як санади калонтар қабул карда мешавад (муттаҳидкунӣ). Дар ҳолати чорум бошад, санади нави муратгабгашта дар заминаи муратгаб намудани меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда, тағйирдиҳии мазмуни онҳо ва билохир қабули меъёрҳои нави ҳуқуқӣ анҷом меёбад (тадвин).

Вижагии дигари муратгабсозии қонунгузорӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ алоқаманд будани он мебошад ва беҳуда нест, ки ин равандро «муратгабсозии қонунгузорӣ» ва ё «муратгабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меноманд.

Умуман мафҳуми мураттабсозӣ бо қонунгузорӣ алоқаманд мебошад ва мураттаб намудани қонунгузориро дар назар дорад.

Мураттабсозии қонунгузорӣ шарти асосии самарабахши танзими ҳуқуқӣ, рафъи камбудӣ ва ихтилофҳо ба ҳисоб меравад. Ба сифати яке аз шаклҳои ҳуқуқэҷодкунӣ мураттабсозии қонунгузорӣ дар рушди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ нақши калон мебозад. Дар ин ҷо суоли зерин пайдо мешавад: оё мураттабсозии қонунгузорӣ шакли ҳуқуқэҷодкуӣ аст? Барои ба ин суол ҷавоб додан мафҳумҳои «ҳуқуқэҷодкунӣ» ва таносуби онро бо «мураттабсозии қонунгузорӣ» мавриди таҳлил қарор медиҳем. Дар замони муосир ҳуқуқэҷодкунӣ дар илми ҳуқуқ мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Ҳуқуқэҷодкунӣ раванди эҷоди ҳуқуқи нав, қонуну санадҳои нави меъёрӣ, меъёру мафҳумҳои нави ҳуқуқӣ, ба талаботи нави ҷомеа мутобиқ намудани онҳо, аз байн бурдани меъёрҳои ҳуқуқии ба шароити нав мутобиқ набуда, яъне бо меъёрҳои нав иваз намудани меъёрҳои кӯҳна мебошад.

Ба ибораи дигар ҳуқуқэҷодкунӣ ҳуқуқро ба вуҷуд меорад, ташаккул медиҳад ва ба расмият медарорад. Ҳуқуқэҷодкунӣ марҳилаи ибтидоии ҳаёти ҳуқуқ буда, дар худ импулсҳоеро, ки ба ҳаракати ҳуқуқ таъсир мерасонад, таҷамӯъ медиҳад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи масоили мазкур аз нуқтаи назари илми ҳуқуқшиносӣ мубрам ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқ, қонунгузорӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, проблемма, мураттабсозӣ, назарияи илми ҳуқуқшиносӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ, падида, таҳлил, бартараф намудани камбудӣ, мухолифат, техникаи ҳуқуқӣ, иттилоот, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муқарраротҳои қонунгузорӣ, замони муосир, талаботҳои нав, рушди муносибатҳо.

## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ СИСТЕМАТИЗАЦИИ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА

**Эльназаров Давлатшо Ходжаевич,**
Российско-Таджикский (Славянский) университет, юридический факультет, заведующий кафедрой государственно-правовых дисциплин, д.ю.н., доцент
**Тел.:** (+992) 918-61-19-15
**E-mail:** sabkar@list.ru

**Рецензент:** Саъдизода Дж., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В теории юриспруденции одним из примечательных явлений является систематизация законодательства.

Формирование и функционирование учреждений (институтов) государства, основанных на верховенстве права, возможно только в случае существования соответствующей и эффективной системы государственного законодательства. Правовое государство и верховенство права в правовом

государстве предусматривают развитие правового законодательства, отражающего общепризнанные правовые ценности. В этом процессе важную роль играет систематизация законодательства.

В XX веке появился метод, с помощью которого правовые нормы каждой страны были приведены в логически выстроенную систему. Такой процесс называется законодательной корректировкой. В этом процессе законы и подзаконные правовые документы, т.е. правовые нормы, вводятся в организованную систему. Компиляция нормативных правовых актов привела к появлению таких понятий, как «регистрация нормативных правовых актов», «инкорпорация законодательства», «унификация (консолидация) законодательства» и «развитие (кодификация) законодательства».

Компиляция законодательства осуществляется в различных формах. При этом бывают случаи, когда систематизация законодательства, т.е. нормативных правовых актов, происходит без подготовки сводного акта, то есть только проводится их сбор (регистрация нормативных правовых актов). В остальных случаях нормативные правовые документы объединяются в новый согласованный документ (инкорпорация). В третьем случае нормы нескольких документов, принятых для регулирования одного вопроса, объединяются, и в этом контексте принимается более крупный документ (унификация). В четвертом случае новый правовой акт составляется на основе обобщения существующих правовых норм, изменения их содержания и, наконец, завершается принятием новых правовых норм (внесение изменений).

Еще одной особенностью составления законодательства является то, что оно связано с нормативными правовыми актами, и недаром этот процесс называется «сравнением законодательства» или «сравнением нормативных правовых актов». В целом понятие регулирования связано с законодательством и подразумевает регулирование законодательства.

Формирование законодательства является главным условием эффективного правового регулирования, устранения недостатков и коллизий. Как одна из форм правотворчества, регулирование законодательства играет важную роль в развитии правотворческой деятельности. Здесь возникает следующий вопрос: является ли составление законодательства формой правотворчества? Чтобы ответить на этот вопрос, проанализируем понятия «законодательство» и его взаимосвязь с «законодательным механизмом». В настоящее время правотворчество занимает ключевое положение в юридической науке.

Правотворчество – это процесс создания новых законов, новых нормативных актов, новых правовых норм и понятий, приспособление их к новым требованиям общества, устранение правовых норм, не приспособленных к новым условиям, то есть замена старых норм новыми.

Другими словами, правотворчество создает, формирует и формализует право. Законодательство является начальной стадией жизни права и собирает в себе импульсы, влияющие на движение права.

Поэтому изучение этих вопросов с точки зрения юриспруденции считается важным.

**Ключевые слова:** Право, законодательство, правотворческая деятельность, проблема, устройство, теория правоведения, теория государства и права, явление, анализ, устранение недостатков, противодействие, юридическая техника, информация, правовые нормы, законодательные положения, современность, новые требования, развитие отношений.

## SOME THEORETICAL ISSUES IN SYSTEMATIZING LEGISLATION

**Elnazarov Davlatsho Khodjaevich,** Russian-Tajik (Slavonic) University, Faculty of Law, Associate Professor, Head of the Department of State and Legal Disciplines, PhD in Law
**E-mail:** sabkar@list.ru
**Phone:** (+992) 918-61-19-15

**Reviewer:** Sadizoda J. Candidate of law, docent

**Annotation:** In the theory of jurisprudence, one of the remarkable phenomena is the systematization of legislation.

The formation and functioning of state institutions (institutions) based on the rule of law is possible only if there is an appropriate and effective system of state legislation. The rule of law and the rule of law in a rule of law provide for the development of legal legislation that reflects generally recognized legal values. Systematization of legislation plays an important role in this process.

In the 20th century, a method emerged by which the legal norms of each country were brought into a logically structured system. This process is called legislative adjustment. In this process, laws and subordinate legal documents, i.e. legal norms, are introduced into an organized system. The compilation of normative legal acts led to the emergence of such concepts as “registration of normative legal acts”, “incorporation of legislation”, “unification (consolidation) of legislation” and “development (codification) of legislation”.

Legislation is compiled in various forms. At the same time, there are cases when the systematization of legislation, i.e. of normative legal acts occurs without preparing a consolidated act, that is, they are only collected (registration of normative legal acts). In other cases, regulatory legal documents are combined into a new agreed document (incorporation). In the third case, the norms of several documents adopted to regulate one issue are combined, and in this context a larger document is adopted (unification). In the fourth case, a new legal act is drawn up on the basis of a generalization of existing legal norms, changes in their content and, finally, ends with the adoption of new legal norms (amendments).

Another feature of drafting legislation is that it is connected with normative legal acts, and it is not without reason that this process is called “comparison of legislation” or “comparison of normative legal acts”. In general, the concept of regulation is associated with legislation and implies regulation of legislation.

The formation of legislation is the main condition for effective legal regulation, eliminating shortcomings and conflicts. As one of the forms of lawmaking, regulation of legislation plays an important role in the development of lawmaking activities. The question that arises here is: is drafting legislation a form of lawmaking? To answer this question, let us analyze the concept of “legislation” and its relationship with the “legislative mechanism”. Currently, lawmaking occupies a key position in legal science.

Lawmaking is the process of creating new laws, new regulations, new legal norms and concepts, adapting them to the new requirements of society, eliminating legal norms that are not adapted to new conditions, that is, replacing old norms with new ones.

In other words, lawmaking creates, shapes and formalizes law. Legislation is the initial stage of the life of law and collects impulses that influence the movement of law.

Therefore, the study of these issues from a legal point of view is considered important.

**Keywords:** Law, legislation, law-making activity, problem, device, theory of jurisprudence, theory of state and law, phenomenon, analysis, elimination of shortcomings, counteraction, legal technology, information, legal norms, legislative provisions, modernity, new requirements, development of relations.

Дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ имрӯзҳо яке аз вазифаҳои марказиро сифати қонунгузорӣ ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ мутобиқ ташкил менамояд. Дар маҷрои мазкур яке аз василаҳои меҳварии рушди қонунгузории мамлакатро маҳз мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил менамояд. Ҳолати ишорашуда ҳам аз нуқтаи назари доктриналӣ ва ҳам дар амалияи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ инъикоси худро ёфтааст.

Вобаста ба муаммоҳои илмии масоили мураттабсозии қонунгузорӣ асарҳои О.Б. Кудешкина[66], Т.В. Кухарук[67], Н.Т. Леоненко[68], Н.Н. Литягин[69], Е.С. Лутсенко[70], А.В. Малко[71], М.Н. Марченко[72], И.И.

---

[66]Ниг.: Кудешкина О.Б. Систематизация отечественного законодательства: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2002. – 21 с.

[67]Ниг.: Кухарук Т.В. Систематика и систематизация законодательства / Известия вузов. Правоведение. – 1993. – № 5. – С. 119-122.

[68]Ниг.: Леоненко Н.Т. Законодательная техника: учебное пособие. Филиал РАНХиГС, Сибирский институт управления. – Новосибирск: Изд. Сиб.АГС, 2015. – 276 с.

[69]Ниг.: Литягин Н.Н. Организационные предпосылки систематизации законодательства // Журнал российского права. – 2002. – № 4. – С. 29-32.

[70]Ниг.: Луценко Е.С. Систематизация нормативных правовых актов субъектов Российской Федерации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2013. – 21 с.

[71]Ниг.: Малько А.В. Теория государства и права: Учебник для вузов. – М.: Юристъ, 2004. – 304 с.

[72]Ниг.:Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права: Учебник. – М.: Проспект, 2008. – 768 с.; он же. Проблемы теории государства и права: учебник. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Проспект, 2017. – 656 с.

Мозженко[73], А.Р. Нематов[74], В.С. Нерсесянтс[75], И.Б. Орешкина[76], М.М. Рассолов[77], М.З. Раҳимов ва А.Р. Нематов[78], В.И. Риндюк[79], Р.Ш. Шарофзода (Сотиволдиев)[80], А.И. Соболевская[81], А.А. Соловёв[82], В.М. Сирих[83], В.А. Томин[84], Н.Ф. Тоҳиров[85], А.А. Ҳамроев[86], А.Ғ. Холиқзода[87] ва дигарон бахшида шудааст.

Бояд таъкид намуд, ки укуқэҷодкунӣ – ин шакли расмии фаъолияти давлат оиди ба муқарраркунӣ, тағйирдиҳӣ ва бекоркунии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми ҳуқуқэҷодкуниро аз мавқеи анъанавии ҳуқуқӣ, аз мавқеи маърифатию арзёбӣ ва чун раванди маросимӣ (проседурӣ) мавриди таҳлил қарор дода, М.М. Рассолов чунин меҳисобад, ки ҳуқуқэҷодкунӣ танҳо раванди зеҳнӣ (тафаккурӣ) мебошад, ки ба ташаккули меъёри ҳуқуқӣ

---

[73] Ниг.: Мозженко И.И. Принципы систематизации современного российского законодательства // Пробелы в российском законодательстве. Юридический журнал. – 2010. – № 1. – С. 13-16.

[74] Ниг.: Нематов А.Р. Кодификация законодательства в Республике Таджикистан. Монография. – М.: Спутник +, 2008. – 122 с.; он же. Законотворчество в Республике Таджикистан. Монография. – Душанбе: Дониш, 2014. – 152 с.; он же. Общетеоретические проблемы развития законодательства в Таджикистане // Общетеоретические проблемы государства и права в Таджикистане переходного периода. Колл. авт. / Под ред. академика АН Республики Таджикистан, д.ю.н., проф. Ф.Т. Тохирова, д.ю.н. А.Р. Нематова. – Душанбе: Дониш, 2015. – С. 462-494.

[75]Ниг.: Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства: Учебник для вузов. – М., 1999. – 552 с.

[76]Ниг.:Орешкина И.Б. Систематизация нормативных правовых актов Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – 208 с.

[77] Ниг.: Рассолов М.М. Теория государства и права: учебник для вузов. – М.: Юрайт; ИД Юрайт, 2010. – 635 с.

[78] Ниг.: Раҳимов, М.З., Нематов А.Р. Техникаи қонунгузорӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 200 с.

[79] Ниг.: Рындюк В.И. Законодательная техника: понятие и содержание // Молодой ученый. – 2013. – № 8. – С. 302-306.

[80] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. (Шарофзода Р.Ш.) Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳукук. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Империал-Групп, 2010. – Ҷ. 2. – 654 с.; он же. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). – Душанбе: Империал-Групп, 2014. – 720 с.; он же. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – 784 с.; он же. Развитие теоретических взглядов на юридическую технику // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2015. – № 3/12 (189). – С. 168; он же. Основные этапы развития юридической техники // Правовая жизнь. – Душанбе, 2015. – № 2 (10). – С. 12-13; он же. Проблема статуса юридической техники в системе юридических наук // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2015. – № 2/6 (175). – С. 284.

[81] Ниг.: Соболевская А.И. Систематизация законодательства в современной России: дис. … канд. юрид. наук. – СПб., 2008. – 200 с.

[82] Ниг.: Соловьев А.А. Систематизация законодательства о спорте (российский и зарубежный опыт): автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2011. – 55 с.

[83] Ниг.: Сырых В.М. Теория государства и права. – М.: ЗАО Юстицинформ, 2012. – 704 с.

[84] Ниг.: Томин В.А. Юридическая техника: учебное пособие. – Санкт-Петербург: Санкт-Петербургский юридический институт (филиал) Академии Генеральной прокуратуры Российской Федерации, 2015. – 84 с.

[85] Ниг.: Тохиров Н.Ф. Развитие законодательной деятельности в Таджикистане (1917-2007 гг.). Монография. – Душанбе: Эчод, 2009. – 210 с.

[86] Ниг.: Хамраев А.А. Становление и развитие науки юридической техники (на узбекском языке) // Вестник Академии наук Турон, 2021. – № 1. – С. 55-60; он же. Юридическая техника проектов законов (законов) по имплементации норм международного права в законодательство Узбекистана (на узбекском языке) // Вестник Академии наук Турон, 2023. – № 2. – С. 102-110.

[87] Ниг.: Холикзода Абдуманон Гафор. Критерии качества закона: общетеоретическое исследование: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 28 с.

имкон фароҳам меорад. Ғайр аз ин, он раванди вижаи ҳуқуқии ба вуҷуд овардани меъёри ҳуқуқӣ мебошад[88].

Муаллиф ду муносибатро дар тадқиқӣ ин масъала ҷудо кардааст.

Якум, ба тариқи анъанавӣ, мафҳум ва моҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ, чун ҷанбаи иҷтимоӣ ва чун фаъолияти давлатӣ фаҳмида мешавад, ки он маънои воридкунии иродаи давлатро ба қонун дар назар дорад. Дар ҳамин замина муаллиф се тарзи ҳуқуқэҷодкуниро пешниҳод менамояд: а) фаъолияти ҳуқуқмуқарраркунии (ҳуқуқэҷодкунии) мақомоти ваколатдори давлатӣ; б) аз ҷониби мақомоти давлатӣ иҷозат додан ба меъёрҳое, ки новобаста ба онҳо дар намуди одат ва ё аз ҷониби ташкилотҳои ғайридавлатӣ таҳия шудаанд; в) ҳуқуқэҷодкунии бевоситаи халқ дар шакли овоздиҳии умумӣ (референдум). Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии халқ, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ба назар мерасад. Тибқи моддаи 5-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 26 марти соли 2009 субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ инҳо мебошанд: халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, Маҷлиси вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо, раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат). Ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолиятест, ки онро меъёрҳои қонун ба танзим медарорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ раванди мазкур тибқи меъёрҳои Конститутсия, конунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳои оддӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сурат мегирад, тағйир дода мешавад ва қатъ мегардад. Қонунгузор дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчунин фаъолияти субъектони ҳуқуқэҷодкуниро низ муфассал муқаррар намудааст. Умуман фаъолияти қонунэҷодкунӣ бо меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», дастурҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим мегардад.

Дуюм, муаллиф раванди ҳуқукэҷодкуниро чун раванди дарккунӣ – арзёбӣ ва чун раванди маросимӣ тавсиф менамояд, ки дар натиҷаи он меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор таҳия мешаванд. Дар ин мафҳум, ҳуқуқэҷодкунӣ чун раванди дарккунӣ ва арзёбии талаботи ҷомеаи демократӣ, аз ҷониби субъектони ваколатдор ташаккулдиҳии санадҳои ҳуқуқӣ дар асосимаросими муайян дар назар дошта шудааст. Дар чунин муқарраркунӣ, унсурҳои гуногун аз қабили дарккунӣ, омӯзиш ва баҳодиҳии ҳодисаҳо ва равандҳое, ки танзимкунии ҳуқуқиро иҷозат ва

[88] Ниг.: Рассолов М.М. Теория государства и права: учебник для вузов - М.: Юрайт; ИД Юрайт, 2010. - С. 441-445.

талаб менамоянд, муқарраркунии мақомот ва ё дигар субъекте, ки ба қабул намудани ин ё он санади меъёрии ҳуқуқӣ ваколатдор аст, интихоби шакли санади пешниҳодшаванда, тайёркунӣ, қабул ва ё тағйирдиҳии он дар ҳаҷми маросимӣ зарурӣ ва ғ. дар назар дошта мешавад.

Баъзе олимони ҳуқуқшинос ҷонибдори ақидаеанд, ки ҳуқуқэҷодкунӣ «чун фаъолияти мақомоти давлатӣ, ашхоси мансабдор оид ба нашр, коркард ва бекор кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»[89], ва чун «ҳалқаи асосии ибтидоии механизми танзими ҳуқуқӣ»[90] баромад менамояд. Аз пешниҳодҳои мазкур чунин бармеояд, ки давлат меъёрҳои ҳуқуқиро қабул намуда, воситаҳои мураккаби ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳуқуқҳифзкуниро истифода бурда, бо ҳамин роҳ ба рафтори субъектони ҳуқуқӣ таъсир мерасонад.

А.Р. Нематов фаҳмиши анъанавии раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ва ақоиди М.Н. Марченко, О.А. Пучков, А.С. Пиголкин, А.В. Мискевич, И.И. Шувалов, Р.О. Халфина, И.Н. Сенякин, Р.Ш. Шарофзода ва Д.А. Ковачевро таҳлил намуда, ба хулоса мерасад, ки он шакли расмии фаъолияти давлат оид ба муқаррар намудан, тағйир додан ва бекор кардани  меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ба ақидаи ӯ, муносибатҳои мухталиф бо омӯзиши мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ дар бораи серҷабҳагии таъиноти фуксионалии он шаҳодат медиҳад. Мо бо ақидаи муаллиф ҳамфикрем, зеро чун анъана таъиноти ҳуқуқэҷодкунӣ то ба имруз, дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон ва аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҳия ва саҳеҳгардонии меъёрҳои ҳуқуқиро баҳри танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва муқарраркунии ин муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад. Ҳамчунин ҳуқуқэҷодкунӣ бо истифода аз шаклҳои пешбининамудаи қонун анҷом дода мешавад, ки мисоли он худи қонунэҷодкунӣ, ҳуқуқэҷодкунии Президент, Ҳукумат, вазоратҳо ва дигар мақомоти давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Онҳо низ намудҳои мустақили ҳуқуқэҷодкунианд.

Ҳамин тавр, ба ақидаи як қатор олимон, ҳуқуқэҷодкунӣ ба сифати маросими даврӣ ба расмият даровардани фаъолият оид ба ташаккул ва таҳкими иродаи халқ (синф, гурӯҳи иҷтимоӣ) дар санадҳои ҳуқуқӣ роҷеъ ба тағйир додан ва иваз кардани санадҳои мазкур мебошад. Олимони дигар ҳуқуқэҷодкуниро нисбатан васеъ шарҳ медиҳанд. Ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти аз лиҳози ташкилӣ ба расмият даровардаи давлат мебошад, ки ба ошкор сохтани талабот ба танзими меъёрии ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, тибқи талаботи ошкор гардида ба вуҷуд овардани меъёрҳои ҳуқуқии нав, иваз кардану бекор намудани меъёрҳои амалкунанда равона шудааст. Фикру ақидаҳои олимони мазкурро хулоса намуда, метавон гуфт, ки ҳуқуқэҷодкунӣ раванди маърифат ва арзёбии талаботи ҳуқуқии ҷамъият ва давлат, ташаккул ва қабули санадҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектҳои ваколатдор дар доираи маросимҳои дахлдор мебошад.

Ҳуқуқэҷодкунӣ ва мураттабсозии қонунгузорӣ мутақобилаи вижа доранд, ки он дар умумияти масоил зоҳир мегардад. Ногуфта намонад, ки аз лиҳози предмет байни онҳо фарқ вуҷуд дорад. Мураттабсозӣ ихтилофоти

[89] Ниг.: Сырых В.М. Теория государства и права. – М.: ЗАО Юстицинформ, 2012. – С. 175.
[90] Ниг.: Научные основы советского правотворчества / Отв. ред. Халфина Р.О. – М.: Наука, 1981. – С. 7.

қонунгузориро ошкор ва рафъ месозад, онро танзим менамояд. Хусусияти ҳуқуқэҷодкунии мураттабсозии қонунгузорӣ аҳамияти онро назаррас зиёд мекунад.

Дар ҳақиқат, қонунгузории давлат анбӯҳи азими санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки дар давраҳои мухталиф қабул шудаанд, тадриҷан зарурати танзим, ба қайдгирӣ ва ба ҳам овардани онҳо дар асоси таснифи муайян ба миён меояд. Ба иҷрои ин вазифа мураттабсозии қонунгузорӣ чун фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ оид ба танзим ва ба низоми ягона созгор овардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Ҳуқуқэҷодкунӣ ва мураттабсозии қонунгузорӣ дар ҳолати рушди доимӣ қарор доранд. Ҳуқуқэҷодкунӣ дар марҳилаҳои муайян истода наметавонад, бо сабаби мутаҳаррикии робитаҳои иҷтимоӣ, ба вуҷуд омадани талаботи нави ҳаёти ҷамъиятӣ, ки танзими ҳуқуқиро тақозо мекунад, ҳамеша дар ҳаракат аст. Муқаррар кардани таносуби байни ҳуқуқэҷодкунӣ ва мураттабсозии қонунгузорӣ хело муҳим мебошад.

Ба фикри Н.Н. Литягин, мураттабсозии қонунгузориро дар ду самт баррасӣ кардан лозим аст: ҳуқуқэҷодкунӣ ва иттилоотию ҳуқуқӣ. Агар ба қайдгирию инкорпоратсияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мӯҳтавои меъёрҳои ҳуқуқиро тағйир надиҳанд ва ба фаъолияти иттилоотию ҳуқуқӣ мансуб бошанд, пас муттаҳидсозию тадвин (консолидатсия ва кодификатсия) ба танзиму такмили санадҳои қонунгузорӣ, коркарди мӯҳтавои онҳо равона шудаанд, бинобар ин як қисми фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба ҳисоб меравандѕ[91].

Ин фикрро ҷонибдорӣ намуда, Д.А. Казаков низ таъкид менамояд, ки мураттабсозии қонунгузорӣ дорои хосияти ҳуқуқэҷодкунӣ аст. Ин хусусият дар самтгирии он ба танзиму такмили қонунгузорӣ, қабули санадҳои муттаҳидсохта ва тадвиншуда, ки санадҳои қаблан нашршударо аз рӯи ҳамон як предмети танзими ҳуқуқӣ муттаҳид месозанд, ошкор мешавад. Ба фикри муаллиф ба қайдгирию инкорпоратсияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мӯҳтавои меъёрҳои ҳуқуқиро тағйир намедиҳанд, зеро фаъолияти иттилоотии ҳуқуқӣ мебошанд ва танҳо коркарди берунаи маводи меъёриро бидуни тасҳеҳи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ мекунад[92].

Бинобар ин метавон гуфт, ки мураттабсозии қонунгузорӣ то андозае фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ низ мебошад. Мо, ҷонибдори ақидаи мазкур мебошем, зеро раванди кодификатсия ва консолидатсия шаклҳои мустақили мураттабсозии қонунгузорӣ ба ҳисоб мераванд. Агар дар раванди кодификатсия чун шакли мураттабсози қонунгузорӣ мазмуни дохилии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сифатан тағйир дода шуда, меъёрҳои нави ҳуқуқ эҷод карда шаванд, пас дар раванди консолидатсия якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқии мансуб ба як масъала бо ҳам муттаҳид гашта, дар заминаи он, як санади нав қабул карда мешавад.

---

[91] Ниг.: Литягин Н.Н. Организационные предпосылки систематизации законодательства // Журнал российского права. – 2002. – № 4. – С. 30.

[92] Ниг.: Казаков Д.А. Систематизация российского законодательства на основе использования современных информационных технологий: Дисс. …канд. юрид. наук. – М., 2007. – С. 40.

**Адабиёт:**


1. Казаков Д.А. Систематизация российского законодательства на основе использования современных информационных технологий: дисс. …канд. юрид. наук. – М., 2007. – С. 40.

2. Кудешкина О.Б. Систематизация отечественного законодательства: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2002. – 21 с.

3. Кухарук Т.В. Систематика и систематизация законодательства / Известия вузов. Правоведение. – 1993. – № 5. – С. 119-122.

4. Леоненко Н.Т. Законодательная техника: учебное пособие. Филиал РАНХиГС, Сибирский институт управления. – Новосибирск: Изд. Сиб.АГС, 2015. – 276 с.

5. Литягин Н.Н. Организационные предпосылки систематизации законодательства // Журнал российского права. – 2002. – № 4. – С. 29-32.

6. Луценко Е.С. Систематизация нормативных правовых актов субъектов Российской Федерации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2013. – 21 с.

7. Малько А.В. Теория государства и права: Учебник для вузов. – М.: Юристъ, 2004. – 304 с.

8. Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права: Учебник. – М.: Проспект, 2008. – 768 с.

9. Мозженко И.И. Принципы систематизации современного российского законодательства // Пробелы в российском законодательстве. Юридический журнал. – 2010. – № 1. – С. 13-16.

10. Научные основы советского правотворчества / Отв. ред. Халфина Р.О. – М.: Наука, 1981. – С. 7.

11. Нематов А.Р. Кодификация законодательства в Республике Таджикистан. Монография. – М.: Спутник +, 2008. – 122 с.;

12. Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства: Учебник для вузов. – М., 1999. – 552 с.

13. Орешкина И.Б. Систематизация нормативных правовых актов Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – 208 с.

14. Рассолов М.М. Теория государства и права: учебник для вузов. – М.: Юрайт; ИД Юрайт, 2010. – 635 с.

15. Раҳимов, М.З., Нематов А.Р. Техникаи қонунгузорӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 200 с.

16. Рындюк В.И. Законодательная техника: понятие и содержание // Молодой ученый. – 2013. – № 8. – С. 302-306.

17. Сотиволдиев Р.Ш. (Шарофзода Р.Ш.) Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқук. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Империал-Групп, 2010. – Ҷ. 2. – 654 с.

18. Сотиволдиев Р.Ш. (Шарофзода Р.Ш.) Назарияи давлат ва ҳуқуқ (китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). – Душанбе: Империал-Групп, 2014. – 720 с.

19. Сотиволдиев Р.Ш. (Шарофзода Р.Ш.) Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – 784 с.

20. Сотиволдиев Р.Ш. (Шарофзода Р.Ш.) Развитие теоретических взглядов на юридическую технику // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2015. – № 3/12 (189). – С. 168

21. Сотиволдиев Р.Ш. (Шарофзода Р.Ш.) Основные этапы развития юридической техники // Правовая жизнь. – Душанбе, 2015. – № 2 (10). – С. 12-13.

22. Соболевская А.И. Систематизация законодательства в современной России: дис. … канд. юрид. наук. – СПб., 2008. – 200 с.

23. Соловьев А.А. Систематизация законодательства о спорте (российский и зарубежный опыт): автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2011. – 55 с.

24. Сырых В.М. Теория государства и права. – М.: ЗАО Юстицинформ, 2012. – 704 с.

25. Томин В.А. Юридическая техника: учебное пособие. – Санкт-Петербург: Санкт-Петербургский юридический институт (филиал) Академии Генеральной прокуратуры Российской Федерации, 2015. – 84 с.

26. Тохиров Н.Ф. Развитие законодательной деятельности в Таджикистане (1917-2007 гг.). Монография. – Душанбе: Эчод, 2009. – 210 с.

27. Хамраев А.А. Становление и развитие науки юридической техники (на узбекском языке) // Вестник Академии наук Турон, 2021. – № 1. – С. 55-60.

28. Холикзода Абдуманон Гафор. Критерии качества закона: общетеоретическое исследование: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 28 с.

# АСОСҲОИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

**Собирзода Аловуддин Ҷабор,**
Акдемияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини сардор оид ба қисми низомӣ, полковники милитсия
**Тел.:** +992 992 69 18
**E-mail:** sobirzoda76@bk.ru

**Роҳбари илмӣ:** Азиззода У., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Мансурзода А.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақола мазкур асосҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мавриди матраҳ гардидаанд. Дар натиҷаи таҳлил асоснок гардидаст, ки муқаррарнамоӣ ва дар амал татбиқ намудани кафолатҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз мукаммалии қонунгузории соҳа вобаста мебошад. Ҳар қадаре ки қонунгузории кишвар дар самти ҳифзи иҷтимоӣ такмилёфта бошад, ҳамон қадар кафолату имтиёзҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар сатҳи баланд амалӣ мешаванд.

**Вожаҳои калидӣ:** Сиёсати давлатӣ, сиёсати ҳуқуқӣ, ҳуқуқ, кафолат, мақомоти корҳои дохилӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, имтиёзҳо.

# ОСНОВЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В НАПРАВЛЕНИИ СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ СОТРУДНИКОВ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ

**Собирзода Аловуддин Джабор,**
Акдемия МВД Республики Таджикистан, заместитель начальника по военной части, полковник милиции
**Тел.:** +992 992 69 18
**E-mail:** sobirzoda76@bk.ru

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются основы государственной политики Республики Таджикистан в направлении социальной защиты сотрудников органов внутренних дел. В результате анализа обосновано, что регулирование и реализация социальных гарантий сотрудников органов внутренних дел зависит от полноты законодательства отрасли. Чем больше совершенствуется законодательство страны в сфере социальной защиты, тем на высоком уровне реализуются социальные гарантии и льготы сотрудников органов внутренних дел.

**Ключевые слова:** Государственная политика, правовая политика, право, гарантия, органы внутренних дел, социальная защита, льготы.

## FUNDAMENTALS OF STATE POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE DIRECTION OF SOCIAL PROTECTION OF EMPLOYEES OF INTERIOR AFFAIRS BODIES

**Sobirzoda Alovuddin Jabor,**
Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Deputy Head of Military Unit, Colonel of Police
**Phone:** +992 992 69 18
**E-mail:** sobirzoda76@bk.ru

**Abstract:** This article discusses the fundamentals of the state policy of the Republic of Tajikistan in the direction of social protection of employees of internal affairs bodies. As a result of the analysis, it is substantiated that the regulation and implementation of social guarantees for employees of internal affairs bodies depends on the completeness of the industry legislation. The more a country's legislation in the field of social protection is improved, the higher the level of social guarantees and benefits for employees of internal affairs bodies are implemented.

**Key words:** Public policy, legal policy, law, guarantee, internal affairs bodies, social protection, benefits.

Тоҷикистон дар сатҳи конститутсионӣ ҳамчун давлати иҷтимоӣ эълон гардида, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани он давлат сиёсати иҷтимоиро роҳандозӣ менамояд, ки он аз функсияи иҷтимоии давлат бармеояд. Функсияи иҷтимоии давлат пеш аз ҳама, ба фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои рушди ҳама ва таъмини сатҳи шоистаи зиндагии инсон нигаронида шудааст. Дар Тоҷикистон сиёсати муваффақи иҷтимоӣ роҳандозӣ гардидааст, ки ҷузъи таркибии онро ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ (минбаъд – МКД) ташкил медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки баъди соҳибистиқлол шудани ҶТ бо назардошти гузариш аз як сохти иҷтимоӣ ба сохти иҷтимоии дигар, куллан дигаргуншавии муносибат ва арзишҳои нави ҷомеа зарурати мувофиқгардонии сохтори давлатӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии он ба шароити нави идоракунӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва давлатдорӣ ба миён омад. Дар давраи истиқлоли давлатии ҶТ ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат ва ҷомеа эътироф гардид. Гузоштани масъалаҳои иҷтимоиро дар мадди аввали сиёсати давлати навбунёд таъмини амният ва некӯаҳволии ҷомеа талаб мекарданд. Ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои иҷтимоӣ аз таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ вобаста мебошад[93].

[93] Малоҳати Р. Асосҳои назариявии рушди сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/1 (58). – С. 446.

Яке аз бахшҳои муҳими сиёсати давлатии ҶТ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД ин таъмини кормандон бо манзили истиқоматӣ мебошад. Ин масъала ҳануз дар Қонуни ҶТ "Дар бораи милитсия" аз соли 1992 чунин муқаррар шуда буд: мақомот ва муассисаҳои милитсия ҳуқуқ доранд барои кормандони худ, ки эҳтиёҷмандони беҳтар намудани шароити манзил мебошанд аз ҳисоби маблағҳои буҷети дахлдор бо минбаъд пардохт намудани панҷоҳ фоизи арзиши он аз ҷониби корманди милитсия манзилгоҳ харанд[94]. Шахсоне, ки аз тарафи мақомоти милитсия ба кор қабул карда шудаанд, ки бо хонаи истиқоматӣ, биноҳои истиқоматии хизматӣ дар шакли квартира ё хонаи алоҳида таъмин карда нашудаанд, бояд тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун аз тарафи мақомоти маҳаллии хокимияти давлатӣ ва ба нозирони участкавии милитсия – на дертар аз шаш моҳ аз лаҳзаи ба вазифа омаданашон дода шаванд[95]. Дар Қонуни ҶТ "Дар бораи милитсия" аз соли 2004 моддаи 27, ки аз 6 қисм иборат аст пурра ба масъалаи таъмини кормандони милитсия бо манзил бахшида шудааст. Дар он имтиёзҳо ва кафолатҳои гуногун оид ба дастрас намудани манзили истиқоматӣ муқаррар гардидааст, ки аз сиёсати муваффақи ҶТ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дарак медиҳад. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки масъалаи бо манзили истиқоматӣ таъмин намудани кормандони МКД ҳанӯз аз солҳои аввали истиқлоли давлатӣ дар меҳвари сиёсати роҳбари давлат қарор дошт. Дар ин хусус Пешвои миллат дар яке аз суханронияшон таъкид намудаанд, ки "Дар ин муддат беш аз 750 нафар корманд ва оилаҳои бесаробонмондаи кормандони милитсия бо манзили истиқоматӣ ва зиёда аз 3000 нафар бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин карда шуданд. Аз ҷумла, имрӯз (10.11.2021) дар рӯзи иди касбӣ боз 40 нафар корманди милитсия дар шаҳри Душанбе соҳиби манзили истиқоматӣ гардиданд. Ҳоло дар пойтахти мамлакат сохтмони боз як бинои истиқоматии бисёрошёна барои кормандони МКД идома дорад"[96].

Маврид ба зикр аст, ки масъалаи манзили кормандони МКД доимо дар маркази сиёсати давлатӣ қарор дошт ва давлату ҳукумати ҶТ минбаъд низ ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Пешвои миллат дар сафарҳои кории худ ба шаҳру ноҳияҳои ҶТ дар баробари дигар иншоотҳо, биноҳои хизматии кормандони МКД-ро низ мавриди истифода қарор медиҳанд. Аз ҷумла, санаи 30.03.2023 дар шаҳри Истиқлол хонаҳои истиқоматии хизматии кормандони шуъбаи ВКД дар шаҳри Истиқлол аз ҷониби Пешвои миллат ифтитоҳ гардид. Бинои истиқоматӣ аз 5 ошёна иборат буда, дар он барои зисту зиндагии кормандони мақомоти милитсия тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, тамоми хонаҳо бо лавозимоти рӯзгор, аз қабили яхдон, мошинаи ҷомашӯӣ, телевизор, қолину дигар ашёҳо муҷаҳҳаз буда, хонаҳо пурра аз таъмир

---

[94] Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» аз 2 майи соли 1992, №650.

[95] Кудратов М.О., Махмудов М.А. Понятие правовой и социальной защиты сотрудников милиции (полиции) // Номаи донишгоҳ. – 2015. – № 4 (45). – С. 50.

[96] Иштирок дар чорабинии тантанавӣ ба муносибати "Рӯзи милитсияи тоҷик", 10.11.2021 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи мурочиат: 11.03.2023).

бароварда шудааст. Бинои мазкур дорои 55 хона буда, аз ин 40 хонаи истиқоматӣ 2-ҳуҷрагӣ ва 10 хонаи дигар 1-ҳуҷрагӣ мебошад.

Масъалаи муҳими дигар дар сиёсати давлатии ҶТ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД ин музди меҳнат ба ҳисоб меравад. Кормандони мақомот вазифаҳои хатарнокро иҷро намуда, пайваста ба саломатию ҳаёти худ таваккал менамоянд, аз ин рӯ, онҳо бояд бо музди меҳнати қонеъкунанда таъмин карда шаванд. Ба андешаи А.А. Набока, унсури муҳими дастгирии иҷтимоии кормандони МКД музди меҳнати онҳо мебошад, ки дар шакли кӯмакпулӣ сурат мегирад. Ба ёрдампулии кормандон инҳо дохил мешаванд: музди меҳнат барои вазифаи ишғолкарда, маоши рутбаи махсус; мукофотпулии фоизӣ барои солҳои кор; мукофотпулиҳои фоизӣ барои дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ; ёрдампулӣ ва дигар пардохтҳои иловагӣ. Таъминоти пулии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ барои баланд бардоштани нуфузи хизмат, инчунин таҳкими интизом ва қонунияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аҳамияти калон дорад[97].

Давлату ҳукумати ҶТ ба ин масъалаи муҳим таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, қариб дар ҳар як суханронӣ ва паёмҳои Пешвои миллат ин масъала ба миён гузошта мешавад. Аз ҷумла, Пешвои миллат дар суханронии худ бахшида ба "Рӯзи милитсияи тоҷик" санаи 10.11.2021 иброз доштанд, ки "Ҳукумати мамлакат барои зина ба зина беҳтар намудани шароити хизмат ва зиндагии кормандон, баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии ҳайати шахсӣ ва тақвият бахшидани заминаҳои моддиву техникии мақомоти милитсия тадбирҳои муассир меандешад. Танҳо дар даҳ соли охир ҳаҷми маблағгузории мақомоти милитсия аз ҳисоби буҷети давлат беш аз 150 фоиз афзуда, музди меҳнати кормандон ба ҳисоби миёна се баробар зиёд карда шуд"[98]. Қонуни ҶТ "Дар бораи милитсия" аз соли 2004 дар моддаи 21 масъалаи пардохти музди меҳнати кормандони милитсияро муқаррар кардааст.

Ғайр аз ин, сиёсати давлатии ҶТ-ро дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД, махсусан дар бахши музди меҳнат қариб дар Паёмҳои ҳарсолаи Президенти кишвар мушоҳида кардае мумкин аст. Пешвои миллат дар Паёмҳои ҳарсолаи худ ҷиҳати баланд бардоштани музди меҳнати кормандони МКД пешниҳодҳо манзур менамоянд. Аз ҷумла, дар Паёми ҷамъбастии соли 2021 таъкид гардидааст, ки "Ҳалли саривақтии масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароит ҷиҳати зиндагии арзандаи мардум, аз ҷумла бо роҳи мунтазам таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, зиёд намудани ҳаҷми даромади аҳолӣ, баланд бардоштани музди меҳнати кормандон, нафақа ва стипендияҳо аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин дар ин давра мебошанд. Бо дарназардошти ин ва бо мақсади тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод менамоям, ки аз 1-уми январи соли 2022 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни

[97] Набока А.А. Особенности социальной защиты сотрудников органов внутренних дел Российской Федерации // Административное право / Административная деятельность полиции. – 2020. – № 4. – С. 56.
[98] Иштирок дар чорабинии тантанавӣ ба муносибати "Рӯзи милитсияи тоҷик", 10.11.2021 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 11.03.2023).

ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад”[99]. Чунин пешниҳоди Президенти кишвар дар Паёми соли 2022 низ ба назар мерасад[100]. Масалан, дар ин робита Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» 6 феврали соли 2023, № 526 ба тасвиб расида[101], тибқи он аз 1 марти соли 2023 маоши вазифавии хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ба андозаи 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот ба андозаи 20 фоиз зиёд карда шуданд.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки масъалаи музди меҳнат пайваста мавриди таваҷҷуҳи давлату ҳукумат ва роҳбарияти ҶТ қарор дошта, дар сиёсати иҷтимоии кишвар мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Сиёсати иҷтимоии кишвар баҳри баланд бардоштани музди меҳнати кормандон, беҳтар намудани шароити онҳо равона карда шудааст. Таваҷҷуҳи Пешвои миллат нисбат ба масъалаи музди меҳнати кормандони МКД дар он ифода мегардад, ки дар ҳар як пешниҳод худ нисбат ба дигар сохторҳо музди меҳнати кормандони МКД-ро нисбатан баланд ва муҳлати татбиқи онро нисбатан барвақтар арзёбӣ мекунанд.

Бояд тазаккур дод, ки кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, фароҳам овардани шароитҳои мусоид, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо, ҳадафҳои асосии қонунгузорӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ маҳсуб ёбанд, вазифаҳои асосии қонунгузорӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз фароҳам овардани шароитҳои зарурии ҳуқуқӣ ҷиҳати таъмин намудани мутобиқати манфиатҳои онҳо, инчунин танзими муносибатҳои иҷтимоии кормандони МКД ва дигар муносибатҳо оид ба ташкил ва идоракунии он, татбиқи қонунгузорӣ оид ба он, назорати давлатӣ ва ҷамъиятии риояи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, баррасии баҳсҳои бавуҷудомада ва ғайра иборат аст.

Дар сиёсати давлатии ҶТ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД ҳавасмандгардонии кормандон ва қадрдонии онҳо бо медалу орденҳо ва рутбаҳои давлатӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Асоси самаранокии дилхоҳ фаъолиятро маҳз қадр кардан ва ҳавасманд гардонидани фаъолияти кормандон ташкил медиҳад. Аз ин ҷост, ки давлату ҳукумати ҶТ ба ин масъала таваҷҷуҳи беандоза зоҳир намуда, дар ҳар маросимҳои тантанавӣ қисме аз кормандони мақомот барои шуҷоату мардонагӣ ва хизматҳои шоиста бо ордену медалҳо ва рутбаҳои давлатӣ

---

[99] Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21.12.2021 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 11.03.2023).

[100] Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23.12.2022 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 11.03.2023).

[101] Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» 6 феврали соли 2023, № 526 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 11.03.2023).

қадрдонӣ карда мешаванд. Пешвои миллат дар ин робита таъкид кардаанд, ки “Бо фармонҳои Президенти мамлакат дар даврони истиқлол 100 нафар бо рутбаҳои олии афсарӣ ва 670 нафар бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шудаанд”[102].

Ба андешаи В.Б. Юлия, тадқиқотҳои зиёде мавҷуданд, ки нақши ҳалкунанда доштани ҳавасмандгардонӣ ва дигар кафолатҳои иҷтимоие, ки ба кормандони ташкилотҳои шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ, аз ҷумла хизматчиёни давлатӣ дода мешаванд, дар нақшаи беҳтар намудани натиҷаҳои кор ва самаранокии фаъолияти меҳнатии кормандонро исбот менамоянд[103]. Маҳз чунин нақши калон доштани ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии кормандонро дарк намуда, ҶТ бахше аз сиёсати худро ба ин масъала равона кардааст. Дар кишвар ҳарсола маросимҳои тантанавии супоридани мукофотҳои давлатӣ ба кормандони МКД сурат мегирад. Аз ҷумла, яке аз чунин маросимҳо санаи 30.08.2022 баргузор гардидааст, ки дар он барои дастовардҳои баланди хизматӣ ва фаъолияти самаранок, бештар аз 180 нафар роҳбарону намояндагони мақомоти қудратӣ, низомӣ, амниятӣ ва судии кишвар аз ҷониби Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мукофотҳои давлатии ҶТ, аз ҷумла 3 нафар бо унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, 1 нафар бо ордени Спитамен дараҷаи 1, 13 нафар бо ордени Спитамен дараҷаи 2, 1 нафар бо ордени Шараф дараҷаи 1, 10 нафар бо ордени Шараф дараҷаи 2, 42 нафар бо медали Ҷасорат, 61 нафар бо медали Хизмати шоиста, 2 нафар бо медали Шафқат, 1 нафар бо медали Марзбони шуҷои Тоҷикистон, 23 нафар бо Ифтихорномаи ҶТ, қадрдонӣ шуданд[104]. Маврид ба зикр аст, ки чунин маросим ҳамзамон санаи 21.02.2023 сурат гирифтааст[105], ки дар он бисёре аз кормандони МКД бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Масъалаи мазкур дар Қонуни ҶТ “Дар бораи милитсия” муқаррар нашуда бошад ҳам, вале дар Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи МКД ҶТ[106] бисёр хуб муқаррар гардидааст. Дар қисми 29 санади мазкур қайд гардидааст, ки барои намунавор иҷро намудани вазифаҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои баланд дар хизмат, барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ намудҳои зерини ҳавасмандкунӣ пешбинӣ мешавад: сарфароз намудан бо унвонҳои ифтихории ҶТ; мукофотонидан бо яроқи хосаи инъомӣ; мукофотонидан бо грамотаи фахрӣ; дохил намудан ба «Китоби (ё Лавҳаи) фахрӣ; пеш аз мӯҳлат додани

---

[102] Иштирок дар чорабинии тантанавӣ ба муносибати “Рӯзи милитсияи тоҷик”, 10.11.2021 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 11.03.2023).

[103] Юлия В.Б. Государственная социальная политика в органах внутренних дел и методология ее формирования и реализации в системе обеспечения экономической безопасности // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2015. – №47. – С. 29.

[104] Маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ, 30.08.2022 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 11.03.2023).

[105] Тақдими мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои навбатии ҳарбӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, 21.02.2023 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 11.03.2023).

[106] Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2005, № 137 тасдиқ шудааст // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://mvd.tj/index.php/ru/ (санаи муроҷиат: 19.02.2022).

рутбаи махсуси навбатӣ; додани рутбаи махсус ба як зина боло нисбати рутбаи пешбинишудаи вазифаҳои кории ишғолкардаашон; мукофотонидан бо нишонаҳои сарисангӣ; мукофотонидан бо тӯҳфаи қимматбаҳо; додани мукофоти пулӣ; миннатдорӣ баён намудан.

Ҳамин тавр, аз таҳлили андешаҳои боло бармеояд, ки дар самаранокии фаъолияти кормандони МКД нақши ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии онҳо калон мебошад. Аз ин рӯ, ҶТ ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро дар сиёсати давлатии худ мустаҳкам кардааст. Дар кишвар зимни татбиқи сиёсати давлатӣ номгуи мухталифи ҳавасмандгардониҳо, аз ҷумла мукофотҳои давлатию рутбаҳои хизматӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шуда, дар чорабиниҳои тантанавӣ аз ҷониби Президенти кишвар ба кормандони МКД сафароз гардонида мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки муқаррарнамоӣ ва дар амал татбиқ намудани кафолатҳои иҷтимоии кормандони МКД аз мукаммалии қонунгузории соҳа вобаста мебошад. Ҳар қадаре ки қонунгузории кишвар дар самти ҳифзи иҷтимоӣ такмилёфта бошад, ҳамон қадар кафолату имтиёзҳои иҷтимоии кормандони МКД дар сатҳи баланд амалӣ мешаванд. Бинобар ин, бахши дигари сиёсати давлатии ҶТ-ро дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД islоҳоти қонунгузории соҳа ташкил медиҳад. Дар ин самт низ давлату ҳукумати кишвар бетараф набуда, баръакс тамоми кушишу имконияти худро равона кардааст. Тавре муҳаққиқони ватанӣ қайд мекунанд, низоми ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД ҶТ ҳамчун ташкилоти серзинагӣ, бисёрфунксионӣ ва мураккаб ташаккул ёфтааст[107].

Аз солҳои аввали соҳибистиқлолии ҶТ дар кишвар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд қабул карда шуда, марҳила ба марҳила мавриди такмилёбӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, соли 1992 Қонуни ҶТ “Дар бораи милитсия” қабул карда шуда, соли 2004 амал кард ва аз соли 2004 қонуни нав қабул гардида, то кунун амал карда истодааст. Санади мазкур дар низоми асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД мавқеи марказиро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, масъалаи такмил додани он борҳо мавзуи маҷлисҳои Ҳукумати ҶТ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, санаи 25.10.2017 дар маҷлиси Ҳукумати ҶТ лоиҳаи Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» муҳокима гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ пешниҳод карда шудааст. Чунин лоиҳаи қонун санаи 28.09.2020 низ дар маҷлиси Ҳукумати ҶТ мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Ҷиҳати такмили сохтор, фаъолият ва ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсия ҶТ сиёсати давлатии худро ҳамзамон дар шакли стратегия ва барномаҳои давлатӣ ба роҳ мондааст. Ҳадафи асосии чунин санадҳо ислоҳоти милитсия дар кишвар ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, санаи 30.04.2014 дар маҷлиси Ҳукумати ҶТ Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020 тасдиқ карда мешавад. Барномаи мазкур то соли 2020 амал карда, дар такмилёбии бисёре аз паҳлуҳои фаъолияти

[107] Кудратов М.О., Махмудов М.А. Понятие правовой и социальной защиты сотрудников милиции (полиции) // Номаи донишгоҳ. – 2015. – № 4 (45). – С. 47.

кормандони милитсия, аз ҷумла ҳифзи иҷтимоии онҳо нақши ҳалкунанда гузоштааст. Мутобиқи банди 53-и Барномаи мазкур, агар корманд аз ҷиҳати моддӣ-маишӣ таъмин набошад, музди меҳнаташ эҳтиёҷоташро қонеъ нагардонад ва аз ҳар гуна сарбории зиёди бемавқеъ озод набошад, ӯ фаъолияти хизматиашро пурра иҷро карда наметавонад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул карда мешаванд, ки ҳар роҳбари зинаҳои гуногуни фаъолияти милитсия натавонад аз пеши худ бемавқеъ ва безарурати воқеӣ реҷаи пурзӯри хизматро эълон намояд[108]. Маврид ба ёдоварист, ки бо ин сиёсати давлатӣ дар бахши ислоҳоти фаъолият ва ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсия ба анҷом нарасида, баръакс марҳила ба марҳила татбиқ карда мешавад. Барои бо маром идома додани ислоҳот дар ин самт санаи 31.05.2021 дар маҷлиси Ҳукумати ҶТ масъалаи Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 мавриди муҳокима қарор гирифт.

Сиёсати давлатии ҶТ дар самти ислоҳоти милитсия на танҳо дар шакли барномаҳои давлатӣ, балки дар сатҳи стратегӣ низ ба амал бароварда шудааст. Аз ҷумла, бо Фармони Президенти ҶТ аз 19 марти соли 2013, №1438[109]. Стратегияи ислоҳоти милитсия дар ҶТ барои солҳои 2013-2020 тасдиқ карда шудааст. Татбиқи Стратегия бо ҳалли вазифаҳои афзалиятноки соҳаи сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар алоқаманд аст. Он ба рӯҳияи муҳимтарин вазифаҳои афзалиятноки рушди Тоҷикистон, ки арзиши давлатӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим доранд, таҷассумгари равиши сифатӣ ва рамзи тафаккури муосири таъмини ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд мувофиқат мекунад. Дар стратегия инчунин даъват карда шудааст, ки таҷрибаи дурусти ҳалли масъалаҳо ва татбиқи таҷрибаи пешқадам дар ин самт ба инобат гирифта, аз таърихи гузашта ва фаъолияти милитсия ибрат гирифта, ба дурнамои рушди он кор бурда шавад[110]. Р.М. Раҷабзода ва А.М. Мансурзода пешниҳод намудаанд, ки зимни такмили минбаъда ё таҳияи Стратегияи нави ислоҳоти милитсия таносуби арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ бо назардошти вусъати ихтилофоти фарҳангӣ-тамаддунӣ дар ҷомеаи мутамаддин, ҷаҳонишавӣ, таъсири давлатҳои абарқудрат ва ширкатҳои молиявию иқтисодии фаромиллӣ ба инобат гирифта шавад[111]. Стратегияи мазкур, татбиққунандаи сиёсати давлатӣ дар самти ислоҳоти милитсия ва ҳифзи иҷтимоии кормандони он ба ҳисоб рафта, то соли 2020 дар такмилёбии ҷанбаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоии кормандони милитсия нақши муассир гузоштааст. Бояд гуфт, ки аз анҷомёбии мӯҳлати амали Стратегия якчанд сол сипарӣ шудааст, вале то кунун Стратегияи нав дар ин хусус тасдиқ

[108] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 211 дар бораи «Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025» [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 11.03.2023).

[109] Стратегияи ислоҳоти милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020 аз 18 марти соли 2013, №1438// Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶумҳурииТоҷикистон«Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи ҶумҳурииТоҷикистон. Душанбе, 2022. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM). (санаи муроҷиат: 27.05.2022).

[110] Давлатшоева А.Ш. Приоритеты и стратегические направления реформирования милиции в современных условиях развития общества в Республике Таджикистан // Сетевое издание «Академическая мысль». – 2017. – № 1. – С. 9.

[111] Раҷабзода Р.М., Мансурзода А.М. Стратегияи ислоҳоти милитсия ва тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – № 2 (50). – С. 41.

карда нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки "Стратегияи ислоҳоти МКД ҶТ барои солҳои 2023-2030" таҳия ва тасдиқ карда шуда, дар он роҳу воситаҳои такмили ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД пешбинӣ карда шаванд.

Сарфи назар аз он, ки Стратегияи нави дар самти ислоҳоти милитсия тасдиқ карда нашудааст, вале дар кишвар санади муҳиме амал мекунад, ки дар миёни заминаҳои ҳуқуқии амаликунандаи сиёсати давлатӣ мавқеи махсусан муҳимро ишғол намуда, масъалаи рушди иҷтимоии кормандони МКД-ро низ фаро мегирад. Ин санади муҳим Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 мебошад, ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ карда шудааст. Дар ин санад асоси консептуализатсияи сиёсати иҷтимоӣ ва истифодаи усули муқоисавӣ самтҳои асосии ташаккул ва рушди сиёсати иҷтимоӣ дар ҶТ дар марҳилаи кунунӣ муайян карда шуданд[112]. Дар ин санад муқаррар шудааст, ки ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон – баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад[113].

Ҳамин тавр, бояд тазаккур дод, ки муқаррарнамоӣ ва дар амал татбиқ намудани кафолатҳои иҷтимоии кормандони МКД аз мукаммалии қонунгузории соҳа вобаста мебошад. Ҳар қадаре ки қонунгузории кишвар дар самти ҳифзи иҷтимоӣ такмилёфта бошад, ҳамон қадар кафолату имтиёзҳои иҷтимоии кормандони МКД дар сатҳи баланд амалӣ мешаванд. Бинобар ин, бахши дигари сиёсати давлатии ҶТ-ро дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД ислоҳоти қонунгузории соҳа ташкил медиҳад. Дар ин самт низ давлату ҳукумати кишвар бетараф набуда, баръакс тамоми кушишу имконияти худро равона кардааст.

**Адабиёт:**


1. Давлатшоева А.Ш. Приоритеты и стратегические направления реформирования милиции в современных условиях развития общества в Республике Таджикистан // Сетевое издание «Академическая мысль». – 2017. – № 1. – С. 9.
2. Кудратов М.О., Махмудов М.А. Понятие правовой и социальной защиты сотрудников милиции (полиции) // Номаи донишгоҳ. – 2015. – № 4 (45). – С. 50.
3. Малоҳати Р. Асосҳои назариявии рушди сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/1 (58). – С. 446.
4. Набока А.А. Особенности социальной защиты сотрудников органов внутренних дел Российской Федерации // Административное право / Административная деятельность полиции. – 2020. – № 4. – С. 56.


[112] Малоҳати Р. Асосҳои назариявии рушди сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/1 (58). – С. 450.

[113] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – С. 6.

5. Раҷабзода Р.М., Мансурзода А.М. Стратегияи ислоҳоти милитсия ва тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – № 2 (50). – С. 41.

6. Юлия В.Б. Государственная социальная политика в органах внутренних дел и методология ее формирования и реализации в системе обеспечения экономической безопасности // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2015. – №47. – С. 29.

# МАФҲУМ ВА ТАСНИФОТИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ ТИБҚИ ВАНДИДОД

**Азимов Фирдавс Акбаралиевич,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
**Тел:** (+992) 207-00-99-96
**E-mail:** azimov.firdavs.1984@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаи мафҳум ва таснифоти ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, андешаи олимони ватанию хориҷӣ ва меъёрҳои Авесторо таҳлил намуда, дар натиҷа мафҳум ва таснифоти ҷавобгарии ҳуқуқиро мутобиқи меъёрҳои Вандидод муайян кардааст. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф ба хулосае омадааст, ки маҷмуи урфу одат ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дар сохти ҷамъиятии ибтидоӣ амал мекард, ки аз меъёрҳои ҳуқуқии «Авесто» сарчашма мегиранд. Ин меъёрҳои ҳуқуқӣ дар яке аз қисмҳои Авесто бо номи Вандидод ё Қонун бар зидди девҳо инъикос гардидааст, ки бевосита масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқиро фаро мегирад. Таҳқиқот нишон дод, ки намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ, ҷиноятӣ, оилавӣ, молиявӣ ва экологӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ амал менамуд.

**Калидвожаҳо:** Мафҳум, таснифот, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқи зардуштӣ, Авесто, Вандидод, ҷавобгарии ҷиноятӣ, гражданӣ, экологӣ, оилавӣ, молиявӣ.

# ПОНЯТИЕ И КЛАССИФИКАЦИЯ ЮРИДИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ПО ВАНДИДАДУ

**Азимов Фирдавс Акбаралиевич,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры прав человека и сравнительного права
**Тел:** (+992) 207-00-99-96
**E-mail:** azimov.firdavs.1984@mail.ru

**Аннотация:** В данной статье обсуждается вопрос понятия и классификации юридической ответственности по Вандидоду. Автор проанализировал мнения отечественных и зарубежных ученых и нормы Авесты, в результате чего определил понятие и классификацию юридической ответственности по нормам Вандидода. В результате исследования автор пришел к выводу, что в первобытном общественном строе действовала совокупность обычаев и правовых норм, берущих свое начало из правовых норм «Авесты». Эти правовые нормы отражены в

одной из частей Авесты под названием «Вандидод» или «Закон против демонов», где непосредственно освещается вопрос юридической ответственности. Исследование показало, что в зороастрийской правовой системе практиковались виды гражданской, уголовной, семейной, финансовой и экологической ответственности.
**Ключевые слова:** Определение, классификация, юридическая ответственность, зороастрийское право, Авеста, Вандидод, уголовная ответственность, гражданская, экологическая, семейная, финансовая.

## CONCEPT AND CLASSIFICATION OF LEGAL RESPONSIBILITY ACCORDING TO VANDIDAD

**Azimov Firdavs Akbaralievich**,
Tajik National University, Faculty of Law, applicant of the Department of Human Rights and Comparative Law
**E-mail:** azimov.firdavs.1984@mail.ru
**Phone:**(+992) 207-00-99-96

**Annotation:** This article discusses the concept and classification of legal liability according to Vandidod. The author analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and the norms of the Avesta, as a result of which he defined the concept and classification of legal liability according to the norms of Vandidoda. As a result of the study, the author came to the conclusion that in the primitive social system there was a set of customs and legal norms, originating from the legal norms of the Avesta. These legal norms are reflected in one of the parts of the Avesta called “Vandidod” or “Law against demons,” which directly addresses the issue of legal liability. The study found that the Zoroastrian legal system practiced types of civil, criminal, family, financial and environmental liability.
**Key words:** Definition, classification, legal liability, Zoroastrian law, Avesta, Vandidod, criminal liability, civil, environmental, family, financial.

Ниҳоди ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар давраи ташаккули давлат ва ҳуқуқ ба вуҷуд омадааст. Замоне, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ мураттаб гардиданд, онҳо аз ҷониби давлат тасдиқ ва иҷозат дода мешуданд. Урфу одатҳо, ки дар шароити сохти ҷамъиятии ибтидоӣ муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекарданд барои ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ замина фароҳам оварданд.

Таваҷҷуҳи назаррас бояд ба ташаккули ниҳоди ҷавобгарии ҳуқуқӣ зоҳир карда шавад, чунки маҷмуи урфу одат ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дар сохти ҷамъиятии ибтидоӣ амал мекард, ки аз меъёрҳои ҳуқуқии «Авесто» сарчашма мегиранд. Ин меъёрҳои ҳуқуқӣ дар яке аз қисмҳои Авесто бо номи Вандидод ё Қонун бар зидди девҳо инъикос гардидааст.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқӣ якҷоя бо ба вуҷуд омадани ҷомеа ба вуҷуд омада буд, ки ба қоидаҳои ахлоқӣ ва одатҳо такя мекард.

Дар як ёдгории дигари шарқӣ Қонуни Ману»-и Ҳиндустон (асри II пеш аз милод ва асри II мелодӣ) ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили давлат, муқобили моликият, шахсият, оила пешбинӣ гардида буд, ки сарчашмаи худро аз Авестои кӯҳан гирифтааст. Барои содир кардани ин гуна ҷиноятҳои давлатӣ ба монанди дуздии хазинаи шоҳон, иҷро накардани фармонҳои шоҳ, дастгирӣ намудани душманони шоҳ «Қонуни Ману» ҷазоҳои гуногун муқаррар намудааст. Ҳамчунин, даромадан ба анбори шоҳ ва дуздии филҳои шоҳ, аспҳо, аробаҳо ҷазо дода мешуданд. Дар ҳарду ҳолат, ба гунаҳгорон ҷазои ҳукми қатл ва ҷарима дода мешуд, ки дар он вақт андозаи ҷарима мушаххас карда нашуда буд. Мусодираи молу мулк ба савдогароне, ки монополияи шоҳро барои савдои баъзе навъҳои мол вайрон мекарданд, таъин карда мешуд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоди мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ аз сӯи З.Х. Зокирзода ба таври комил таҳқиқ гардидааст[114].

Дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ дуздӣ яке аз ҷиноятҳо ба муқобили моликият мебошад, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ муқаррар гардида буд. Вобаста ба ин масъала бояд ишора карда мешавад, ки ҳанӯз дар он замон дӯздӣ ва роҳзанӣ аз ҳам тафовут дошта, ҷавобгарӣ вобаста ба андозаи зарари расонида шуда, таъин карда мешуд.

Р.Ш. Шарофзода қайд менамояд, ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ – намуди ҷавобгарии иҷтимоӣ мебошад, ки барои ҳуқуқвайронкунӣ ва бо истифодаи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектони босалоҳият татбиқ мешавад». Дар идома профессор Р.Ш. Шарофзода ҷавобгарии ҳуқуқиро, пеш аз ҳама, як навъи ҷавобгарӣ ё масъулияти иҷтимоӣ меномад, ки он дар масъулияти шахс дар назди ҷомеа, оила, иттиҳодияҳо ва коллективҳо

---

[114] Ниг.: Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: автореф. дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 29 с.; Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. ...ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 176 с. Ниг.: Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. ...ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 176 с; Зокиров З.Х. История развития уголовного законодательства Республики Таджикистан о конфискации имущества // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2016. – № 2/6 (210). – С. 234–241. Зокиров З.Х. История развития уголовного законодательства Республики Таджикистан о конфискации имущества // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2016. – № 2/6 (210). – С. 234–241; Зокиров З.Х. Конфискация имущества в международных нормативных актах // Вестник Российско-Таджикский (Славянский) университет (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2016. – № 4 (56). – С. 72–77; Зокиров З.Х. Конфискации имущества в уголовном законодательстве России и Центральной Азии // Известия института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2017. – № 3 (1). – 2017. – С. 153–159; Зокиров З.Х. Понятие и признаки конфискации имущества // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2017. – № 2/4. Часть I. – С. 252–257; Зокиров З.Х. Сущность конфискации имущества // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2017. – № 2/4. Часть II. – С. 216–222; Зокиров З.Х. Цель конфискации имущества // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2017. – 2/10. – С. 222–229; Зокиров З.Х. Цель конфискации имущества в теории уголовного права // Вестник Российско-Таджикский (Славянский) университет (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2018. – № 1 (61). – С. 88–95; Зокиров, З.Х., Шарипов Т.Ш. Ташаккул ва инкишофи институти мусодираи молу мулк дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистони Шуравӣ // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2018. – № 3 (31). – С. 70–79; Зокиров З.Х. Мусодираи молу мулк дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ: мафҳум, аломатҳо ва моҳияти он // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2018. – № 4 (32). – С. 77–83; Зокиров З.Х., Носиров Д.Қ. Оид ба масъалаи мусодираи молу мулк дар Конститутсия ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2019. – № 1 (33). – С. 109–116.

ифода меёбад[115]. Ба андешаи С.А. Раҷабзода ҷавобгарии ҳуқуқӣ чораи маҷбурсозии давлатӣ мебошад, ки дар асоси ҳуқуқвайронкунии содиршуда аз ҷониби мақомоти босалоҳияти давлатӣ бо тартиби махсус татбиқ гардида, ба ҳуқуқвайронкунанда маҳрумият ва маҳдудиятҳои шахсӣ, молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро пеш меорад[116]. З.Х. Зокирзода чунин менигорад: " Ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ин чораи маҷбуркунии бо маҳкумкунии давлатии гунаҳгор алоқамандест, ки нисбати ҳуқуқвайронкунанда татбиқ шуда, аз зарурати гирифтор шудан ба маҳрумиятҳои хислати шахсӣ (маҳрум шудан аз озодӣ), молу мулкӣ( мусодираи молу мулк, ҷарима) ва ташкилӣ (маҳрум шудан аз вазифаҳои муайян ё фаъолияти муайян) дошта иборат аст[117].

Р.Ш. Шарофзода мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқиро тавсиф намуда, чунин аломатҳои онро қайд мекунад: «1) ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ҳуқуқвайронкунии содиршуда татбиқ мешавад; 2) ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин муқаррароти дар қонунгузорӣ пешбинишуда мебошад; 3) бо шакл, тартиб ва расмиёти махсус татбиқ карда мешавад; 4) аз ҷониби субъектони махсуси босалоҳияти давлатӣ татбиқ карда мешавад; 5) татбиқнамоии ҷавобгарии ҳуқуқӣ хусусияти императивӣ дорад; 6) ба шахс маҳрумиятҳои муайяни бо қонун муқарраршударо фароҳам меорад; 7) ҷавобгарии ҳуқуқӣ шакли амалӣ гардидани санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқ маҳсуб мешавад; 8) вазъи ҳуқуқии ҳуқуқвайронкунандаро тағйир медиҳад»[118]. Э.С. Насриддинзода ба аломатҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо маҷбурсозии давлатӣ таъмин шудан ва дар шакли мурофиавӣ татбиқ шудани онро илова менамояд[119].

Асосҳои гуногуни таснифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавҷуданд. Баъзе олимон бо нуқтаи назаре, ки мансубияти соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ маҳаки ягонаи таснифи он мебошад норозианд. Масалан, О.Э. Лейст менависад: «Вазифаи аввалиндараҷаи таснифи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ – таснифи васеи ҷавобгарист», мувофиқан ӯ ҷавобгарии ҳуқуқии ҳуқуқбарқароркунанда ва ҷазодиҳандаро ҷудо мекунад[120]. Агар тибқи ақидаи муаллиф дарк намоем, «ҷавобгарии ҳуқуқбарқароркунанда ва ҷазодиҳанда» – ин навъҳои ҷавобгарӣ мебошанд. Дар дигар таҳқиқотҳояш О.Э. Лейст навиштааст: «Шаклҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо мазмуни санксияе муайян карда мешаванд, ки барои ҳуқуқвайронкунӣ истифода мешавад[121]. Санксияҳо мувофиқи усулҳое, ки онҳо баҳри ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ хизмат мекунанд, ба ду шаклҳои асосӣ ҷудо карда мешаванд: санксияҳои ҳуқуқбарқароркунанда барои бартарафкунии зарари бевоситае

---

[115] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2018. – С. 680-684.
[116] Ниг.: Раҷабзода С.А. Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон. Дис. ...ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 24.
[117] Ниг.: Зокирзода, З.Х. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: Ашуриён, 2021. – С. 30.
[118]Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, «Империал груп», 2014. – С. 617-618.
[119] Ниг.: Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе, 2019. – С. 149-150.
[120] Ниг.: Лейст О.Э. Основные виды юридической ответственности за правонарушение // Правоведение. – 1977. – № 3. – С. 28.
[121] Ниг.: Лейст О.Э. Виды юридической ответственности / Общая теория государства и права. Академический курс: в 2–х т. Т. 2. – М., 1998. – С. 602.

равона карда мешавад, ки бо ҳуқуқвайронкунӣ ба тартиботи ҳуқуқӣ расонида шудааст ва санксияҳои ҷазодиҳӣ ё ҷаримавӣ – таъсир ба ҳуқуқвайронкунанда бо мақсади пешгирии умумӣ ва хусусӣ». Дар асоси чунин тасниф на хусусияти таркибии санксияҳо, балки хусусияти функсионалии онҳо ҷой дорад, яъне ҳамон функсияҳое, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро амалӣ мегардонанд.

Ба андешаи С.А. Раҷабзода ба масъалаи таснифи соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд аҳаммияти ҷиддӣ дод, чунки маҳз ҳамин раванд имкон медиҳад, то табиати баъзе шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ пурра ошкор карда шавад[122]. Меъёрҳои муайянкунанда дар таснифи низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба намудҳо хусусиятҳои хос ва усули танзими ҳуқуқӣ мебошанд, ки онҳо имкон медиҳанд низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ, алоқаи он бо низоми ҳуқуқ, мансубияти соҳавии намуди муайяни ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва баҳамворидшавии намудҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда шаванд[123]. Маҳаки маъмули таснифкунандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мансубияти соҳавӣ баромад мекунад ва чи хеле маълум аст, аксари олимон ба ҷудокунии соҳаҳои ҳуқуқ дар асоси фан ва усули танзими ҳуқуқӣ фикрҳои худро баён кардаанд[124]. Меъёри соҳавӣ имкон медиҳад қонунияти умумии рушди ин ё он шакли ҷавобгарии ҳуқуқӣ ошкор шуда, табиати ҳуқуқии он вобаста аз соҳаҳои ҳуқуқ муайян карда шавад. Чи гунае, ки Р.Л. Хачатуров қайд менамояд: «таснифи ҷавобгарӣ вобаста аз мансубияти соҳавӣ барои такмили қонунгузориҳо ва фаъолияти ҳуқуқӣ аҳаммияти бузург дорад. ... вай барои шаҳрвандон дастрас мебошад ва ба сатҳи дарки ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ мусоидат мекунад»[125].

Чунончи, О.Э. Лейст менависад: «Одатан намудҳои ҷавобгарӣ вобаста ба соҳаҳои ҳуқуқ ҷудо карда мешаванд[126]. Аммо чунин тасниф бо сохтори соҳавии ҳуқуқ, пеш аз ҳама, бо он сабабе, ки намудҳои ҷавобгарӣ назар ба соҳаҳои ҳуқуқ камтаранд, мувофиқат намекунад, илова бар ин барои вайрон намудани меъёрҳои ҳуқуқи соҳаҳои гуногун мумкин аст ҷавобгарии ҳамон як намуд истифода шавад[127]. Ба андешаи Р.Ш. Шарофзода дар асоси таснифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаҳои ҳуқуқ дар адабиёти ҳуқуқӣ маъмулан ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, моддӣ ва интизомиро ҷудо мекунанд[128].

---

[122] Ниг.: Раҷабзода С.А. Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон. Дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 27.

[123] Ниг.: Раҷабзода С.А. Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон. Дис. ...ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 26.

[124] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2017. – С. 625-626.; Петров Д.Е. Отрасль права: автореф. дис.... канд. юрид. наук. – Саратов, 2001. – С. 10; Фаткуллин Ф.Н. Проблемы теории государства и права. – Казань: Изд-во казан, ун-та, 1987. – С. 188-189.; Теория государства и права: курс лекций / под ред. Н. И. Матузова и А. В. Малько. – М.: Юрист, 2000. – С. 196.

[125] Ниг.: Хачатуров Р.Л. Понятие системы юридической ответственности // Вестн. Волж. Ун-та им. В. Н. Татищева. Сер. Юриспруденция. – 1998. – Вып. 1. – С. 40.

[126] Ниг.: Лейст О.Э. Основные виды юридической ответственности за правонарушение // Правоведение. – 1977. – № 3. – С. 29

[127] Ниг.: Лейст О.Э. Основные виды юридической ответственности за правонарушение // Правоведение. – 1977. – № 3. – С. 29.

[128]Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. (Китоби дарсӣ.) Ҷилди 2. – Душанбе, 2010. – С. 640.; Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. – Душанбе, 2008. – С. 259; Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе, 2019. – С. 152-153;

Зимни таҳлилу баррасии мавзуи мафҳум ва таснифоти ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод хулосаҳои зерин бароварда шуд:

1. Дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ дузди яке аз ҷиноятҳо ба муқобили моликият мебошад, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ муқаррар гардида буд. Вобаста ба ин масъала бояд ишора карда шавад, ки ҳанӯз дар он замон дӯздӣ ва роҳзанӣ аз ҳам тафовут дошта, ҷавобгарӣ вобаста ба андозаи зарари расонида шуда, таъин карда мешуд.

2. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқӣ якҷоя бо ба вуҷуд омадани ҷомеа ба вуҷуд омада буд, ки ба қоидаҳои ахлоқӣ ва одатҳо такя мекард. Маҷмуи урфу одат ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дар сохти ҷамъиятии ибтидоӣ амал мекард, ки аз меъёрҳои ҳуқуқии «Авесто» сарчашма мегиранд. Ин меъёрҳои ҳуқуқӣ дар яке аз қисмҳои Авесто бо номи Вандидод ё Қонун бар зидди девҳо инъикос гардидааст, ки бевосита масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқиро фаро мегирад.

3. Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ба хулоса омадем, ки намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқии граждани, ҷиноятӣ, оилавӣ, молиявӣ ва экологӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ амал менамуд.

**Адабиёт:**


1. Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: автореф. дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 29 с.
2. Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. ...ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 176 с.
3. Зокирзода, З.Х. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: Ашуриён, 2021. – 40 с.
4. Зокиров З.Х. История развития уголовного законодательства Республики Таджикистан о конфискации имущества // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2016. – № 2/6 (210). – С. 234-241.
5. Зокиров З.Х. Конфискации имущества в уголовном законодательстве России и Центральной Азии // Известия института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2017. – № 3 (1). – 2017. – С. 153-159.
6. Зокиров З.Х. Конфискация имущества в международных нормативных актах // Вестник Российско-Таджикский (Славянский) университет (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2016. – № 4 (56). – С. 72-77.
7. Зокиров З.Х. Мусодираи молу мулк дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ: мафҳум, аломатҳо ва моҳияти он // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2018. – № 4 (32). – С. 77-83.


---

Зокирзода, З.Х. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: Ашуриён, 2021. – 40 с.; Базылев Б.Т. Юридическая ответственность. – С. 31- 47; Сенякин И.Н. Понятие, признаки и виды юридической ответственности. Теория государства и права / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – Саратов, 1995. – С. 544-546.

8. Зокиров З.Х. Понятие и признаки конфискации имущества // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2017. – № 2/4. Часть I. – С. 252-257.

9. Зокиров З.Х. Сущность конфискации имущества // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2017. – № 2/4. Часть II. – С. 216-222.

10. Зокиров З.Х. Цель конфискации имущества // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2017. – 2/10. – С. 222-229.

11. Зокиров З.Х. Цель конфискации имущества в теории уголовного права // Вестник Российско-Таджикский (Славянский) университет (научный журнал). Серия гуманитарных наук. – 2018. – № 1 (61). – С. 88-95.

12. Зокиров З.Х., Носиров Д.Қ. Оид ба масъалаи мусодираи молу мулк дар Конститутсия ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2019. – № 1 (33). – С. 109-116.

13. Зокиров, З.Х., Шарипов Т.Ш. Ташаккул ва инкишофи институти мусодираи молу мулк дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистони Шуравӣ // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2018. – № 3 (31). – С. 70-79;

14. Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. – Душанбе, 2008. – С. 259;

15. Лейст О.Э. Виды юридической ответственности / Общая теория государства и права. Академический курс: в 2–х т. Т. 2. – М., 1998. – С. 602.

16. Лейст О.Э. Основные виды юридической ответственности за правонарушение // Правоведение. – 1977. – № 3. – С. 28.

17. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе, 2019. – С. 149-150.

18. Петров Д.Е. Отрасль права: автореф. дис.... канд. юрид. наук. – Саратов, 2001. – С. 10;

19. Раҷабзода С.А. Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон. Дис. ...ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 24.

20. Сенякин И.Н. Понятие, признаки и виды юридической ответственности. Теория государства и права / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – Саратов, 1995. – С. 544-546.

21. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2018. – С. 680-684.

22. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, «Империал груп», 2014. – С. 617-618.

23. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2017. – С. 625-626.

24. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. (Китоби дарсӣ.) Ҷилди 2. – Душанбе, 2010. – С. 640.

25. Теория государства и права: курс лекций / под ред. Н. И. Матузова и А. В. Малько. – М.: Юрист, 2000. – С. 196.

26. Фаткуллин Ф.Н. Проблемы теории государства и права. – Казань: Изд-во казан, ун-та, 1987. – С. 188-189.

27. Хачатуров Р.Л. Понятие системы юридической ответственности // Вестн. Волж. Ун-та им. В. Н. Татищева. Сер. Юриспруденция. – 1998. – Вып. 1. – С. 40.

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Азизаи Нурулло,**
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, омӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии
**Тел.:** +992 918346861
**E-mail:** aziza.nuirullo@mail.ru

**Фишурда:** Дар замони муосир бо рушд намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки ба инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа таъсири амиқи худро мерасонанд, иттилоот дар меҳвари назар қарор мегирад. Иттилоот ҳамчун маълумоте, ки ифодакунандаи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат мебошад, ба ҳифз намудан зарурат дорад. Аз ин ҷо мафҳуми амнияти иттилоотӣ бармеояд, ки ҳифзи иттилоотро ифода менамояд.

Мавзуи амнияти иттилоотӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, андешаҳои ҷолиб пешниҳод гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷой дорад. Дар ин самт як қатор қонунҳо қабул карда шуда, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин соҳа мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифтааст. Дар баробари ин, бахри дар амал татбиқ намудани сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи амнияти иттилоотӣ як зумра барномаҳои давлатӣ низ қабул ва мавриди амал қарор гирифтаанд.

Бояд қайд намуд, ки дарбаробари рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа, ки барои фаъолияти муназзами ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ мегардад, ҳамчунин таҳдиду хатарҳое пайдо мешаванд, ки ҳимояи манфиатҳои миллӣ, бахусус суботи сиёсӣ ва оромии ҷомеаро халалдор менамоянд. Ҳамин тавр, фаъзои иттилоотӣ аз таҳдиду хатарҳо холӣ нест ва таъмини амнияти иттилоотӣ ба ҳифзи он нигаронида шудааст. Зеро таъсиррасонии иттилоотӣ дар ташаккули шахсияти инсон, рушди ҷомеа ва давлат мавқеи муҳим дорад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни амнияти иттилоотӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмию амалӣ дорад. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем дар ин мақола яке аз паҳлуҳои асосии амнияти иттилоотӣ – асосҳои ҳуқуқии онро мавриди таҳлил қарор диҳем.

**Калидвожаҳо:** Иттилоот, амнияти иттилоотӣ, фазои иттилоотӣ, киберҷиноят, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, манфиатҳои иттилоотии, системаҳои иттилоотӣ, ҷаҳонишавӣ, манфиатҳои миллӣ, маълумоти шахсӣ, сиёсати давлатии иттилоотӣ, ҳамлаҳои иттилоотӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ, муборизаи иттилоотӣ, шабакаи интернет.

# ПРАВОВАЯ ОСНОВА ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Азизаи Нурулло,**
Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, преподаватель кафедры права и международных отношений
**Тел.:** +992 918346861
**E-mail:** aziza.nuirullo@mail.ru

**Аннотация:** В современное время, с развитием информационно-коммуникационных технологий, оказывающих глубокое влияние на развитие различных сфер жизни общества, информация оказывается в центре внимания. Информация, как информация, представляющая интересы личности, общества и государства, нуждается в защите. Отсюда происходит понятие информационной безопасности, что означает защиту информации.

Тема информационной безопасности обсуждалась отечественными и зарубежными исследователями и были представлены интересные мнения.

В Республике Таджикистан существует нормативно-правовая база для формирования информационного общества и обеспечения информационной безопасности. В этой сфере принят ряд законов, а общественные отношения в этой сфере подлежат правовому регулированию. В то же время в целях реализации политики Правительства Республики Таджикистан в сфере информационной безопасности также принят и реализуется ряд государственных программ.

Следует отметить, что наряду с развитием информационной инфраструктуры общества, которая считается важной для упорядоченной деятельности государственных и общественных институтов, существуют также угрозы и опасности, нарушающие защиту национальных интересов, особенно политической стабильности и мира. общества. Таким образом, информационное пространство не лишено угроз и рисков, и обеспечение информационной безопасности направлено на его защиту. Потому что влияние информации играет важную роль в формировании личности человека, развитии общества и государства.

В условиях глобализации исследование различных аспектов информационной безопасности имеет научное и практическое значение для Республики Таджикистан. Поэтому мы решили проанализировать в этой статье один из основных аспектов информационной безопасности – ее правовую основу.

**Ключевые слова:** Информация, информационная безопасность, информационное пространство, киберпреступность, информационно-коммуникационные технологии, информационные интересы, информационные системы, глобализация, национальные интересы, персональные данные, информационная государственная политика,

информационные атаки, информационные угрозы, информационная борьба, сеть Интернет.

## LEGAL BASIS FOR ENSURING INFORMATION SECURITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Azizai Nurullo,**
Kulob State University named after A. Rudaki, Lecturer of the Department of Law and International Relations
**Phone.:** +992 918346861
**E-mail:** aziza.nuirullo@mail.ru

**Annotation:** In modern times, with the development of information and communication technologies, which have a profound impact on the development of various spheres of society, information is in the spotlight. Information, as information representing the interests of the individual, society and the state, needs to be protected. This is where the concept of information security comes from, which means protecting information.

The topic of information security was discussed by domestic and foreign researchers and interesting opinions were presented.

In the Republic of Tajikistan there is a regulatory framework for the formation of an information society and ensuring information security. A number of laws have been adopted in this area, and public relations in this area are subject to legal regulation. At the same time, in order to implement the policy of the Government of the Republic of Tajikistan in the field of information security, a number of state programs have also been adopted and are being implemented.

It should be noted that along with the development of the information infrastructure of society, which is considered important for the orderly operation of state and public institutions, there are also threats and dangers that violate the protection of national interests, especially political stability and peace. society. Thus, the information space is not without threats and risks, and ensuring information security is aimed at protecting it. Because the influence of information plays an important role in the formation of a person's personality, the development of society and the state.

In the context of globalization, the study of various aspects of information security has scientific and practical significance for the Republic of Tajikistan. Therefore, we decided to analyze in this article one of the main aspects of information security – its legal basis.

**Key words:** Information, information security, information space, cybercrime, information and communication technologies, information interests, information systems, globalization, national interests, personal data, public information policy, information attacks, information threats, information warfare, the Internet.

Иттилот ҳамчун маълумот оид ба шахс, ашё ё ҳодисаву воқеа дар ҳама давру замон ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Ҳатто иттилооти дуруст ва эътимоднок ба дорандаи он бартарият ва имконияти бештарро медиҳад. Барои ҳамагон муҳимтар аз ҳама саҳеҳ, сари вақт ва мувофиқ ба таъинот истифода бурдани иттилоот мебошад.

Бо рушд ёфтани илму технология дар замони муосир шаклҳои нави ифода ва истифодаи иттилоот ба вуҷуд омадааст. Аз ин лиҳоз, рӯз ба рӯз механизмҳои нави ҳифзи иттилоот пайдо шуда истодаанд, ки ба таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳар гуна таҳриф ё тағйир ва истифодаи ғайритаъиноти он равона карда шудаанд.

Мафҳуми амнияти иттилоотӣ ба таври анъанавӣ чун ҳолати ҳимояшавандаи манфиатҳои иттилоотии шхс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилию берунӣ фаҳмида мешавад[129].

Ба андешаи Холиқов Ф.А. гуфтан мумкин аст, ки иттилоот на танҳо ба фоидаи шахс, ҷомеа ва давлат, балки ба зарари онҳо низ истифода карда мешавад. Бинобар ин, таъмини амнияти иттилоотӣ на танҳо рушди инфрасохтори иттилоотии мамлакат, балки ҳимояи манфиатҳои иттилоотии давлату ҷомеаро низ дар худ нигоҳ медорад[130].

Яке аз механизмҳои таъмини амнияти иттилоотӣ ин ҳифзи ҳуқуқии он, яъне аз тарафи қонунгузор қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки ҳифзи иттилооти дуруст ва аз рӯи таъинот истифодашавандаро кафолат медиҳад.

Ба андешаи Алпеев А.С. амнияти иттилоотӣ ин муҳофизати иттилоот ва системаҳои иттилоотӣ аз дастрасии ғайриқонунӣ, беиҷозат тағйир додан, нобуд сохтан ва ё вайрон кардани онҳо мебошад, то ки махфият, дурустӣ ва дастрасии онҳо таъмин карда шавад[131].

Дарвоқеъ дар шароити ҷаҳонишавӣ зарурати ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иттилоот ва таъмини амнияти он ба миён омадааст. Зеро танҳо бо муқовимати саривақтӣ мо метавонем Истиқлолияти давлатӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаддасоти таърихӣ ва арзишҳои ахлоқиву маънавии халқи тоҷикро аз киберҷиноятҳо ва таҳдидҳои иттилоотӣ ҳифз намоем.

Пеш аз ҳама дар меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сарчамшаи ҳуқуқии қонунгузории кишвар мебошад, зарурати ҳифзи иттилоот дарҷ гардидааст. Аз ҷумла, мувофиқи моддаи 23-и он бе розигии инсон дар бораи ҳаёти шахсии ӯ ҷамъ овардан, нигоҳ доштан ва паҳн намудани маълумот манъ карда шудааст[132].

Дар Тоҷикистон дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар

---

[129] Возженников, А.В. Национальная безопасность: теория, политика, стратегия / А.В. Возженников. –М.: ВТИ «Модуль», 2000. – С. 64.

[130] Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ) Душанбе, 2022. – С. 23.

[131] Алпеев А.С. Терминология безопасности: кибербезопасность, информационная безопасность / А.С. Алпеев // Вопросы кибербезопасности. – 2014. – №5 (8). – С. 39-43.

[132] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://adliya.tj/tj/constitution (санаи муроҷиат: 13.09.2023).

бораи иттилоот”, “Дар бораи ҳифзи иттилоот”, “Дар бораи иттилоотонӣ”, “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот”, “Дар бораи амният”, “Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ” ва ғайраҳо қабул гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки мафҳуми иттилоот қариб дар ҳамаи қонунҳои болозикр шарҳ дода шудааст. Масалан, дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоотонӣ” аз 6 августи соли 2001, №40[133] ва моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот” аз 10 майи соли 2002, №55[134] иттилоот чун маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо маънидод карда шудааст.

Дар асри XXI иттилоот ва технологияи иттилоотӣ нақши хеле муҳим мебозад. Иттилоот метавонад сарчашмаи рушд мебошад, дар баробари ин, метавонад таҳдиду хатарҳои гуногунро ба вуҷуд оварад. Аз ин лиҳоз, таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои иттилоотии шахс, ҷомеа ва давлат мубрам ва зарурӣ мебошад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот” аз 10 майи соли 2002, №55 иттилоот ба намудҳои иттилооти оморӣ, оммавӣ, фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳуқуқӣ, оид ба шахсият, дорои хусусияти маълумотию энсиклопедӣ, иҷтимоишиносӣ, шиносоӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, экологӣ, хизматӣ, истеъмолӣ, бойгонӣ, илмӣ, илмӣ-техникӣ ва ғайра. Ҷудо карда шуда, ҳар як намуди он шарҳ дода шудааст[135].

Таъмини амнияти иттилоотӣ, яъне ҳифзи маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо мебошад, ки тавассути кафолати он дар қонунгузорӣ ва чораҳои ҳимоявии амалӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

Як гурӯҳ муҳаққиқон таҳти мафҳуми «амнияти иттилоотӣ» ҳолати ҳимоятшавандагии иттилоот ва ҳифзи инфрасохтори иттилоотии ҷомеа аз таъсиррасонии барқасдона ва ё тасодуфиро мефаҳманд, ки дар натиҷаи таъмин набудани он ба субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ, пеш аз ҳама ба соҳибон ва истифодабарандагони иттилоот зарару зиёни ҷиддӣ мерасад[136].

Пеш аз ҳама бояд ёдовар шуд, ки амнияти иттилоотӣ ҷузъи таркибии амнияти миллии кишвар буда, бо дарназардошти навгониҳои технологии солҳои охир нисбат ба дигар соҳаҳои амният муҳимтар арзёбӣ мегардад.

Ин нибатгузорӣ ва афзалият бо он далел асоснок карда мешавад, ки фазои иттилоотӣ ба рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат таъсири бесобиқа расонида истодааст. Дар шароити имрӯза иттилоот ва технологияҳои

[133] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоотонӣ” аз 6 августи соли 2001, №40 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 13.09.2023).
[134] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот” аз 10 майи соли 2002, №55 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 13.09.2023).
[135] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот” аз 10 майи соли 2002, №55 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 13.09.2023).
[136] Мельников В.П. Информационная безопасность / В.П. Мельников, С.А. Клейменов, А.М. Петраков. – М.: Academiya, 2007. – С. 21.

иттилоотӣ дар таъмини рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа саҳми назаррас доранд[137].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амният", ки 28 июни соли 2011, №721 қабул карда шудааст, асосҳои ҳуқуқии таъмини амнияти инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат муайян карда шуда, низоми таъмини амният, вазифа, мақсад ва самтҳои асосии он танзим гардидааст.

Қонуни мазкур намудҳои гуногуни амният, аз ҷумла амнияти миллӣ, иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҷамъиятӣ, ҳарбӣ, экологӣ, иттилоотӣ, берунӣ ва дохилиро пешбинӣ намудааст. Ҳар як намуди ҷудокардашудаи амният шарҳ дода шудааси. Аз ҷумла, амнияти иттилоотӣ ҳамчун ҳолати муҳофизатии манбаъҳои давлатии иттилоотӣ, инчунин ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият дар соҳаи иттилоот маънидод гардидааст[138].

Аз шарҳи додашудаи мафҳуми амнияти иттилоотӣ бармеояд, ки он маънои ҳифзи маълумоти аз манбаъҳои давлатӣ бармеомада, инчунин ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ба иттилооти шахсӣ ва манфиатҳои ҷамъиятиро дорад.

Ба ақидаи олимони рус Ю.А. Белевская ва А.П. Фисун «амнияти иттилоотӣ ҳолати ҳимоятшавандагии муҳити иттилоотии ҷомеа мебошад, ки ба воситаи он ташаккулёбӣ, фаъолияти муназзам ва рушди ниҳодҳои давлатӣ новобаста аз мавҷудияти таҳдидҳои дохилию беруна таъмин карда мешавад»[139].

Дар ин ҷо бояд қайд намуд, ки барои истифодаи иттилооти аз манбаъҳои давлатӣ бармеомада тартиби муайян муқаррар карда шудааст. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот" аз 18 июни соли 2008, №411 ба ҳар як шаҳрванд ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот кафолат дода шудааст.

Яъне, ҳар як шаҳрванд ба ҷустуҷӯи озодонаи иттилоот ва ба даст даровардани он аз мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, дигар мақомоту ташкилотҳое, ки давлат ба онҳо ваколатҳои омирона додааст, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдори онҳо, ки ин иттилоотро қонунан дороянд, ҳуқуқ дорад[140].

Паҳлуи дигари масъала ин ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ба иттилоот, ба тарзи дигар манфиатҳои иттилоотии шахс мебошад. Яъне, тавассути амнияти иттилоотӣ манфиатҳои шахс ба дастрасии иттилоот вобаста ба татбиқи ҳуқуқу озодиҳо, рушди ҷисмонӣ, маънавӣ ва зеҳнӣ кафолат дода мешавад.

Қонунгузор барои қонеъ гардонидани талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба иттилоот бо ташаккули инфраструктураи ҳозиразамони

---

[137] Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ) Душанбе, 2022. – С. 24.

[138] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амният" аз 28 июни соли 2011, №721 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 13.09.2023).

[139] Белевская, Ю.А. Информационное общество в политической науке: основные подходы и содержание / Ю.А. Белевская, А.П. Фисун // Вестник Поволжского института управления. – 2020. – Т.20. – № 2. – С. 95-103.

[140] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот" аз 18 июни соли 2008, №411 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 13.09.2023).

иттилоот, ҳимояи манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар рафти тартиб додан, захира кардан, нигоҳдориву ирсол кардан ва интишор намудани иттилоот бо воситаҳои технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ шароити мусоид фароҳам овардааст.

Бояд қайд намуд, ки 3 августи соли 1018, №1537 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ" қабул карда шуд, ки асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти вобаста ба ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва ҳифзи маълумоти шахсиро муқаррар менамояд. Мувофиқи қонуни мазкур ҳифзи маълумоти шахсӣ аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад[141].

Қобили тазаккур аст, ки амнияти иттилоотӣ як ҳолати низоми иттилоотии кишвар аст, ки таъсири манфии дохилӣ ва беруниро ба иттилоот бартараф менамояд. Ин ҳолат дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

- ҳолате мебошад, ки ба объекти амният ҳеҷ гуна хатар таҳдид намекунад ва зарар низ расонида наметавонад;

- ифодагари аломатҳои объекти амният буда, бо роҳи риояи қоидаҳои муайян хатару таҳдидҳоро коҳиш медиҳад[142].

Таъмини амнияти иттилоотӣ хусусияти маҷмӯӣ дорад, яъне дар ин раванд давлат ва мақомоти давлатӣ, инчунин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонанд таъсир расонанд. Вале, дар масъалаи ҳифзи манфиатҳои муҳим дар соҳаи иттилоот нақши мақомоти ҳокимияти давлатӣ аввалиндараҷа мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот ва зарурати нигоҳдорӣ ва ҳифзи он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон з 30 апрели соли 2008, №451 "Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ карда шудааст, ки ба мақсад, вазифаҳо, усулҳо ва самтҳои асосии фаъолияти давлатро дар соҳаи иттилоот муайян менамояд.

Мувофиқи муқаррароти ин консепсия самтҳои асосии сиёсати давлатии иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муайян карда шудааст:

- ташкил, рушд ва таъмини амнияти захираҳои давлатии иттилоотӣ;

- истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ ва дар идораи низомҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғайра;

- ташкил, ҳимоя ва такмили имиҷи Тоҷикистон аз тариқи истифодаи босамари технологияҳои иттилоотӣ;

- ҳифзи манфиатҳои иттилоотии давлат, таъмини амнияти иттилоотии давлат, дифоъ аз ҳамлаҳои иттилоотӣ, таҳдидҳо ва амалиёти дигар, бартарафсозии онҳо;

- воридшавӣ ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ[143].

---

[141] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот" аз 18 июни соли 2008, №411 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи мурочиат: 13.09.2023).

[142] Маҳмадов, А.Н. Амнияти миллӣ: воситаи таълимӣ / А.Н. Маҳмадов, Х.Қ. Сафарализода. – Душанбе: Империал-групп, 2019. – С. 151.

[143] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон з 30 апрели соли 2008, №451 Дар бораи "Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон" [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adliya.tj/show_doc.fwx?rgn=32904 (санаи мурочиат: 15.09..2023).

Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Манфиат ва арзишҳои миллӣ, суботу оромии ҷомеа тақозо менамояд, ки воситаҳои оммаи ватанӣ на танҳо дастгоҳи тавонои хабарӣ бошанд, балки дар муборизаи иттилоотӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, алалхусус, амнияти давлат ва ҷомеа хидмат намоянд”[144].

Мақсади амнияти иттилоотӣ ин пеш аз ҳама ҳифзи иттилооти шахс, ҷомеа ва давлат аз таъсири омилҳои зараррасон мебошад. Ба омилҳои зараррасон метавон иттилооти зараррасонро низ дар назар дошт, ки ба фазои иттилоотӣ ворид гардида, онро ноором месозад. Аз ҷумла, иттилооте, ки ба душманӣ, бадбинии иҷтимоӣ, миллӣ, динӣ ё сиёсӣ, зӯроварӣ ҷалб менамояд.

Аз ин рӯ, таъмини амнияти иттилоотӣ муҳим ва зарур арзёбӣ мегардад. Зарурати тақвият бахшидан ба таъмини амнияти иттилоотӣ дар он ифода меёбад, ки ҳам соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳам технологияҳои иттилоотиву компютерӣ рӯз ба рӯз рушд намуда истодаанд. Дар баробари рушди ин соҳаҳо боз маълумотҳои нав, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии нав ба вуҷуд меоянд ва барои ҳимояи саривақтии онҳо бояд тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

Таъмини амнияти иттилоотӣ дар низоми амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мадди аввал қарор дошта, рушди соҳаҳои ҳаётан муҳими кишвар, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини сулҳу субот аз сатҳу сифати амнияти иттилоотии мамлакат вобаста мебошад[145].

Яке аз функсияҳои асосии таъмини амнияти иттилоотӣ ин ҳифзи иттилоот мебошад. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иттилоот” аз 2 декабри соли 2002, №71 ҳифзи иттилоот бо воситаҳои ташкилӣ, техникӣ, барномавӣ, дастгоҳӣ, ҷисмонӣ ва криптографӣ ба роҳ монда мешаванд. Мақсади ҳифзи иттилоот ин:

- пешгирӣ намудани ихроҷӣ, дуздӣ, гумшавӣ, ғалат маънидодкунӣ, нусхабардорӣ ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот;

- пешгирӣ намудани амалиётҳои беиҷозат оиди нобудсозӣ, тағйирдиҳи, ғалат маънидодкунӣ, нусхабардорӣ ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот;

- пешгирӣ намудани амалиётхои боиҷозат ва беиҷозат, ки боиси қасдан ё бидуни қасд нобудсозӣ, бастани роҳи пахншавӣ, ғалат маънидодкунӣ (сохтакорӣ), дуздӣ, нусхабардорӣ, ихроҷӣ, дигаргунишавӣ ва тағйиребии иттилоот гардиданаш мумкин аст[146].

Дар баробари ҳифзи иттилоот бояд бо таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ мубориза бурд. Таҳдидҳои иттилоотӣ дар замони муосир бо ташаккули шабакаи интернет алоқаманд мебошанд. Шабакаи интернет ҳамчун воситаи назарфиребӣ ва таъсиррасонӣ ба фазои иттилоотии ҷомеа истифода бурда мешавад.

---

[144] Раҳмон Э. Уфуқҳои истиқлол. Душанбе: Ганҷнашриёт, 2018. – С. 111.

[145] Ятимов С.С., Лолиқов Ф.А. Амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии таъмини он // Идоракунии давлатӣ. 2021 №3 (52). – С. 213.

[146] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот” аз 10 майи соли 2002, №55 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 13.09.2023).

Чуноне ки мушоҳида мешавад имрӯзҳо паҳн гардидани иттилооти носаҳеҳ ва ғайривоқеӣ тавассути шабакаи интернет афзудааст. Дар ин гуна вазъият таъмини амнияти иттиоотӣ дар муқовимат ба паҳншавии ин гуна иттилоот ифода меёбад.

Муҳаққиқ А.А. Смирнов бар он назар аст, ки дар марҳилаи ташаккулёбии таҳдидҳои иттилоотӣ ҷанбаҳои меъёрии амнияти иттилоотӣ коркард гардида, нахуст дар сатҳи миллӣ ва сипас дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун шакли махсуси соҳаи амният эътироф карда мешаванд[147].

Бояд қайд намуд, ки яке аз самтҳои дигари таъмини амнияти иттилоотӣ баланд бардоштани маърифати иттилоотии ҷомеа ба ҳисоб меравад, ки ташкил намудани сарчашмаҳои иттилоотии муътамад ва дастрас ва бо ин роҳ огоҳ намудани истифодабарандагони фазои иттилоотӣ аз таблиғи ғояҳои террористию экстремистӣ ва назарфиребӣ иборат мебошад.

Тавре ки дар боло қайд намудем, айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳое, ки муносибатҳои иттилоотӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи иттилоот, аминияти иттилоотии шахс, ҷомеа ва давлатиро фаро мегиранд, қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Аммо, бо рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ зарурияти такмили онҳо ба миён меояд.

Муҳаққиқ А.В. Морозов зарурияти такмили қонунгузории соҳаи иттилоотиро таҳқиқ намуда, бар он назар аст, ки дар шароити тавсеаи равандҳои иттилоотонӣ ва пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ масъалаи танзими ҳуқуқии ин равандҳо дар мадди аввал қарор мегиранд. Такмили қонунгузории соҳаи иттилоотӣ ба он хотир зарур дониста мешавад, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқии ин соҳа ба сатҳу сифати танзими муносибатҳои соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири амиқ мерасонад[148].

Бояд тазаккур дод, ки бахри танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иттилоот дар кишвар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот”, “Дар бораи ҳифзи иттилоот”, “Дар бораи иттилоотонӣ” ва “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” қабул карда шудааст. Ин қонунҳо дар маҷмӯъ ба масъалаи иттилоот ва паҳлуҳои гуногуни он бахшида шудаанд ва инчунин, қабули онҳоро қариб даҳ сол мешавад.

Паҳлӯи дигари масъала дар он аст, ки меъёрҳо дар ин қонунҳо такрор шудаанд. Аз ҷумла, мафҳуми “иттилоот” дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот” аз 10 майи соли 2002, №55, моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоотонӣ” аз 6 августи соли 2001, №40 ва моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” аз 18 июни соли 2008, №411 пешбинӣ гардидааст, ки ҳам шаклан ва ҳам мазмунан ба ҳам монанд мебошанд.

Аз ин рӯ, боназардошти он ки рӯз ба рӯз муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар соҳаи иттилоот ба вуҷуд омада истодааст ва бо мақсади мураттабсозии қонунҳои болозикр пешниҳод менамоем, ки қонунҳои

---

[147] Смирнов, А.А. Эволюция угроз информационной безопасности / А.А. Смирнов // Информационные войны. – 2015. – №2 (34). – С.73.

[148] Морозов А.В. Правовое обеспечение информационной безопасности / А.В, Морозов. М.: РПА Минюста Росии, 2012. – С. 79.

болозикр якҷо карда шуда, бо назардошти охирин пешрафти технологияи иттиоотию коммуникатсионӣ дар таҳрири нав қонун қабул карда шавад.

Ҳамин тариқ, иттилоот ҳамчун омили муҳими рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳифз фаро гирифта шуда, ҷиҳати кафолати он санадаҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа қабул карда гардидааст. Дар миқёси таъмини амнияти иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҷамъиятӣ, ҳарбӣ, экологӣ, берунӣ ва дохилӣ амнияти иттилоотӣ мавқеи муҳимро ишғол намуда, таъмини ҳамаҷонибаи амнияти миллӣ ба он вобастагии қавӣ дорад.

**Адабиёт:**


1. Алпеев, А.С. Терминология безопасности: кибербезопасность, информационная безопасность / А.С. Алпеев // Вопросы кибербезопасности. – 2014. – №5 (8). – С.39-43.
2. Белевская, Ю.А. Информационное общество в политической науке: основные подходы и содержание // Вестник Поволжского института управления. – 2020. – Т.20. – № 2. – С. 95-103.
3. Возженников, А.В. Национальная безопасность: теория, политика, стратегия / А.В. Возженников. – М.: ВТИ «Модуль», 2000. – 234 с.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://adliya.tj/tj/constitution (санаи муроҷиат: 13.09.2023)
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амният" аз 28 июни соли 2011, №721 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 13.09.2023)
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот" аз 18 июни соли 2008, №411 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 13.09.2023)
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилоот" аз 10 майи соли 2002, №55 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 13.09.2023).
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилоотонӣ" аз 6 августи соли 2001, №40 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 13.09.2023)
9. Мельников, В.П. Информационная безопасность / В.П. Мельников, С.А. Клейменов, А.М. Петраков. –М.: Academiya, 2007. – 336 с.
10. Морозов А.В. Правовое обеспечение информационной безопасности / А.В, Морозов. М.: РПА Минюста Росии, 2012. – 247 с.
11. Маҳмадов, А.Н. Амнияти миллӣ: воситаи таълимӣ / А.Н. Маҳмадов, Х.Қ. Сафарализода. – Душанбе: Империал-групп, 2019. – 224 с.
12. Раҳмон Э. Уфуқҳои истиқлол. Душанбе: Ганҷнашриёт, 2018. – 436 С.
13. Смирнов, А.А. Эволюция угроз информационной безопасности // Информационные войны. – 2015. – №2 (34). – С.73.
14. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон з 30 апрели соли 2008, №451 Дар бораи "Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии

Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adliya.tj/show_doc.fwx?rgn=32904 (санаи муроҷиат: 15.09..2023).

15. Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ) Душанбе, 2022. – 192 с.

16. Ятимов С.С., Лолиқов Ф.А. Амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии таъмини он // Идоракунии давлатӣ. 2021 №3 (52) – С. 213.

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ИСЛОҲОТ ВА ТАКМИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ТАЪМИНИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

**Исозода Баҳодур Чиллахон,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
**Тел:** +992 557020202
**E-mail:** bakht-83@mail.ru

**Фишурда**: Муаллиф зикр менамояд, ки ислоҳоти сиёсӣ ҳуқуқӣ ва иқтисодие ки дар кишвар гузаронида мешавад ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу манфиятҳои қонунии шаҳрвандон, инчунин фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ нигаронида шудаанд. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии дар кишвар гузаронидашуда тасдиқи мустақилияти ҳокимияти судиро дар механизми давлатӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимият гузоштанд. Ба андешаи муаллиф воқеан, барои татбиқи босамари ҳокимияти судӣ суботи сиёсию иқтисодии давлатро таъмин намудан лозим аст, ки ба он аз ҷумла вазъи иқтисодиёт ва қонунгузорӣ, сатҳи шуурнокии ҳуқуқии шаҳрвандон ва дар ниҳояти кор, сатҳи таъмини ҳуқуқу изодиҳои инсон ва шаҳрванд вобаста аст. Дар робита ба ин, таҳқиқи ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ ҳамчун механизми асосии ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд на танҳо вазифаи муҳим, балки муракаб низ мебошад. Мақсади асосии фаъолияти ҳокимимяти судӣ ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо мебошад. Маҳз ҳокимияти судӣ қодир аст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро пурра ва самараноктар ҳифз намояд. Ҳамзамон муаллиф қайд менамояд, ки ба даст овардани мақоми мустақил, салоҳиятдор ва бонуфуз аз ҷониби ҳокимияти судӣ ҳам аз масъалаи ташкил ва фаъолияти судҳои ҳама сатҳҳо, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст ва ҳам аз истифодаи имкониятҳои ҳокимияти судӣ дар амалия, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳо пешбинӣ кардаанд, вобаста аст.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, суд, адлияи маъмурӣ, ислоҳоти судӣ, судҳои махсусгардондашуда, ҳуқуқи инсон, озодии инсон, адлияи ювеналӣ, судҳои маъмурӣ, низоми судӣ, Шурои адлия, суди иқтисодӣ.

# ПЕРСПЕКТИВЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СУДЕБНОЙ ВЛАСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ПО ОБЕСПЕЧЕНИЮ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА

**Исозода Баходур Чиллахон,**

Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения
**Тел.:** +992 557020202
**E-mail:** bakht-83@mail.ru

**Аннотация:** Автор отмечает, что проводимые в стране политические, правовые и экономические реформы направлены на обеспечение и защиту законных прав и интересов граждан, а также создание благоприятных условий жизни. Проведенные в стране судебно-правовые реформы подтвердили независимость судебной власти в государственном механизме как самостоятельной ветви власти. По мнению автора, фактически для эффективной реализации судебной власти необходимо обеспечить политическую и экономическую стабильность государства, которая зависит, в том числе, от состояния экономики и законодательства, уровня правового сознания граждан и, в конечном итоге, уровня обеспечения прав и свобод человека. В связи с этим исследование организации и деятельности судебной власти как основного механизма защиты и обеспечения прав и свобод человека и гражданина является не только важной, но и комплексной задачей. Основной целью судебной власти является защита прав и свобод человека от незаконных действий государственных органов и их должностных лиц. Именно судебная власть способна в полной мере и эффективно защитить конституционные права и свободы человека и гражданина. При этом автор отмечает, что приобретение судебной властью независимого, компетентного и авторитетного статуса зависит как от организации и деятельности судов всех уровней, что установлено законодательством, так и от использования судебной власти в практика, которая предусмотрена Конституцией Республики Таджикистан и законами это зависит.

**Ключевые слова:** Конституция, суд, административная юстиция, судебная реформа, специализированные суды, права человека, свобода человека, ювенальная юстиция, административные суды, судебная система, Совет юстиции, хозяйственный суд.

# PROSPECTS FOR IMPROVEMENT OF THE ACTIVITY OF THE JUDICIARY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN TO ENSURE THE RIGHTS AND FREEDOMS OF PEOPLE AND CITIZENS

**Isozoda Bahodur Chillakhon,**
Tajik National University, Faculty of law, applicant of the department of human rights and comparative law
**Phone:** +992 557020202
**E-mail:** bakht-83@mail.ru

**Annotation:** The author notes that the political, legal and economic reforms carried out in the country are aimed at ensuring and protecting the legitimate rights and interests of citizens, as well as creating favorable living conditions. The judicial and legal reforms carried out in the country confirmed the independence of the judiciary in the state mechanism as an independent branch of government. According to the author, in fact, for the effective implementation of judicial power, it is necessary to ensure the political and economic stability of the state, which depends, among other things, on the state of the economy and legislation, the level of legal consciousness of citizens and, ultimately, the level of ensuring human rights and freedoms. In this regard, the study of the organization and activities of the judiciary as the main mechanism for protecting and ensuring the rights and freedoms of man and citizen is not only an important, but also a complex task. The main goal of the judiciary is to protect human rights and freedoms from illegal actions of government bodies and their officials. At the same time, the author notes that the acquisition of an independent, competent and authoritative status by the judiciary depends both on the organization and activities of courts at all levels, as established by law, and on the use of judicial power in practice, which is provided for by the Constitution of the Republic of Tajikistan and laws.

**Keywords:** Constitution, court, administrative justice, judicial reform, specialized courts, human rights, human freedom, juvenile justice, administrative courts, judicial system, Council of Justice, economic court,

Ислоҳоти судии солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон ба тағйироти куллӣ дар ҳокимияти судӣ ва фаъолияти он оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат кард. Мутобиқи моддаҳои 5 ва 14 Конститутсияи кишвар ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзиши олӣ эълон шуда, таъмини онҳо вазифаи давлат, ҳадафи асосии шохаи судии ҳокимият гардид.

Зимнан, дар фаъолияти ҳокимияти судии Тоҷикистон мушкилоти зиёд вуҷуд дошт, ки ба кафили ҳақиқии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд табдил ёфтани он монеъ мешуданд. Аз ин рӯ, дар ин самт як қатор ислоҳоти куллӣ гузаронида шуд. Пеш аз ҳама, онҳо ба такмили заминаи қонунгузорӣ, таъминоти дахлдори кадрӣ, молиявӣ, моддию техникии фаъолияти судӣ ва татбиқи адолати судӣ аз ҷониби судҳои мустақилу

соҳибихтиёр дахл доштанд. Ҳамин тариқ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ аз 30 апрели соли 2001 қайд карда буданд: «Адолати том ва таъмини ҳаққу манфиатҳои ҳамаи аъзои ҷомеа, муассисаҳо ва созмонҳо ниҳоят ҳалли худро дар фаъолияти мақомоти судӣ меёбанд. Сохтмони ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва рушди муносибатҳои бозорӣ маҳз ба фаъолият ва кафолати судӣ эҳтиёҷ доранд. Ҳатто ворид шудани сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисоди кишвар низ ба таъмини кафолати ҳуқуқу манфиатҳо ва амнияти онҳо вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, ба мо зарур аст, ки нақш ва мавқеи ҳокимияти судиро дар ҷомеа амалан баланд бардорем ва бо ин васила мустақилияти онро таъмин намоем. Бояд таъкид кунам, ки мо дар ин роҳ корҳои зиёдеро анҷом додем. Таъсиси Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз санҷиши тахассусӣ гузаштани судяҳо ва аз рӯйи натиҷаи санҷиш ҷо ба ҷо кардани онҳо аз ҷумлаи ин корҳо мебошанд. Дар масъалаҳои таъминоти моддию техникӣ ва шароити кории судҳои ҷумҳурӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда бошанд ҳам, аммо ин соҳа қатъиян беҳбудиро тақозо менамояд. Ба Шурои адлия зарур аст, ки якҷо бо раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо оид ба ҳалли ин масъала тадбирҳои мушаххас андешад. Дар баробари ин, дар фаъолияти судҳо камбудиҳо низ ҷой доранд. Дар баъзе мавридҳо судяҳо қонунҳоро нодуруст татбиқ менамоянд ва ҷазоро мувофиқи кирдори содиршуда, шахсияти гунаҳкор ва хавфнокии ҷамъиятии он таъин намекунанд. Ба судҳои ҷумҳурӣ лозим аст, ки ба масъалаи сари вақт баррасӣ намудани парвандаҳо ва иҷрои бечунучарои ҳукму ҳалномаҳо диққати ҷиддӣ диҳанд. Қобили зикр аст, ки бо мақсади идомаи ислоҳоти судию ҳуқуқӣ беҳбудии фаъолияти судҳо, таъмини мустақилият ва дахлнопазирии судяҳо мо зарур шуморидем, ки дар бораи судҳои Тоҷикистон қонуни ягона қабул намоем. Лоиҳаи ин қонун ба шумо пешниҳод шудааст ва боварӣ дорам, ки онро дастгирӣ мекунед»[149].

Ҳамин тариқ, пас аз қабули Конститутсияи соли 1994 вазифаҳои асосӣ муайян карда шуданд, ки ҳалли онҳо дар раванди ташаккули низоми нави ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон вазифаи аввалиндараҷа гардид. Ба чунин вазифаҳо мансубанд: такмили қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти судӣ, таҳкими кафолатҳои мустақилияти судяҳо, аз ҷумла тадбирҳои ҳифзи ҳуқуқии онҳо, беҳтар намудани таъминоти ташкилии фаъолияти судҳо, таъминоти моддию иҷтимоӣ, таҳкими низоми судӣ бо мутахассисони баландихтисос ва ғайра.

Масъалаи асосии ислоҳоти ҳокимияти судӣ муайян намудани низоми судии кишвар ҳисобида мешавад. Тавре И.Р. Шодиев қайд менамояд: «Ҳангоми муайян намудани низоми судии мамлакат, ду роҳи қабули низоми судӣ дар кишвар пайдо гардида буд: яке низоми шуравии судӣ ва дигаре судҳои махсусгардонидашуда. Дар низоми судии шуравӣ танҳо суди салоҳияти умумидошта ташкил гардида, дар дохили он дигар судҳо ташкил гардида буданд. Аммо низоми судии судҳои махсусгардонидашуда

[149] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30/04/2001. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/ 15126 (санаи дастрасӣ: 19.11.2022).

билохир танзими худро дар Конститутсия мустаҳкам гардонд, ки нисбат ба низоми шуравии судӣ афзалият дорад»[150].

Дар навбати худ, Х.М. Мирзамонзода қайд мекунад, ки «амалӣ намудани ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби низоми махсус таъсисдодашудаи судҳо сурат мегирад, ки он иборат аст аз маҷмуи судҳои ҳама намуд ва сатҳи дар Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ муқарраргардида, ки бо мақсади амалӣ намудани ҳокимияти судӣ ташаккул ёфтаанд. Судҳо дар низоми судӣ, чун қоида, бо салоҳият, ҳаҷм ва доираи ваколатҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.[151]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми судӣ аз Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе, шаҳрӣ ва судҳои ноҳиявӣ, Суди иктисодии Вилояти Мухтори Кухистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе иборат мебошад.

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми судии назорати конститутсионӣ буда, ҳокимияти судиро мустақилона ва соҳибихтиёрона тавассути мурофиаи судии конститутсионӣ амалӣ менамояд.

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва дигар парвандаҳои дар доираи салоҳияти судҳои тобеияти умумӣ қарордошта, назорати судии фаъолияти онҳоро дар шаклҳои мурофиавии пешбининамудаи қонун анҷом ва оид ба масъалаҳои амалияи судӣ тавзеҳот медиҳад.

Тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон «мақоми олии судӣ оид ба ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ, дигар парвандаҳои марбут ба соҳибкорӣ ва фаъолияти иқтисодӣ, инчунин дигар парвандаҳое, ки судҳои иқтисодӣ баррасӣ мекунанд.”мебошад.

И.Р. Шодиев пас аз таҳлили раванди мазкур қайд мекунад, ки «ислоҳоти судӣ аслан аз зарурати ҷорӣ кардан ва минбаъд ривоҷ додани тахассуси судҳо дар Тоҷикистон бармеояд. Дар кишвари мо се зернизоми судӣ ташаккул ёфта, дар маҷмуъ хеле бомуваффақият амал мекунанд — суди конститутсионӣ, судҳои салоҳияти умумӣ ва судҳои иқтисодӣ[152].

Ҳамин тавр, дар заминаи меъёрҳои Конститутсия бори нахуст дар баробари судҳои салоҳияташон умумӣ, инчунин суди конститутсионӣ ва суди иқтисодӣ дар самти татбиқ намудани адолати судӣ таъсис дода шуд[153].

Таъсиси судҳои махсусгардондашуда ба раванди ҳифзи ҳуқуқи инсон таъсири мусбат расонд. Аз ҷумла, муҳаққиқони ватанӣ ба фаъолияти Суди

---

[150] Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2010. – С. 146.

[151] Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021. – С.67.

[152] Ниг.: Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2009. – 176 с.

[153] Шерализода Ҷ.Ш. Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Чумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе 2023. – С.175.

конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон баҳои баланд медиҳанд. Ҳамин тариқ, А.М. Диноршоев зикр менамояд, ки «Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ тамоюлҳои муосирро, ки асоси низоми назорати конститутсионӣ ва адолати судии конститутсионӣ мебошанд, истифода мебарад. Аз як тараф, ин мафҳуми дарки якхелаи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, аз тарафи дигар, ғояи тартиби иерархӣ дар низоми ҳуқуқӣ мебошад, ки имкон медиҳад назорати фаъолияти қонунэҷодкунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъмин гардад»[154].

Таҳлили фаъолияти Суди конститутсиониро анҷом дода, Д.Х. Элназаров қайд мекунад, ки «аз лаҳзаи таъсиси Суди конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои нави ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон тавассути воситаву механизмҳои нав пайдо шуданд. Ҳифзи ҳуқуқи инсон яке аз вазифаҳои муҳимтарини конститутсионии давлат буда, он вазифадор аст низоми боэътимоди кафолатҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, аз ҷумла механизми ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии инсонро ташаккул диҳад. Суди конститутсионӣ ягона мақомест, ки вазифаи он дарёфти мувозинати муносиби байни манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ, ҳокимият ва озодӣ, ҳифзи шахс, ҷомеа ва давлат аз тааррузи ғайриқонунӣ, таъмини ҳифз ва амнияти вазъи конститутсионию ҳуқуқии ҳама субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад»[155].

Баъдан ӯ қайд мекунад, ки «дар фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон бештар мебошанд. Қабули қарор аз рӯи баҳси мушаххас дар аксар маврид аз ҷониби Суди конститутсионӣ таҳия гардидани ҷанбаҳои алоҳидаи назарияи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқҳои конститутсиониро муайян мекунад. Рисолати ҳуқуқҳифзкунандаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои истиқлолият якбора афзун шудааст ва дараҷаи устувории муносибатҳои боэътимоди шаҳрвандон ба мурофиаи судии конститутсионӣ шаҳодати аёни он мебошад. Принсипҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунандаи Суди конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои қабулкардаи он на танҳо барои мурофиаи судии конститутсионӣ, балки барои манфиатҳои тамоми ҷомеа низ муҳим мебошанд. Чунин принсипҳо иборатанд аз: принсипҳои мувофиқати маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳо ба мақсадҳои аз ҷиҳати конститутсионӣ муҳим; ҳатмият ва таъсири танзимкунанда доштани принсипҳои зикргардида; худсарӣ

[154] Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Душанбе 2007.

[155] Эльназаров Д.Х. Конституционно-правовое регулирование защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики: автореф. дисс. … д-ра юрид. наук. - Душанбе, 2020. – 97 с.

накардан дар раванди тафсири қонунҳо; эҳтироми шаъну шарафи шахс ҳамчун субъекти баробарҳуқуқ дар муносибат бо давлат»[156].

Дар ҳақиқат, аз таҷрибаи амалисозии фаъолияти Суди конститутсионӣ чунин бармеояд, ки он бо фаъолияти худ ба таъмини принсипи баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, рафъи табъиз ва шароити ноодилонаи татбиқи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд мусоидат намуда, дар амал талаботи дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардидаро татбиқ менамояд.

Қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба чунин парвандаҳо: «Дар бораи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани Фармони Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 ноябри соли 1993, № 134 - Дар бораи боздоштани амали моддаҳои 6, 28, 48, 49, 53, 53.1, 85, 90, 92, 97, 221.1 ва 221.2 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1993, № 944 қабул шудааст, Дар бораи тасдики Фармони Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузорӣ дар мавриди шикоят овардан ба суд оид ба дар ҳабс нигоҳ доштан ё тамдиди муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан ва тафтиши судии асоснок будани ба ҳабс гирифтан ё тамдиди муҳлати боздошт»; парванда бо пешниҳоди судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Ш.Р. Шодиев «Дар бораи муайян намудани мувофиқати моддаи 17 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қисми 2 моддаи 17 ва қисми 2 моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар он ба андешаи ӯ муқаррароти Кодекси оила ба талаботи қисми дуюми моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он «Мардон ва занон баробарҳуқуқанд.» ва қисми дуюми моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он «Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд.»; ҳалномаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2001 оид ба парванда «Дар бораи муайян кардани мутобиқати қисми 5 моддаи 329 ва қисми 2 моддаи 339 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»[157].

Қарорҳо оид ба ин парвандаҳо барои ташаккули консепсияи муосири ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон, тафсири муқаррароти асосии Конститутсия, ки ҳуқуқҳои асосии инсонро танзим мекунанд, аҳаммияти тақдирсоз доштанд.

Дар давоми раванди ислоҳоти ҳокимияти судӣ ба масъалаи танзими ҳуқуқии мақоми судяҳо, таъминоти моддию техникӣ ва кадрии ҳокимияти судӣ низ диққати ҷиддӣ дода шуд. Дар ин замина ба ду тағйироти муҳим ишора кардан лозим аст, ки дар ташаккул ва рушди ҳокимияти судӣ дар кишвар нақши калон доранд. Якум, таъсиси Шурои адлия ва дуюм, аз 5 то 10 сол зиёд кардани муҳлати ваколати судяҳо.

---

[156] Эльназаров Д.Х. Конституционно-правовое регулирование защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики: автореф. дисс. … д-ра юрид. наук. - Душанбе, 2020. – 97 с.

[157] Сборник решений Конституционного суда Республики Таджикистан. Душанбе, 2010. С. 224–229.

Дар адабиёти ватанӣ оид ба тағйироти мазкур андешаҳои гуногун мавҷуданд, аз ҷумла, онҳо ба фаъолияти Шурои адлия дахл доранд. Дар ин замина, пеш аз ҳама, бояд сабаби чунин дигаргуниҳо – таъмини мустақилияти судяҳо ишора шавад. Тавре Х.М. Мирзамонзода қайд менамояд, «ҳифзи судӣ дар давлати ҳуқуқбунёд дар он сурат аҳаммияти муҳим ва ҳатмӣ пайдо мекунад, агар аз ҷониби суди босалоҳият, мустақил ва беғараз баррасии парванда на танҳо кафолат дода шавад, балки воқеан иҷро гардад»[158].

Фаъолияти Шурои адлияро тавсиф намуда, А.М. Диноршоев чунин қайд менамояд: «дар ибтидо таъсиси Шурои адлия ва фаъолияти минбаъдаи он бо мақсади таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ пешбинӣ шуда буд, чунки Шурои адлия дар баробари интихоби судяҳо вазифаҳои дигареро низ дошт: фаъолияти оморӣ ва таҳлилӣ оид ба иттилоот дар бораи фаъолияти судҳо, ташкил ва гузарондани курсҳои такмили ихтисоси судяҳо ва ғайра»[159]. Натиҷаҳои ин ислоҳотро баҳо дода, олимони ватанӣ қайд мекунанд, ки «тағйироти соли 1999 ба Конститутсия ворид кардани ниҳодҳои нав, ки то ин замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надоштанд, рушди низоми давлатро таъмин намуданд. Аз ҷумла, таъсиси Шурои адлия барои таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии судяҳо, инчунин, ҳалли дигар масъалаҳои мубрами дар низоми судӣ мавҷудбуда, замина гузошт»[160]. Аммо як қатор олимони ватанӣ зимни таҳлили фаъолияти Шурои адлия ба номукаммалии фаъолияти он ва иҷрои вазифаҳои таъмини мустақилияти суд ишора кардаанд. Аз ҷумла Ф.Н. Абдулозода қайд мекунад, ки «Дар як давраи муайян мақоми ҳуқуқии Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Конститутсия ва Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда шуда буд, вале ин муқаррарот, ақида ва мавқеи моро дар бораи он ки Шурои адлия мақоми рукни ҳокимияти иҷроия аст, дигар накард. Чунин ҳолат дар як марҳилаи муайяни таърихӣ тавонист мустақилияти ҳокимияти судиро то андозае коста намояд, бинобар ин, 22 майи соли 2016 зимни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ муқаррароти ҳуқуқӣ дар бораи Шурои адлия аз он хориҷ карда шуда, фаъолияти он ба тамом қатъ карда шуд»[161]. Ҷ.Ш. Шерализода дар навбати худ, қайд менамояд, ки «воқеан ҳам, тавре ки амалияи фаъолияти Шурои адлия нишон дод, аз уҳдаи таъиноти асосии худ яъне, фароҳам овардани шароит барои таъмини мустақилияти судҳо намебаромад ва аз ин рӯ,

---

[158] Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021. – С. 269.

[159] Ниг.: Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2007. – С. 90.

[160] Ниг.: Алимов С.Ю., Диноршоев А.М., Салохидинова С.М. Конституционное право Республики Таджикистан. – Душанбе, 2017. – С. 116-118.

[161] Ниг.: Абдуллозода Ф.Н. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ–ҳуқуқӣ): диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – С. 69.

ворид намудани тағйирот дар ин самт иқдоми мантиқӣ ба ҳисоб мерафт»[162].

Тағйироти назарраси муҳимми самти ҳокимияти судӣ, ки дар доираи ислоҳоти конститутсионии соли 2003 амалӣ шудааст ва ба таъмини мустақилияти судҳо нигаронида шуда буд, аз 5 то 10 сол зиёд кардани муҳлати ваколати онҳо буд. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки вобаста ба масъалаи муҳлатҳои ваколати судяҳо баҳсҳои гуногун сурат гирифтанд ва дар натиҷа тасмим гирифта шуд, ки ваколати судяҳо ба муҳлати то 10 сол тамдид карда шавад. Оид ба ин масъала мо бо мавқеи олимони ватанӣ розӣ мебошем[163], ки мазмуни асосии принсипи ивазнашавандагии судяҳо муқаррар намудани муҳлати кафолатноки ваколатхо мебошад ва дар давоми ин муддат онҳоро худсарона бозхондан, ба суди дигар гузарондан ва ғайра мумкин нест. Дар шароити Тоҷикистон муҳлати муқарраршуда, яъне 10 сол ба ин меъёр комилан мувофиқ аст. Мо чунин мешуморем, ки вақте сухан дар бораи ивазнашавандагии судяҳо меравад, на дар бораи муҳлат, балки дар бораи муттасилияти дар ин вазифа қарор доштан гап задан лозим аст.

Бо ҷамъбасти ин гуфтаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дастовардҳои муҳимтарини ислоҳоти судии охири солҳои 90-ум ва ибтидои солҳои 2000-ум дар соҳаи фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд чунин мебошанд:

- эътирофи принсипи таҷзияи ҳокимият ва дар ин замина эътирофи ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақил ва мухтори ҳокимият;
- мақсаду вазифаи асосии ҳокимияти судӣ -эътироф намудани таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- тавсеаи самтҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ бо роҳи ба он вогузор намудани ҳуқуқи амалигардонии фаъолияти назоратӣ (аз ҷумла, назорати мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ);
- таҳкими чунин принсипҳои демократии фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз қабили мустақилияти ҳокимияти судӣ; соҳибихтиёрии ҳокимияти судӣ; волоият ва таъсири бевоситаи Конститутсия (ба конститутсия мутобиқ будан); қонуният; оммавият.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи ислоҳот ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон кафили таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эълон гардид.

Ҳамзамон, ҳадафи асосии ислоҳоти судӣ таъмини ҳимояи самарабахши судӣ ва риояи бечунучарои ҳуқуқу озодиҳои инсон буд. Аммо бо вуҷуди ин, дар кишвар ҳангоми амалигардонии фаъолияти ҳокимияти судӣ мушкилоти бисёре ҷой доштанд. Аз ин рӯ, зарурати такмил додани фаъолияти ҳокимияти судӣ ба миён омад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ

---

[162] Шерализода Ҷ.Ш. Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе 2023.

[163] Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Душанбе 2007; Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021; Искандаров З.Х. Ҳуқуқи инсон ва механизмҳои миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007.

- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ба ин ҷиҳат таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Бинобар ин, дар Паёми худ ба парламенти кишвар аз 20 апрели соли 2006 қайд карда буданд, ки «ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ бе низоми судии возеҳу мустақил ва беғараз ғайриимкон аст. Вобаста ба ин, бо мақсади такмили минбаъдаи фаъолияти ҳокимияти судӣ зарур мешуморам, ки корҳои зерин иҷро шаванд: Якум. Салоҳият ва ваколатҳои Суди конститутсионӣ барои нисбатан пурра ва босамар истифода бурдани имкониятҳои назорати конститутсионӣ такмил дода шаванд. Дуюм. Бо мақсади рушд ва такмили минбаъдаи ҳокимияти судии кишвар Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва Шурои адлияро зарур аст, якҷо бо мақомоти дахлдори давлатӣ барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо назардошти шароити ҳозираи кишвар таҳия ва пешниҳод намоянд.»[164]. Дар Паём аз 15 апрели соли 2009 таъкид шудааст, ки «мақомоти ҳокимияти судӣ воситаи муҳимми ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таъмини волоияти қонун мебошад. Бо мақсади таҳким ва такмили ҳокимияти судӣ соли 2007 Барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ тасдиқ карда шуд, ки тибқи он ислоҳоти судӣ марҳила ба марҳила амалӣ мегардад. Бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, афзун намудани нақши суд дар ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои қонунии давлат, ташкилоту муассисаҳо, идома додани ислоҳоти судӣ ва таҳия намудани барномаи нави маҷмуии соҳаи мазкур барои солҳои минбаъда мувофиқи мақсад мебуд.[165]. Пешвои миллат низ дар Паёми худ аз 23 апрели соли 2014 мураккаб будани раванди такмили фаъолияти ҳокимияти судиро қайд намуданд: «мо ҷиҳати ташаккули низоми судии кишвар, афзун намудани мақоми ҳокимияти судӣ дар ҷомеа ва ба сатҳи байналмилалӣ баровардани низоми судии кишвар корҳои зиёдро анҷом додем. Ҳокимияти судӣ минбаъд низ такмил меёбад, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ идома дода мешаванд, бо мақсади таҳияи заминаи пешакии ҳуқуқӣ барои расидан ба ин ҳадафҳо қонунҳои дахлдор таҳия ва қабул карда мешаванд. Бо мақсади рушди низоми судии кишвар, баланд бардоштани сатҳи касбии судяҳо, нақш ва мавқеи суд дар ҳифзи воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои қонунии ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, айни замон барномаи нави низоми судиву ҳуқуқӣ барои се соли оянда таҳия мегардад»[166].

«Рушди минбаъдаи ҷомеа ва дар ҳаёт татбиқ намудани ҳадафу вазифаҳои дар назди мо гузошташуда, кафолати ҳамаҷонибаи адолати судиро тақозо мекунад. Зарур аст, ки барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ таҳия карда шуда, дар доираи он сохтор ва фаъолияти мақомоти судӣ такмил дода, инчунин ҷиҳати таъмини баррасии босифат ва саривақтии парвандаҳо ва иҷрои қарорҳои қабулнамудаи мақомоти судӣ

---

[164] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20/04/2006. Реҷаи дастрасӣ: http:// http://prezident.tj/ru/node/874 (санаи дастрасӣ: 17.09.2023).
[165] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15/04/2009. Реҷаи дастрасӣ: http:// http://prezident.tj/ru/node/ 866 (санаи дастрасӣ: 17.09.2023).
[166] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15/04/2009. Реҷаи дастрасӣ: http:// http://prezident.tj/ru/node/ 866 (санаи дастрасӣ: 17.09.2023).

тадбирҳои мушаххас андешида шаванд. Бо ин мақсад зарур аст дар муҳлати кӯтоҳтарин барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ барои солҳои 2019-2021 таҳия ва пешниҳод карда шавад”[167] зикр гардид аз ҷониби Пешвои миллат дар Паём аз 26 декабри соли 2018.

Пас аз тадқиқи масъалаҳои такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ муҳаққиқони ватанӣ якчанд самти онҳоро нишон медиҳанд. Ҳамин тариқ, Ҳ.М. Мирзамонзода ба самтҳои зерин ишора менамояд- такмили сохтор ва фаъолияти низоми судӣ, такмили намудҳои мавҷудаи мурофиаи судӣ, имкони таъсиси судҳои махсусгардондашуда ва таъмини дастрасии иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти судӣ[168]. И.Р. Шодиев диққатро ба зарурати такмилдиҳии сохтори судҳо бо роҳи таъсиси судҳои махсусгардондашуда равона менамояд[169]. З.Х. Искандаров ва А.М. Диноршоев дар навбати худ, таваҷҷуҳро ба норасоиҳои қонунгузории мурофиавӣ ҷалб менамояд, ки ба нақзи ҳуқуқи инсон дар ҷараёни мурофиаи судӣ мусоидат мекунанд[170].

Ақидаҳои дар илми ватанӣ мавҷудбударо ҷамъбаст намуда, дар асоси таҳлили ҳама 4 барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ, метавонем ду самти такмили сохтори судиро ҷудо кунем, ки онҳо низ ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидаанд:

1. Самтҳои функсионалӣ;
2. Самтҳои ташкилӣ.

Самти якум масъалаҳои марбут ба ташкил ва фаъолияти низоми судӣ, аз ҷумла ташкили судҳои махсусгардондашуда, масъалаҳои назорати судӣ, тафсир ва татбиқи санадҳои судиро дар бар мегирад.

Самти дуюм ба ҳалли масъалаҳои марбут ба сиёсати ташкилӣ, моддию техникӣ ва кадрӣ дар фаъолияти ҳокимияти судӣ нигаронида шудааст.

**Адабиёт:**

1. Абдуллозода Ф.Н. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ–ҳуқуқӣ): диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020.
2. Алимов С.Ю., Диноршоев А.М., Салохидинова С.М. Конституционное право Республики Таджикистан. – Душанбе, 2017.
3. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2007.
4. Искандаров З.Х. Ҳуқуқи инсон ва механизмҳои миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007.

[167] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26/12/2018. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/ 19089 (санаи дастрасӣ: 14.11.2023)

[168] Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021. – С. 283.

[169] Ниг.: Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2009. – 176 с.

[170] Искандаров З.Х. Ҳуқуқи инсон ва механизмҳои миллии ҳимояи он. – Душанбе, 2007; Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Душанбе 2007.

5. Мирзамонзода Х.М. Конституционно-правовые основы организации и деятельности судебной власти в Таджикистане: проблемы теории, законодательной регламентации и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30/04/2001. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/ 15126 (санаи дастрасӣ: 19.11.2022).
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20/04/2006. Реҷаи дастрасӣ: http:// http://prezident.tj/ru/node/874 (санаи дастрасӣ: 17.09.2022).
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15/04/2009. Реҷаи дастрасӣ: http:// http://prezident.tj/ru/node/ 866 (санаи дастрасӣ: 17.09.2022).
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26/12/2018. Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/ 19089 (санаи дастрасӣ: 14.11.2022)
10. Сборник решений Конституционного суда Республики Таджикистан. Душанбе, 2010.
11. Шерализода Ҷ.Ш. Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Чумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе 2023.
12. Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2009. – 176 с.
13. Эльназаров Д.Х. Конституционно-правовое регулирование защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики: автореф. дисс. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2020. – 97 с.

## ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МЕСТНЫЕ ОРГАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)

# КОНСТИТУТСИЯ – ЗАМИНАИ АСОСИИ РУШДИ ДАВЛАТ

**Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ
**Тел.:** (+992) 904-23-88-88
**E-mail:** sulaymonzoda.m@gmail.com

**Роҳбари илмӣ:** Диноршоҳ А.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Гадоев Б.С, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ саҳифаи нави таърихи рушди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид. Конститутсияи соли 1994, ки мустақилият ва истиқлолияти Тоҷикистонро қонунӣ гардонида, санади олии ҳуқуқии рушди босуръат то имрӯз боқӣ мондааст. Он тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул, тағйирот ва илова карда мешавад. Дар давраи қабули Конститутсияи соли 1994 ба шадидтарин бӯҳрони иҷтимоию сиёсӣ дар кишвар рост омад, ки интихобкунандагони фаъоли сиёсии ҷомеа ормони дар раъйпурсии умумихалқӣ оид ба қабули Конститутсияро доштанд. Қонуни асосии кишвар, ки таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марҳилаи басо мураккабу қисматсоз ва пурпечутобу ҳассоси рӯзҳои аввали ташаккули давлатдории миллиамон қабул гардид, бузургтарин дастоварди даврони соҳибистиқлолии кишвар маҳсуб ёфта, ҳамчун санади муҳими сиёсӣ ва ҳуҷҷатӣ сарнавиштсоз барои амалӣ намудани ҳадафҳои неки миллати куҳан бунёдамон, яъне бунёди давлати муосир, ки ҷавҳари аслии онро низоми демократӣ, хукукбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ташкил дода, дар он инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф шудаанд, заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ гузошт[171].

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳо, функсия, вазифа, замина, давлат, Қонуни асосӣ, Истиқлолияти давлатӣ, санади олии ҳуқуқӣ, раъйпурсии умумихалқӣ, ҳуҷҷатӣ

[171] Диноршоев А.М., Шерализода Ҷ.Ш. Мазмуни тағйиру иловаҳои соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. 2021. № 4 (20). С. 139.

сарнавиштсоз, низоми демократӣ, хукукбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ, инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ.

## КОНСТИТУЦИЯ – ОСНОВА РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВА

**Сулаймонзода Манучехр Субҳонали,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры конституционного права
**Тел.:** (+992) 904-23-88-88
**E-mail:** sulaymonzoda.m@gmail.com

**Научный руководитель:** Диноршоҳ А.М., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Гадоев Б.С, доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Новая страница в истории конституционного развития Республики Таджикистан началась с обретением государственной независимости. Конституция 1994 года, узаконившая независимость и независимость Таджикистана, и по сей день остается высшим правовым документом стремительного развития. Он принимается, изменяется и дополняется путем всенародного референдума. В период принятия Конституции в 1994 году в стране произошел тяжелейший общественно-политический кризис, когда у активных политических избирателей общества возникла мечта о всенародном референдуме по принятию Конституции. Основной закон страны, принятый под мудрым руководством Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона, в очень сложном, разрозненном, запутанном и чувствительном этапе первых дней становления нашей национальной государственности, считался величайшим достижением периода независимости страны, важным политическим документом, а создатель документа-судьбы заложил надежную правовую основу для реализации благих целей нашей древней нации, то есть создание современного государства, основной сутью которого является демократический, правовой, светский и социальный строй, в котором человек, его права и свободы признаются высшей ценностью.

**Ключевые слова:** Конституция, Президент Республики Таджикистан, характеристики, функция, задача, основа, государство, Основной закон, государственная независимость, высший правовой документ, всенародный референдум, судьбоносный документ, демократическая, правовая, светская и социальная система, человек и его права и свободы.

# CONSTITUTION – THE BASIS OF STATE DEVELOPMENT

**Sulaimonzoda Manuchehr Subhonali,**
Tajik National University, Faculty of Law, Associate Professor, Department of Constitutional Law
**Phone:** (+992) 904-23-88-88
**E-mail:** sulaymonzoda.m@gmail.com

**Research supervisor:** Dinorshoh A.M., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Gadoev B.S., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** A new page in the history of constitutional development of the Republic of Tajikistan began with the acquisition of state independence. The Constitution of 1994, which legitimized the independence and autonomy of Tajikistan, remains to this day the supreme legal document of rapid development. It is adopted, amended and supplemented through a nationwide referendum. At the time of adoption of the Constitution in 1994, the country experienced the gravest social and political crisis, when active political voters of the society dreamed of a national referendum on the adoption of the Constitution. The Basic Law of the country, adopted under the wise guidance of the Founder of Peace and National Unity – Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan respected Emomali Rakhmon, in a very complex, fragmented, confused and sensitive stage of the first days of the formation of our national statehood, was considered the greatest achievement of the period of independence of the country, an important political document, and the creator of the document-judge laid a reliable legal basis for the realization of the good goals of our ancient nation, that is, the creation of a modern state.

**Keywords:** Constitution, President of the Republic of Tajikistan, characteristics, function, task, basis, state, Basic Law, state independence, supreme legal document, national referendum, fateful document, democratic, legal, secular and social system, man and his rights and freedoms.

Воқеан Конститутсия ҳамчун санади тақдирсози миллат давоми солиёни арзи вуҷуд тавонист, ки пояҳои давлату давлатдориро тақвият бахшад, волояти қонунро барқарор намояд ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони моро таъмин намояд. Конститутсия санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷати сарнавиштсоз, ифодагари ҳастии миллат ва иқтидори давлат мебошад. Аз паём ва суханрониҳои фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, сиёсатмадори олӣ, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо хуб дарк кардем, ки Конститутсия ба сифати қонуни олӣ заминаҳои ҳуқуқии пешрафти ҷомеаро аз тариқи қабули қонунҳои нав гузошта, муносибатҳои ҷамъиятии мухталифро таҳти танзим қарор дода, асосҳои

ҳуқуқии рушду таккомули минбаъдаи чунин муносибатҳоро фароҳам меорад[172].

Чунончи, Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд, ки «Конститутсия нишонаи нахустин ва муҳимтарини соҳибистиқлолии давлат буда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва давлатҳои дигар эътироф гардидани соҳибихтиёрии он аз ҳамин ҳуҷҷати тақдирсоз сарчашма мегирад»[173].

Қайд кардан лозим аст, ки дар давраи солҳои 1990-1992 дар ҷумҳурӣ вазъияти пуртаҳлукаи муқобилистии шадиди нерӯҳои мухталифи ҷамъиятӣ-сиёсӣ оид ба масъалаҳои тақдирсозӣ, дурнамои инкишофи ҳаёти мамлакат оғоз ёфта, рӯз ба рӯз авҷ мегирифт. Ва соли 1992 аллакай ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфта, то рафт шиддат мегирифт. Дар чунин вазъият ҳарчи тезтар лоиҳаи Конститутсияи нави ҷумҳуриро тайёр кардан ва онро ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод кардан, бояд вазъи ҷумҳуриро ба эътидол оварда, нерӯҳои ҷамъиятӣ-сиёсиро барои муколимаи созанда ва дарки зарурияти муттаҳидшавӣ тақозо мекард. Дар ин росто, раванди ноил гаштан ба соҳибихтиёрӣ ва бунёди заминаҳои давлатдории миллатро муқобилистӣ ва ҷанги бардавоми шаҳрвандӣ, ки барангезандагони он қувваҳои иртиҷоии дохилӣ ва бештар душманони хориҷӣ буданд, халалдор сохтанд.

Баргузории Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун воқеаи таърихии миллат ва дар он интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ барои барқарор намудани тамоми рукнҳои ҳокимияти давлатию ҷамъиятии ҷомеаи мутамаддини кишвар асос гузошт. Дар баробари ин, бо интихоб гаштани Пешвои муаззами миллат ба ҳайси сардори давлат ва бо ҷоннисориҳои бепоёни эшон, бо ҷустуҷӯи бардавоми роҳҳои ҳалли низои дохилӣ давра ба давра ихтилоф бартараф ва ваҳдати миллӣ пойдор карда шуд. Дастгоҳи давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ба фаъолияти муттадили созандагӣ маҳз дар асоси қонуни асосии давлат оғоз карданд[174].

Аҳамияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти ҷомеаи муосир бо кушода додани моҳият, хусусиятҳо ва сифатҳои он маҳдуд намегардад. Конститутсия на фақат Конститутсияи давлат, балки ҷомеа низ мебошад. Бинобар ин, на фақат ҳуҷҷати ҳуқуқӣ, ҳамчунин санади сиёсӣ ва ҳуҷҷати мафкуравӣ мебошад. Тибқи ин омил Конститутсияи ҶТ дар як вақт ҳуҷҷати муҳимтарини иҷтимоӣ-сиёсӣ аст, ки дар он асоси сиёсати

---

[172] Юсупов И.Г. Сарқонун – ҳидоятномаи миллат // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мустаҳкам намудани давлатдории миллӣ. – С. 41.

[173] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 23 апрели соли 2014.

[174] Баҳриддинзода С.Э., Ҷалолов Х. Иҷлосияи сарнавиштсоз дар таърихи Тоҷикистон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои олии Ҷумҳури Тоҷикистон ва давлату ҳуқуқи милии тоҷикон: Монография.-Душанбе. ”Балоғат”. 2023. – С. 94.

дохилӣ ва хориҷии давлат, моҳияти иҷтимоӣ, мақсаду вазифаҳои он муайян карда шудааст[175].

Конститутсияи миллати тоҷик созанда ва инкишофдиҳандагии худро исбот намуда истодааст. Конститутсия ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ-сиёсӣ бо чандин хусусиятҳои худ аз ҳаргуна дигар санадҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ фарқ мекунад. Дар бораи хусусиятҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, созишӣ, ваҳдатгароӣ, байналмилалӣ, бунёдгароӣ, муқарраркунанда, мустаҳкамкунанда, танзимкунанда, санади сарчашмавӣ, заминавӣ, асосгузоранда, халқӣ ва ғайра дар сатҳ ва шакли гуногун фикру мулоҳизаҳои бешумор баён ёфтаанд, ки гувоҳи санади оддӣ набудани ин санади тақдирсозро исбот намудаанд.

Ҳар як шахси бофарҳанг аз шиносоӣ ва таҳлили Конститутсия барои худ ҳолатҳоеро равшан карда метавонад, ки ба сатҳи гуногуни ҳаёти фардӣ, фаъолияти корӣ ва шуғли ҷамъиятии ӯ муносибат дорад. Дар хусуси ҷомеаи муосир ва сохтори давлати худ, моҳият ва вазифаҳои онҳо, шаклу воситаи фаъолияти онҳо, дар бораи рамзҳои давлатӣ мазмун ва аҳамияти онҳо, дар бораи вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии худ ҳамчун шаҳрванд, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии худ аз конститутсия шахс, сохтори ҷамъиятиву давлатӣ, шакли давлат маълумотҳое пайдо карда метавонад, ки дар ягон ҳуҷҷати дигаре дарёфт карда наметавонад.

Ҳамаи ин ҳолатҳо ва хусусиятҳои конститутсия дар рисолаю мақолаҳои сатҳи илмию амалӣ он қадар таҳқиқ шудаанд, ки гуё ягон чизи норавшане намондааст. Аммо ин самти зоҳирии масъала буда, дар асл конститутсия ҳуҷҷати мураккабу фарогире аст, ки баробари ҳаёти ҷомеа амал мекунад, чун санади зинда баробари рушди ҷомеа ва давлат инкишоф меёбад, пурра мегардад, тағйир меёбад ва мукаммал мешавад, ки гувоҳи санади догмавӣ набудани конститутсиро ифода менамояд.

Масалан, олими ватанӣ И.Б. Буриев қайд менамоянд, ки «Падидаҳои давлатдории тоҷикон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтаанд. Таҳлилу баррасӣ вадар заминаи он пешниҳоди падидаҳои дигари давлатдории миллии тоҷикон барои рушди Конститутсия вазифаи муҳими муҳаққиқон ба шумор омада, он метавонад заминаи такомули Конститутсия, наздик намудани ҳокимият ба халқ, соҳиб шудан ба боварии халқ ва пешравии миллату давлат гардад»[176].

Тавре Пешвои муаззами миллат дар яке аз паёми худ ба Маҷлиси олии кишвар баён намудаанд «Конститутсия барои аз байн бурдани хатаре, ки ба истиқлолияти давлатӣ таҳдид мекард, шароити зарурии ҳуқуқӣ муҳайё карда, барои аз нобудӣ наҷот додани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва аз парокандагӣ раҳоӣ бахшидани миллати тоҷик асос гузошт, ҷиҳати расидан ба ваҳдати миллӣ таҳкурсии устувор гардид ва дар он марҳалаи ҳассоси таърихӣ барои гузоштани асосҳои аркони давлатдории тоҷикон нақши тақдирсозу ҳалкунанда бозид».

---

[175] Конститутсияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф /Дар зери назари Президенти АИ ҶТ, проф. Ф. Раҳимӣ, ва директории Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ, проф. А.А.Шамолов. Муҳаррири масъул, дотсент А. Имомов. – Душанбе. 2014. – С. 5-12, 63-83.

[176] И.Б. Буриев Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар устувор намудани институтҳои таърихии давлатдории тоҷикон // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2013. – С. 13-14.

Воқеан, конститутсияи кишвар ба таври меъёрӣ иродаи тамоми мардум ва ҳадафҳои стратегии мамлакатро дар солҳои аввали соҳибистиқолӣ муқаррар намуда, миллати тоҷикро ҳамчун миллати тамаддунофару ватандор дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ намуд. Дар қатори давлатҳои пешрафта, дар сатҳи конститутсионӣ кишвари мо низ дорои низоми мукаммали ҳуқуқӣ мебошем, ки сарчашмаи ин низом маҳз конститутсияи кишвар мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти заминавӣ дошта, иродаи халқи Тоҷикистонро нишон медиҳад ва хусусиятҳои асосии сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад. Дар воқеъ, дар таҷрибаи давлатдории мамлакат ин санад ҳамчун заминаи танзимии тамоми рукнҳои давлатӣ муҳим буда, асосҳои сохтори конститутсионӣ, яъне рамзҳои давлатӣ, дахлнопазирии инсон, соҳибихтиёрии халқ, ягонагии давлат ва сохти марзию маъмурии он, кафолати гуногунии равияҳои сиёсӣ ва мафкуравӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, эътибории олии конститутсия ва таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои асосии сиёсати ҳориҷӣ, гуногуншаклии моликият ва объектҳои моликияти истисноии давлатро муқаррар ва нишон медиҳад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро танзим намуда, барои рушди минбаъдаи онҳо замина мегузорад. Ҳамчунин, меъёрҳои асосгузорандаи сохтори ҷамъиятӣ, сохтори давлатӣ, низоми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо шаклу мазмуни гуногун муқаррар карда мешаванд. Меъёрҳои асосгузорандаи конститутсия бо тарзи гуногун ифода ёфта, хислати умумии ҷамъбастӣ дорад ва ба танзими муфассал эҳтиёҷ надоранд. Зеро ки мафҳумҳои дар меъёрҳои асосгузор дарбар гирифташуда, аксаран дар қонунҳои мамлакат батафсил танзим мегарданд.

Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқаррарсозӣ ва кафолати арзишҳои дар моддаи якум нишон додашудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ омили муҳим мебошад. Тибқи Конститутсия шакли идораи давлатии Тоҷикистон ҷумҳурӣ мебошад ва сарвари давлат Президент аст. Вобаста ба ин омил вазъи конститутсионии Президент муайян карда шуда, салоҳияти он ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия нишон дода шудааст. Хусусияти шакли ҷумҳурии давлат барои дар заминаи конститутсионӣ муайян кардани шаҳрвандии Тоҷикистон ва усули баробарҳуқуқии ҳама дар назди қонун ва суд асос мебошад. Ҳеҷ як кас аз самти ҳуқуқӣ вобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк нисбат ба каси дигар дар назди қонун ва суд ҳеҷгуна бартарӣ надорад[177].

Дар баробари ин, меъёрҳои конститутсионӣ бо назардошти воқеияти ҳуди зиндагӣ, эҳтиёҷоти мардум таҳия гардида, аз тарафи тамоми халқ тавассути райъпурсӣ қабул мегарданд.

[177] Ашӯрбой Имомов. Нақши Конститутсия дар рушди давлатдории миллии тоҷикон. –Душанбе. 2011.С-11

Конститутсияи кишвар муносибатҳои воқеан амалкунандаи ҷамъиятиро муқаррар ва танзим менамояд. Ҳақиқӣ будани қонуни асосии кишвари мо ба эҳтиёҷи ҷомеа ва манфиати мардум мувофиқат доштани онҳо таъмин карда шуда истодааст. Дар шароити имрӯзаи мамлакат чунин кор бештар тавассути Пешвои муаззами миллат, ба роҳ монда шудааст.[178] Тавре Президенти кишвар дар яке аз Паёмҳои худ ба парлумон қайд намудаанд, ки” Конститутсия ба сифати Қонуни Олӣ заминаҳои ҳуқуқии пешрафти ҷомеаро аз тариқи қабули қонунҳои нав гузошта, муносибатҳои ҷамъиятии мухталифро тахти танзим қарор медиҳад”.

Воқеан, мавқеи конститутсия дар муайян кардани мазмуну таъиноти қонунҳои нави сершумор ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон, дар татбиқи асосҳо ва заминаҳои нави давлатдорӣ хеле калон аст. Аз ин рӯ, конститутсия ва ҳолату меъёрҳои он дар ташакулёбии низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории ҷумҳурӣ, дар пойдор гардидан ва камолоти давлатдорӣ дар Тоҷикистон аҳамияти калон доранд.

Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бунёди давлат ва муайян кардани самтҳои асосии рушди он, дар муайянсозии қонунияти рушди ҷомеа ва сохторҳои он, дар муайян намудани вазъи конститутсионии инсон ва шаҳрванд, эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқу озодиҳои он хеле калон аст. Ва умуман, нақши бунёдии Конститутсия дар ташаккули давлати соҳибхтиёр, ягона ва демократӣ, муайян кардани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, усулҳои асосии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, муайянсозии функсияҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва мафкуравии давлат, ташаккули низоми ҳуқуқӣ ва рушди қонунгузорӣ, муайян намудани вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии инсон ва шаҳрванд, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, устувор гардонидани ваҳдати миллӣ, ба созиш овардани тамоми қишрҳои иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа ва сафарбарсозии онҳо барои таъмини пойдории давлати Тоҷикистон ва ғайра омили ҳалкунанда мебошад.[179]

Дар асоси меъёрҳои Конститутсия ба мо муяссар гардид, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори сиёсӣ ва иқтисодии кишварамонро таъмин намуда, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам оварем.

Дар ҳақиқат, хама қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз он сарчашма мегирад барои пешрафт ва рушди қонунгузории давлат хизмат мекунад ва маҳзани инкишофи қонунгузорӣ мебошад. Конститутсия ҳамчун асоси тартиботи ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа буда, аз ҷиҳати мазмуни худ қонуни асосии мамлакат мебошад. Вай поягузори давлати соҳибистиқлол, ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ, ягона ва иҷтимоии Тоҷикистон буда, низоми принсипҳои асосии бунёди давлат дар боби аввали Конститутсия асосҳои сохтории он муқаррар шудааст. Он тамоми соҳаҳои ҳаёти

[178] Сулаймонов, М. С. Конституционный статус Президента Республики Таджикистан и его роль в законотворческом процессе / М. С. Сулаймонов // Правовая жизнь. – 2017. – № 2(18). – С. 51-55.
[179] Имомов А. Сарқонуни Ҷумҳурии Точикистон, соҳибхтиёрӣ ва таҷдиди давлатдории миллӣ //Давлат ва ҳуқуқ. 2009. № 3, -С.28-35.

ҷамъиятӣ, сиёсиву ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангиву идеологӣ ва соҳаи байналмилалиро дар бар мегирад.

Бояд тазаккур дод, ки хислати дигари конститутсияи кишвар устувории он мебошад, ки бе дохил кардани тағйиротҳои пайвастаи ҷиддиро ифода мекунад. Дар баробари ин, устувории конститутсия ба пойдории сохти давлатӣ ва мустаҳкамии муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ робита дорад. Устувории конститутсияи мо исбот намудааст, ки кафолати пойдории сохтори давлатӣ, реҷаи сиёсӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мамлакат мебошад. Аммо хислати мазкури қонуни асосии давлат хусусияти комил надошта, вобаста ба дигаргуниҳо дар ҳаёти мамлакат тавассути дохил кардани тағйиру иловаҳо ба конститутсия инъикос карда мешаванд.

«Конститутсия набояд ба як ҳуҷҷати доимии дипломатикӣ табдил дода шавад, зеро ҷамъият пеш меравад ва ин ҳуҷҷати таърихӣ низ бояд баробари талаботи ҷомеа дар ҳаракат бошад, то ки аз ҳуҷҷати бунёдгузор ба бори гарон табдил наёбад. Боби охирин он маҳз ба тартиби тағйири конститутсия бахшида шудааст. Дар он тартиби нисбатан мураккаби тағйир додан ва илова даровардан ба конститутсия пешбинӣ шудааст»[180]. Аммо тағйиру иловаҳои ба конститутсия воридшаванда, маънои зуд-зуд тағйирёбии онро надошта, баръакс ба устувории онҳо, васеъ кардани кафолатҳои иҷтимоии онҳо равона карда мешаванд. Меъёри моддаи 100 Конститутсияи ҶТ дар хусуси тағйирнопазирии шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат исботи гуфтаҳои болоанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи дастовардҳои бузурги мардуми кӯҳанбунёди миллат буда, заминаи ҳуқуқии давлати тозабунёд ва соҳибистиқлоли тоҷикон, шакли ифодаи ҳуқуқии ормонҳои давлатдории миллӣ, ҳимояи ҳадафҳо ва манфиатҳои миллӣ мебошад.

**Адабиёт:**


1. Диноршоев А.М., Шерализода Ҷ.Ш. Мазмуни тағйиру иловаҳои соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе. – Душанбе. 2021. – № 4 (20). – С. 139.

2. Юсупов И.Г. Конститутсия – ҳидоятномаи миллат // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мустаҳкам намудани давлатдории миллӣ. – С. 41.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 23 апрели соли 2014.

4. Баҳриддинзода С.Э., Ҷалолов Х. Иҷлосияи сарнавиштсоз дар таърихи Тоҷикистон // Иҷлосияи XVI-уми Шурои олии Ҷумҳури Тоҷикистон ва давлату ҳуқуқи милии тоҷикон: Монография.-Душанбе. ”Балоғат”. 2023. – С. 94.


[180] А.А. Идибеков Хусусиятҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон// Вестник науки и творчества. 2022. № 10 (82). - С. 8.

5. Конститутсияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф /Дар зери назари Президенти АИ ҶТ, проф. Ф. Раҳимӣ ва директории Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ, проф. А.А.Шамолов. Муҳаррири масъул, дотсент А. Имомов. – Душанбе. 2014. – С.5-12, 63-83.

6. И.Б. Буриев Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар устувор намудани институтҳои таърихии давлатдории тоҷикон// Маҷаллаи академияи ҳуқуқ. -3-4. – 2013. – С.13-14.

7. Ашӯрбой Имомов. Нақши Конститутсия дар рушди давлатдории миллии тоҷикон. – Душанбе. 2011. – С. 11.

8. Сулаймонов М.С. Конституционный статус Президента Республики Таджикистан и его роль в законотворческом процессе // Правовая жизнь. – 2017. – № 2(18). – С. 51-55.

9. Имомов А. Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон, соҳибихтиёрӣ ва таҷдиди давлатдории миллӣ //Давлат ва ҳуқуқ. 2009. № 3. – С. 28-35.

10. А.А. Идибеков Хусусиятҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Вестник науки и творчества. 2022. – № 10 (82). – С. 8.

# СОХТОР ВА ТАШКИЛИ ДОХИЛИИ МАҚОМОТИ НАМОЯНДАГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Олимзода Давлатмурод Абдулхайр,**
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (992) 939377772
**E-mail:**davlat.olimov.1993@bk.ru

**Мушовири илмӣ:** Гадоев Б.С., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионии ДМТ
**Муқарриз.** Зоир Ҷ.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Муҳимтарин ҳадафи сиёсати давлатии Тоҷикистон устувор нигаҳ доштани асосҳои сохти конститутсионӣ, барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, ки ҷавҳари онро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзишҳои олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат додааст ва дар моддаи 6-ум муқаррар намудааст, ки дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст. Инчунин моддаи 27-ум пешбинӣ менамояд, ки шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Таҳқиқи ғоя ва шарҳи илмии *сохтор ва ташкили дохилии мақомоти намояндагӣ* барои илми ҳуқуқшиносии тоҷик нав нест, он таърихи қадима дорад, вале аз нигоҳи имрӯз ба таври лозим мавриди ковишҳои илмӣ қарор нагирифтааст. Перомуни ғояи демократияи намояндагӣ миёни мардум афкори густардае ҳаст, яъне дар шуури ҷомеа ин падида воқеият дорад, аммо маърифати илмии он ба душворӣ даст медиҳад. Ҳуқуқи намояндагӣ – ин имконияти инсон ҷиҳати иштирок дар ҳалли масоили мухталифи иҷтимоӣ- сиёсӣ, таъмини волоияти қонун мебошад. Ҳуқуқи намояндагӣ ҳамчунин барои худмуайянкунӣ, худтатбиқкунии инсон шароит муҳайё карда, соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти ӯро аз ҳама гуна дахолати ғайриқонунӣ, яъне барои татбиқи манфиатҳои шахсиаш, таъмин месозад. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои сохтор ва ташкили дохилии мақомоти намояндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Намояндагӣ як шакли амалисозии соҳибихтиёрии халқ аст, ки моҳияти он аз ҷониби мардум додани ваколати идоракунии корҳои давлат ба намояндагони худ бо як муҳлате, ки қонун дар мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ (парламент) муайян кардааст. Намояндагии халқ чунин вазифаҳои

муҳимро ба мисли намояндагӣ, қонунгузорӣ, назоратӣ, амниятӣ, танзимкунанда иҷро мекунад.

**Калидвожаҳо:** Сохтор, намояндагӣ, ташкил, дохилӣ, ҳуқуқ, конститутсия, давлат, шакл, шаҳрвандон, масъала, Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушд, замонӣ муосир, интихоби, кафолат, ҳимоя, нақш, ҷаҳонӣ, замонӣ муосир, интихоби, кафолат, ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон, нақш, судҳои умумӣ, судҳои иқтисодӣ, суди конститутсионӣ, ҳокимияти судӣ, ваколатдор, манфиати давлат, ташкилоту муассиса, қонунияту адолат, қонуни конститутсионӣ, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, вакил, Ҷамоат, маҳалла.

## СТРУКТУРА И ВНУТРЕННЯЯ ОРГАНИЗАЦИЯ ПРЕДСТАВИТЕЛЬНОЙ ВЛАСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Олимзода Давлатмурод Абдулхайр**
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, дотсент кафедры право и сравнительное правоведение, кандидат юридичиских наук.
**Тел.:** (992) 939377772
**E-mail:**davlat.olimov.1993@bk.ru

**Научный консультант**: Гадоев Б.С., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Зоир Дж.М., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Важнейшей целью государственной политики Таджикистана является сохранение основ конституционного строя, создание демократического, правового, светского и единого государства, сутью которого является защита прав и свобод человека и граждане. Конституция Республики Таджикистан признает права и свободы человека и гражданина высокими ценностями, гарантирует их соблюдение и защиту и устанавливает в статье 6, что в Таджикистане народ является выражением суверенитета и единственным источником государственной власти. и осуществляют его непосредственно или через своих представителей. Высшим прямым выражением власти народа являются всенародный референдум и выборы. Также статья 27 предусматривает, что гражданин имеет право участвовать в политической жизни и государственном управлении непосредственно или через своих представителей. Исследование идеи и научное объяснение структуры и внутренней организации представительных органов не ново для таджикской юриспруденции, имеет древнюю историю, но с сегодняшней точки зрения недостаточно изучено. В народе широко распространено мнение об идее представительной демократии, то есть в сознании общества это явление реально, но научное познание его затруднено. Право представительства – это возможность человека участвовать в решении различных общественно-

политических вопросов, обеспечивать верховенство закона. Право представительства также создает условия для самоопределения и самореализации человека, обеспечивая его суверенитет и независимость от любого незаконного вмешательства, то есть для реализации его личных интересов. В данной статье анализируется структура и внутренняя организация представительных органов в Республике Таджикистан. Представительство — форма осуществления народного суверенитета, суть которой состоит в предоставлении народом полномочий по управлению государственными делами своим представителям на определенный законом срок в представительных органах государственной власти (парламенте). Народные представители выполняют такие важные функции, как представительство, законодательство, контроль, безопасность, регулирование.

**Ключевые слова:** Власть, представительство, организация, внутренняя, закон, конституция, государство, форма, граждане, вопрос, Республика Таджикистан, развитие, современное время, выбор, гарантия, защита, роль, глобальный, современное время, выбор, гарантия, защита права и свободы человека, роль, общие суды, экономические суды, конституционный суд, судебная власть, уполномоченный, государственный интерес, организации и учреждения, законность и справедливость, конституционное право, Маджлиси мили, Маджлиси намояндагон, представитель, Джамаат, махалля.

## STRUCTURE AND INTERNAL ORGANIZATION OF THE REPRESENTATIVE AUTHORITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Olimzoda Davlatmurod. Abdulkhair.**
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Associate Professor of the Department of Law and Comparative Law, Candidate of Legal Sciences
**Phone:** (992) 9393 77772
**E-mail:** davlat.olimov.1993@bk.ru

**Scientific advisor:** Gadoev B.S., doktor of legal Sciences, associate Professor
**Reviewer:** Zoir J.M. Doctor of Law, Professor

**Annotation:** The most important goal of the state policy of Tajikistan is to maintain the fundamentals of the constitutional system, to establish a democratic, law-based, secular and unified state, the essence of which is the protection of the rights and freedoms of people and citizens. The Constitution of the Republic of Tajikistan recognizes the rights and freedoms of human beings and citizens as high values, guarantees their observance and protection, and establishes in Article 6 that in Tajikistan, the people are the expression of sovereignty and the sole source of state power, and they exercise it directly or

through their representatives. makes The highest direct expression of the power of the people is the national referendum and elections. Also, Article 27 provides that a citizen has the right to participate in political life and state administration directly or through his representatives. The study of the idea and scientific explanation of the structure and internal organization of representative bodies is not new for Tajik jurisprudence, it has an ancient history, but from today's point of view, it has not been adequately studied. There is a widespread opinion among the people about the idea of representative democracy, that is, in the consciousness of the society, this phenomenon is real, but its scientific knowledge is difficult. The right of representation is a person's opportunity to participate in solving various socio-political issues, to ensure the supremacy of the law. The right of representation also creates conditions for self-determination and self-realization of a person, ensuring his sovereignty and independence from any illegal interference, that is, for the implementation of his personal interests. This article analyzes the structure and internal organization of representative bodies in the Republic of Tajikistan. Representation is a form of exercise of people's sovereignty, the essence of which is the granting by the people of the authority to manage state affairs to their representatives with a term determined by law in the representative bodies of state power (parliament). People's representatives perform such important functions as representation, legislation, control, security, regulation.

**Keywords:** Authority, representation, organization, internal, law, constitution, state, form, citizens, issue, Republic of Tajikistan, development, modern time, choice, guarantee, protection, role, global, modern time, choice, guarantee, protection of rights and freedom human, role, general courts, economic courts, constitutional court, judicial authority, authorized, state interest, organizations and institutions, legality and justice, constitutional law, Majlisi mili, Majlisi namoyandagon, representative, Jamaat, locality.

Илми муосири ҳуқуқи конститутсионӣ ба якчанд консепсияҳои (назарияҳои) низомсоз асос ёфтааст, ки дар байни онҳо назарияи сохибихтиёрии халқ мавқеи асосиро ишғол мекунад, ки татбиқи амалии онҳо шарти зарурии бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд мебошад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастоварди миллӣ буда, муқаддасоти миллӣ, андешаи давлатдории миллӣ, истифодаи васеи анъанаҳо ва осори таърихии миллиро эълон ва таъмин мекунад. Он нахустин Қонуни асосии давлати тозабунёд ва соҳибистиклоли тоҷикон мебошад, ки пас аз таърихи беш аз ҳазорсолаи аз байн рафтани давлати Сомониён барпо гардид. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - қонуни асосии давлат, асоси низоми ҳуқуқии кишвар, заминаи эҷод ва такмили минбаъдаи қонунгузорӣ, ҳуҷҷати созиши иҷтимоӣ, муайянсозандаи дурнамои пешрафти ҷомеа ва давлат мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷои аз ҳама баландро соҳиб буда, эътибори олии ҳуқуқӣ дорад.[181]

[181]Ниг: Диноршоев А.М. Ғаниев Ҷ.Ш. Таҳлили тағйиру иловаҳои соли 1999 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – № 4 (28). – 2019. – С. 49-57.

Қайд кардан ба маврид аст, ки халқи тоҷ ик аз қадим боз новобаста аз мавқеи ҷойгиршавиашон дар минтақаҳои мухталиф ва давлатҳо фарҳанги баланди намояндагӣ дошт. Пас аз соҳиб гаштан ба истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон мавқеи мақомоти намояндагӣ хеле афзуд, ин мақомот ба ҳайси яке аз такягоҳи устувори демократӣ ва яке аз шаклҳои аз ҷониби халқ татбиқ гардидани ҳокимияти ба вай мансуб эътироф шуд.

Ҳуқуқи шаҳрвандон дар намояндагӣ аз давлат гирифта нашуда, балки куллан ифодагари ҳокимияти халқ ба шумор меравад. Ҳуқуқи намояндагӣ – ин имконияти инсон ҷиҳати иштирок дар ҳалли масоили мухталифи иҷтимоӣ- сиёсӣ, таъмини волоияти қонун мебошад. Ҳуқуқи намояндагӣ ҳамчунин барои худмуайянкунӣ, худтатбиқкунии инсон шароит муҳайё карда, соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти ӯро аз ҳама гуна дахолати ғайриқонунӣ, яъне барои татбиқи манфиатҳои шахсиаш, таъмин месозад.

Чӣ тавре, ки Б.С. Гадоев қайд менамояд, ки дар кишвари мо дар шароити ташаккул ва рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва демократӣ чунин усули татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва озодӣ, ба мисли аз худ намудани анъанаҳои демократӣ ва рушди мутассили онҳо дар замина ва тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ муҳим ба шумор меравнд. Маҳз дар асоси татбиқи амали ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва озодӣ раванди аз бар намудани чунин арзишҳо, ба мисли арзиши олӣ эътироф гардидани инсон, ҳуқуқҳо ва озодиҳои ӯ, пазируфтани ғояҳои некӣ ва адолатнокӣ, риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ, идоракунии ҳукумат тавассути гузаронидани интихоботи демократӣ ҷараён мегирад.[182]

Чӣ тавре, ки Г.Д. Садовникова иброз медорад, инкишоф ва мустаҳкам намудани принсипҳои демократӣ, ҳуқуқии давлатдори бо дарки илми ҳуқуқи-конститутсионӣ мафҳумҳои бунёдии намояндагии халқ, парламентаризм, омӯзиши амиқи илмии хусусиятҳои умумӣ ва махсуси низоми давлатдории халқ алоқаманд аст.[183]

Дар асоси ҳамин гуфтаҳо А.И. Имомов иброз медорад, ки фаъолияти Маҷлиси намояндагон асосан баъди интихоби Раиси палата ривоҷ меёбад. Раиси Маҷлиси намояндагон аз байни вакилон бо овоздиҳии пинҳонӣ бо раъйи аксарияти шумораи умумии вакилон интихоб мешавад. Раиси Маҷлиси намояндагон дар назди палата ҳисоботдиҳанда буда, бо тарафдории на камтар аз ду се ҳиссаи шумораи умумии вакилони палата бо овоздиҳии пинҳонӣ аз мансаб бозхонда мешавад. Масъалаи бозхонди Раиси Маҷлиси намояндагон аз тарафи на камтар аз се як ҳиссаи вакилони палата пешниҳод мешавад. Дар ҳолати пешниҳоди мазкурро дастгирӣ кардани аксарияти шумораи умумии вакилони палата масъалаи бозхонди Раиси Маҷлиси намояндагон ба овоздиҳии пинҳонӣ гузошта мешавад.

---

[182]Ниг: Гадоев Б.С. Мафҳум ва моҳияти худидораи маҳаллӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – № 1 (29) 2020. – С. 88-95.
[183]Ниг: Садовникова Г.Д. Представительные органы в Российской Федерации: проблемы исторической обусловленности, современного предназначения и перспективы развития.12.00.02 – конституционное право; конституционный судебный процесс; муниципальное право. Авторе... дисс.. на соискание ученой степени доктора юридических наук. – Москва – 2013. – С.8.

Раиси Маҷлиси намояндагон ҳақ дорад бо ихтиёри худ ё бо пешниҳоди вакилон ба истеъфо равад[184].

Дар асоси ин гуфтаҳо В.М. Корельский ва В.Д. Перевалов қайд менамоянд, ки давлат ҳамчун ташкилоти сиёсии ҷомеа таъминкунандаи ягонагӣ, тамомияти арзӣ, амаликунандаи идоракунии ҷомеа ба василаи механизми ҳокимияти давлатӣ, соҳибихтиёрии ҳокимияти оммавӣ, додани мазмуни умумиҳатмӣ ба ҳуқуқ, кафолат додани ҳуқуқу озодиҳо ба шаҳрвандон, қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ баромад мекунад[185].

Ба андешаи П.А. Астафичев дар охири асри XX намояндагии халқ ба марҳилаи нави худ ворид шудаанд. Ба раванди идоракунӣ васеъ ҷалб кардани табақаҳои аҳолӣ, мақомоти намояндагӣ қисман тавонистанд, ки халқро бо ҳикимияти давлати наздик созад[186].

Ҳамзамон З. Ализода иброз медорад, ки таҳаввули институти парлумон дар шароити душвори барои кишвар – ҷанги шаҳрвандӣ ва давраи пас аз барқарорсозӣ – ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ дар кишвар сурат гирифт. Дар асоси Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон парлумони дупалатагӣ таъсис дода шуд, ки палатаи поёнии он дар асоси доимии касбӣ фаъолият мекунад. Аз ин лаҳза (2000), таҷассуми воқеии принсипҳо ва меъёрҳои парламентаризм дар воқеияти сиёсию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан оғоз меёбад[187].

Чӣ тавре, ки Ҷ.М.Зоир қайд намудааст, парламентаризм ҳамчун падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, аз як тараф ба як қатор принсипҳои умумӣ — тақсимоти ҳокимият, демократияи бевосита ва намояндагӣ, моҳияти ҳуқуқии давлат, таъмини волоияти қонун, қонуният ва ғайра такия мекунад, ки асоси сохти конститутсиониро ташкил медиҳанд.[188]

Аз ҷумла В.О. Лучин дуруст мешуморад, ки сарчашмаи ҳокимият, сохибихтиёрӣ, соҳиби ҳуқуқ будан, дар тамоми шаклҳои ҷамъияти халқ мебошад[189]. Ба ақидаи Н.С. Грудинин институти намояндагии халқ шакли амалӣ гардондани сохибихтиёрӣ мебошад, ки дар он халқ ба намояндагони худ дар мақомоти миллии намояндагӣ (парламент) ваколати идоракунии корҳои ҳокимиятро медиҳад[190].

---

[184]Ниг: Имомов, А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – С. 325.

[185]Ниг: Чиркин В.Е. Правовое положение политических партий: российский и зарубежный опыт // Журнал российского права. – 1999. – № 3/4. – С. 124-127.

[186]Ниг: Астафичев П.А. Народное представительство в современной россии: проблемы теории и правового регулирования 12.00.02 – конституционное право; муниципальное право авто... дисс.. на соискание ученой степени доктора юридических наук. – Москва. – 2006 г. – С. 4.

[187]Ниг: Ализода З. Становление и развитие института парламента в Республике Таджикистан: конституционно- правовое исследование. Специальность: 12.00.02 – конституционное право; конституционный судебный процесс; муниципальное право диссе... на соискание ученой степени доктора юридических наук. Душанбе – 2014.С.10.

[188]Ниг: Маджидзода Дж.З. Конституция Республики Таджикистан 20-лет. Душанбе -2014. Изд.ООО-«Эр-граф». – С. 65.

[189]Ниг: Лучин В. О. Конституционные нормы и правоотношения: Учеб. пособие для вузов. - М.: ЮНИТИ, Закон и право, 1997 – С. 120-126.

[190]Ниг: Грудинин Н.С. Модернизация пропорциональной избиратель - ной системы на выборах депутатов Государственной Думы Федерального Собрания Российской Федерации: проблемы и пути их решения // Вестник Самарского муниципального института управления. 2012. – № 3. – С. 125-131.

Ҳамин тавр, Маҷлиси намояндагон шумораи муовинони Раиси палатаро муайян мекунад. Тибқи қарори Маҷлиси намояндагон аз 27 марти соли 2020 дар палата 3 нафар муовинони Раиси палата муқаррар шуд. Муовинони Раиси Маҷлиси намояндагон аз ҷумлаи вакилони палата ба мӯҳлати ваколати палата бо пешниҳоди Раиси палата интихоб мегардад. Тартиби интихоби муовинони Раиси палата дар моддаи 9 Дастури Маҷлиси намояндагон муайян шудааст. Раиси Маҷлиси намояндагон самтҳои фаъолияти муовинони худро муайян менамояд. Муовинони Раиси палата бояд дар доираи салоҳияти худ ба воҳидҳои сохтори Дастгоҳи палата роҳбарӣ намоянд. Дар сурати набудани Раиси Маҷлиси намояндагон вазифаҳои ӯро бо супориши худи раис яке аз муовинонаш иҷро мекунад.

Мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия иборат мебошанд. Вазифа – самти масъулияти мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Дар моддаи 7 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз 17.05.2004 №28” тартиби ташкили Маҷлиси вакилони халқ муаян шудааст, ки маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро интихобкунандагони воҳидҳои маъмурию ҳудудии дахлдор дар асоси принсипҳои умумӣ, баробар, мустақим, бо овоздиҳии пинҳонӣ ба мӯҳлати 5 сол интихоб мекунанд.

Қайд намудан зарур аст, ки шумораи вакилони Маҷлиси вакилони халқи дахлдорро Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар доираи меъёрҳои зерин муайян мекунад:

- барои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе - то 70 нафар;
- барои шаҳр ва ноҳия - то 40 нафар;

Маҷлиси вакилони халқ дар сурати интихоб шудани на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии муқарраршудаи вакилони он ваколатдор мебошад. Тартиби интихоби вакилони Маҷлиси вакилони халқро Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аз 10.12.1999 №858” танзим менамояд.

Ҳангоми азнавташкилдиҳии (ҳамроҳшавии, муттаҳидшавии, табдилдиҳии, тақсимшавии ё ҷудошавии) воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ вакили Маҷлиси вакилони халқи ин воҳиди маъмурию ҳудудӣ вакили Маҷлиси вакилони халқи азнавташкилшудае мебошад, ки ба ҳайати он аксарияти интихобкунандагони вакил дохил мешаванд ва то оғози фаъолияти иҷлосияи даъвати нав ваколати худро нигоҳ медорад.[191]

[191]Ниг: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, № 5, мод. 339; с. 2006, № 11, мод. 472; с. 2009, № 12, мод. 814. – С. 2010, № 12, қ. 1, мод. 800; с. 2013, № 3, мод. 179, № 7, мод. 500; с. 2017, № 5, қ. 1,

Дар замони дигаргуниҳои қатъии низоми иҷтимоӣ, фарҳангии ҷамъият ру овардан ба таърихи барпо шудан ва инкишоф ёфтани давлат ва ҳуқуқ, ҷамъбаст кардани таҷрибаи таърихии бунёди давлат ва ҳуқуқи миллим Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи то пойдор гардидани усули маъмурӣ ва худсарии ҳокимият аҳамияти махсус дорад. Ин дигаргуниҳои таърихӣ дар Тоҷикистон ба мехнати фаъолонаи мардуми захматкаши тоҷик ва дигар миллатҳои маҳаллӣ, ба ҳамкорӣ ва кумаки халқҳои ҷумҳуриҳои бародар асос ёфта, яъне ҷомеаи сотсиалистӣ ба вуқуъ омад. Дар асоси худмуайянкунии миллӣ барпо намудани сотсиализм маънои инкор ё маҳдуд кардани забон анъана ва фарҳангӣ миллату халқиятҳоро надошт, балки боиси рушду камоли онҳо мегардид.[192]

Дар моддаи 2 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.12.1999 №856” оварда шудааст, ки сохтори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду маҷлис - Маҷлиси милли ва Маҷлиси намояндагон иборат аст.[193]

Қайд кардан ва маврид аст, ки узви Маҷлиси милли ваколатҳои худро аз фаъолияти истеҳсолию хизмати ҷудо нашуда, ба амал мебарорад. Узви Маҷлиси милли барои ба амал баровардани фаъолияташ мувофиқи қонун аз иҷрои вазифаҳои истеҳсоли ва хизматӣ озод карда мешавад. Узви Маҷлиси милли наметавонад дар як вақт вакили Маҷлиси намояндагон ё вакили зиёда аз ду мақомоти намояндаги бошад. Вакили Маҷлиси намояндагон фаъолияти худро дар асоси доимӣ ва касбӣ иҷро мекунад. Вакили Маҷлиси намояндагон наметавонад вакили дигар мақомоти намояндаги бошад, вазифаи дигареро иҷро кунад, фаъолияти соҳибкори намояд, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷоди ва омӯзгорӣ.[194]

Дар ҳамин замина қобили қайд аст, ки шартҳои зерин ҷудо ва асоснок карда шудаанд, ки дар доираи онҳо намояндагии халқро метавон баррасӣ кард шакли муносиби ифодаи сохибихтиёрии халқ: демократия интихобот, намояндагии низоми интихоботӣ, нақши калон мансабдори интихобшуда ва парламент дар муносибатҳои сиёсӣ, танзими самараноки вазъи ва тартиби фаъолият мақомотҳои намояндагӣ, масъулияти онхо дар назди шаҳрвандони ҷомеа, инчунин дар амалияи чамъиятию сиёсӣ татбиқ

мод. 268, № 7, мод. 464; с. 2020, № 1, мод. 1) (Қонуни конститутсионии ҶТ аз 21.11.2006 № 211, аз 3.12.2009 № 1748, аз 25.01.2021 № 1800, аз (08.06.2022 № 1872).

[192] Ниг: Тохиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе, Ирфон. – 1994. – С. 3.

[193]Ниг: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 12, мод. 296; с. 2004, № 7, (Қонуни конст. ҶТ аз 15.07.2004 № 44, от 12.05.2007 № 256, от 6.10.2008 № 444, аз 01.08.2012 № 896, аз 14.03.2014 № 1065, аз 26.07.2014 № 1086, аз 18.07.2017 № 1452, аз 21.02.2018 № 1508, аз 19.07.2019 № 1639).

[194]Ниг: Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, № 7, (Қонуни конст. ҶТ аз 8.12.2003 № 61, аз 9.12.2004 № 71, аз 25.07.2005 № 106, аз 3.03.2006 № 163, аз 30.07.2007 № 304, аз 26.12.2011 № 795, аз 26.12.2011 № 796, аз 01.08.2012 № 897, аз 23.07.2016 № 1324, аз 18.07.2017 № 1454, аз 17.12.2020 № 1749, аз 25.06.2021 № 1799, аз 08.06.2022 № 1871, аз 19.07.2022 № 1889).

намудани нормаҳои дахлдори конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ равана мегардад[195].

Узви Маҷлиси милли ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳуқуки ташаббуси қонунгузорӣ доранд. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузори дар шакли пешниҳоди лоиҳаи қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ё аз эътибор соқит донистани қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар шакли пешниҳоди хаттӣ дар бораи қабул кардани қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ворд намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон (таклифҳои қонунгузорӣ) ба амал бароварда мешавад. Лоиҳаи қонунҳо ва таклифҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи узви Маҷлиси милли ва ё вакили Маҷлиси намояндагон дар асоси ҳуқуки ташаббуси қонунгузори пешниҳод гардидаанд, бояд аз тарафи Маҷлиси намояндагон барраси шаванд[196].

Дар ташкили фаъолияти Маҷлиси намояндагон нақши мақомоти ҳамоҳангсоз – Шурои Маҷлиси намояндагон назаррас аст. Дар моддаи 11 Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 №43» дарҷ шудааст, ки шаклҳои фаъолияти узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон аз инҳо иборатанд:

1) иштирок дар ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарраркардаи Дастури ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) иштирок дар ҷаласаҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон мувофиқи тартиби муқарраркардаи дастурҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон;

3) иштирок дар кори Шӯро, кумитаҳо, комиссияҳо, аз ҷумла комиссияҳои муваққатӣ ва дигар мақомоти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон мувофиқи тартиби муқарраркардаи дастурҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон;

4) иштирок дар робитаҳои байналмилалии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5) иҷрои супоришҳои Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон ва мақомоти онҳо;

6) пешниҳоди дархости вакилӣ;

**Ключевые слова:** Финансовая аренда; лизинг; договорное помещение; непотребляемые предметы; Часть земли; недвижимое имущество; договор; законодательство; Деловая активность; ценные бумаги; животные; предмет договора; предмет договора; юридическая литература; договор аренды; договор лизинга; гражданское законодательство.

## SUBJECT OF THE FINANCIAL LEASE (LEASE) AGREEMENT

**Mirzozoda Parvon Zainalobiddin**
Tajik National University, Faculty of Law, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, Dean of the Faculty of Law Tajik National University
**Phone:** (+992) 907-40-55-50
**E-mail:** parvona.mirzoev@mail.ru

**Hakimov Yaqub Bakhtiyoriddinovich**
Tajik National University, Faculty of Law, Ph.D doctoral student of the Department of Entrepreneurship and Business Law
**Phone:** (+992) 918-92-71-16
**E-mail:** yakub.khakimov.98@mail.ru

**Scientific supervisor:** Mirzozoda P.Z., candidate of legal sciences, associate professor.

**Reviewer:** Gayurzoda Sh.K., Doctor of Law, Professor.

**Abstract:** This article analyzes the subject of a financial lease (leasing) agreement. By analyzing legal literature and legislation, the theoretical problems of this phenomenon are identified and, to some extent, the necessary thoughts and opinions are outlined in this article. Indeed, determining the subject of this agreement has a theoretical and practical necessity. Studying the features of the legal structure of any civil contract, first of all, involves determining its subject. If the contract does not contain clear indications of its subject matter, performance becomes impossible and the contract essentially loses its meaning and therefore must be considered not concluded. In this regard, it is necessary to analyze the topic of financial lease (leasing) agreements in civil law. In relation to the subject of a financial lease (leasing) agreement, it should be noted that in the legal literature there are different ways to determine the subject of the agreement. According to some researchers, the subject of the agreement coincides with the object of legal relations arising from this agreement. From another point of view, the object or subject of the contract is movement (immobility). The independence of any contract in civil law depends primarily on its subject matter. In addition, the subject of the contract is to express its independence. Therefore, establishing the subject of the contract in this area is important. For the recognition of concluded civil law contracts, there must be a necessary agreement between the parties on important terms. To determine the independence of a financial lease (leasing) agreement, which is recognized as a type of civil contract, it is necessary and necessary to determine its subject. Regarding the subject of a financial lease (leasing) agreement, there are different opinions in the legal literature, especially regarding the recognition of a land plot, animals, securities and the like as the subject of a leasing agreement. Analysis and study of this topic from a scientific and legislative point of view can have an impact on the further improvement of the country's legislation.

**Key words:** Financial lease; leasing; contract premises; non-consumable items; Part of the land; real estate; contract; legislation; Business activity; securities; animals; subject of the contract; subject of the contract; legal literature; lease contract; leasing agreement; civil legislation.

Мустақилияти ҳама гуна шартномаҳо дар ҳуқуқи маданӣ пеш аз ҳама аз мавзуи (предмети) он вобаста аст. Илова бар ин, мавзуи шартнома ифодагари мустақилияти он аст. Бинобар ҳамин, муқаррар гардидани мавзуи шартнома дар ин соҳа аҳаммияти муҳим дорад. Барои басташуда эътироф намудани шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ бояд созиши зарурӣ байни тарафҳо оид ба шартҳои муҳим вуҷуд дошта бошад[203]. Барои муайян

[203] Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал / Зери таҳрири Ғаюров

намудани мустақилияти шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг), ки ҳамчун як навъи шартномаи ҳуқуқи маданӣ эътироф карда шудааст, муайян намудани мавзуи он шарт ва зарур аст. КМ ҶТ низ яке аз шартҳои муҳими шартномаро тибқи қ. 3 м. 498[204] мавзӯи шартнома муқаррар намудааст. Дар қонунгузорӣ мафҳуми мушаххаси мавзӯи шартнома то замони имрӯза муқаррар карда нашудааст, аммо дар назария оид ба ин масъала андешаҳои гуногун ҷой дошта, одатан зери ин мафҳум чизе фаҳмида мешавад, ки сабаби бастани шартнома мегардад.

Шарт оид ба мавзуъ иҷрои предметро фардӣ мегардонад ва дар қонунгузории маданӣ ба шартҳои муҳими ҳама гуна шартномаи маданӣ мансуб аст. Дар сурати дар шартнома набудани мавзуи он, шартнома басташуда ҳисобида намешавад.

Дар муносибат бо муайяннамоии мавзуи лизинг дар адабиёти ҳуқуқӣ роҳҳо ва андешаҳои гуногун ҷой дорад.

Ба андешаи маъмултарин, мавзуи шартнома бо объекти муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз ин шартнома бармеоянд, мувофиқат мекунад, масалан, мавзӯи иҷро, агар сухан дар бораи шартномаи ӯҳдадорӣ равад (М.И. Брагинский)[205].

Д.И. Мейер қайд менамояд, ки предмети шартномаро ҳамеша ҳуқуқ ба амали бегона ташкил менамояд[206]. Андешаи мазкурро муҳаққиқони мадании замони муосир низ дастгирӣ менамоянд. Аз нуқтаи назари дигар предмети шартномаро ҳаракат ё беҳаракатӣ ташкил медиҳад[207].

Ба ғайр аз ин, О.С. Иоффе объектҳои ҳуқуқӣ ва моддии уҳдадориро ҷудо менамояд. Дар ҳамин замина, муаллиф ба сифати объекти ҳуқуқӣ рафтори шахси уҳдадорро ва ба сифати объекти моддӣ молу мулкро эътироф менамояд[208].

А.А. Иванов предмети шартномаи лизингро танҳо ба хусусияти молу мулке, ки ба лизинггир дода мешавад маҳдуд менамояд[209]. Андешаи мазкурро И.А. Беляева беасос эътироф менамояд[210].

Қаблан тибқи боби 33 КГ ҶТ кироя (иҷора)-и амвол мавриди танзим қарор гирифта буд. Мутобиқи м. 693 КГ ҶТ аз рӯи шартномаи иҷораи молиявӣ ҳама гуна ашёву анҷоми ғайриистеъмолие, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд, ба истиснои қитъаҳои замин ва

---

Ш.К. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе: «Графика-83», 2020. – С. 115.

[204] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1) аз 24 декабри соли 2022 [Нусхаи электронӣ] // адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

[205] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга первая: Общие положения. 2-е изд. М.: Статут, 2005.

[206] Мейер Д.И. Русское гражданское право: В 2 ч. 4.1. М.: Статут, 1997. С. 161.

[207] Витрянский В.В. Существенные условия договора в отечественной цивилистике и правоприменительной практике// Вестник Высшего Арбитражного Суда РФ. 2002. № 6. С.78-79.

[208] Иоффе О.С. Правоотношение по советскому гражданскому праву // Избранные труды по гражданскому праву. М., 2000. С. 588; также см.: Иоффе О.С. Советское гражданское право. М.: Юрид.лит., 1967. С. 215.

[209] Иванов А.А. Договор финансовой аренды (лизинга): Учеб.-практ. пособие. М.: Проспект, 2001. С. 40; Шимкович М. Предмет договора лизинга. // Вестник. 2003. № 13. С. 15

[210] Беляева И.А. Гражданско-правовое регулирование финансовой аренды (лизинга) в предпринимательской деятельности: : дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2005. – С. 83.

дигар объектҳои табиӣ метавонанд таҳвил дода шаванд. Аз лаҳзаи додани объекти лизинг ба иҷорагир талаботи иҷорадеҳ объекти таъминшудаи лизинг эътироф мешаванд ва худи иҷорадеҳ бошад, кредитори таъминшуда эътироф мешавад. Иҷорагир ҳуқуқ дорад танҳо ҳамон қисми арзиши мавзуи лизинг, ки аз бақияи пардохтҳои лизингӣ зиёд аст, фурӯшад, ба гарав гузорад ё ба тариқи дигар ихтиёрдорӣ намояд[211].

Айни замон дар моддаи 749 КМ ҶТ аз 24 декабри соли 2022 объекти шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) муқаррар карда шудааст, ки тибқи он объекти шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) метавонад ҳама гуна ашёи ғайриистеъмолӣ, аз ҷумла корхонаҳо ва дигар маҷмаи молумулкӣ, бино, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва дигар молу мулки манқул ва ғайриманқуле бошанд, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд.

Предмети шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи м. 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» мавзуи лизинг метавонад ҳама гуна ашёву анҷоми ғайриистеъмолӣ, аз ҷумла корхонаҳо ва дигар маҷмааи молу мулки, бино, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва дигар амволи манқул ва ғайриманқуле бошанд, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд. Мавзуи лизинг наметавонад қитъаҳои замин ва дигар объектҳои табиӣ ва инчунин молу мулке бошад, ки гардиши озоди он маҳдуд ё манъкарда шудааст, ё барои он тартиби махсуси муомилот муқаррар гардидааст. Маҳдуд ё манъ будани гардиши озоди молу мулк, аз ҷумла, тартиби махсуси гардиши молу мулкро, қонунгузории ҶТ муқаррар менамояд[212]. Аз меъёри мазкур муайян мегардад, ки ба сифати мавзуи лизинг инҳо баромад мекунанд:

- молу мулки манқул;
- молу мулки ғайриманқул.

Молу мулки манқул ва ғайриманқул дар ҳолате мавзуи шартномаи лизинг шуда метавонад, ки он бо мақсади соҳибкорӣ истифода карда шавад, яъне агар он дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода нагардад, пас он ба сифати предмет ё мавзуи шартномаи мазкур баромад карда наметавонад.

Бояд қайд намуд, ки қонунгузор на ҳама амволи манқул ва ғайриманқулро ба сифати мавзӯи лизинг муқаррар намудааст, аз ҷумла чунин амвол наметавонад, ба сифати мавзӯи шартномаи мазкур баромад намояд:

- қитъаҳои замин;
- дигар объектҳои табиӣ;
- молу мулке, ки гардиши озоди он маҳдуд ё манъкарда шудааст, ё барои он тартиби махсуси муомилот муқаррар гардидааст.

---

211 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1) аз 24 декабри соли 2022 [Нусхаи электронӣ] // адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

212 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» аз 22 апрели соли 2003 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

Ҳамзамон дар баробари ин танҳо молу мулки манқул ва ғайриманқуле предмети шартномаи лизингро ташкил намуда метавонанд, ки онҳо ғайриистеъмолӣ бошанд. Зикр намудан бамаврид аст, ки КМ ҶТ ашёи истеъмолӣ ва ғайриистеъмолиро муқаррар накардааст, аммо дар баъзе аз адабиётҳои ҳуқуқӣ ин ба мушоҳида мерасад. Қ.Ш. Қурбонов қайд менамояд, ки ҳама гуна ашё аз нуқтаи назари иқтисодӣ истеъмолшаванда мебошад. Ҷудокунии ҳуқуқии ашё ба истеъмолшаванда ва истеъмолнашаванда ба дигар омил асос меёбад. Агар баъди як маротиба истифода намудани ашё сифат ва хусусиятҳои аввалаи он нигоҳ дошта нашавад, ин ашё истеъмолшаванда аст. Аз ин нигоҳ ба ашёи истеъмолшаванда сӯзишворӣ, маҳсулоти истеъмолӣ, масолеҳи сохтмон ва ғ. дохил мешаванд, яъне ҳамаи он ашёе, ки шакли аввалаи худро гум мекунанд ё ба қисми таркибии дигар ашё табдил меёбанд. Ашёи истеъмолшаванда танҳо манқул шуда метавонад. Ба ашёи истеъмолнашаванда бино, воситаҳои нақлиёт, китоб ва ғ. дохил мешаванд. Аҳамияти ба истеъмолшаванда ва истеъмолнашаванда ҷудо намудани ашё дар муносибати шартномавӣ хеле аён аст. Масалан, ашёи истеъмолшаванда мавзуи шартномаи кирояи (иҷораи) молу мулк шуда наметавонанд. Сабаб дар он аст, ки бо баробари ба охир расидани муҳлати амали шартнома ин ашё бояд баргардонида шавад, вале ашёи истеъмолшавандаро ба маънои ҳуқуқӣ баъди истифода баргардонидан номумкин аст[213].

Ашёи истеъмолнашаванда ашёҳое мебошанд, ки ҳангоми истифодаи онҳо хосиятҳои табиии худро гум намекунанд, дар давраи истеҳсолот вайрон намешаванд ва тадриҷан дар муддати тӯлонӣ фарсуда мешаванд. Ашёи истеъмолӣ – ашёе, ки дар ҷараёни истифода мавҷудияташонро қатъ мекунанд ё хосиятҳои истеъмолии худро гум мекунанд. Дар акси ҳол, шартномаи лизинг, ки мавзуи он ашёи истеъмолӣ мебошад, ҳамчун иҷораи оддӣ ё хариду фурӯш ҳисобида мешавад[214].

Тавре ки маълум аст, ашёи истеъмолнашаванда ҳамчун ашёе эътироф карда мешавад, ки баръакси ашёи истеъмолшаванда ҳангоми истифода (амортизатсия) тадриҷан, қисман дар тӯли муддати муайян фарсуда мешавад. Моҳияти иҷора дар истифодаи муваққатии пулакии амволи каси дигар аст, ки дар охири шартнома бояд ба соҳибаш баргардонида шавад.

Дар муқоиса бо қонунгузории ҶТ КГ ФР дар м. 666 предмети лизингро муқаррар намудааст, ки тибқи он: предмети лизингро метавонад ҳама гуна ашёву анҷоми ғайриистеъмолӣ, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд, ташкил диҳанд, ба истиснои қитъаҳои замин ва дигар объектҳои табиӣ. Ҳамзамон тибқи м. 3 Қонуни федералии ФР "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)" предмети лизинг ҳама гуна ашёи истеъмолнашаванда буда метавонад, аз ҷумла корхонаҳо ва дигар маҷмӯаҳои амволӣ, биноҳо, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва дигар амволи манқул ва ғайриманқул, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода

---

[213] Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 1 (китоби дарсӣ). – Душанбе: "Эр-граф", 2014. – С. 162-163.
[214] Торрес Ортега И.В. Договор лизинга как структурно-сложное обязательство: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 103.

мешаванд. Қитъаҳои замин ва дигар объектҳои табиӣ, инчунин амволе, ки қонунҳои федералӣ барои муомилоти озод манъ кардаанд ё барои онҳо тартиби махсуси муомилот муқаррар шудааст, предмети лизинг буда наметавонад[215].

Барои предмети иҷораи молиявӣ талаботи махсус вуҷуд дорад - ашёҳои иҷора бояд танҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода шаванд. Соҳибкорӣ фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқаррар кардаи қонун ба қайд гирифта шудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст. Дар ҳамин замина тибқи Конвенсияи УНИДРУА (банди 4 моддаи 1) «иҷораи ҳама таҷҳизотро танзим мекунад, ба истиснои он ашёҳое, ки иҷорагир бояд асосан барои истифодаи шахсӣ ё мақсадҳои оилавӣ, инчунин барои эҳтиёҷоти хонагӣ» ё ин ки «предмети лизинг метавонад ҳама гуна ашёи истеъмолнашаванда, амволе бошад, ки барои соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти касбӣ истифода мешавад»[216].

Вобаста ба хусусияти предмети шартномаи лизинг молу мулки манқули лизингӣ аз молу мулки ғайриманқули лизингӣ фарқ мекунад. Ба сифати предмети манқули лизинг инҳо баромад менамоянд:

- воситаҳои нақлиёт (мошинҳои боркаш ва сабукрав, ҳавопаймо, чархболҳо, киштиҳо);
- таҷҳизоти сохтмонӣ;
- воситаҳои телевизион ва алоқаи дурдаст;
- машинаҳо;
- воситаҳои компютерӣ;
- дигар таҷҳизот, механизмҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолӣ.

Мавзуи иҷораи амволи ғайриманқул биноҳо ва иншоот барои мақсадҳои саноатӣ мебошад. Айни замон иҷораи амволи ғайриманқул ба таври васеъ паҳн шудааст. Аммо, шаклҳои мушаххаси он дорои хусусиятҳои пурра (тибқи шартҳои муомилот, тақсими масъулият байни тарафҳо, ҳаҷми ҳуқуқҳое, ки онҳо ба даст овардаанд ва параметрҳои дигар) бо лизинги молу мулки ғайриманқул, ки дар хориҷа васеъ паҳн шудааст, ифода карда наметавонад[217].

М.З. Раҳимзода қайд менамояд, ки предмети шартномаи лизинг ба ғайр аз қитъаи замин ва дигар объектҳои табиӣ, метавонад ҳама гуна ашёву анҷоми ғайриистеъмолӣ баромад намояд. Ҳамзамон муаллиф қайд менамояд, ки шартномаи мазкур танҳо ба мақсади фаъолияти соҳибкорӣ баста мешавад[218].

---

[215] В Своде законов Российской империи (глава вторая «О найме имуществ и отдаче оных в содержание Т.X ч.1 «Законы гражданские») в качестве предмета договора рассматривались: «недвижимости, неупотребляемые движимости, права» (см.: Гуляев А.М. Русское гражданское право. Пособие к лекциям. Изд. 4-е, пересмотренное и дополненное. – Спб.: Типография М.М.Стасюлевича, 1913. - С.435.; Свод Законов Российской империи. Т. IX-XVI. Б.м.. 1876. стст. 1691-1709).

[216] Палаткин В. Лизинг в новом свете// Бизнес-адвокат. - 2002. №6. – С. 46.

[217] Груздева А.А. Лизинг в гражданском праве России: дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – С.91.

[218] Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – С. 356.

Таҳлили қонунгузорӣ ва адабиётҳои илмӣ собит намуд, ки предмети шартномаи лизинг ба ғайр аз амали тарафҳои шартнома, инчунин молу мулке ки бо мақсади соҳибкорӣ ба лизинг дода мешавад, он низ баромад карда метавонад.

Дар баъзе адабиётҳои илмӣ бисёробъектии шартномаро мушоҳида намудан мумкин аст, масалан М.И. Брагинский ва В.В. Витрянский бисёробъектии шартномаи хариду фурӯшро эътироф намудаанд[219]. Дар ҳамин замина бисёробъектии шартномаи лизинг низ ба мушоҳида мерасад. Беляева И.А. қайд менамояд, ки предмети шартномаи лизингро ду унсур ташкил менамояд: амали ҳатмии тарафҳо (унсури ҳуқуқии шартнома) ва молу мулке, ки ба лизинггир барои соҳибӣ ва истифодаи муваққатии он бо мақсади соҳибкорӣ супорида мешавад (унсури моддии шартнома)[220]. Ҳамзамон ӯ ин таснифбандиро чунин асоснок менамояд.

Дар ин ҳолат, унсури ҳуқуқии предмети шартномаи баррасишаванда ду намуди амалҳоро дарбар мегирад:

Аввалан, амалҳои тарафҳо, ки тибқи уҳдадориҳои иҷора анъана шудаанд, алалхусус амалҳои лизинггир оид ба қабули муваққатии молу мулк, таъмини бехатарӣ ва истифодаи он бо таъиноти таъиншуда, пардохти иҷора ва баргардонидани он баъди баохиррасии муҳлат (ба истиснои минбаъд пайдо намудани ҳуқуқи моликият ба он).

Дуюм, амалҳои мушаххаси лизингдеҳ вобаста ба зарурати бастани шартномаи хариду фурӯши амволи ба иҷора гирифташуда бо фурӯшанда тибқи дастури лизинггир. Ҳамин тариқ, дар баробари шартҳои муқаррарии ҳама гуна шартномаи лизинг, ки имкон медиҳад мавзӯи шартномаи лизинг муайян карда шавад, шартномаи лизинг бояд шартеро дар бораи фурӯшандаи амволи ба иҷора гирифташуда дар бар гирад. Дар робита ба ин, чунин ба назар мерасад, ки мавзӯи шартномаи лизинг бинобар ин амалҳо нисбат ба мавзӯи шартномаи иҷора хеле васеътар аст.

И.В. Щетинина предмети шартномаи лизингро вобаста ба табиати ҳуқуқии он ки ба лизинг дода мешавад ба молу мулки манқул ва ғайриманқул ҷудо менамояд. Дар байни предмети лизинг чунин намудҳои он бисёртар истифода мешавад:

- таҷҳизот;
- воситаҳои компютерӣ ва таҷҳизоти корӣ;
- воситаҳои нақлиёт;
- дигар мошину таҷҳизот[221].

Ҳамзамон муаллиф қайд менамояд, ки аз таҳлили парвандаҳои бойгонии минтақаи Ставропол маълум гардид, ки миёни предмети лизинг предмети бисёристифодашаванда таҷҳизотҳои кишоварзӣ (комбайн, трактор) ба шумор меравад. Мақсади асосӣ аз истифодабарии чунин

---

[219] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга первая: Общие положения. 2-е изд. – М.: Статут, 2005.

[220] Беляева И.А. Гражданско-правовое регулирование финансовой аренды (лизинга) в предпринимательской деятельности: : дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2005. – С. 83.

[221] Щетинина И.В. Финансовая аренда (лизинг) в Российском гражданском законодательстве: проблемы правового регулирования: дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2003. – С. 101.

таҷҳизотҳо инкишоф додани соҳаи кишоварзӣ дар ин минтақа маҳсуб меёбад.

И.В. Торрес Ортега қайд менамояд, ки аз муқарраротиқонунгузории маданӣ мумкин аст, чунин молу мулки ғайриманқул ба сифати предмети шартномаи лизинг ҷудо карда шавад:

Аввалан, ин ҳама ашёест, ки бо замин зич алоқаманд аст, яъне ҳаракати он бидуни номутаносибӣ ба таъиноти онҳо ғайриимкон аст, аз ҷумла биноҳо, иншооти саноатӣ, корхонаҳо ҳамчун маҷмӯаҳои амволӣ;

Дуввум, киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои навигатсионии дохилӣ, объектҳои кайҳонӣ[222].

И.А. Решетник дар асоси таҳлили қонунгузории маданӣ чунин объектҳои шартномаи лизингро ҷудо менамояд:

- танҳо ашёҳо метавонанд объекти шартномаи лизинг бошанд;
- ашёҳое, объекти шартномаи мазкур шуда метавонанд, ки онҳо ғайриистеъмолӣ бошанд;
- ашёҳое, ки мавзӯи шартномаи лизинг мебошанд, аз ҷониби лизинггир барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд ва аз ин рӯ, наметавонанд барои истифодаи шахсӣ, оилавӣ, манзилӣ ё дигар шабеҳ истифода шаванд;
- объекти лизинг қитъаи замин ва объектҳои дигари табиӣ шуда наметавонанд;
- ашёҳое, ки дар гардиш маҳдуд мебошанд, ки метавонанд танҳо ба иштирокчиёни муайяни муомилот тааллуқ дошта бошанд ва ё мавҷудияти онҳо бо иҷозати махсус ба гардиш иҷозат дода шаванд, инчунин ашёе, ки аз гардиш онҳо гирифта шудаанд.
- предмети шартномаи лизинг ҳамеша ашёи бо нишони инфиродӣ муайяншуда баромад менамояд[223].

Баъзе аз муҳаққиқон қитъаи заминро низ ҳамчун предмети шартномаи лизинг эътироф намудаанд. Масалан И.Г. Лисименко пешниҳод менамояд, ки ҳамчун предмети шартномаи лизинг қитъаҳои замине, ки дар онҳо объектҳои (биноҳо ва иншоотҳо) тибқи шартномаи лизинг ба лизинггир дода шудаанд, ба шарте ки объектҳои амволи ғайриманқул ва қитъаи замин маҷмӯи ягонаи амволӣ бошанд, эътироф карда шавад[224].

А.А. Груздева қайд менамояд, ки бо ин нуқтаи назар розӣ шудан ғайриимкон аст. Маҳдудиятҳо дар қитъаҳои замин ва дигар объектҳои табиӣ аз он сабаб ба амал омадаанд, ки пас аз ба охир расидани мӯҳлати шартномаи лизинг моликияти предмети шартнома метавонад ба ихтиёри истифодабаранда гузарад, аммо тартиби гардиши ин объектҳо бояд бо тартиби махсус танзим карда шавад. Қонунгузорӣ аз ин рӯ ҷонибҳо наметавонанд шартҳои гузаштани моликияти ин ашёро дар шартномаи ҳуқуқи маданӣ пешбинӣ кунанд[225].

---

[222] Торрес Ортега И.В. Договор лизинга как структурно-сложное обязательство: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 103.

[223] Решетник И.А. Гражданско-правовое регулирование лизинга в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Пермь, 1998. – С. 146-147.

[224] Лисименко И.Г. Договор лизинга в российском гражданском праве. Автореф. на соиск.... канд. юрид. наук. Волгоград, .1999. – С. 35.

[225] Груздева А.А. Лизинг в гражданском праве России: дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – С.92.

Дар ҳамин замина, Ф.С. Сулаймонов қайд менамояд, ки чунин истисно набояд асоснок карда шавад, зеро қитъаҳои замин ва объектҳои табиӣ худ умуман ба сифати объектони ҳуқуқҳои маданӣ баромад карда наметавонанд[226].

Ғайр аз ин, бояд қайд кард, ки танҳо ашёҳои ивазнашаванда ва алоҳида муайяншударо ба лизинггир барои соҳибӣ ва истифодаи муваққатии пулакӣ бо мақсадҳои тиҷоратӣ додан мумкин аст. Ин қоида, чун дар ҳолати қаблӣ, барои ҳама намудҳои шартномаи иҷора маъмул аст, ки бинобар зарурати баргардонидани пас аз анҷоми шартнома ҳамон ашёҳое, ки дар аввал барои истифода дода шуда буданд, баргардонида мешавад. Ҳамин тариқ, шартномаи лизинг бояд дорои маълумоте бошад, ки имкон медиҳад аниқ муайян кардани амволи ба иҷорагир ҳамчун предмети лизинг дода шавад. Дар сурати мавҷуд набудани чунин маълумот дар шартномаи лизинг, бинобар сабаби шарти объекти ба лизинг гирифташуда аз ҷониби тарафҳо мувофиқа нашудааст ва шартномаи лизинг баста нашуда эътироф мешавад.

Илова бар ин, дар тадқиқоти илмӣ дар бораи имкони гузариш ба соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ тибқи шартномаи лизингии тухмӣ, ҳайвонот, растаниҳо дар соҳаи кишоварзӣ вуҷуд дорад[227]. Гарчанде ки дар маҷмӯъ нисбати ҳайвонот қоидаҳои умумии моликият татбиқ карда мешаванд, ба назар чунин мерасад, ки мавзӯи шартномаи лизинг наметавонад ҳама намуди ҳайвонот бошад, балки танҳо ҳайвоноте, ки аз рӯи таъиноти худ ашёи истеъмолӣ нестанд, метавонад баромад кунад. Ин ба растаниҳо низ дахл дорад. Аз ҷумла, ба иҷора додани чорвои зотӣ ё ниҳолҳои бисёрсолаи мевадиҳанда иҷозат дода мешавад. Дар ҳамин ҳол, тасаввури нодуруст аст, ки тухмии кишоварзӣ ба лизинг дода мешавад. Моводи тухмӣ ба гурӯҳи ашёи истеъмолшаванда тааллуқ дорад ва барои истифодаи муваққатӣ дода намешавад[228].

Таҳлили қонунгузории баъзе аз давлатҳо собит намуд, ки предмети шартномаи лизинг на танҳо ашёҳое, ки бо мақсади соҳибкорӣ истифода мешаванд, балки ашёҳое, ки барои қонеъгардонии талаботи шахсӣ равона шудаанд низ метавонад баромад намояд[229].

О.У. Усмонов қайд менамояд, ки иҷорагир ҳуқуқ дорад предмети шартномаро талаботеро, ки аз шартномаи хариду фурӯши байни фурӯшанда ва иҷорадеҳ басташуда, аз ҷумла дар бобати сифат ва мукаммалии молу мулк, муҳлатҳои таҳвили он ва дар ҳолатҳои ба таври лозима иҷро нагардидани шартнома бармеояд, бевосита ба фурӯшанда пешниҳод намояд[230].

---

[226] Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми дуюм // Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – С. 94.
[227] Горемыкин В.А. Основы технологии лизинговых операций: Учеб. пособие. – М., 2000. – С. 57.
[228] Беляева И.А. Гражданско-правовое регулирование финансовой аренды (лизинга) в предпринимательской деятельности: : дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2005. – С. 83.
[229] Шпитлер Х.Й. Практический лизинг. – М., 1991. – С. 7.
[230] Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми дуюм // Зери таҳрири узви вобастаи АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор О.У. Усмонов. – Душанбе: АМРИ ИЛМ, 2003. – С. 87.

Имконияти истифодаи мавзӯи лизинг ба сифати гарав метавонад ба иҷорагир барои ҷалби маблағ барои амалиёти лизинг мусоидат намояд, зеро бо ин роҳ манфиатҳои молумулкии қарздиҳанда ҳифз карда мешаванд. Тибқи м. 15 Қонуни ҶТ "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)" лизингдеҳ метавонад пурра ё қисман ҳуқуқҳои худро оиди мавзуи лизинг ба шахси сеюм гузашт намояд ё ба гарав монад. Лизингдеҳ ҳуқуқ дорад бо мақсади ҷалб намудани маблағҳои пули мавзуи лизингро ба сифати гарав истифода барад. Лизинггир ҳуқуқ дорад, танҳо ҳамон қисми мавзуи лизингро, ки арзиши пардохтшудаи он аз бақияи пардохтҳои лизингӣ зиёд мебошад, фурӯшад, ба гарав гузорад ё ба тариқи дигар ихтиёрдорӣ намояд. Лизингдеҳ вазифадор аст лизинггирро дар бораи ҳамаи ҳуқуқҳои шахсони сеюм ба мавзуи лизинг огоҳ намояд.

Дар баъзе адабиётҳои ҳуқуқӣ саволе ба вуҷуд омадааст, ки оё чунин объектҳои ҳуқуқи маданӣ ба монанди пул ва коғазҳои қиматнок метавонанд ҳамчун предмети шартномаи лизинг амал кунанд[231]. Чунин ба назар мерасад, ки имкони ба лизинг додани пул ва инчунин коғазҳои қиматнок истисно карда мешавад, зеро мақсади асосии истифодаи онҳо хусусияти истеъмолӣ дорад. Предмети шартномаи лизинг метавонад чунин ашёи истеъмолнашаванда бошад, ки ҳадафи он ба истифодаи охирин барои гирифтани фоида мухолиф набошад.

Дар баробари ин қайд кардан бамаврид аст, ки қонунгузор дар баробари қитъаи замин ва дигар объектҳои табиӣ инчунин молу мулке бошад, ки гардиши озоди он маҳдуд ё манъ карда шудааст, ё барои он тартиби махсуси муомилот муқаррар гардидааст, наметавонанд мавзуи шартномаи лизинг бошанд.

Дар асоси ин чунин молу мулкро ҷудо намудан мумкин аст, ки наметавонад мавзуи шартномаи лизинг бошад:

- молу мулке, ки гардиши озоди он маҳдуд аст;
- молу мулке, ки гардиши озоди он манъ аст;
- молу мулке, ки барои он тартиби махсуси муомилот муқаррар гардидааст.

Чунин ба назар мерасад, ки дар ҳеҷ сурат ҳуқуқҳои молу мулкӣ наметавонад объекти мустақили шартномаи лизинг бошад, зеро чунин ашёи ҳуқуқи маданӣ ба категорияи ашё дохил намешаванд. Дар ҳамин ҳол, ҳуқуқи моликияти лизинггир, ки бо корхона алоқаманд аст, тибқи шартномаи лизинг ҳамчун як қисми маҷмӯи амволи мувофиқ ба ихтиёри муваққатии пулакӣ ва истифода дода мешавад. Илова бар ин, ба лизинг додани пул ва коғазҳои қиматнок ғайриимкон аст, зеро тамоми мақсади истифодаи онҳо хусусияти истеъмолӣ дорад.

И.А. Беляева низ андешаи онро ки дар қонунгузории баъзе аз давлатҳо масалан, Олмон мавзуи лизинг на танҳо бо мақсади соҳибкорӣ, балки бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ истифода мешавад, дастгирӣ намуда, дар ҳамин замина қайд менамояд, ки молу мулке, ки дар натиҷаи

[231] Газман В.Д. Рынок лизинговых услуг. – М.: Правовая культура, 1999. – С. 304

амали лизингӣ дода мешавад, мумкин аст бо мақсади шахсӣ, оилавӣ ва маишӣ истифода карда шавад[232].

Тибқи қ. 2 м. 3 Қонуни федералӣ “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)” предмети шартномаи лизинг баъзе намуди молу мулк, ки гардиши онҳо манъ ё маҳдуд шудааст, баромад карда метавонад. Қонун ба таври мушаххас муқаррар намудааст, ки молу мулки дар соҳаи ҳарбӣ истифодашаванда тибқи тартиби муқаррарнамудаи Президенти ФР ва шартномаҳои байналмилалӣ метавонад предмети лизинг бошад[233].

Тибқи Созишнома дар бораи фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ барои васеъ намудани фаъолияти лизингӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 12 октябри соли 2005 предмети (объекти) лизинг – ҳама гуна амволи манқул ва ғайри манқул, ки тибқи таснифоти муқарраршуда ба воситаҳои асосӣ (фондҳо) дохил мешаванд (ба ғайр аз амволе, ки қонунгузории миллӣ барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ ва маишӣ истифода мешавад), ё ба гурӯҳи алоҳидаи активҳои ғайримоддӣ мувофиқи қонунгузории миллии Тарафҳо ворид шудааст[234].

Созишномаи мазкур низ ба сифати предмети шартномаи лизинг молу мулки манқул ва ғайриманқул муқаррар шудааст, аммо хусусияти истеъмолӣ ё ғайриистеъмолӣ будани он муқаррар нашудааст. Ҳамзамон, амволе, ки қонунгузории миллӣ барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ ва маишӣ истифода мешавад дар санади мазкур ҳамчун мавзуи шартномаи лизинг муқаррар шудааст.

Амволи лизинг, ки барои соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ ба гирандаи лизинг дода шудааст, моликияти лизингдеҳ аст. Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, ҳуқуқи соҳибӣ ва истифодаи амволи ба лизинг додашуда пурра ба лизингдеҳ мегузарад. Лизингдеҳ ҳуқуқи ихтиёрдории амволи ба кироя гирифташударо нигоҳ медорад, ки дар он ҳуқуқ ва ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ ва шартномаи лизинг пешбинӣ намудаанд, ҳуқуқи аз моликият ва истифодаи лизинггир гирифтанро дар бар мегирад.

Лизинггир барои ихтиёрдории предмети лизинг, ки дар муқаррароти умумии қонунгузории маданӣ оид ба лизинг пешбинӣ шудааст, ҳуқуқҳои муайян ба даст меорад, ки он инҳоро дар бар мегирад: ҳуқуқи лизинггир бо розигии ӯ, амволи ба лизинг додашударо ба сублизинг диҳад ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро тибқи шартнома ба шахси дигар, инчунин додани ҳуқуқ ба амволи ба лизинг гирифташуда ҳамчун гарав ва саҳм гузоштан ба сармояи оинномавии шарикӣ ва ширкатҳо ё саҳми саҳом дар кооперативи истеҳсолӣ гузорад. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо, лизинггир вазифадор аст аз

---

[232] Беляева И.А. Гражданско-правовое регулирование финансовой аренды (лизинга) в предпринимательской деятельности: : дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2005. – С. 83.

[233] Федеральный закон “О финансовой аренде (лизинге)” / Манбаи электронӣ: http: // pravo.gov.ru (санаи мурочиат: 18.08.2021с.).

[234] Созишнома дар бораи фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ барои васеъ намудани фаъолияти лизингӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 12 октябри соли 2005 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

лизингдеҳ иҷозат гирад; лизинггир тибқи шартномаи иҷора дар назди лизингдеҳ боқӣ мемонад[235].

Мавзӯи лизинг, агар дар шартномаи лизинг тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, дар якҷоягӣ бо тамоми лавозимоти он ва бо ҳама ҳуҷҷатҳо (шиносномаи техникӣ, сертификати сифат ва ғайра) ба лизинг мегузарад. Агар чунин лавозимот ва ҳуҷҷатҳо интиқол наёфта бошанд, аммо бидуни онҳо лизинггир наметавонад ашёи лизингро мувофиқи таъиноти худ истифода барад ё асосан аз он чизе, ки ҳангоми бастани шартнома ба он ҳуқуқ дошт, маҳрум карда шуда бошад, ӯ метавонад талаб кунад, ки фурӯшанда ё лизингдеҳ ба ӯ чунин лавозимот ва ҳуҷҷатҳо диҳанд ё бо онҳо шартномаро метавонад қатъ намуда, ҷуброни зиёнро талаб намояд.

**Вобаста ба таҳлили адабиёти илмӣ ва қонунгузорӣ оид ба мавзуи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) чунин хулосабарорӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст:**

1. Зимни омӯзиши адабиёти илмӣ маълум мегардад, ки андешаҳои гуногун оид ба ин масъала ҷой доранд. Чӣ тавре ки маълум гашт, аслан се истилоҳ вобаста ба мавзӯи шартнома истифода карда мешавад: “мавзуъ”, “предмет”, “объект”. Истилоҳҳои мазкур дар таҳқиқоти мазкур ба як маъно истифода шудаанд, зеро дар қонунгузории мадании кишвар дар хусуси шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ба як маъно истифода карда шудаанд;

2. Тибқи м. 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» мавзуи лизинг метавонад ҳама гуна ашёву анҷоми ғайриистеъмолӣ, аз ҷумла корхонаҳо ва дигар маҷмааи молу мулки, бино, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва дигар амволи манқул ва ғайриманқуле бошанд, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд. Мавзуи лизинг наметавонад қитъаҳои замин ва дигар объектҳои табиӣ ва инчунин молу мулке бошад, ки гардиши озоди он маҳдуд ё манъкарда шудааст, ё барои он тартиби махсуси муомилот муқаррар гардидааст. Маҳдуд ё манъ будани гардиши озоди молу мулк, аз ҷумла, тартиби махсуси гардиши молу мулкро, қонунгузории ҶТ муқаррар менамояд. Моддаи мазкур ба сифати мавзуи шартномаи лизинг молу мулки манқул ва ғайриманқули истеъмолнашавандаро эътироф намудааст, ҳарчанд қонунгузорӣ мафҳуми ашёҳои истеъмолнашавандаро муқаррар накардааст.

3. Дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмӣ маълум гардид, ки андешаҳо оид ба эътироф намудани пул ва коғазҳои қимматнок ба сифати мавзӯи шартномаи лизинг ҷой дорад. Андешаи мазкур қобили дастгирӣ нест, зеро пул ва коғазҳои қимматнок хусусияти истеъмолшавандагӣ доранд ва гардиши минбаъдаи онҳо ғайриимкон мебошад.

4. Таҳлили қонунгузории мадании ҶТ собит намуд, ки мавзуи шартномаи лизинг танҳо бо мақсади фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда мешавад, яъне агар мақсад фаъолияти соҳибкорӣ набошад пас ашёро ҳамчун предмет ё мавзӯи шартномаи лизинг эътироф намудан, ғайриимкон аст. Таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ оид ба фаъолияти лизингӣ аз ҷумла Олмон нишон медиҳад, ки предмети лизинг на танҳо бо мақсади

---

[235] Зеркалов Д.В. Международный лизинг [Электронный ресурс] : Хрестоматия /Д. В. Зеркалов. – Электрон. дан. – К. : Основа, 2012. – 1 электрон. – С. 274.

соҳибкорӣ, инчунин бо мақсади шахсӣ ва оилавӣ низ истифода шуданаш мумкин аст. Ҳамзамон Конвенсияи УНИДРУА «Дар бораи лизинги байналмилалии молиявӣ» низ муқаррароти мазкурро пешбинӣ намудааст. Аз ҳамин нуқтаи назар ҷиҳати боз ҳам рушд ва инкишоф додани муносибатҳои лизингӣ дар кишвар ҳолати мазкур ба мақсад мувофиқ аст, ки дар таҳрири нави қонунгузории лизингӣ ба инобат гирифта шавад;

5. Дар баъзе адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳо оид ба эътироф намудани ҳайвонотро ба сифати предмети лизинг ҷой дорад, албатта андешаи мазкур то андозае қобили дастгирӣ ҳам ҳаст, зеро мумкин аст, барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ ё бо мақсади ҷойгир намудани ҳайвоноти нодир дар боғи ҳайвонот амалиётҳои лизингӣ анҷом дода шавад. Муҳаққиқонро зарур аст, оид ба ин масъала тадбирҳо андешида бобати амалӣ намудани ҳолати мазкур чораҳо андешанд;

6. Мавзуи лизинг наметавонад қитъаҳои замин ва дигар объектҳои табиӣ ва инчунин молу мулке бошад, ки гардиши озоди он маҳдуд ё манъ карда шудааст, ё барои он тартиби махсуси муомилот муқаррар гардидааст. Молу мулке, ки гардиши озоди он маҳдуд ё манъ карда шудааст, ё барои он тартиби махсуси муомилот муқаррар гардидааст наметавонад ба сифати предмети лизинг баромад намояд, аммо таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ аз ҷумла ФР собит намуд, ки дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ имконпазир аст, масалан истифодаи амалиёти лизингӣ оид ба объектҳои соҳаи ҳарбӣ. Дар ҳолати мазкур оид ба объектҳои ҳарбӣ, ки аз ҷиҳати нарх хеле гарон аст, анҷом додани амалиётҳои лизингӣ ба мақсад мувофиқ аст.

**Адабиёт:**


1. Беляева И.А. Гражданско-правовое регулирование финансовой аренды (лизинга) в предпринимательской деятельности: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2005. – С. 83.

2. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга первая: Общие положения. 2-е изд. – М.: Статут, 2005.

3. Витрянский В.В. Существенные условия договора в отечественной цивилистике и правоприменительной практике// Вестник Высшего Арбитражного Суда РФ. 2002. № 6. – С.78-79.

4. В Своде законов Российской империи (глава вторая «О найме имуществ и отдаче оных в содержание Т.Х ч.1 «Законы гражданские») в качестве предмета договора рассматривались: «недвижимости, неупотребляемые движимости, права» (см.: Гуляев А.М. Русское гражданское право. Пособие к лекциям. Изд. 4-е, пересмотренное и дополненное. – Спб.: Типография М.М.Стасюлевича, 1913. – С.435.; Свод Законов Российской империи. Т. IX-XVI. Б.м.. 1876. стст. 1691-1709).

5. Груздева А.А. Лизинг в гражданском праве России: дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2000. – С.91.

6. Горемыкин В.А. Основы технологии лизинговых операций: Учеб. пособие. М., 2000. – С. 57.

7. Газман В.Д. Рынок лизинговых услуг. – М.: Правовая культура, 1999. – С. 304

8. Зеркалов Д.В. Международный лизинг [Электронный ресурс] : Хрестоматия Д.В. Зеркалов. – Электрон. дан. – К.: Основа, 2012. – 1 электрон. – С. 274.

9. Иоффе О.С. Правоотношение по советскому гражданскому праву // Избранные труды по гражданскому праву. – М., 2000. – С. 588.

10. Иоффе О.С. Советское гражданское право. – М.: Юрид.лит., 1967. – С. 215.

11. Иванов А.А. Договор финансовой аренды (лизинга): Учеб.-практ. пособие. – М.: Проспект, 2001. – С. 40.

12. Шимкович М. Предмет договора лизинга // Вестник. 2003. – № 13. – С. 15.

13. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1) аз 24 декабри соли 2022 [Нусхаи электронӣ] // адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0 / М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» аз 22 апрели соли 2003 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

15. Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи граждани. Қисми 1 (китоби дарсӣ). – Душанбе: "Эр-граф", 2014. – С. 162-163.

16. Лисименко И.Г. Договор лизинга в российском гражданском праве. Автореф. на соиск.... канд. юрид. наук. – Волгоград, .1999. – С. 35.

17. Мейер Д.И. Русское гражданское право: В 2 ч. 4.1. – М.: Статут, 1997. – С. 161.

18. Палаткин В. Лизинг в новом свете // Бизнес-адвокат. – 2002. №6. – С. 46.

19. Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – С. 356.

20. Решетник И.А. Гражданско-правовое регулирование лизинга в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Пермь, 1998. – С. 146-147.

21. Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал / Зери таҳрири Ғаюров Ш.К. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе: «Графика-83», 2020. – С. 115.

22. Созишнома дар бораи фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ барои васеъ намудани фаъолияти лизингӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 12 октябри соли 2005 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

23. Торрес Ортега И.В. Договор лизинга как структурно-сложное обязательство: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – С. 103.

24. Федеральный закон “О финансовой аренде (лизинге)” / Манбаи электронӣ: http: // pravo.gov.ru (санаи мурочиат: 18.08.2021с.).

25. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми дуюм // Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – С. 94.

26. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми дуюм // Зери таҳрири узви вобастаи АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор О.У. Усмонов. – Душанбе: АМРИ ИЛМ, 2003. – С. 87.

27. Шпитлер Х.Й. Практический лизинг. – М., 1991. – С. 7.

28. Щетинина И.В. Финансовая аренда (лизинг) в Российском гражданском законодательстве: проблемы правового регулирования: дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2003. – С. 101.

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИ АНДОЗБАНДИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ФОСИЛАВИИ ШАХСОНИ ХОРИҶӢ

**Мавлоназарзода Одилбек Аабдулназар,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
**Тел.:** ( +992) 500000909
**E-mail:** omavlonazarov@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур муаллиф тартиби андозбандии хизматрасониҳои фосилавии шахсони хориҷиро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Хизматрасонии электронӣ шакли хизматрасоние мебошанд, ки тавассути шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи иттилоотӣ ва коммуникатсионии Интернет ба тариқи худкор бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ пешниҳод карда мешаванд. Ҳангоме сухан дар бораи хизматрасониҳои электронӣ меравад, шояд суоле пайдо шавад, ки кадом намуди хизматрасониҳои электронӣ ба чунин тартиб андозбандӣ карда мешаванд? Хизматрасониҳои электронӣ аз фурӯши китобҳои электронӣ ва дигар файлҳои медиавии электронӣ (мундариҷаи рақамӣ), интиқоли ҳуқуқҳо барои истифодаи барномаҳо, таблиғ, дастгирии сайт, нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоот, омор, домен ва хостинг, дастрасӣ ба системаҳои ҷустуҷӯӣ, соҳаи IT ва ғайра иборатанд. Яъне инҳо хизматрасониҳоеанд, ки тавассути Интернет пешниҳод карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** Андозбандӣ, хизматарсонии фосилавӣ, шахсони хориҷӣ, хизматрасонии электронӣ, технологияхои иттилоотӣ, шабакаҳои иттилоотӣ, интернет, андозсупорандагон, объекти андозбандӣ, манбаи андоз.

# ПРАВОВОЙ СТАТУС НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ ДИСТАНЦИОННЫХ УСЛУГ ИНОСТРАННЫХ ЛИЦ

**Мавлоназарзода Одилбек Аабдулназар,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой предпринимательства и коммерческого права, кандидат юридических наук, доцент
**Тел.:** ( +992) 500000909
**E-mail:** omavlonazarov@mail.ru

**Аннотация:** В статье автор анализирует порядок налогообложения дистанционных услуг иностранных лиц. Электронные услуги – это форма услуг, которые автоматически предоставляются через информационно-коммуникационную сеть, в том числе информационно-коммуникационную

сеть Интернет, с использованием информационных технологий. Когда речь идет об электронных услугах, может возникнуть вопрос: какие виды электронных услуг облагаются таким образом? Электронные услуги включают в себя продажу электронных книг и других электронных медиа файлов (цифрового контента), передачу прав на использование программ, рекламу, поддержку сайтов, хранение и обработку информации, статистику, домен и хостинг, доступ к поисковым системам, сферу IT., и т. д. То есть это услуги, которые предоставляются через интернет.

**Ключевые слова:** Налогообложение, дистанционные услуги, иностранные лица, электронные услуги, информационные технологии, информационные сети, интернет, налогоплательщики, объект налогообложения, налоговая база.

## LEGAL STATUS OF TAXATION OF REMOTE SERVICES OF FOREIGN PERSONS

**Mavlonazarzoda O.A.**
Tajik National University, Faculty of law, Head of the Department of Entrepreneurship and commercial law, candidate of law, docent
**Phone.:** ( +992) 500000909
**E-mail:** omavlonazarov@mail.ru

**Annotation:** In this article, the author analyzes the procedure for taxation of remote services of foreign persons. Electronic services are a form of services that are automatically provided through an information and communication network, including the Internet information and communication network, using information technology. When it comes to electronic services, the question may arise: what types of electronic services are taxed in this way? Electronic services include the sale of e-books and other electronic media files (digital content), the transfer of rights to use programs, advertising, website support, information storage and processing, statistics, domain and hosting, access to search engines, IT sphere, and etc. That is, these are services that are provided via the Internet.

**Keywords:** Taxation, remote services, foreign persons, electronic services, information technology, information networks, Internet, taxpayers, object of taxation, tax base.

Дар асоси Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назар доштани арзишҳои умумибашарӣ ва манфиатҳои миллӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ, ҳамоҳангсозӣ ва якхелакунии қонунгузории давлатҳо ва низомҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ, рушди муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, таъсиси иттиҳодҳои нави ҷаҳонӣ ва минтақавии байни давлатҳо, таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад. Сиёсати ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ ба коҳиш додани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ, муқовимат бо хатарҳо ва

таҳдидҳои ҷаҳонӣ (терроризм, экстремизм ва дигар падидаҳои хатарзо), ҳифзи фазои иттилоотии ҷумҳурӣ аз хатарҳои иттилоотии ҷаҳони муосир равона карда мешавад[236]. Заминаи ҳуқуқии таваҷҷуҳи хосса ба соҳаи андоз ва дастгирии давлатии он муқаррароти конститутсионӣ мебошад. Дар асоси моддаи 45 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист. Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд[237]. Дар Паёми навбатии худ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки Кумитаи андоз вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо мақомоти марбута ҷиҳати беҳтар гардонидани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ, мукаммалсозии маъмурикунонии андоз ва дар ин замина бартараф намудани таъсири омили инсонӣ ба раванди андозсупорӣ, инчунин, истифодаи ҳатмии дастгоҳи назоративу хазинавии дар реҷаи вақти воқеӣ амалкунанда ва низоми хазинаҳои маҷозӣ ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо аҳолӣ тадбирҳои иловагиро амалӣ гардонад[238]. Дар шароити ҷаҳони муосир, вазъи мураккаби сиёсии ҷаҳон ва таъсири онҳо ба иқтисоди кишварҳо, ташаккули иқтисоди сабз, рушди тавлиди энергияи сабз, мушкилоти глобалии сайёра, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, назорати доимии вазъи ҷомъеа ва рушди андозбандии давлатро талаб менамояд. Моҳияти иқтисодии андоз ин аст, ки давлат ба воситаи истифодаи ин фишанги иқтисодӣ як ҳиссаи муайяни даромади давлатро дар шакли марказонидашуда ҷамъоварӣ намуда, ба ин васила буҷети давлатро ғанӣ мегардонад ва маблағҳои қисмати даромади буҷетро барои таъмини рушди иқтисоди миллии кишвар, бахусус соҳаҳои афзалиятноки миллии он, саҳмгирии зарурӣ дар амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоӣ, давлатӣ ва ғайра сарф менамояд.

Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 277 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупорандагони хизматрасонии фосилавӣ шахсони хориҷии бе макони фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда мешаванд, ки мустақиман ба шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, хизматрасонии фосилавиро анҷом медиҳанд ва маҳалли чунин хизматрасонӣ ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, уҳдадоранд на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи оғоз ё қатъ намудани хизматрасонии фосилавӣ, дар асоси пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои дигар аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба таври электронӣ худро ба ҳисоб гиранд ё аз ҳисоб бароранд[239]. Барои мақсадҳои андозбандии хизматрасонии фосилавӣ ба хизматрасонии электронӣ хизматрасониҳое

---

[236] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018., таҳти №1005// Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ. https://mmk.tj/content. (Захираи электронӣ). (санаи муроҷиат: 22.09.2023).

[237] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе, 2016.

[238] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022. шаҳри Душанбе. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/29823.(санаи муроҷиат: 13.09.2023.).

[239] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1844. ҶДММ “Абдулло ва Искандар Ко”. – С. 416.

дохил мешавад, ки тавассути шабакаи иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи иттилоотӣ -коммуникатсионии интернет бо усули автоматӣ (худкор) бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ амалӣ карда мешавад. Бо мақсади таъмини иҷрои талаботи боби 43 Кодекси андоз, ҷиҳати андозбандии даромади шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизматрасониҳои электронӣ машғул мебошанд. Ба ҳолати 1 июли соли 2023, дар маҷмуъ, 28 адад (25 адад шахси ҳуқуқӣ ва 3 адад шахси воқеии хориҷӣ) дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудааст. Аз ҷониби ширкатҳои мазкур ба шахсони воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2023, ҷамъ ба маблағи 17368,3 ҳазор сомонӣ хизматрасониҳои фосилавӣ иҷро карда шудааст ва маблағи ҳисобшудаи ААИ ғайрирезидентҳо 2750,1 ҳазор сомониро ташкил менамояд, ки пардохти он ба буҷет таъмин карда шудааст[240]. Бояд қайд намуд, ки аз шумораи 28 адад субъекти хориҷии бақайдгирифташуда, дар нимсолаи аввали соли 2023, ҳамагӣ 20 адади онҳо ба мақомоти андоз эъломияҳои худро пешниҳод намудаанд.

Чанд соли охир доир ба мафҳуми андоз аз Google миёни андозсупорандагон, инчунин, тамоми расонаҳои хабарӣ сару садоҳо паҳн гардиданд. Бисёриҳо ба ин назар буданд, ки андозбандӣ кардани ширкатҳои интернетӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон аст. Истилоҳи «андоз аз Google» намуди андози нав набуда, балки як ҳолати махсуси андозбандии андоз аз арзиши иловашуда мебошад ва ин яке аз хизматрасониҳои электронии ширкатҳои хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Хизматрасонии электронӣ шакли хизматрасоние мебошанд, ки тавассути шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи иттилоотӣ ва коммуникатсионии Интернет ба тариқи худкор бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ пешниҳод карда мешаванд. Ҳангоме сухан дар бораи хизматрасониҳои электронӣ меравад, ки кадом намуди хизматрасониҳои электронӣ ба чунин тартиб андозбандӣ карда мешаванд? Хизматрасониҳои электронӣ аз фурӯши китобҳои электронӣ ва дигар файлҳои медиавии электронӣ (мундариҷаи рақамӣ), интиқоли ҳуқуқҳо барои истифодаи барномаҳо, таблиғ, дастгирии сайт, нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоот, омор, домен ва хостинг, дастрасӣ ба системаҳои ҷустуҷӯӣ, соҳаи IT ва ғайра иборатанд. Яъне инҳо хизматрасониҳоеанд, ки тавассути Интернет пешниҳод карда мешаванд. Дар айни замон, шахси хориҷии анҷомдиҳандаи хизматрасонии фосилавӣ ба шахсони воқеӣ дар Кумитаи андоз ба ҳисоб гирифта шуда, дар нимсолаи аввали соли 2023 чунин шахсон аз ҳисоби хизматрасониҳои худ ба шахсони воқеӣ ба маблағи 2,7 млн сомонӣ андоз аз арзиши иловашуда ҳисоб ва ба буҷет пардохт намудаанд. Андозсупорандагони хизматрасониҳои фосилавӣ шахсони хориҷӣ мебошанд, ки хизматрасониҳои электрониро мустақиман ё тавассути миёнаравҳо (агентҳо) ба шахсони воқеӣ пешниҳод мекунанд, ки маҳалли иҷрои онҳо қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба ибораи дигар, агар харидорони хадамоти электронии шахсони хориҷӣ шахсони

[240] https://andoz.tj/TaxCommittee/BojuHiroj // Манбаи дастрасӣ. (санаи муроҷиат: 5.09.2023).

воқеии Тоҷикистон бошанд, пас ин шахсони хориҷӣ супорандагони «андоз аз Google» ҳисобида мешаванд. Агар хизматрасониҳо ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Тоҷикистон ва намояндагиҳои (филиалҳои) ширкатҳои хориҷӣ пешниҳод карда шаванд, пас онҳо агентҳои (миёнаравҳои) андоз эътироф карда мешаванд. Агар дар ҳисоббаробаркунӣ якчанд шахсони ҳуқуқии хориҷӣ (агентҳо) иштирок кунанд, пас агенти андоз ҳамонест, ки ҳисоббаробаркунӣ бо шахси воқеии харидор тавассути он мегузарад. Объекти андозбандӣ даромад аз ҳисоби амалӣ намудани хизматрасониҳои электронӣ мебошад. Барои бақайдгирӣ шахси хориҷӣ (ё агенти андоз) бояд дар шакли тасдиқшуда дар муҳлати на дертар аз 20 рӯз, аз рӯзи оғози пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ, ариза пешниҳод намояд. Тибқи муқаррароти моддаи 278 Кодекси андоз, шахсони хориҷии анҷомдиҳандаи хизматрасонии фосилавӣ ба шахсони воқеӣ, ки нисбати онҳо муқаррароти моддаи 277 Кодекси андоз татбиқ мегарданд, дар асоси пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои дигар аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба таври электронӣ ба ҳисоб гузошта мешаванд. Ариза дар бораи баҳисобгирии шахсони хориҷӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи оғоз намудани хизматрасонии фосилавӣ пешниҳод карда мешавад. Андозсупорандагони хизматрасонии фосилавӣ шахсони хориҷии бе макони фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда мешаванд, ки мустақиман ба шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ хизматрасонии фосилавиро анҷом медиҳанд ва маҳалли чунин хизматрасонӣ мутобиқи моддаи 258 Кодекси андоз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад[241]. Агар чунин хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои доимии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ амалӣ карда шаванд, харидорони чунин хизматрасонӣ мутобиқи моддаи 260 Кодекси андоз, агентҳои андоз эътироф карда мешаванд. Масалан, шахси ҳуқуқу хориҷӣ – «Google» ба шахси воқеӣ хизматрасонии электрониро дар шакли бозии электронии пулакӣ бо арзиши 1150 сомонӣ мефурӯшад. Шахси воқеӣ ҳаққи хизматрасонии электрониро тавассути корти бонкие, ки ба ташкилоти карзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад, пардохт менамояд. Шахси хориҷӣ-«Google» уҳдадор аст аз фурӯши хизматрасонии электронӣ ААИ-ро бо меъёри 15% ба маблағи 150 сомонӣ ҳисоб ва маблағи онро ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт намояд. Дар ин холат, ташкилоти карзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳаққи хизматрасонии электрониро бо фармоиши шахси воқеӣ ба шахси хориҷӣ-«Google» интиқол медиҳад, супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ва ё агенти андоз ҷиҳати нигоҳ доштан ва ба буҷет пардохт намудани андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб намеравад. Ташкилотҳои карзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси супориши шахси ҳуқуқӣ-резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқоли маблағи хизматрасонии электрониро иҷро менамоянд, агенти андоз ба ҳисоб

---

[241] https://andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__15-03-2023-RT_tj.pdf. режим доступа –свободный. (Дата обращение: 5.09.2023).

намеравад. Ҳамзамон, агар шахси хориҷӣ-«Facebook» хизматрасонии электрониро ба ташкилотҳои қарзӣ молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом диҳад, пас ташкилоти карзӣ молиявӣ-харидори чунин хизматрасониҳо ҳамчун агенти андоз эътироф карда мешавад. Дар чунин ҳолат, ташкилоти қарзӣ-молиявӣ уҳдадор аст, ААИ-ро дар манбаи пардохт нигоҳ дошта, онро ба Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт кунад. Ба хизматрасонии электронӣ дохил намешаванд:

а) фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), агар ҳангоми фармоишӣ тавассути шабакаи Интернет анҷомдодашуда таҳвили мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) бе истифода аз шабакаи Интернет амалӣ гардад;

б) фурӯши (додани ҳуқуқи истифодабарии) барномаҳо барои мошинҳои электронии ҳисоббарор (аз ҷумла бозиҳои компютерӣ), махзани маълумот дар ҳомилҳои моддӣ;

в) пешниҳоди хизматрасонии машваратӣ тавассути почтаи электронӣ;

г) пешниҳоди хизматрасонӣ вобаста ба додани дастрасӣ ба шабакаи Интернет.

Хусусияти фарққунандаи Кодекси андоз дар таҳрири нав нисбат ба Кодекси андози қаблӣ вобаста ба муқаррароти мазкур дар он мебошад, ки агар агенти андоз тибқи Кодекси андози қаблӣ соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва муассисаҳои доимии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба ҳисоб мерафтанд, пас тибқи Кодекси андоз дар таҳрири нав агенти андоз танҳо шахсони ҳуқуқӣ ва муассисаҳои доимии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба ҳисоб мераванд.

Илова бар ин, дар Кодекси андози амалкунанда муҳлати пешниҳоди ариза дар бораи баҳисобгирии (аз ҳисоб баровардани) шахсони хориҷии анҷомдиҳандаи хизматрасонии фосилавӣ то 30 рӯзи тақвимӣ муқаррар карда шудааст. Муҳлати мазкур тибқи Кодекси андози қаблӣ то 20 рӯзи тақвимиро дар бар мегирифт. Ба ҳолати 1 декабри соли 2022 шумораи умумии шахсони хориҷии анҷомдиҳандаи хизматрасонии фосилавӣ ба шахсони воқеӣ, ки худро дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври электронӣ ба ҳисоб гузошта, ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шудаанд, 23 ададро ташкил медиҳад ва арзиши умумии хизматрасонии онҳо дар 11 моҳи соли ҷорӣ 15250,5 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 3 831,4 ҳазор сомонӣ (133%) зиёд мебошад. Масалан: Шахси ҳуқуқии хориҷӣ – «Facebook» дар шабакаи иҷтимоии худ рекламаи шахси ҳуқуқӣ-резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷойгир менамояд, ки арзиши химатрасонии электронии мазкур маблағи 11500 сомониро ташкил медиҳад. Дар ин сурат, шахси ҳуқуқӣ – резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми пардохт намудани арзиши чунин хизматрасонии электронӣ (11500 сомонӣ) ба шахси хориҷӣ – «Facebook» ҳамчун агенти андоз дониста шуда, ухдадор аст андоз аз арзиши иловашударо ба маблағи 1500 сомонӣ дар манбаи пардохт нигоҳ дорад ва онро ба Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида, эъломияи андозро ба мақомоти андоз пешниҳод намояд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки маблағи ҳисобшудаи андоз аз арзиши иловашудаи ширкатҳои мазкур дар ин давра, ҳамагӣ 2 293,0 ҳазор сомониро дар бар гирифтааст, ки нисбат ба 11 моҳи соли гузашта ба андозаи 237,6 ҳазор сомонӣ (111,6%) зиёд мебошад андозро ба мақомоти андоз пешниҳод намояд. Шахси хориҷӣ-ширкати «Яндекс» (миёнарав) тавассути ҳамёни электронӣ ба шахси воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасониҳои электронии шахсони хориҷӣ-«Google», «Apple», «Facebook»-ро пешниҳод менамояд. Шахси воқеӣ тавассути ҳамёни электронии шахси хориҷӣ-«Яндекс» бозии пулакии электронии «Google»-ро бо нархи 1150 сомонӣ мехарад. Дар чунин сурат, шахси хориҷӣ-«Яндекс» ҳамчун миёнарав агенти андоз ба ҳисоб рафта, уҳдадор аст, ки ААИ-ро ба маблағи 150 сомонӣ ба буҷети давлатии Тоҷикистон пардохт намояд ва эъломияи онро ба мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод созад. Мутобиқ ба муқаррароти Кодекси андоз, агар хизматрасониҳои электронӣ бо иштирок дар ҳисоббаробаркуниҳои силсилаи пайдарҳамии якчанд шахсони ҳуқуқӣ-миёнаравон анҷом дода шаванд, дар ин ҳолат, агенти андоз шахси хориҷӣ-миёнараве дониста мешавад, ки новобаста аз мавҷудияти шартнома бо шахсони хориҷии анҷомдиҳандаи чунин хизматрасониҳо дар ҳисоббаробаркуниҳо бо шахсони воқеӣ бевосита иштирок менамояд. Масалан. Шахси хориҷӣ-ширкати «Qiwi» бо иштироки ташкилоти қарзии молиявии ватании «А» ва ташкилоти карзии молиявии ватании «Б» ба шахси воқеӣ фурӯши китоби электронӣ аз ширкати «Amazon»- ро пешниҳод менамояд. Шахси воқеӣ тавассути ҳамёни электронии худ дар ташкилоти қарзии молиявии «Б» китоби пулакии электронии ширкати «Amazon»-ро бо нархи 2300 сомонӣ мехарад. Дар ин сурат, шахси хориҷӣ-ширкати «Qiwi» ҳамчун агенти андоз ба ҳисоб рафта, уҳдадор мебошад, ки ААИ-ро ба маблағи 300 сомонӣ ба Буҷети давлатӣ пардохт намуда, эъломияи андозро ба мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кунад. Ташкилотҳои қарзи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳисоббаробаркуниҳои силсилаи пайдарҳамӣ барои чунин хизматрасониҳои электронӣ хамчун интиқолдиҳандаи ҳаққи хизматрасониҳои электронӣ иштирок намудаанд, барои анҷоми чунин амалиёт ҳамчун агенти андоз ба ҳисоб намеравaнд. Бояд қайд кард, ки ҳангоми қабули ин намуди андоз таҷрибаи кишварҳои дигар истифода гардидааст. Андоз ҳамчун воситаи ҷамъоварии даромади давлат ва яке аз кашфиётҳои бузургтарини инсоният мебошад[242]. Шояд андозбандии хизматрасониҳои фосилавӣ (андоз аз Google) як манбаи дигари даромади буҷети давлат гардад.

**Адабиёт:**

1. Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.1994 с., бо таг ва иловаҳои 2016. Душанбе. 2016. – 126 с.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.01.2022. – Душанбе. – 2022. – 416 с.

[242] Ниг.: Налоговое Право: Учебник. Под общ. Ред. Ш.М. Исмаилова. – Душанбе: Изд-во “Эрграф”, 2018. – С. 11.

3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.01.2022. – Душанбе. – 2012. – 335 с.
4. Налоговое Право: Учебник. Под общ. Ред. Ш.М. Исмаилова. – Душанбе: Изд-во “Эрграф”, 2018. – 604 с.
5. Боев М.З., Мавлоназаров О.А. Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Васоити таълимӣ. – Душанбе: «Эр-граф». – 2012. – 100 с.
6. Гафуров А.Д. Теоритические проблемы формирования и развития основных институтов финансового права развивавшихся стран. Монография. – Душанбе, «Сино». – 2012. – 224 с.
7. Ғаюров Ш.К. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷиксnúmерон. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири дотсент Шонасридинов Н.Ш. – Душанбе, «Сино». – 2005. – 216 с.
8. Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: – Васоити таълимӣ / Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Шонасридинов Н.Ш. – Душанбе, 2012, – 352 с.
9. Ҳуқуқи андоз. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ш.М.Исмоилов. – Душанбе, 2003.
10. Шарифзода И.М. «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи андоз» васоити таълимӣ. – Душанбе, 2016. – 228 с.

# НАҚШИ ШАРТНОМАИ ПАЙМОНКОРӢ ДАР СОХТМОНИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД

**Шабонов Шоҳкарим Султонович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат
**Тел.:** (+992) 900078893
**E-mail:** shohkarims.7@gmail.com

**Роҳбари илмӣ**: Мирзозода П.З., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз**: Мавлоназарзода О.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои танзими шартномавии сохтмони роҳҳои автомобилгард мавридӣ баррасӣ қарор дода шуда, шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ва аҳамияти он дар сохтмони роҳҳои автомобилгард мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард ҳамчун намуди шартномаи паймонкорӣ дорои тамоми нишонаҳои ба шартномаи паймонкорӣ хос буда, ҳадафи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон баҳри иҷрои кор тибқи супориши фармоишгар ба ҳисоб меравад. Инчунин шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон барои иҷрои коре, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои аз худи кор ҷудо буда равона гардидаанд, ба ҳисоб меравад. Муаллиф қайд менамояд, ки шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон бинобар сабаби як тарарфи он соҳибкор будан ё нишонаҳои муносибатҳои соҳибкориро доштан, хусусиятҳои шартномаи соҳибкориро касб мекунад. Агар нишонаҳои умумӣ ба ҳамаи шартномаҳои соҳибкорӣ мутааллиқ бошанд, пас нишонаҳои махсусро бояд ҷудо намуд, ки танҳо ба шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон дахл дошта бошанд. Таснифи нишонаҳо на танҳо дар асоси ҳисоб намудани уҳдадориҳои тарафҳо ё ин ки хусусиятҳои рафтор ва объекти сохтмон таҷассум меёбанд, инчунин он хусусиятҳо ёдрас гарданд, ки ба шартнома ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ дахл дошта бошанд.

**Калидвожаҳо:** Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, роҳҳои автомобилгард, фаъолияти соҳибкорӣ, фармоишгар, иҷрои кор, субъекти ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, паймонкорони иловагӣ.

# РОЛЬ ДОГОВОРА ПОДРЯДА В СТРОИТЕЛЬСТВЕ АВТОМОБИЛЬНЫХ ДОРОГ

**Шабонов Шахкарим Султанович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры предпринимательского и коммерческого права
**Тел.:** (+992) 900078893
**E-mail:** shohkarims.7@gmail.com

**Научный руководитель:** Мирзозода П.З., кандидат юридических наук, доцент
**Рецензент:** Мавлоназарзода О.А., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются вопросы договорного регулирования строительства автомобильных дорог, анализируется договор строительного подряда и его значение в строительстве автомобильных дорог. Договор подряда при строительстве автомобильных дорог как вид договора подряда имеет все признаки, свойственные договору подряда, а целью договора подряда в строительстве является выполнение работ по заданию заказчика. Также договором строительного подряда считается договор на выполнение работ, направленный на достижение целей, отдельных от самой работы. Автор отмечает, что договор строительного подряда имеет признаки предпринимательского договора в связи с тем, что одна из его сторон является предпринимателем или имеет признаки предпринимательских отношений. Если общие признаки принадлежат всем предпринимательским договорам, то следует выделить специальные признаки, относящиеся только к договору строительного подряда. Классификация признаков основана не только на расчете обязательств сторон или на том, что воплощены особенности поведения и объекта строительства, но и следует помнить о тех характеристиках, которые относятся к договору как правоотношению.

**Ключевые слова:** Подряд на строительство, автомобильные дороги, предпринимательская деятельность, заказчик, выполнение работ, правосубъектность, законодательство, дополнительные подрядчики.

## THE ROLE OF THE CONTRACT IN THE CONSTRUCTION OF CAR ROADS

**Shabonov Shakhkarim Sultonovich,**
Tajik National University, Faculty of Law, Assistant at the Department of entrepreneurial and commercial law
**Phone.:** (+992) 900078893
**E-mail:** shohkarims.7@gmail.com

**Scientific supervisor:** Mirzozoda P.Z., Candidate of Legal Sciences, Docent
**Reviewer:** Mavlonazarzoda O.A., Candidate of Legal Sciences, Docent

**Annotation:** This article discusses the issues of contractual regulation of highway construction, analyzes the construction contract and its significance in the construction of highways. A work contract for the construction of highways as a type of work contract has all the features characteristic of a work contract, and the purpose of a work contract in construction is to perform work on the instructions of the customer. Also, a construction contract is considered to be an

agreement to perform work aimed at achieving goals separate from the main work. The author notes that a construction contract has signs of an entrepreneurial contract due to the fact that one of its parties is an entrepreneur or has signs of entrepreneurial relations. If common features belong to all entrepreneurial contracts, then special features that relate only to a construction contract should be highlighted. The classification of features is based not only on the calculation of the obligations of the parties or on the fact that the features of behavior and the construction object are embodied, but one should also remember those characteristics that relate to the contract as a legal relationship.

**Key words**: Construction contract, car roads, entrepreneurial activity, customer, work performance, legal personality, legislation, additional contractors.

Вобаста ба инкишофи иқтисодиёти бозоргонӣ аҳаммияти шартнома чун воситаи танзими фаъолияти хоҷагидорӣ меафзояд. Дар ҳама бахшҳо нақши шартнома хусусияти аввалият касб намуда, масъалаҳои муҳим, аз ҷумла пулӣ бевосита тавассути шартнома ҳалли худро меёбанд. Омехтагии унсурҳои иҷрои кор, расонидани хизмат ва хариду фурӯши мол боиси он гаштааст, ки шартномаҳо дарбаргирандаи тамоми унсурҳо гардида, дар доираи якеи онҳо маҳдуд намегардад.

Дар замони муосир бинобар сабаби рушд ёфтани сохтмон, шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон паҳншудатарин шартномаи паймонкорӣ ба ҳисоб меравад. Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ҳадди ақал муносибати ду тарафро ба танзим дароварда, тақозои иҷро намудани амалҳои муайянро талаб менамояд ва боиси ба вуҷуд омадани як қатор оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад. Натиҷаи иҷрои амалҳои ёдрасшуда-объекти муайяни ғайриманқул ба ҳисоб меравад, ки сохтмонаш ба анҷом расида, ба истифода дода шудааст.

Танзими шартномавӣ ба субъектони фаъолияти соҳибкорӣ озодиро дар интихоби рафтор, ташаббускорӣ ва муносибати эҷодкорона зимни қабули қарор медиҳад. Қарори бамувофиқа расидаи онҳо оид ба ҳамкорӣ дар шакли ҳуқуқу уҳдадориҳо дар шартнома инъикос меёбад. Дар натиҷа иштирокчиёни муносибатҳои соҳибкорӣ уҳдадор мешаванд, ки қарори бамувофиқарасидаи ҳамдигарро риоя намоянд. Иродае, ки дар шартнома ифода ёфтааст, мисли муқаррароти қонун бо маҷбурсозии давлатӣ таъмин карда мешавад. Бинобар ин субъектони фаъолияти соҳибкорӣ имконият доранд шартномаро ба сифати воситаи ташкили фаъолияти соҳибкорие, ки барои ноил шудан ба натиҷаи ниҳоӣ нигаронида шудааст, истифода намоянд[243].

Дар шартнома ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо, ҳамкории онҳо, ҳамчунин рафтори онҳо новобаста аз он ки дар қонун муқаррар шудан ё нашуданашон, инъикос карда мешаванд. Танзими шартномавии фаъолияти соҳибкорӣ, имконияти иштирокчиёни онро оид ба муқаррар намудани ҳамкориҳои соҳибкорӣ ифода менамояд. Дар баробари ин, санадҳои

[243] Саъдиев И.З. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. дис... н.и.ҳ., Душанбе 2019. – С. 112.

қонунгузорӣ бояд шароити созгорро оид ба иҷрои шарномаҳо фароҳам оварад[244].

Умуман шартномае, ки як тараф супориши анҷом додани корҳои сохтмониро медиҳад ва пардохташро бар дӯш мегирад, тарафи дигар бошад малакаи махсуси соҳаи сохтмонро доро буда розигии хешро баҳри анҷом додани он медиҳад, шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ном мегирад.

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи паймонкорӣ дар сохтмонро ҳамчун намуди шартномаи паймонкорӣ муқаррар намудааст. Дар қонунгузорӣ мафҳуми шартномаи паймонкорӣ чунин омадааст: "Ин шартномаест, ки мувофиқи он як тараф паймонкор уҳдадор мешавад дар муҳлати муайяншуда тибқи супориши фармоишгар объекти муайянро бунёд намояд, ё ин ки дигар корҳои сохтмониро анҷом диҳад, фармоишгар уҳдадор мешавад барои паймонкор шароити мувофиқро таъмин намуда, натиҷаро қабул намояд ва арзишашро пардозад". (моддаи 777 КМҶТ).

С.Н. Макров бошад чунин мешуморад, ки шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ин созишномаест, ки як тараф (паймонкор) уҳдадор мешавад дар муҳлати муайяншуда тибқи супориши фармоишгар объекти ғайриманқулро созад ё азнавсозӣ кунад, фармоишгар бошад уҳдадор мешавад барои паймонкор шароити кор фароҳам оварда, дар ҳолати мувофиқ будани кори иҷрошуда натиҷаро қабул намуда, арзиши қайду шартшударо пардозад[245]. Ҳамаи ҳолатҳои ёдрасшуда чунин хусусиятҳои умумӣ доранд, аз ҷумла иҷрои корҳо тибқи супориши (ҳуҷҷатҳои сметавӣ ва нақша) фармоишгар ва дар муҳлати муайян, таъмини шароити мусоид барои кор, уҳдадории қабули натиҷа ва пардохти он. Тафовут аслан сари предмети шартнома меравад, аз ҷумла кадом намуди корҳо ба шартномаи паймонкорӣ шомиланд ва таҳти мафҳуми предмети шартнома чӣ фаҳмида мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ бо мақсади тафсири пурраи шартнома чунин падидаҳо ба монанди унсур ва нишона истифода мегарданд. Фаҳмиши ягонаи на унсур ва на нишона мавҷуд нест. Одатан ба унсурҳои шартнома субъект, объект ва мазмунро шомил менамоянд ва шартнома ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад.

Чунин ба назар мерасад, ки нишонаҳои шартнома ин хусусияти унсурҳои он мебошанд, ҳамин тавр ба нишонаҳои шартнома хусусиятҳои субъект, объект ва мазмун дохил мешаванд.

Аввалан оид ба нишонаҳои умумии шартнома ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ бояд сухан гуфт. Шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ шартномаи сохтмон ин созиши ду ё зиёда шахс ба ҳисоб рафта боиси ба вуҷуд омадан, тағйир ёфтан ва қатъ гардидани ҳуқуқу уҳдадориҳо мегардад.

Дуввум бошад шартнома ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқии нисбӣ (ӯҳдадоркунанда) ба ҳисоб меравад. Ниҳоят шартнома ин ҳуҷҷатест, ки дар

---

[244] Рахимов М.З. Договор как средсво достижения конечного результата предпринимательской деятельности // Избранные труды. – 2014. С. 410.

[245] Мокров С.Н. Договор строительного подряда: Автореф. дис.... канд. юрид. наук. Волгоград, 2006. С. 6.

он факти ҳуқуқӣ дарҷ меёбад[246].

Вобаста ба мавқеи фармоишгар шартномаи иҷрои корҳои сохтмониро ба се гурӯҳ тасниф намудан мумкин аст: паймонкории давлатӣ; паймонкории маишӣ; комилан паймонкорӣ дар сохтмон.

Ҳар як шартномаи ёдрасшуда танзими махсуси ҳуқуқии худро дорост. Вобаста ба реҷаи гуногуни ҳуқуқӣ танҳо шартномаи комилан паймонкорӣ дар сохтмонро таҳлил намудан лозим асту тамом.

Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон бинобар сабаби як тарарфи он соҳибкор будан ё нишонаҳои муносибатҳои соҳибкориро доштан, хусуссиятҳои шартномаи соҳибкориро касб мекунад.

Агар нишонаҳои умумӣ ба ҳамаи шартномаҳои соҳибкорӣ мутааллиқ бошанд, пас нишонаҳои махсусро бояд ҷудо намуд, ки танҳо ба шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон дахл дошта бошанд. Таснифи нишонаҳо на танҳо дар асоси ҳисоб намудани уҳдадориҳои тарафҳо ё ин ки хусусиятҳои рафтор ва объекти сохтмон таҷассум меёбанд, инчунин он хусусиятҳо ёдрас гарданд, ки ба шартнома ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ дахл дошта бошанд.

Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон аслан дорои он нишонаҳое мебошад, ки дар КМҶТ оварда шуда, дорои реҷаи махсуси худ мебошанд. Бинобар сабаби равона шудани таваҷҷуҳ ба нишонаҳои шартнома қобили қабул нест, ки натиҷаи корро ба нишонаи шартнома мубаддал созем. Бинобар ин қонун иловатан муайян месозад, ки корҳои иҷрошаванда бояд бо объекти сохташаванда алоқамандӣ дошта, ё ин ки ба азнавсозии объект алоқамандӣ дошта бошанд.

Алоқаи ногусастанӣ бо объект низ баҳспазир аст, таҳти алоқаи ногусастанӣ бо объект аввалан ҷои иҷрои ин корҳо ба шумор меравад. Аммо на ҳамаи корҳои дар объект иҷрошаванда тибқи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон анҷом дода мешаванд.

Моддаи 817 КМҶТ муқаррар намудааст, ки шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ба сохтмон ё ин ки азнавсозии объекти бунёдшаванда алоқамандӣ дорад. Мақсади асосии кор сохтан, азнавсозии куллӣ ё қисми объект ба ҳисоб меравад. Мақсади мазкурро метавон чунин тазаккур дод, ки мақсади кор натиҷа ба ҳисоб меравад. Ҳамин ҳолат маҳакҳои дигарро ба монанди алоқамандӣ бо объект аз байн мебарад. Инчунин бояд ёдрас шуд, ки кори иҷрошаванда метавонад ба тамоми объект алоқаманд набошад.

Чунин ба назар мерасад, ки истифодаи ду маҳаки кор (анҷоми кори пурра ва анҷоми кор қисман) ва ба кадом натиҷа равона шудани шартномаро ҳамчун шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон муқаррар менамояд.

Аҳаммияти калонро ҳангоми иҷрои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон мувофиқат кардани кор ва супориш мебозад. Дар таносуб аз дигар шартномаҳои паймонкорӣ, паймонкорӣ дар сохтмон супоришро дар шакли ҳуҷҷатҳои техникӣ бо мувофиқа ба мақомоти давлатӣ пешбинӣ менамояд.

Предмети шартнома – ин мувофиқаи шартҳои шартнома оид ба

---

[246] Гражданское право: учебник для вузов. Часть первая / Под общ. ред : Т.И. Илларионовой, Б.М. Гонгало, В.А. Плетнева. М., 2001. С. 341.

корҳои иҷрошаванда, хусусиятҳои муқарраршуда дар асоси ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҳолат паймонкор бо шартҳои иҷрои кор розӣ мешавад ё ин ки иҷрои корро рад мекунад.

Тамоми шартномаҳои паймонкорӣ на танҳо аз иҷрои кор аз ҷониби паймонкор вобастагӣ доранд, инчунин ба амалҳои фармоишгар низ алоқамандии калон доранд. Дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон иштироки фармоишгар аҳаммияти ниҳоят калон дорад.

Иштироки фармоишгар дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон аз якчанд уҳдадориҳои ӯ вобастагӣ дорад, аз ҷумла уҳдадориҳои таъмин намудани шароити мусоиди корӣ ва уҳдадории назорат кардани рафти иҷрои корҳо.

Иштироки фармоишгар аҳаммияти ниҳоят калон дорад. Бастани шартнома, иҷрои шартнома, бе иштироки бардавоми фармоишгар имконнопазир аст.

Паймонкор бошад дорои қоболияти ҳуқуқии махсус мебошад. Маҳз қобилияти ҳуқуқдории махсус баёнгари шартномаи соҳибкорӣ будани шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр паймонкор шахсе ба ҳисоб меравад, ки дорои иҷозатномаи пешбинишуда барои корҳои сохтмониву васлгарӣ мебошад.

Субъектҳуқуқии махсус на дар ҳама ҳолат талаботи ҳатмӣ ба ҳисоб меравад, чунки ҳолатҳое ҳастанд, ки барои иҷрои кор талаботи махсус, аз ҷумла иҷозатнома лозим нест, бинобар ин нишонаи субъектҳуқуқии махсусро ба нишонаҳои факултативӣ шомил намудан мувофиқи мақсад аст. Ба нишонаҳои шартнома метавон интихоби мустақили тарзу восита ва маҳсулотро аз ҷониби паймонкор барои ноил шудан ба натиҷа пиндошт, собити мустақилияти паймонкор инчунин дар ҷалб намудани паймонкорони иловагӣ таҷассум меёбад.

Нишонаи мазкури шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон факултативӣ буда метавонад, чунки мувофиқи қонун ва супориши фармоишгар мустақилияти паймонкор ҷиҳати иҷро ва ҷалби дигар паймонкорон маҳдуд буда метавонад.

Баъзе муаалифон бар он ақида ҳастанд, ки мақсади шартнома ноил шудан ба натиҷаи моддӣ ба ҳисоб меравад, ё ин ки худи кор ё рафти кор. Мисол В.Р. Файзулин пешниҳод менамояд, ки мақсади шартномаро “натиҷаи дар ҳуҷҷатҳои техникӣ нуҳуфтаи кор бояд дарёфт”[247]. Ба ақидаи Файзулин метавон розӣ шуд, чунки мақсади шартнома ноил шудан ба натиҷа мебошад ва амали тарафҳо маҳз ба он равона гардидаанд. Маҳз ноил шудан ба мақсади шартнома, аз иҷрошаванда будани он хабар медиҳад.

Ҳамин тавр, ҳангоми муайян намудани мақсади ҳуқуқии шартнома, бояд дар хотир дошт, ки дар натиҷа объект ба вуҷуд меояд. Тибқи шартномаи хариду фурӯш фурӯшанда ҳуқуқи ин объектро ба харидор таҳвил додан дорад, аммо паймонкор чунин ҳуқуқро нисбат ба объект доро нест. Пас аз анҷом ёфтани объекти сохташаванда фармоишгар нисбат ба он ҳуқуқ пайдо мекунад, аммо на дар натиҷаи таҳвили объект ин ҳуқуқ

[247] Файзулин В.Р. Договор строительного подряда по российскому гражданскому праву. – С. 5.

падид меояд. Маҳз ҳамин бавуҷудоии ҳуқуқи фармоишгар нисбат ба объект мақсади шартнома ба ҳисоб меравад.

Хусусиятҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмонро тарҳрезӣ намуда чунин тасниф менамоем: шартнома ба уҳдадориҳои иҷрои кор шомил аст, молу мулкӣ ба ҳисоб меравад, музднок ва озод ҳаст, дутарафа, мутақобила, консенсуалӣ, муҳлатнок ва казуалӣ мебошад.

Як қатор олимон шартномаи паймонкорӣ дар сохтмонро гуногун шарҳ медиҳанд, аз ҷумла О.В.Макаров бар он ақида ҳаст, ки барои ҳалли қазияи намуди шартномаи паймонкорӣ бояд ба нишонаҳои он аҳаммият диҳем, ки унсурҳои шартномаро дар ба мегирад[248].

О.А. Красавчиков бошад таснифбандиро вобаста ба рафти оқибати маданӣ-ҳуқуқӣ пешниҳод менамояд[249].

Вобаста ба нишонаҳои дар боло овардашуда мафҳуми зеррини шартномаи паймонкорӣ дар сохтмонро метавон пешниход намуд: шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ин шартномаест, ки мувофиқи он паймонкор бо иштироки фармоишгар кори хусусияти махсус доштаро, бо хуҷҷатнигории техникӣ ба анҷом мерасонад.

Инчунин барои муайян намудани моҳияти шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон шартномаҳои ба он муҷовирро таҳлил менамоем. Барои тафовут гузоштан байни шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ва дигар шартномахои ҳамшабеҳ нишонаҳои дар боло ёдрасшударо баррасӣ менамоем.

Таҳлили куллии ин масъала мақсади асосии тадқиқоти мо ба ҳисоб намеравад. Зиёда аз ин шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард бо дарназардошти хусусиятҳои объектҳои бунёдшаванда бемузд буда наметавонад.

Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард ҳамчун намуди шартномаи паймонкорӣ дорои тамоми нишонаҳои ба шартномаи паймонкорӣ хос буда ба ҳисоб меравад. Аввалан ҳадафи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон баҳри иҷрои кор тибқи супориши фармоишгар ба ҳисоб меравад. Дувум шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон барои ичрои коре, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои аз худи кор ҷудо буда равона гардидаанд, ба ҳисоб меравад. Ниҳоят натиҷаи кор хусусияти инфиродӣ дорад.

**Адабиёт:**


1. Рахимов М.З. Договор как средсво достижения конечного результата предпринимательской деятельности // Избранные труды. – 2014. – С. 410.
2. Саъдиев И.З. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // дис... н.и.ҳ. – Душанбе 2019. – С.112.


[248] Макаров О.В. Юрист. – 2001. – № 1. – С. 36-39; а также Тархов В.А. Советское гражданское право. – Саратов, 1978. – Ч. 1. – С. 178.
[249] Красавчиков О.А. Вопросы системы Особенной части ГК РСФСР. – Свердловск, 1957. – С. 125.

3. Мокров С.Н. Договор строительного подряда: Автореф. дис.... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2006. – С. 6.

4. Гражданское право: Учебник для вузов. – Часть первая / Под общ. ред: Т.И. Илларионовой, Б.М. Гонгало, В.А. Плетнева. – М., 2001. – С. 341.

5. Файзулин В.Р. Договор строительного подряда по российскому гражданскому праву. – С. 5.

6. Макаров О.В. Юрист. 2001. № 1. – С. 36-39; а также Тархов В. А. Советское гражданское право. – Саратов, 1978. – Ч. 1. – С. 178.

7. Красавчиков О.А. Вопросы системы Особенной части ГК РСФСР. – Свердловск, 1957. – С. 125.

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА ҲУҚУҚИ АШЁӢ ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ

**Исматзода Исматулло Бобохуҷа,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
**Тел.:** (+992) 988-18-18-12
**E-mail.** azimov.rt@gmail.com

**Муқарриз:** Мирзоев А.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Ҳуқуқи ашёӣ яке аз самтҳои марказии ҳуқуқи хусусӣ ба ҳисоб меравад, зеро он асоси муносибатҳои молумулкиро танзим намуда, мансубияти ашёро ба субъекти муайян, мазмуни ҳуқуқҳои ашёии субъект ва масъалаҳои дигарро танзим менамояд. Дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ низ муносибатҳои ҳуқуқии ашёӣ дорои хусусиятҳои хосаи худ мебошад. Дар мақола муаллиф бо истифода аз адабиёти илмӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ хусусиятҳои алоҳидаи ҳуқуқи ашёиро дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ, ҳуқуқи татбиқшаванда ҳангоми муайян кардани реҷаи ҳуқуқии ашё, мазмуни ҳуқуқи моликият ва масъалаҳои дигарро таҳлил намудааст.

**Калидвожаҳо:** Ашё, молу мулк, моликият, ҳуқуқи маҳдуди молумулкӣ, ҳуқуқи ашёӣ, пайванди коллизионӣ, маҳалли ҷойгиршавии молу мулк, ҳуқуқи татбиқшаванда, низоми ҳуқуқӣ.

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ВЕЩНЫЕ ПРАВА В МЕЖДУНАРОДНОМ ЧАСТНОМ ПРАВЕ

**Исматзода Исматулло Бобохуджа,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры международного права
**Тел.:** (+992) 988-18-18-12
**E-mail.** azimov.rt@gmail.com

**Рецензент:** Мирзоев А.М., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Вещные право считается одной из центральных областей частного права, поскольку регулирует основы имущественных отношений, принадлежность вещи к определенному субъекту, содержание вещных прав субъекта и другие вопросы. В международном частном праве вещно-правовые отношения также имеют свои особенности. В статье автор, используя научную литературу и законодательство Республики Таджикистан и опыт зарубежных стран, проанализировал особенности вещных прав в международных частных отношениях, применимое право

при определении правового режима вещи, содержание права собственности и другие вопросы.

**Ключевые слова:** Вещь, имущество, собственность, ограниченные имущественные права, имущественные права, коллизионные привязки, местонахождение имущества, применимое право, правовая система.

## SOME ISSUES OF PROPERTY RIGHTS IN PRIVATE INTERNATIONAL LAW

**Ismatzoda Ismatullo Bobokhuja,**
Tajik National University, Faculty of law, assistant of the department of international law
**Phone.:** (+992) 988-18-18-12
**E-mail.** azimov.rt@gmail.com

**Reviewer:** Mirzoev A.M., candidate of legal science, docent

**Annotation:** Property law is considered one of the central areas of private law, since it regulates the foundations of property relations, the belonging of a thing to a particular subject, the content of the subject's property rights and other issues. In private international law, property-law relations also have their own characteristics. In the article, the author, using the scientific literature and legislation of the Republic of Tajikistan and the experience of foreign countries, analyzed the features of property rights in international private relations, the applicable law in determining the legal regime of a thing, the content of property rights and other issues.

**Key words:** Thing, property, limited property rights, property rights, conflict of laws, location of property, applicable law, legal system.

Ҳуқуқи ашёӣ яке зерсоҳаҳои асосии ҳуқуқи маданӣ маҳсуб меёбад ва меҳвари муносибатҳои молумулкиро ташкил медиҳад. Ҳуқуқи ашё ҳамчун ҳуқуқи объективӣ ва субъективӣ васеъ буда, асоси онро ашё ташкил медиҳад. Ҳуқуқи ашёӣ аз ду низоми васеи ҳуқуқ – ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои маҳдуди молумулкӣ таркиб ёфтааст. Моҳияти ҳуқуқи ашёӣ дар он аст, ки он муносибати субъекти ҳуқуқро бо ашё мустаҳкам мекунад. Ҳуқуқи ашёӣ мансубияти ашёи моддиро ба субъектҳои муносибатҳои маданӣ, ба ибораи дигар, статикаи муносибатҳои моликият ба расмият даровардa ва муқаррар мекунад.

Ҳуқуқи ашёӣ «маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки чунин муносибатҳои молумулкиеро ба танзим медароранд, ки шахсони ваколатдор метавонанд ҳуқуқҳои худро ба молу мулк (ашё) бидуни эҳтиёҷи амали мусбии шахсони дигар амалӣ намоянд»[250]. Нишонаҳои ҳуқуқи ашёӣ инҳо мебошанд: 1) ҳуқуқи ашёӣ бевосита бо меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ пешбинӣ шудааст, яъне шахс ҳуқуқ надорад, ки бо салоҳдиди худ навъҳои

[250] Александрова С. П. Гражданское право. Общая часть: учеб. пособие. – СПб., 1997. – С. 47.

нави ҳуқуқи ашёиро эҷод кунад (доираи маҳдуди ҳуқуқи ашёӣ); 2) ҳуқуқи ашёӣ ҳуқуқи мутлақ аст, яъне ба соҳиби он доираи номаҳдуди субъектон муқобилат мекунанд, ки вазифадоранд ваколатҳои дорандаи ҳуқуқи ашёиро вайрон накунанд; 3) дар муносибатҳои ашёӣ ҳуқуқ ашёро пайравӣ мекунад, яъне ҳуқуқи ашёӣ пас аз гузаштан ба шахси дигар ба ашё пайравӣ мекунад (ҳуқуқи ворисӣ). Соҳиби ашё, ки бар хилофи иродаи ӯ ашё аз даст дода шудааст, соҳибияти худро нигоҳ медорад ва ҳуқуқ дорад онро аз соҳибияти ғайриқонунии шахси дигар талаб кунад; 4) ҳуқуқи ашёӣ бо ҳуқуқи афзалиятнок тавсиф карда мешавад. Дар сурати ихтилофи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкӣ, афзалият ба ҳуқуқи молумулкӣ дода мешавад; 5) объекти ҳуқуқи ашёӣ ашёи бо нишони инфиродӣ муайяншуда мебошад. Ин мавҷудияти тарзҳои мушаххаси ҳифзи ҳуқуқи ашёиро муайян мекунад.

Дар маҷмуъ, дар соҳаи муносибатҳои молумулкӣ барои муқаррар кардани ҳуқуқи татбиқшаванда пайвандҳои коллизионии зерин истифода мешавад: а) қонуни маҳалли ҷойгиршавии ашё; б) қонуни шахсии молик; в) қонуни маҳалли анҷом додани муомилот; г) қонуни кишвари фурӯшанда; д) қонуни маҳалли интиқоли ашё ва ғайра.

Принсипи асосие, ки барои ҳалли меъёрҳои коллизионӣ дар соҳаи муносибатҳои моликият истифода мешавад, қонуни маҳалли ҷойгиршавии молу мулки – lex rei sitae мебошад. Ин принсипи коллизионӣ, ки масъалаҳои моликият ва дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ бояд ба қонунҳои давлате, ки дар қаламрави он ашёи баҳснок ҷойгир аст, муайян карда шавад. Умуман, қонуни ҷойгиршавии ашё яке аз аввалин қоидаҳои мунокишавӣ мебошад, ки дар таълимот таҳия ва дар амал татбиқ карда шудааст. Ба гуфтаи Г.К. Дмитриева, ин принсипи зиддияти қонунҳо дар якҷоягӣ бо қонуни шахсӣ ва қонуни маҳалли муомила барои он маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ асос гузошт, ки онро коллизияи ҳуқуқ меномиданд[251]. Яке аз аввалин ин принсип дар таълимоти итолиёвӣ оид ба ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ ҳанӯз дар асри XIV сабт шуда буд ва дар асарҳои олим М.И. Болд[252] омӯхта шуда буд. Аммо, дар он замон, ин равиш барои танзими молу мулки ғайриманқул истифода мешуд. Молу мулки манқул тавассути қонуни шахсии молик ба танзим дароварда мешуд.

Дар асри XIX бо пайдоиши намудҳои нави молу мулки манқул ва афзоиши босуръати арзиши онҳо (масалан, коғазҳои қиматнок, киштиҳо ва ғ.), давлатҳо хоҳиши ба тобеияти худ тобеъ кардани молу мулки манқулро нишон доданд. Оҳиста-оҳиста доираи татбиқи қонуни маҳалли ҷойгиршавии ашё васеъ шуда, ба муносибатҳо оид ба молу мулки манқул паҳн гардиданд. Ҳоло ин принсипи коллизионӣ умумиэътирофшуда мебошад[253].

Дар асоси қ. 1 м. 1213 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[254] мазмуни ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашё ба моликияти манқул ва

[251] Дмитриева Г.К. Международное частное право. – М.: ЮРИСТЪ, 2002. – С. 189.
[252] Брун М.И. Очерки истории конфликтного права. – СПб., 1915. – С. 51.
[253] Дмитриева Г.К. Международное частное право. – М.: ЮРИСТЪ, 2002. – С. 189.
[254] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми сеюм). Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 12, мод. 323; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2006, № 4, мод. 194; с. 2009, № 12, мод. 821; с. 2010, № 7, мод. 540; с. 2012, № 7, мод. 699; с. 2013, № 7, мод. 505.

ғайриманқул ва ҳамчунин татбиқи онҳо бо ҳуқуқи кишваре, ки ин моликият дар он ҷо воқеъ гардидааст, муайян карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад. Муқаррароти зикршуда пайванди коллизионии "маҳалли ҷойгиршавии молу мулк"-ро муайя намудааст, ки танзими коллизионии аксарияти муносибатҳои молумулкӣ тавассути пайванди коллизионии мазкур ба роҳ монда мешавад.

Қонуни маҳалли ҷойгиршавии молу мулк ҳамчун пайванди коллизионии ҳатмӣ дар як қатор қоидаҳои коллизионӣ истифода мешавад. Доираи амали пайванди коллизионии маҳалли ҷойгиршавии молу мулк ба муносибатҳои мазкур паҳн мегардад:

1) пайдоиш ва қатъ гардидани моликият ва дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ нисбати ин молу мулки қонуни кишваре амал мекунад, ки ин молу мулк дар лаҳзаи рух додани амал ё дигар ҳолате, ки ҳамчун асос барои пайдоиш ё қатъи ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ хидмат кардааст, агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад;

2) мазмуни ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ;

3) мансубият ашё ба ин ё он навъи ашё (манқул ва ғайриманқул, тақсимшаванда ва тақимнашаванда ва ғайра);

4) дар сурати мавҷуд набудани созишномаи тарафҳо оид ба қонуни татбиқшаванда нисбати молу мулки ғайриманқул, қонуни кишваре, ки шартнома бо он зич алоқаманд аст, яъне қонуни кишваре, ки молу мулки ғайриманқул дар он ҷойгир аст истифода мешавад. Тибқи қ. 3 м. 1210 Кодекси мадании ҶТ шакли аҳд вобаста ба молу мулки ғайриманқул ба ҳуқуқи кишваре тобеъ аст, ки ин амвол воқеъ гардидааст, аммо нисбати амволи ғайриманқул ва ҳамчунин воситаи нақлиёт ва амволи дигар, ки ба феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешавад;

5) мероси молу мулки ғайриманқул тибқи қонуне, ки ин молу мулк дар он ҷойгир аст ва мероси молу мулки ғайриманқул, ки ба феҳристи давлатии ҶТ ворид карда шудааст, тибқи қонунгузории ҶТ муайян карда мешавад;

6) ҳифзи ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ.

Принсипи вобаста будани ҳуқуқи моликият ба ҳуқуқи маҳалли ҷойгиршавии моликият, ки дар асрҳои миёна дар доктринаи Италия таҳия шуда, дар замони муосир тақрибан дар ҳамаи мамлакатҳо мавриди корбарӣ қарор дорад. Дар натиҷаи татбиқи ин қоида, ҳуқуқҳои ашёӣ ба осонӣ дарк шуда, бадастоваранда аз хавфи беэътибор донистани муомилоти анҷомёфта ҳифз карда мешавад.

Дар давлатҳои ҳуқуқии умумӣ, пайванди коллизионии "қонуни маҳалли ҷойгиршавии ашё" истифода мегардад, ки барои танзими муносибатҳои молумулкӣ ҳатмӣ мебошанд. Баҳсҳо дар мавриди молу мулки ғайриманқул, пеш аз ҳама баҳсҳои марбут ба қитъаҳои замин, аз ҷониби суд тибқи қонуни маҳалли ҷойгиршавии молу мулк ҳамчун ҳуқуқи ба шартнома хос баррасӣ карда мешаванд.

Қонуни федералӣ дар бораи ҳуқуқи байналмилалии хусусии Австрия аз 15 июни соли 1978 пешбинӣ мекунад, ки ба даст овардан ва қатъ кардани ҳуқуқ ба ашёи моддӣ, аз ҷумла ихтиёрдории онҳо, тибқи қонуни давлате, ки ин ашё дар он ҷойгир аст, танзим карда мешавад.

Кодекси граждании Юнон татбиқи қонуни давлати маҳалли ҷойгиршавии ашёро нисбати ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқул ва манқул пешбинӣ мекунад[255].

Барои танзими муносибатҳо вобаста ба моликият ва дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ дар низоми ҳуқуқии давлатҳои гуногун, ба ғайр аз пайванди коллизионии анъанавии "lex rei sitae", дигар пайвандҳои коллизионӣ низ муқаррар карда шудаанд. Ба инҳо дохил мешаванд: а) қонуни маҳалли муомилот; б) қонуни маҳали интиқоли молу мулки манқул; в) қонуни маҳалли бақайдгирии молу мулк; г) қонуни мустақилияти ирода ва ғ. Ин номгӯй ниҳоӣ нест, зеро барои истифодаи ҳадди аққал дучанд кардани қоидаҳои коллизионӣ ки барои муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ мувофиқанд, истифода бурдани қонуни мустақилияти ирода кофист. Дар баробари ин, набояд фаромӯш кард, ки як принсипи коллизионии якхелаи қонунҳо, ки дар низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ муқаррар карда шудаанд, ба таври мухталиф танзим карда мешаванд. Ин бо он алоқаманд аст, ки ҳар як давлат мазмуни ҳолатҳои воқеиро барои амали пайванди коллизионии "lex rei sitae" ба тарзи худ муайян мекунад.

Г. Федосеева қайд мекунад, ки монеаи ҷиддӣ дар интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда ин мушкилоти тахассуси чунин мафҳумҳои ҳуқуқӣ ба монанди "интиқоли моликият", "молу мулки ғайриманқул ва манқул" ва ғайра мебошад. Масалан, лаҳзаи гузаштани моликиятро қонунгузории давлатҳои мухталиф муқаррар мекунад. Баъзе низомҳои ҳуқуқӣ ин лаҳзаро бо интиқоли воқеии ашё рабт медиҳанд; дигарон лаҳзаи интиқолро мувофиқи шартнома, сарфи назар аз вақти интиқоли воқеӣ, муайян мекунанд[256].

Давлатҳо ва дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар муносибат бо ҳамдигар оид ба вазъи ҳуқуқии ҳуқуқҳои молумулкӣ принсипи мустақилияти ирода – "lex voluntatis"-ро фаъолона татбиқ менамоянд. Азбаски аксарияти низомҳои ҳуқуқӣ низоми ҳуқуқии дигар кишварҳоро эътироф мекунанд ва дар ҳамкории доимии байналмилалӣ қарор доранд, мустақилияти ирода бояд ҳамчун ифодаи моҳияти ҳуқуқ баррасӣ шавад[257].

Қонуни мустақилияти ирода статути муносибатҳои уҳдадориро муайян мекунад, ба шарте ки он бо қонуни давлате танзим карда шавад, ки тарафҳои чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ интихоб кардаанд. Мавҷудияти унсури хориҷӣ ва хусусияти шартномавии муносибатҳои байни субъектҳо имконияти интихоби қонуни моддиро муайян мекунад, ки онҳоро худи тарафҳо - иштирокчиёни шартнома татбиқ мекунанд. Ба андешаи Н.Ю.

---

[255] Бендевский Т. Международное частное право. – М.: Статут, 2005. – С. 300.
[256] Федосеева Г. Международное частное право. – М.: Остожье, 1999. – С. 142.
[257] Ерпылева Н.Ю. Международное частное право. – М.: Проспект, 2004. – С. 145; Мосс Д. Автономия воли в практике международного коммерческого арбитража. – М., 1996. – С. 8.

Эрпилева, қонуни мухторияти ирода дар тамоми низомҳои миллии ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад ва ҳамаи дигар пайвандҳои коллизионӣ табиати ёрирасон доранд ва танҳо дар сурати мавҷуд набудани интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда аз ҷониби тарафҳои созишнома истифода бурда мешаванд. Ҳуқуқе, ки тарафҳои шартнома интихоб кардаанд, қонуни амалкунанда ба ҳисоб меравад ва доираи зеринро ба танзим медарорад: а) тартиби бастани шартнома; б) эътибори расмӣ ва ҳуқуқии шартнома, инчунин асосҳои беэътибор донистани он; в) ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои тарафҳо тибқи шартнома, инчунин тартиби тафсири он; г) тартиби иҷрои қарордод, инчунин чораҳои ҷавобгарии тарафҳо барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуб; д) тартиби бекор кардани ӯҳдадориҳо тибқи шартнома[258].

Низомҳои ҳуқуқии миллӣ номгӯи гуногуни молу мулкеро, ки ба категорияи молу мулки ғайриманқул тааллуқ доранд, муайян менамоянд. Ба молу мулки ғайриманқул қитъаҳои замин ва биноҳое, ки дар онҳо сохта шудаанд, дохил мешаванд. Аммо, илова бар ин, мафҳуми "молу мулки ғайриманқул" метавонад асбобҳои кишоварзӣ, асбобҳо, ашёи хоми дар корхонаҳо истифодашавандаро фаро гирад, ки масалан, ин объектҳо дар Фаронса ҳамчун молу мулки ғайриманқул қабул карда шудааст. Тибқи қонунгузории Англия, соҳиби санади ҳуқуқӣ ба қитъаи замин, инчунин соҳиби калиди хона, соҳиби молу мулки ғайриманқул ба ҳисоб меравнад. Дар баъзе иёлоти Иёлоти Муттаҳида бинои барои намоишгоҳ бунёдшуда вазъи молу мулки манқулро дорад[259].

Бо вуҷуди ин, доктринаи бисёр кишварҳо, дар сурати баҳсҳои ашёӣ, ба қонунҳои шахсии соҳибмулк (lex personalis) ҳангоми муайян кардани ҳуқуқи татбиқшаванда ишора карда мешавад. Низомҳои ҳуқуқии ИМА ва Британияи Кабир беш аз пеш принсиперо дастгирӣ мекунанд, ки ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул бидуни муроҷиат ба қонунҳои шахсӣ дуруст ҳал карда намешавад. Дар баъзе ҳолатҳо, истифодаи пайванди коллизионии “lex rei sitae” ғайриимкон мегардад. Ҳамин тариқ, ҳангоми ҳалли баҳсҳо дар бораи молу мулки корхонаи хориҷӣ ва филиалҳои он қонуни ҷойгиршавии молу мулк татбиқ карда намешавад. Тибқи қоидаҳои умумӣ, ҳуқуқи моликият ба молу мулки ширкат – филиали хориҷӣ на бо қонуни ҷойгиршавии воҳидҳои алоҳидаи он, балки бо қонуни шахсии ширкат (Incorporationi Lex) муайян карда мешавад.

Танзими коллизионии муносибатҳои молумулкӣ дар доираи мамлакатҳои аъзои ИДМ ба таври ягона ба роҳ монда шудааст. Ин тарзи муносибат бо он хусусиятнок аст, ки меъёрҳои коллизионӣ дар ин мамлакатҳо аксаран дар партави Кодекси намунавии (моделии) маданӣ барои мамлакатҳои аъзои ИДМ аз 17 феврали соли 1996[260] таҳия гардидааст. Тибқи моддаи 1219 Кодекси намунавии (моделии)

---

[258] Ерпылева Н.Ю. Международное частное право. – М.: Проспект, 2004. – С. 146

[259] Чешир Дж., Норт П. Международное частное право. – М., 1982. – С. 324

[260] Модельный Гражданский кодекс для государств — участников СНГ (часть третья). Захираи электронӣ. https://iacis.ru/baza_dokumentov/modelnie_zakonodatelnie_akti_i rekomendatcii_mpa_sng/modelnie_kodeksi_i_zakoni (Санаи муроҷиат: 10.04.2021).

маданӣ барои мамлакатҳои аъзои ИДМ “ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқи ашёӣ ба молу мулки ғайриманқул ва манқул бо ҳуқуқи кишваре, ки ин молу мулки дар ҳудуди он воқеъ гардидаанд, муайян карда мешавад, агар дар қонунҳо тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Мансубияти молу мулк ба ғайриманқул ва манқул, инчунин дигар банду басти молу мулк бо ҳуқуқи кишваре муайян мегардад, ки ин молу мулк дар он воқеъ гардидааст”. Ин гуна меъёри коллизионӣ дар қонунгузории аксарияти мамлакатҳои аъзои ИДМ муқаррар гардидааст, ки аз ягонагии танзими коллизионӣ дар муносибат ба молу мулки ғайриманқул шаҳодат медиҳад. Масалан, мувофиқи моддаи 1119 Кодекси граждании Ҷумҳурии Белорус аз 7 декабри соли 1998 №218-З “ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқи ашёӣ ба молу мулки ғайриманқул ва манқул бо ҳуқуқи мамлакате муайян карда мешавад, ки ин молу мулк дар он ҷойгир шудаанд, агар тартиби дигаре дар қонун пешбинӣ нашуда бошад.

Дар маҷмуъ, дар ҳар як низоми ҳуқуқӣ барои танзим намудани муносибатҳои молумулкии бо унсури хориҷӣ мураккабгардида меъёрҳо ва қоидаҳои мухталифи коллизионии мухталиф муқаррар карда шудааст, ки ин ягонагии танзими муносибатҳои байналмилалии хусусиро дар самти моликият ва дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ мушкил мегардонад. Дар низоми ҳуқуқии мамлакатҳои аъзои ИДМ ягонагии танзими муносибатҳои молумулкӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ амал менамояд, зеро дар аксарияти ин мамлакатҳо нисбати муносибатҳои мазкур пайванди коллизионии маҳалли ҷойгиршавии молу мулк муқаррар гардидааст.

**Адабиёт:**


1. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми сеюм). Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 12, мод. 323; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2006, № 4, мод. 194; с. 2009, № 12, мод. 821; с. 2010, № 7, мод. 540; с. 2012, № 7, мод. 699; с. 2013, № 7, мод. 505.
2. Модельный Гражданский кодекс для государств — участников СНГ (часть третья). Захираи электронӣ. https://iacis.ru/baza_dokumentov/modelnie_zakonodatelnie_akti_i rekomendatcii_mpa_ sng/modelnie_kodeksi_i_zakoni (санаи муроҷиат: 10.04.2023).
3. Александрова С.П. Гражданское право. Общая часть: учеб. пособие. – СПб., 1997. – 300 с.
4. Бендевский Т. Международное частное право. – М.: Статут, 2005. – 444 с.
5. Брун М.И. Очерки истории конфликтного права. – СПб., 1915. – 106 с.
6. Дмитриева Г.К. Международное частное право. – М.: ЮРИСТЪ, 2002.
7. Ерпылева Н.Ю. Международное частное право. – М.: Проспект, 2004. – 145 с.

8. Мосс Д. Автономия воли в практике международного коммерческого арбитража. – М., 1996. – 84 с.

9. Федосеева Г. Международное частное право. – М.: Остожье, 1999. – 320 с.

10. Чешир Дж., Норт П. Международное частное право. – М., 1982. – 496 с.

## ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ (ИХТИСОС: 12.00.05) – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.05)

# ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ ВА ТАСНИФОТИ ОНҲО ДАР САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Музафарзода Марҷона Шарифбег,**
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов, унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи хусусӣ
**Тел.:** (+992) 900-30-87-83
**E-mail:** tv1@gmail.com

**Роҳбари илмӣ:** Маҳмадуллозода Н.Р., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Бобокалон Ғ.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда**: Дар мақола принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ ва таснифоти онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аз лиҳози ҳуқуқӣ мавриди таҳлилу омӯзиши мукаммали илмӣ қарор гирифтааст.

Қонунгузорӣ оид ба меҳнат нисбат ба принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ талаботи муайян мегузорад.

Дар мақола ҳар яке аз принсипҳои шарикии иҷтимоӣ, ки дар КМ ҶТ пешбинӣ шудаанд, ба таври возеҳ мавриди таҳлилу таҳқиқ қорор гирифтанд, на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти муҳими амалӣ доранд.

Аз ин лихоз, принсипҳои шарикии иҷтимоӣ бояд принсипҳоеро фарогир бошад, ки имконияти муайян кардани ҳама гуна муносибатҳои шарикии иҷтимоиро фароҳам оварад.

Дар мақолаи мазкур муаллиф фикру андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва меъёрҳое, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994), Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Точикистон (2016), пешбинӣ шудааст, таҳлил намуда, дар асоси таҳлил ба хулосае меояд, ки дар қонунгузории меҳнат оид ба принсипҳои шарикии иҷтимоӣ, илова ва тағйироти муайян ворид карда шавад.

Бо ҳамин назардошт, муаллиф нуқтаи назари худро оид ба такмили моддаи 298 КМ ҶТ манзур намудааст, ки пазируфтани онҳо ба рушди муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо алоқаманд, хусусан дар муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ дар кишвар таъсири калон мерасонанд, аз ҷумлаи онҳо: принсипи таъмини ҳуқуқи кормандон ва корфармоён ба муттаҳидшавӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ, демократия, қонуният, инсондустӣ, адолати иҷтимоӣ, рақобат, конфронтатсия, бетарафӣ ва ғ.

**Калидвожаҳо**: Принсип, шарикии иҷтимоӣ, ҳуқуқи меҳнат, қонунгузорӣ оид ба меҳнат, уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи кормандон, муттаҳидшавӣ, ҳуқуқи корфармоён, ҳуқуқ, шахс, инсон, созишнома, ҳуқуқҳои тарафҳо, масъулияти ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ.

# ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ СОЦИАЛЬНОГО ПАРТНЕРСТВА И ИХ КЛАССИФИКАЦИЯ В НОРМАТИВНЫХ ПРАВОВЫХ АКТАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И МЕЖДУНАРОДНЫХ АКТАХ

**Музафарзода Марджона Шарифбег,**
Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права им. А. Бахаваддинова, соискатель кафедры частного права
**Тел.:** (+992) 900-30-87-83
**E-mail:** tv1@gmail.com

**Научный руководитель:** Махмадуллозода Н.Р., кандидат юридических наук, доцент
**Рецензент:** Бобокалон Г.М., кандидат юридических наук, доцент

Аннотация: В статье основные принципы социального партнерства и их классификация в нормативных правовых актах Республики Таджикистан и международно-правовых актах с юридической точки зрения подверглись полному научному анализу и изучению.

Законодательство о труде предъявляет определенные требования к основным принципам социального партнерства.

В статье четко проанализирован и исследован каждый из принципов социального партнерства, предусмотренных в ТК РТ, они имеют не только теоретическое значение, но и большое практическое значение.

В связи с этим принципы социального партнерства должны включать в себя принципы, обеспечивающие возможность определения любого вида отношений социального партнерства.

В данной статье автор анализирует мнения отечественных и зарубежных учёных и нормы, предусмотренные Конституцией Республики Таджикистан (1994 г.), Трудовым кодексом Республики Таджикистан (2016 г.), и т.д. И на основе анализа он приходит к выводу, что в трудовое законодательство на принципах социального партнерства следует внести определенные дополнения и изменения.

Учитывая это, автор высказал свою точку зрения на совершенствование статьи 298 Трудового кодекса Республики Таджикистан, принятие которой оказывает большое влияние на развитие трудовых отношений и отношений, связанных с ними, особенно в отношения социального партнерства в стране, в том числе: принцип обеспечения права работников и работодателей объединяться для защиты своих прав и интересов, демократия, законность,

гуманность, социальная справедливость, конкуренция, конфронтация, нейтралитет и др.

**Ключевые слова:** Принцип, социальное партнерство, трудовое право, трудовое законодательство, юридические обязательства, права работника, объединение в профсоюзы, права работодателя, закон, личность, договор, права сторон, ответственность, юридическая ответственность.

## BASIC PRINCIPLES OF SOCIAL PARTNERSHIP AND THEIR CLASSIFICATION IN REGULATIVE LEGAL ACTS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND INTERNATIONAL ACTS

**Muzafarzoda Marjona Sharifbeg,**
National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhavaddinov, applicant of the Department of Private Law
**Phone:** (+992) 900-30-87-83
**E-mail:** tv1@gmail.com

**Scientific supervisor:** Makhmadullozoda N.R., Candidate of Legal Sciences, Associate Professor
**Reviewer:** Bobokalon G.M., Candidate of Legal Sciences, Associate Professor

**Annotation:** In the article, the basic principles of social partnership and their classification in the regulatory legal acts of the Republic of Tajikistan and international legal acts from a legal point of view were subjected to full scientific analysis and study.

Labor legislation imposes certain requirements on the basic principles of social partnership.

The article clearly analyzes and examines each of the principles of social partnership provided for in the Labor Code of the Republic of Tajikistan; they have not only theoretical significance, but also great practical significance.

In this regard, the principles of social partnership should include principles that ensure the possibility of defining any type of social partnership relationship.

In this article, the author analyzes the opinions of domestic and foreign scientists and the norms provided for by the Constitution of the Republic of Tajikistan (1994), the Labor Code of the Republic of Tajikistan (2016), etc. And based on the analysis, he comes to the conclusion that certain additions and changes should be made to labor legislation on the principles of social partnership.

Taking this into account, the author expressed his point of view on improving Article 298 of the Labor Code of the Republic of Tajikistan, the adoption of which has a great impact on the development of labor relations and relations related to them, especially in relation to social partnership in the country, including: the principle of ensuring the rights of workers and employers unite to protect their rights and interests, democracy, legality, humanity, social justice, competition, confrontation, neutrality, etc.

**Key words:** Principle, social partnership, labor law, labor legislation, legal obligations, employee rights, unionization, employer rights, law, personality, contract, rights of the parties, responsibility, legal liability.

Дар адабиёти ватанию хориҷӣ истилоҳи принсип чунин шарҳ дода шудааст: «истилоҳи принсип аз истилоҳи лотинии «principum» маншаъ гирифта, ба маънои «асос» ё «ибтидо» фаҳмида мешавад»[261].

Ба назарияи умумии принсипҳои ҳуқуқ ва навъҳои алоҳидаи онҳо адабиёти зиёде бахшида шудааст[262].

Дар назарияи ҳуқуқ зери мафҳуми принсипҳои ҳуқуқӣ ғояҳои роҳбарикунанда, асос, ибтидо фаҳмида мешавад, ки моҳият, хусусиятҳои асосӣ ва самти умумии такмили меъёрҳои ҳуқуқиро дар ҳудуди низоми ҳуқуқ ё соҳаҳои алоҳидаи он, ё институтҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ ифода менамоянд[263].

Ҳамоно дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаи дигаре иброз шудааст, ки тибқи он танҳо чунин ғояҳои роҳбарикунандае ба сифати принсипҳои ҳуқуқӣ эътироф мешаванд, ки агар онҳо дар меъёрҳои ҳуқуқӣ дарҷ шуда бошанд[264].

Дар ин радиф, ҳаминро бояд тазаккур дод, чунин меъёрҳо дар Конститутсияи ҶТ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шуда, нисбати тамоми кормандон ва корфармоён дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ амал менамоянд.

Вобаста ба ин Г.В. Малтсев дуруст қайд намудаанд, ки принсипҳое, ки дар конститутсия ва қонунҳо инъикоси худро ёфтаанд, як навъи сохти меъёрэҷодкунӣ ва меъёрмустаҳкамкунии низоми ҳуқуқ мебошанд[265]/

Ба андешаи мо маҳз чунин нуқтаҳои назар ҷойизтар ва бештар қобили қабул аст.

Чи тавре Н. Шонасридинов қайд менамоянд, агар ҳуқуқ дар шакли раводид, фармоиш, амр, манъкунӣ ифода ёбад, меъёри ҳуқуқӣ тарзу намунаи рафтори одамон, ташкилотҳо ва дигар субъектҳои ҳуқуқро дар шароитҳои

---

[261] Ниг.: Словарь русского языка: В 4-х т. / РАН, Ин-т лингвистич. исследований; Под ред. А. П. Евгеньевой. — 4-е изд., стер. — М.: Рус. яз.; Полиграфресурсы, 1999; (электронная версия): Толковый словарь русского языка» под редакцией Д. Н. Ушакова (1935-1940); (электронная версия): Википедия.https://ru.wikipedia.org/wiki/ Принцип. (санаи муроҷиат 14. 09.2023); Маҳмадуллозода Н.Р., Наботов С.Х. Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ/ Маҳмадуллозода Н.Р., Наботов С.Х. – Душанбе: ҶДММ “Сомон Принт”, 2021. – С. 56.

[262] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи ихтисоси «ҳуқуқшинос» таҳсил мекунанд. – Душанбе: ДМТ. 2018. – С.379-385; Принципы права /под ред. В.Н. Карташова, Л.Л. Кругликова, В.В. Бутнева. Юридические записки Ярославского государственного университета им. П.Г. Демидова. Вып. 10. – Ярославль, 2006; Принципы российского права: общетеоретический и отраслевой аспекты / под ред. Н.И. Матузова, А.В. Малько. – Саратов, 2010; Принципы права: проблемы теории и практики: в 2-х частях (разделы 1-IV). – М., 2017.

[263] Ниг.: Теория государства и права. Курс лекций / Под ред. Н.И.Матузова, А.В.Малько. – М., 2002. – С. 151; Теория государства и права / Под ред. В.Г.Стрекозова. – М., 1997. – С. 215; Теория государства и права. Курс лекций / Под ред. М.Н. Марченко. – М.: 1996. – С. 295.

[264] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи ихтисоси «ҳуқуқшинос» таҳсил мекунанд. – Душанбе: ДМТ. 2018. – С. 379-385.

[265] Ниг.: Мальцев Г.В. Социальные основания права / Г.В. Мальцев. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2014. – С. 668-669.

гуногуни ҳаётӣ муқаррар менамояд. Ҳуқуқ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд аз ғояҳои роҳбарикунанда ибтидо гирифта, онҳоро дар худ дарҷ ва таҷассум намоянд.

Принсипҳои ҳуқуқӣ на танҳо дар марҳилаи ҳуқуқэҷодкунӣ, инчунин дар ҷараёни шарҳу эзоҳ ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ нақши муҳимро мебозанд. Маҳз принсипҳои ҳуқуқ имкони шарҳу эзоҳи моҳият ва мазмуни меъёрҳои ҳуқуқиро фароҳам оварда, татбиқи дурусти онҳоро таъмин менамоянд.[266]

Принсипҳои ҳуқуқ аҳамияти илмӣ дошта, объекти таҳқиқоти илмӣ баромад мекунанд, ки дар раванди таҳқиқоти илмӣ омӯхта мешаванд, ва ҳамчун заминаи таҳқиқоти илмӣ маҳсуб мебошанд.

Бо дарназардошти андешаҳои дар боло зикргардида, омӯзиши принсипҳои ҳуқуқ аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад. Муайян намудани таркиб ва мазмуни принсипҳои соҳавии ҳуқуқи меҳнат на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳаммияти муҳимми амалӣ дорад.

Ҳар яке аз ин принсипҳои соҳавии танзими ҳуқуқии меҳнат, ё ба ибораи дигар принсипҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат аниқ гашта, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси ҳуқуқи меҳнат мушаххас мегарданд.

Хулоса, қонунгузории умумӣ принсипҳои умумии танзими муносибатҳои меҳнатии тамоми кормандон ва корфармоёнро муқаррар намуда, меъёрҳоеро дарбар мегирад, ки тибқи принсипҳои умумӣ танзими муносибатҳои меҳнатиро таъмин менамоянд. Чунин меъёрҳо дар Конститутсияи ҶТ, санадҳои байналмилалӣ оид ба меҳнат, КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шуда, нисбати тамоми кормандон ва корфармоён дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ амал менамоянд.

Дар қатори принсипҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ мавқеи марказиро принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ишғол менамоянд.

Принсипҳои шарикии иҷтимоиро аз ҷониби олимони соҳаи ҳуқуқ ва соҳаи иқтисодии ватанию хориҷӣ, мафҳумҳои гуногун додаанд.[267]

Ф.П. Витко, мафҳуми принсипи шарикии иҷтимоиро ба ин маънӣ пешбинӣ намудааст, принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ғояҳои бунёдие мебошанд, ки моҳият, маънои асосии муносибатҳои шарикии иҷтимоиро ифода мекунанд[268].

Ба ақидаи олимони ватанӣ принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ барои ба танзим даровардани муносибатҳои байни кормандон, корфармоён ва

---

[266] Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ. М., Маҳмадуллозода Н.Р. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри сеюми тасҳеҳ ва иловашуда /Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. –Душанбе: Нашриёти «Офсет», 2021. – С. 16.

[267] Ниг.: Маҳмудзода М., Худоёрзода Б., Муқимӣ С., Ҳошимзода Д. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Эр-граф», 2019. – С. 504-507; Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ.М., Маҳмадуллозода Н.Р. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри сеюми тасҳеҳ ва иловашуда /Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. –Душанбе: Нашриёти «Офсет», 2021. – 827 с.; Маҳмадуллозода Н.Р., Наботов С.Х. Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ/ Маҳмадуллозода Н.Р., Наботов С.Х. – Душанбе: ҶДММ "Сомон Принт", 2021. – С. 78-79.; Ҳуқуқи меҳнат ва таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни зинаи таҳсилоти бакалаври ихтисоси ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Нашри якум.// Муҳаррири масъул номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Ғ.М. Бобокалонов. – Душанбе: «ЭР–граф». 2021. – 482 с. Сафонов, В. А. Социальное партнерство: учебник для вузов / В. А. Сафонов. – Москва: Издательство Юрайт, 2022. – 395 с.

[268] Витко Ф.П. Социальное партнерство: учеб.-метод. Комплекс / Ф. П. Витко. – Минск: ГИУСТ БГУ, 2008. – С. 67.

мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин мақомоти худидоракунии маҳаллӣ асос гардида, инкишофи минбаъдаи муносибатҳои шарикии иҷтимоиро муайян менамояд[269].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаи дигаре иброз шудааст, ки тибқи он принсипи шарикии иҷтимоӣ дар меъёрҳои КМ ҶТ оид ба шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат инъикос ёфтааст, ки он ҳам ҳамкориҳои байни шарикони иҷтимоӣ - кормандон ва корфармоёнро (намояндагони онҳоро) дар асоси ҳамкориҳои сетарафа бо иштироки мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бар мегирад.[270]

Г.В. Малтсев қайд мекунад, ки шумора ва маҳакҳои интихоби принципҳои умумии соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ дар як шакли ягонагӣ муайян намешаванд ва дар муайян намудани принсипҳои ягонаи соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ аз афзалиятҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобастагӣ доранд[271]. Мо комилан ҷонибдори ин ақидаем. Зиёда аз он, ба андешаи мо, принсипи шарикии иҷтимоӣ татбиқи худро дар меъёрҳои институти шарикии иҷтимоӣ пайдо мекунад, ки аз густариши он ба муносибатҳои коллективӣ далолат мекунад.

Принсипҳои шарикии иҷтимоӣ дар соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, аз ҷумла дар ҳуқуқи меҳнат мушаххас ва эзоҳ гаштааст, ки хусусиятҳои хоси татбиқи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии кормандон ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқаманди ҷамъиятиро таҷассум менамоянд, ки таъинот ва мазмуни онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ботафсил муқаррар шудаанд.

Вобаста ба ин Г.В. Малтсев дуруст қайд намудаанд, ки аз нуқтаи назари функсионалӣ гӯем, қобилияти принципи иштирок кардан дар эҷоди меъёрҳои нави ҳуқуқӣ хеле калон мебошад[272].

С.В. Соловева қайд менамояд, ки принсипҳои шарикии иҷтимоӣ дар меъёрҳое, ки оид ба танзими муносибатҳои ташкилот ва идоракунии меҳнат муқаррар шудаанд, амалӣ мешаванд[273].

Гуфтаҳои С.В. Соловеваро тақвият дода, бояд зикр намуд, ки, идоракунии истеҳсолот, омилҳои истеҳсолии фаъолияти меҳнатӣ ва масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар замони муосир яке аз мушкилоти ҷиддии иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як давлат маҳсуб меёбад. Идоракунии истеҳсолот ва захираҳои меҳнатӣ дар ҷаҳони муосир, дар иқтисодиёти рақамӣ, торафт душвортар мегардад ва қобилияти гуфтушунид байни иштирокчиёни меҳнати муштарак ба самаранокӣ ва рақобатпазирии идоракунӣ таъсир мерасонад.

Ба андешаи мо маҳз чунин нуқтаи назар ҷоизтар ва бештар қобили қабул аст. Принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ғояҳои бунёдие мебошанд, ки дар асоси онҳо муносибатҳо байни кормандон (намояндагони онҳо), корфармоён (намояндагони онҳо), мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти

---

[269] Ниг.: Маҳмудзода М., Худоёрзода Б., Муқимӣ С., Ҳошимзода Д. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Эр-граф», 2019. – С. 505.

[270] Маҳмадуллозода Н.Р., Наботов С.Х. Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ/ Маҳмадуллозода Н.Р., Наботов С.Х.-Душанбе: ҶДММ "Сомон Принт", 2021. – С. 80.

[271] Ниг.: Мальцев Г.В. Социальные основания права / Г.В. Мальцев. — М.: Норма: ИНФРА-М, 2014. – С. 663.

[272] Ниг.: Мальцев Г.В. Асари номбурда. – С. 668.

[273] Ниг.: Соловьева С.В. Социальное партнерство как принцип трудового права. Юридическая техника. 2020. №14. – С.317.

худидоракунии маҳаллӣ, ки ба танзими шартномавии муносибатҳои иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва муносибатҳои бевосита ба онҳо алоқаманданд ба вуҷуд меоянд, амалӣ мешаванд.

Хулоса, принсипҳои шарикии иҷтимоӣ бояд ҳамчун принсипҳои асосӣ, ғояҳо ё ин ки нуқтаҳои ибтидоӣ дар меъёру қоидаҳои мутамаддин фаҳмида шаванд, ки субъектҳои шарикии иҷтимоӣ бояд дар фаъолияти амалии худ аз онҳо риоя намоянд. Давлат ҳангоми амалӣ намудани танзими меъёрии меҳнат ва муносибатҳои ба он алоқаманд низ бояд принсипҳои шарикии иҷтимоиро роҳбарӣ намояд.

Дар ин ғояҳо меъёру қоидаҳои мутамаддини ба муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ, тартиби гузарондани гуфтушуниди коллективӣ, тартиби ҳалли ихтилофҳои эҳтимолӣ, расмикунонии аҳду паймони ҳосилшуда, хусусияти ҳатмии иҷрои онҳо ва масъулият барои вайрон кардани уҳдадориҳои ба зимма гирифтаи тарафҳоро инъикос мекунанд.

Принсипҳои шарикии иҷтимоӣ қабл аз ҳама дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, конститутсияҳо, қонунҳо, хусусан қонунҳои соҳавӣ, аз ҷумла, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ), созишнома ва шартномаҳои коллективӣ низ инъикоси худро меёбанд.

Принсипҳои соҳаи шарикии иҷтимоӣ бори аввал соли 1919 дар Оинномаи Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат (минбаъд ТБМ) ва Эъломияи Филаделфия дар бораи ҳадафҳо ва вазифаҳои ТБМ (1944) сабт гардида, минбаъд дар конвенсияҳо, тавсияҳои ТБМ ва дар Эъломияи ТБМ оид ба принсипҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат ва механизми татбиқи он пешбинӣ гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1993, пас аз ба даст овардани истиқлолият, узви комилҳуқуқи Ташкилоти байналмилалии меҳнат эътироф карда шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи конвенсияҳо ва тавсияҳои ТБМ-ро, ки дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (ИҶШС) эътироф шуда буданд, эътироф кард. Дар ин давра, Ҷумҳурии Тоҷикистон 49 конвенсия, 22 тавсияро ба тасвиб расонида буд.

Нақш ва ҷойгоҳи меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори принсипҳои соҳаи шарикии иҷтимоии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд масъалаи муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

Мутобиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи ҶТ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд.

Инчунин, ҳаминро бояд тазаккур дод, ки шартномаҳои байналмилалие мавҷуд ҳастанд, ки бидуни тасдиқ амалӣ мешаванд.

Дар ин хусус И.В. Шестерякова чунин қайд намудаанд, шартномаҳое, ки бидуни тасдиқ амалӣ мешаванд, хусусан Эъломияи ТБМ «Оид ба принсипҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат (Женева, 18 июни соли 1998)», шартномаҳое, ки баъди анҷом додани расмиёти дахлдори давлатӣ (дар асоси

ҳуқуқи миллӣ) эътибори қонунӣ низ пайдо мекунанд[274], ки аз рӯйи тарзи татбиқ амал мекунанд.

Вобаста ба ин, қайд кардан зарур аст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз рӯйи тарзи татбиқ амалкунанда, ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи миллӣ ба шумор мераванд. Бо дар сатҳи конститутсионӣ эълон кардани он ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо принсип ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқии байналмилалӣ қисми таркибии низоми ҳуқуқии он мебошанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадории ҷиддиро ба дӯши худ мегирад.

Дар низоми Конвенсияҳои ТБМ махсуси хусусияти мавзуӣ дошта вуҷуд дорад, ки он дар онҳо принсипҳои соҳаи шарикии иҷтимоӣ, муқаррар шудаaанд.

Конвенсияи №87(1948) «Дар бораи озодии иттиҳодияҳо ва ҳифзи ҳуқуқ ба созмон), ки дар он принсипи озодӣ ба муттаҳидшавӣ таҷассум мешавад, ки имкони таъсиси иттифоқҳо ва ассотсиатсияҳоро барои намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои онҳо ҳам аз ҷониби кормандон ва ҳам аз ҷониби корфармоён пешбинӣ мекунад[275].

Конвенсияи №98 (1949) «Дар бораи татбиқи принсипҳои ҳуқуқ ба созмон ва шартномаҳои коллективӣ) аз 26.11.1993[276].

Конвенсияи мазкур меъёрҳои ҳуқуқии Конвенцияи №87-ро пурра намуда, имконияти ташкил кардан ва муҳофизат намудани ташкилотҳои меҳнаткашонро аз поймолкунии озодии иттиҳодияҳо, вусъат додани гуфтушуниди озодонаи байни корфармоён ва кормандон дар асоси пешбинӣ мекунад. Моддаи 4 Конвенсияи мазкур барои таҳияи принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба механизми фаъолияти он муҳим арзёбӣ мешавад. Дар он сабт шудааст, ки дар мавридҳои зарурӣ барои ҳавасманд гардондан ва мусоидат намудан саҳмгузор будан дар раванди пурраи расмиёт ва мусоидат ба таҳия ва амали пурраи гузаронидани гуфтушунидҳо байни созмонҳои кормандон ва соҳибкорон дар робита бо нақзи озодии иттиҳодияҳо, бо роҳи бастани шартномаҳои коллективӣ, ки аз як тараф шароити меҳнатро таъмин мекунад ва аз тарафи дигар, бо мақсади ба тартиб андохтани онҳо чораҳо андешида мешаванд.

Конвенсияи № 144 «Оид ба машваратҳои сеҷониба барои мусоидат ба татбиқи меъёрҳои байналмилалии меҳнат» (№144, соли 1976)[277], ки ҳамкории сеҷонибаи намояндагони ҳукумат, соҳибкорон ва меҳнаткашонро пешбинӣ мекунад, ва ғайра.

Тазаккур додан бамаврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии танзими шарикии иҷтимоӣ устувор гардида, санадҳои меъёрии

---

274 Ниг.: Шестерякова И.В. Международные трудовые нормы и трудовое право России: их соотношение и коллизии. – С. 81-86.

275 Ниг.: Конвенции Международной организации труда. Манбаи дастрасӣ: URL: www.Grandars.ru] http://www.grandars.ru/college/pravovedenie/konvencii-mot.html (санаи муроҷиат: 15.09.2023).

276 Ниг.: Конвенции Международной организации труда. Манбаи дастрасӣ: URL: www.Grandars.ru] http://www.grandars.ru/college/pravovedenie/konvencii-mot.html (санаи муроҷиат: 15.09.2023).

277Ниг.: Конвенции Международной организации труда. Манбаи дастрасӣ: URL: www.Grandars.ru] http://www.grandars.ru/college/pravovedenie/konvencii-mot.html (санаи муроҷиат: 15.09.2023).

ҳуқуқии танзимкунандаи он давра ба давра таҳия ва мавриди амал қарор дода шудаанд.

Дар силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат мавқеи марказиро доир ба принсипҳои шарикии иҷтимоии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд КМ ҶТ, ки 23 июли соли 2016 қабул ва аз 28 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст, ишғол менамояд.[278]

КМ ҶТ манбаи кодификатсияшудаи ҳуқуқи меҳнат маҳсуб шуда, мутобиқи Конститутсияи ҶТ, асосҳои сиёсати давлатиро дар бахши меҳнат муайян намуда, кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандонро муқаррар менамояд ва баҳри таъмини риояи манфиатҳои қонунии кормандон, корфармоён ва давлат нигаронида шудааст.

Принсипҳои шарикии иҷтимоӣ дар меъёрҳои Фасли 4 (Шарикии иҷтимоӣ ва муносибатҳои коллективӣ дар соҳаи меҳнат), Боби 29 (Коллективи меҳнатӣ ва шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат), Боби 30 (Тартиби бастани созишнома байни тарафҳои шарикии иҷтимоӣ), Боби 31 (Шартномаи коллективӣ), Боби 32 (Назорат ва бақайдгирии созишнома ва шартномаҳои коллективӣ) ва Боби 33 (Баррасии баҳсҳои меҳнатии коллективӣ) КМ ҶТ, ба таври возеҳ ва мукаммал ифода ёфтааст.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 298 КМ ҶТ принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ: ҳатман бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ дар сурати манфиатдор будани кормандон ва ё корфармо дар шахси намояндагони ваколатдор бо тартиби муқарраркардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон; баробарҳуқуқии тарафҳо; ваколатдории намояндагони тарафҳо; эҳтироми манфиати тарафҳо; интихоби озод дар баррасии масъалаҳое, ки мазмуни созишнома ва шартномаҳои коллективиро ташкил медиҳанд; ихтиёрӣ аз ҷониби тарафҳо қабул намудани уҳдадориҳо; иҷрои ҳатмии муқаррароти созишнома ва шартномаҳои коллективии аз ҷониби тарафҳо қабулгардида; ҷавобгарии тарафҳо барои иҷро накардани уҳдадориҳо, қарорҳо, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ; назорати мутақобила ва самимият (ошкоро) дар назди шарикон; дурустӣ ва мунтазамии иттилоот оид ба масъалаҳои фаъолияти тарафҳо мебошанд.

Дар моддаи 298 КМ ҶТ муқаррар намудани принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ ҳамчун яке аз муқаррароти асосие, ки моҳият ва самти умумии танзими ҳуқуқии муносибатҳоро, ки дар рафти татбиқи муколамаи иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд, муайян менамояд ва қадами муҳим дар рушди танзими қонунгузории низоми шарикии иҷтимоӣ мебошад.

Чи тавре Н. Шонасридинов қайд менамоянд, ба манбаъҳои хусусияти хосдоштаи ҳуқуқи меҳнат созишномаҳои дар зинаҳои гуногун ва дар асоси принсипи сегона басташаванда маҳсуб мешаванд, ки таҷассумгари муносибатҳои иҷтимоӣ-ҳамкории на танҳо кормандон ва корфармоён дар симои мақомоти намояндагии онҳо, балки мақомоти ҳокимияти давлатӣ низ мебошанд[279].

[278] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Рӯзномаи "Ҷумҳурият" аз 28 июли соли 2016, "146-149 (22968-971).
[279] Ниг.: Шонасридинов Н., Бозоров Р.Б. Ҳуқуқи меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми умумӣ. Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе, 2006. – С.188-190.

Принсипҳое, ки дар моддаи 298 КМ ҶТ оварда шудаанд, ба мақсаду вазифаҳои шарикии иҷтимоӣ мувофиқат намуда, ба татбиқи он мусоидат мекунанд ва хусусиятҳои худи шарикони иҷтимоиро тавсиф мекунанд.

Чи тавре дар боло зикр гардид, муқарраротҳои моддаи 298 КМ ҶТ ба принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ бахшида шудааст, ки мо аз ин лиҳоз, таҳлили мазмуни принсипҳои моддаи 298 КМ ҶТ-ро ботафсил тавзеҳот медиҳем.

Мавқеи аввалро дар байни принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ принсипи ҳатман бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ дар сурати манфиатдор будани кормандон ва ё корфармо дар шахси намояндагони ваколатдор ишғол менамояд.

Принсипи ҳатман бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ дар сурати манфиатдор будани кормандон ва ё корфармо дар шахси намояндагони ваколатдор бо тартиби муқарраркардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегиранд.

Принсипи мазкур хусусияти ҳаволакунанда дошта, хусусан ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 таҳти №307, ки ба “Низомномаи тартиби таҳия ва бастани созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида шудааст, роҳандозӣ менамояд.

Низомномаи мазкур дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби таҳия ва бастани созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд[280].

Инчунин, ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2008, № 173 дар бораи тасдиқи «Низомнома дар бораи комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳавола менамояд.

Низомномаи мазкур дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мақсад, усул, низом, салоҳият ва масъулияти тарафҳоро оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд[281].

Робита ба ин, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки принсипи ҳатман бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ дар сурати манфиатдор будани кормандон ва ё корфармо дар шахси намояндагони ваколатдор дар меъёрҳои КМ ҶТ оид ба шарикии иҷтимоии соҳаи меҳнат инъикос ёфта, вай ҳамкориҳои байни шарикони иҷтимоӣ - кормандон ва корфармоёнро (намояндагони онҳоро) дар асоси ҳамкориҳои сетарафа бо иштироки

---

[280] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008,№307, дар бораи “Низомномаи тартиби таҳия ва бастани созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 6.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2023 с.).

[281] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2008, № 173 дар бораи тасдиқи «Низомнома дар бораи комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»(Қарори Ҳукумати ҶТ аз 17.03.2017, № 136) // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 6.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2023 с.).

мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатро дар бар мегирад.

Тибқи муқаррароти моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ», ки сухан дар бораи оинномаи корхонаи давлатӣ меравад, дар оиннома инчунин муносибати байни корхона ва муассис ё мақомоти ваколатдор, маъмурияти корхона ва корманд (кормандон, дар мавриди баста шудани шартномаи меҳнатии коллективона) муайян карда мешавад[282].

Принсипи ҳатман бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ дар сурати манфиатдор будани кормандон ва ё корфармо дар шахси намояндагони ваколатдор дар силсилаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ мавқеи хос дорад.

Дар қатори принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ ин баробарҳуқуқии тарафҳо мебошад.

Принсипи баробарҳуқуқии тарафҳо маънои ба тарафҳои шарикии иҷтимоӣ додани ҳуқуқи баробар барои бастани муомилоти коллективи ва муҳокимаи масъалаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро дорад. Тарафхо барои иҷро накардани уҳдадориҳо ва созишҳои ҳосилгардида масъулияти баробар доранд.

Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи Конвенсияи машваратии сеҷониба (Стандартҳои байналмилалии меҳнат), 1976 (№144), ки дар Конференсияи генералии Ташкилоти байналхалқии меҳнат, ки аз ҷониби Ҳайати роҳбарикунандаи Бюрои Байналмилалии Меҳнат дар Женева аз 21 июни соли 1976 (16 майи соли 1978 ба ҳукми эътибор даромадааст) тасдиқ шудааст[283].

Дар моддаи 2 Конвенсия қайд карда мешавад, ки ҳар як узви Ташкилоти байналмилалии меҳнат, ки Конвенсияи мазкурро ба тасвиб мерасонад, расмиётеро амалӣ менамояд, ки машваратҳои муассир байни намояндагони ҳукумат, корфармоён ва кормандонро оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти Ташкилоти байналмилалии меҳнат, ки дар банди 1 моддаи 5 Конвенсия зикр шудаанд, таъмин менамояд.

Ҳар як кишвар моҳият ва шакли расмиёти дар банди 1 моддаи 2 Конвенсия пешбинишударо мувофиқи таҷрибаи миллӣ пас аз машварат бо ташкилотҳои намояндагӣ, ки дар он ҷо чунин ташкилотҳо мавҷуданд ва дар он ҷое, ки чунин тартибҳо ҳанӯз муқаррар нашудаанд, муайян мекунад.

Ҳадафи асосии Конвенсияи №144 пешбурди принсипи муколамаи иҷтимоӣ мебошад, ки ҳадафаш ба ҳам овардани ҳукуматҳо, корфармоён ва ташкилотҳои кормандон тавассути машваратҳои сеҷониба оид ба масъалаҳои марбут ба таҳия, амалӣ кардан ва татбиқи стандартҳои байналмилалии меҳнат, ки тамоми ҷабҳаҳои соҳаи меҳнатро танзим менамоянд. Конвенсия бо талаб кардани машваратҳои самараноки сеҷониба оид ба таҳия ва қабули стандартҳои байналмилалии меҳнат, инчунин

[282] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №2, мод. 42; с. 2008, №10, мод. 807; с. 2010, №12, қ. 1, мод. 818, аз 2.01.2020, №1679.

[283] Конвенция Международной Организации Труда №144 о трехсторонних консультациях для содействия применению международных трудовых норм (Женева, 21 июня 1976 г.) [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://base.garant.ru/2540640/ (санаи муроҷиат: 03.10.2023 с.).

мониторинги татбиқи онҳо, ба фаъолияти меъёрии ТБМ мусоидат мекунад. Илова бар ин, Тавсияи №152, санади ҳуқуқии ҳамроҳии Конвенсияи №144 маҳсуб ёфта, роҳнамо оид ба ташкили машваратҳои сеҷонибаи марбут ба фаъолияти ТБМ дар сатҳи миллӣ мебошад.

Конвенсия ба фарҳанги муколамаи шарикони сеҷониба мусоидат мекунад ва эътимоди онҳоро ба ҳамдигар мустаҳкам мекунад. Инчунин бояд қайд намуд, ки сиёсати иҷтимоию мехнатӣ, ки ба машваратҳои самарабахши сетарафа асос ёфтааст, имкон медиҳад, ки қарорхои асоснок қабул карда шуда, масъулияту уҳдадориҳои тарафҳои дахлдор зиёд карда шаванд. Тадқиқотҳои ТБМ нишон медиҳанд, ки кишварҳое, ки муассисаҳои миллӣ муколамаи иҷтимоиро ташвиқ мекунанд, қодиранд бо бӯҳронҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ мубориза баранд. Гузашта аз ин, чунин муассисаҳо ба густариш ва такмил додани машваратҳои сеҷониба мусоидат мекунанд, ки ба ташаккулиояндаи соҳаи меҳнат мусоидат мекунанд.

Баробарҳуқуқии тарафҳо дар Конвенсияи СБМ №144 «Конвенсия дар бораи машваратҳои сеҷониба (стандартҳои байналмилалии меҳнат)» пешбинӣ мекунад, ки корфармоён ва кормандон бояд дар ҳама гуна мақомоте, ки тавассути онҳо машваратҳо гузаронида мешаванд, намоянда дошта бошанд дар асоси баробар намояндагӣ кунанд.

Хулоса, принсипи баробарҳуқуқии намояндагони ҷонибҳои шарикии иҷтимоӣ, аз як тараф, бо кафолати мустақилияти ташкилотҳои кормандон ва корфармоён таъмин карда мешавад. Аз тарафи дигар, баробарӣ бо нақши махсуси мақомоти давлатӣ дар муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ ба даст меояд, ки дар онҳо ҳамчун шарикони баробарҳуқуқ амал мекунанд, яъне иҷрокунандагони вазифаҳои ҳокимияти давлатӣ ё тарафи дигар, наметавонанд шартҳои худро ба иштирокчиёни муносибатҳои шарикӣ илқо (дикта) кунанд.

Татбиқи принсипи мазкур ба ҷонибҳо имкон медиҳад, ки аз бастани шартномаҳои бардуруғе, ки як тараф ба тарафи дигар бор карданӣ аст (чун қоида, шартҳои созишномаҳои ин ё он ғайриқонуние, ки аз тарафи корфармоён ва кормандон гузошта мешаванд) даст кашанд.

Принсипи дигарро ин ваколатдории намояндагони тарафҳои шарикии иҷтимоӣ ташкил медиҳад.

Принсипи ваколатдории намояндагони тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар шароити муосир аҳамияти бузурги амалӣ пайдо кардааст. Ҳарчанд, ки ин принсипи аз ҷониби намояндагони салоҳиятнадошта басташуда, санади шартномавӣ дорои аҳамияти ҳуқуқӣ эътироф карда намешавад. Зеро дар ҳама сатҳҳои шарикии иҷтимоӣ дар асоси баробарҳуқуқӣ бо қарори тарафҳо комиссияҳо аз ҳисоби намояндагони тарафҳо, ки дорои ваколатҳои зарурӣ мебошанд, ташкил карда мешаванд.

Мақомотҳои намояндагии кормандони ташкилот интихобӣ буда, дар фаъолияти худ ба ягон мақомоти давлатию хоҷагӣ, дигар созмонҳои сиёсию ҷамъиятӣ тобеъ намебошанд. Онҳо баҳри ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кормандон созмон дода шуда, фаъолияташонро дар асоси муқаррароти қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, оинномаҳои ба тариқи дахлдор

тасдиқшуда, инчунин созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ба роҳ мемонанд.

Мазмуни ин принципро чунин маънидод намудан мумкин аст: намояндагони тарафҳои шарики иҷтимоӣ бояд ҳуқуқи қабули уҳдадориҳое дошта бошанд, ки чи барои худ ва ҳам барои шахсони намояндаашон эътибори ҳуқуқӣ доранд. Ваколати намояндагони тарафҳои шарикии иҷтимои метавонад тибқи қонун ё бо роҳи додани ваколати шахсе барои иштирок дар гуфтушунидҳои мушаххас бо ҳуқуқи қабули қарор аз рӯи моҳияти масъалаҳое, ки мавзӯи гуфтушунид мебошанд, муқаррар карда шавад.

Дуруст қайд менамоянд олимони ватанӣ, принсипи ваколатдории намояндагони тарафҳо дар муайян намудани намояндагон ва ба онҳо бо тартиби муқаррарнамуда додани ҳуқуқу уҳдадориҳо таъмин мегардад.[284]

Асоси меъёрӣ-ҳуқуқии ваколати намояндагони кормандони ташкилотро КМ ҶТ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба», «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён»,[285] инчунин созишномаю шартномаҳои коллективӣ, ташкил медиҳанд.

Принсипи эҳтироми манфиати тарафҳо яке аз принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

Ҷонибҳои шарикии иҷтимоӣ ҳуқуқу озодиҳои тарафҳо, ҳуқуқ ва манфиатҳои тарафҳо, инчунин қадру манзалат ва ба даст овардани ризоияти дигаронро, бояд риоя, ҳифз ва эҳтиром намоянд.

Чи тавре олимони ватанӣ қайд намудаанд, принсипи эҳтироми манфиати тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар бадаст овардани ризоият оид ба масъалаҳои муҳокимашаванда, иҷрои шартҳои дар натиҷаи маслиҳату гуфтушунидҳо ба дастомада ва ҳалли пурраи онҳо таҷассум мегардад. Боиси зикр аст, ки на ҳама вақт тарафҳо барои иштирок намудан дар муносибатҳои шартномавӣ манфиатдоранд. Корфармо дар аксар мавридҳо аз гуфтушунидҳо, бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ худдорӣ менамояд ба он хотир, ки гӯё дар ташкилот ҳангоми танзими муносибатҳои меҳнатӣ ваколатҳои ӯ зиёд аст. Вале манфиатдории ҳам корфармо ва ҳам кормандон дар асоси гуфтушунидҳо ва созишномаҳо тахия намудани роҳҳои оқилонаи такмили фаъолияти ташкилот, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат, сифати маҳсулот, рақобатпазирии он дар бозори мол ва хизматрасонӣ, ки боиси зиёд гардидани даромади ташкилот ва музди меҳнати кормандон мегардад, зоҳир мегардад. Чунин ҳолат ба ҳар ду тарафи шарикии иҷтимоӣ қулай мебошад[286].

Принсипи эҳтиром ва ба назар гирифтани манфиатҳои тарафҳо аз он иборат аст, ки тарафҳои шарикии иҷтимоӣ кур-курона ба манфиатҳои худ

---

[284] Ниг.: Маҳмудзода М., Худоёрзода Б., Муқимӣ С., Ҳошимзода Д. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Эр-граф», 2019. – С. 505.

[285] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён»// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 6.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 16.10.2023 с.).

[286] Ниг.: Маҳмудзода М., Худоёрзода Б., Муқимӣ С., Ҳошимзода Д. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Эр-граф», 2019. – С. 505.

пайравӣ накунанд, манфиатҳои тарафи дигарро сарфи назар накунанд, инчунин дар асоси эҳтироми якдигар нисбат ба ҳамдигар амал намоянд.

Принсипи эҳтироми манфиати тарафҳо, манфиати тарафҳоро дар иштирок оид ба муносибатҳои шартномавӣ, ки дар худ хусусияти муносибатҳои шарикии иҷтимоиро тақозо менамояд ва маҳсули он шартнома ва танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бевосита ба он алоқаманд мебошад, муайян мекунад. Дар рафти анҷом додани он дар асоси ба назар гирифтани манфиатҳои тарафайн мувофиқи хоҳиши тарафҳои дахлдор озодона ба амал меояд.

Эҳтиром ва ба назар гирифтани манфиатҳои тарафҳо, ки бидуни он муносибатҳои муътадили онҳоро дар ҳалли масъалаҳои мураккаби муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ таъмин кардан ғайриимкон аст, бояд дар тамоми марҳалаҳои мурофиаи гуфтушунид оид ба бастани созишномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ, инчунин дар татбиқи шаклҳои дигари шарикии иҷтимоӣ, масалан, ҳангоми таъмини иштироки коллективи меҳнатӣ дар идоракунии ташкилот таъмин карда шавад.

Азбаски дар рафти гуфтушунид доираи хеле васеи масъалаҳои муҳими ташкили меҳнат, ҳифзи меҳнат, музди меҳнат ва умуман таъмини устувории муносибатҳои меҳнатӣ дахл доранд, шарти зарурии ҳалли онҳо маҳсуб мебошад. Одатан, кормандон ба ҳалли ин масъалаҳо бештар манфиатдор мебошанд. Аммо онҳо барои корфармо, ки дар бораи таъмини раванди муътадили кор дар истеҳсолоти худ, дар бораи дуруст риоя кардани шартҳои шартномаи меҳнатии кормандон, ба истисноӣ эҳтимолияти корпартоии ғайриқонунӣ аз ҷониби кормандон дар давраи эътибори шартномаи меҳнатӣ ғамхорӣ кардан муҳиманд.

Принсипи дигари шарикии иҷтимоиро интихоби озод дар баррасии масъалаҳое, ки мазмуни созишнома ва шартномаҳои коллективиро ташкил медиҳанд, маҳсуб меёбад.

Мазмуни созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, ба принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ, ки дар қонунгузорӣ оид ба меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд ва пеш аз ҳама, ин озодии интихоб ҳангоми баррасии масъалаҳои соҳаи меҳнат ва уҳдадориҳое, ки ба зиммаи тарафҳо ихтиёрӣ вогузор карда шудаанд, ташкил медиҳанд.

Чи тавре Т.А. Сошникова қайд менамоянд принсипи бунёдии шарики иҷтимоӣ, ки ноил шудан ба натиҷаҳои ҳамкориҳои тарафҳо имконнопазир аст, принсипи озодии интихоб ҳангоми баррасии масъалаҳо оид ба соҳаи меҳнат мебошад, яъне воқеияти уҳдадориҳое, ки тарафҳо гирифтаанд, уҳдадории татбиқи шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳо. Ҷонибҳо бояд ба музокироти коллективӣ омода шаванд, мавқеи худро муайян кунанд ва якдигарро бовар кунонанд, ки эҳтимолияти бо назардошти қобилиятҳои тарафҳо, онҳо бояд иҷро шаванд, новобаста аз он ки кадом мушкилиҳо ба миён меоянд.[287]

Ба ақидаи мо, сохт ва мазмуни созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ бо созиши тарафайни намояндагони тарафҳо, ки дар интихоби

---

[287] Ниг.: Сошникова Т.А. Принципы социального партнерства и их классификация. Журнал «Образование и право». №5. 2022.– С. 347.

озоди доираи масъалаҳои муҳокимаронӣ ва дохил намудан ба онҳо мустақилона муайян карда мешаванд, ҳатмӣ буда бояд амалӣ шаванд.

Принсипи дигарро ин ихтиёрӣ аз ҷониби тарафҳо қабул намудани уҳдадориҳои шарикии иҷтимоӣ дар бар мегирад.

Принсипи ихтиёрӣ аз ҷониби тарафҳо қабул намудани уҳдадориҳои шарикии иҷтимоӣ мазмуни доираи хеле васеи меъёрҳои қонунгузориро дар бар гирифта, истифодаи механизмҳои ҳатмии танзими ҳуқуқии дар КМ ҶТ сабтшуда маҳдуд нагашта, дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ инъикос мешавад.

Ба ақидаи А.В. Деминишин, мафҳуми ихтиёрӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ бо озодии фардии шахсон зич алоқаманд буда, қобилияти интихоби рафтори оптималӣ, амали фаъоли ҳуқуқӣ, сарфаи равандҳои ҳуқуқӣ, ба натиҷаи мусбати ҳуқуқӣ диққат додан ва ташаббуси иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ робитаи ногусастанӣ доранд, ҳисобида мешавад.[288]

Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, тарафҳо ҳуқуқ надоранд бидуни қонун ихтиёрана бо салоҳидиди худ шартҳои дар меъёрҳои ҳуқуқи пешбининашударо зимни бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, барои тарафҳо муқаррар намоянд.

Ба андешаи мо риоя кардани қоидаҳои муқаррарнамудаи КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ва ба инобат гирифтани манфиатҳои тарафҳо зарур аст.

Принсипи дигарро ин иҷрои ҳатмии муқарраротисозишнома ва шартномаҳои коллективии аз ҷониби тарафҳо қабулгардида, ташкил медиҳад.

Иҷрои ҳатмии муқаррароти созишнома ва шартномаҳои коллективии аз ҷониби тарафҳо қабулгардида, ҳатмӣ мебошад.

Мутобиқи моддаи 316 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи масъулияти тарафҳои созишнома ва шартномаҳои коллективӣ меравад, дар сурати саркашӣ намудан аз музокирот ва бо гуноҳи яке аз тарафҳо иҷро нагардидани шартҳои созишнома ва шартномаҳои коллективӣ тарафи дигар ҳуқуқ дорад дар бораи ҷуброни зарари моддии дар натиҷаи ин амал расонидашуда тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аризаи даъвогӣ пешниҳод намояд.

Принсипи дигарро ин ҷавобгарии тарафҳо барои иҷро накардани уҳдадориҳо, қарорҳо, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ;

Яке аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки барои иҷро накардани қонунгузорӣ оид ба созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ пешбинӣ шудааст, ҷавобгарии маъмурӣ мебошад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд намуди ҳуқуқвайронкуниро, ки боиси татбиқи

---

[288]Ниг.: Деминишин А.В. Добровольность в праве // Правовые проблемы укрепления российской государственности. Сборник статей. Часть 53. Под редакцией М.М. Журавлёва, А.М. Барнашова, С. С. Кузнецова. Издательство: Изд-во Том. ун-та. Томск, 2012. – С. 27-29.

ҷавобгарии маъмурӣ дар шакли ситонидани ҷарима мегарданд, муқаррар намудааст.

Якум, саркашӣ кардани корфармо ё намояндаи ӯ аз иштирок дар музокирот ҷиҳати бастани шартномаи (созишномаи) коллективӣ, тағйир додан ё ворид намудани илова ба он, ба шарте, ки ҳатман бастани он дар қонун пешбинӣ шуда бошад ё риоя накардани муҳлати муқаррарнамудаи қонун барои музокирот, инчунин таъмин накардани кори комиссия оид ба бастани шартномаи (созишномаи) коллективӣ дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи тарафҳо, ки барои содир намудани онҳо ба андозаи аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима муайян шудааст (моддаи 99 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дуюм, пешниҳод накардани маълумоти зарурӣ барои анҷом додани гуфтушуниди коллективӣ ва амалӣ накардани назорати риояи шартномаи (созишномаи) коллективӣ. Барои аз тарафи корфармо ё намояндаи ӯ содир намудани чунин ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҷарима ба андозаи аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо пешбинӣ шудааст (моддаи 100 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Сеюм, беасос саркашӣ кардани корфармо ё намояндаи он аз бастани шартномаи (созишномаи) коллективӣ, ки боиси ҷарима ба андозаи аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо нисбати корфармо мегардад (моддаи 101 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Чорум, аз тарафи корфармо ва ё намояндаи он риоя ё иҷро накардани уҳдадориҳои шартномаи (созишномаи) коллективӣ, ки барои содир намудани он ҷарима ба андозаи аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо пешбинӣ шудааст (моддаи 102 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Панҷум, саркашӣ намудани корфармо ё намояндаи он аз қабули талаботҳои кормандон ва аз иштирок дар созишҳои оштӣ, ҷудо накардани бино барои баргузории маҷлиси (конференсияи) кормандон бо мақсади пешниҳоди талабот ё монеъ шудан ба баргузории чунин маҷлис (конференсия),ки барои он ҷарима ба андозаи аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян шудааст (моддаи 103 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Шашум, аз тарафи корфармо ё намояндаи он иҷро накардани уҳдадорие, ки дар натиҷаи созиши оштӣ ба даст омадааст. Барои чунин ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҷарима ба андозаи аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо таъйин шудааст (моддаи 104 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Парвандаҳо оид ба ситонидани ҷарима аз шахсони содирнамудаи чунин кирдорҳо, бо аризаи яке аз ҷонибҳо ва далелҳои хаттии ба он замимашуда, дар суд баррасӣ мешаванд. Маблағи ҷаримаи рӯёнидашуда бошад, ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид карда мешавад.

Барои вайрон намудани қонунгузорӣ оид ба шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ, масъулияти интизомӣ низ муқаррар шудааст.

Интихоб ва татбиқи муҷозоти интизомӣ нисбат ба шахсони гунаҳгор, аз ҷумла аз вазифа сабукдуш намудани онҳо, бояд дар доираи талаботи

қонунгузорӣ оид ба меҳнат сурат гирад (нигаред ба тафсири моддаҳои 62 ва 63 КМ ҶТ).

Масъулияти маъмурӣ ва интизомӣ барои иҷро накардани қонунгузорӣ оид ба шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ ба ҳеҷ ваҷҳ масъулияти моддии ҷонибҳои чунин санадҳоро истисно намесозад. Мутобиқи моддаи 316 КМ ҶТ, дар сурати саркашӣ намудан аз музокирот ва бо гуноҳи яке аз тарафҳо иҷро нашудани шартҳои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, тарафи дигар ҳуқуқ дорад, дар бораи ҷуброни зарари моддии дар натиҷаи ин амалҳо расонидашуда, тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аризаи даъвогӣ пешниҳод намояд.

Зарари моддии расонидашуда бошад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талофӣ мешавад (нигаред ба тафсири моддаҳои боби 13 КМ ҶТ).

Тибқи муқаррароти қ.3 моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба», иттифоқҳои касаба аз рӯи ӯҳдадориҳои дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаҳо ва дар навбати худ онҳо аз рӯи ӯҳдадориҳои иттифоқҳои касаба, ҷавобгар нестанд. Корфармо ва дигар шахсони ваколатдори он, ки ба фаъолияти қонунии мақомоти намояндагии кормандони ташкилот дахолат намуда, онро халалдор месозанд, инчунин фаъолияти онро боз медоранд ё манъ менамоянд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Масалан, барои монеъ шудан ё дахолат намудан ба фаъолияти қонунии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки боиси ба таври назаррас халалдор гаштани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо гаштаанд, ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум намудан аз озодӣ ба муҳлати то се сол пешбинӣ шудааст (моддаи 158 КҶ ҶТ).

Дигар принсипи асосии шарикии иҷтимоӣ ин назорати мутақобила ва самимият (ошкоро) дар назди шарикон мебошад.

Моддаи 314 КМ ҶТ сухан дар бораи назорати татбиқи созишнома ва шартномаҳои коллективӣ меравад, ки яке аз принсипи асосии шарикии иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

Самаранокии созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ аз бисёр ҷиҳат ба ташкили дурусти назорати иҷрои муқаррароти онҳо вобаста аст.

Назорати риоя ва иҷро намудани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективиро ҷонибҳо мустақиман, ҳамчунин тавассути комиссияҳои дахлдор оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, мақомоти аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдошуда, ба амал мебароранд.

Назорати рафти иҷрои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ дар асоси Низомномаи комиссияи сетарафаи ҷумҳуриявӣ оид ба шарикии иҷтимоӣ ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ба амал бароварда мешавад.

Масалан, ба амал баровардани назорати иҷрои Созишномаи Генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои солҳои 2021-2023, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020, №701 ба имзо расидааст, ба зиммаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 363 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи назорати ҷамъиятии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат меравад, назорати ҷамъиятии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва қоидаҳои ҳифзи меҳнатро иттифоқҳои касаба, нозирон ва комиссияҳои мақомоти дахлдори интихобии иттифоқи касабаи ташкилот ё дигар намояндагони кормандон амалӣ менамоянд.

Мақомоти намояндагии кормандони ташкилотҳо дорои ваколатҳои васеъ мебошанд. Масалан, тибқи муқаррароти моддаи 22 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба» аз 2 августи соли 2011, яке аз ҳуқуқҳои иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои онҳо ба амалӣ намудани назорати ҷамъиятии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва иттифоқҳои касаба ба ҳисоб меравад.

Тибқи қисми 2 моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» иттифоқҳои касаба бо мақсади назорати ҷамъиятии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат, ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва манфиатҳои аъзои худ ҳуқуқ доранд бозрасии назорати ҷамъиятӣ ташкил намоянд, ки салоҳияти онро оинномаи (низомномаи) иттифоқҳои касаба ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд.

Тибқи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» аз 17 майи соли 2004, №32, корфармоён уҳдадоранд назорати иҷрои созишномаҳои аз ҷониби иттиҳодияи корфармоён басташударо ба амал бароранд ва инчунин, ба иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот маълумотро дар хусуси масъалаҳои иҷтимоию меҳнатӣ, ки иттиҳодияҳои корфармоён дар ихтиёр доранд ва барои бурдани музокироти коллективӣ бо мақсади таҳия ва бастани созишномаҳо, инчунин назорати иҷрои онҳо заруранд, пешниҳод намоянд.

Мутобиқи боби VII Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, №307 дар бораи тасдиқи «Низомномаи тартиби таҳия ва бастани созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки сухан дар бораи назорати иҷрои созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ меравад, назорати ҷараёни иҷрои созишномаҳо дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби тарафҳои шарикии иҷтимоӣ, намояндагии онҳо ва мақомоти дахлдор оид ба меҳнат ба амал бароварда мешавад (банди 40).

Ҳангоми гузаронидани назорати мазкур, намояндагони тарафҳо вазифадоранд, ки ба ҳамдигар, инчунин ба мақоми дахлдор оид ба меҳнат на дертар аз муҳлати муқарраркардаи қонунгузорӣ аз рӯзи гирифтани дархости марбута, иттилооти заруриро манзур кунанд (банди 41).

Натиҷаи иҷрои талаботи созишномаҳо на камтар аз ду маротиба дар як сол ё дар мӯҳлатҳое, ки дар созишномаҳо муқаррар карда шудаанд, бо иштироки Тарафҳо дар маҷлиси умумии (конференсияи) коллективи меҳнатӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад (банди 42)[289].

Принсипи дурустӣ ва мунтазамии иттилоот оид ба масъалаҳои фаъолияти тарафҳо мебошанд дар байни принсипҳои шарикии иҷтимоӣ мавқеи назаррасро дар КМ ҶТ ишғол менамояд.

Мутобиқи моддаи 299 КМ ҶТ яке аз шаклҳои амалӣ намудани шарикии иҷтимоӣ иттилоотонии мутақобилаи тарафҳо оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои қабулгардида маҳсуб меёбад.

Мувофиқи Тавсияи ТБМ №129 «Дар бораи муносибатҳои байни роҳбарият ва кормандон дар корхона» ба фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва боварӣ дар корхона бояд тавассути паҳн ва мубодилаи босуръати маълумоти мукаммал ва объективии имконпазир мусоидат намояд, хусусан ҷихати гуногуни ҳаёти корхона ва шароити иҷтимоии кормандон[290].

Тибқи сархати ҳафтуми қисми 2 моддаи 19 КМ ҶТ бошад, корфармо ӯҳдадор аст, ба намояндагони кормандон иттилооти пурра ва дурустро барои пешбурди гуфтушунидҳои коллективӣ, бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, инчунин назорати иҷрои онҳо пешниҳод кунад.

Тибқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён»[291], яке аз вазифаҳои иттиҳодияҳои корфармоён, таъмини иттилоотӣ ва методии аъзоёни иттиҳодияҳо маҳсуб меёбад.

Мутобиқи боби II Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2008, №173 дар бораи тасдиқи «Низомнома дар бораи комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки сухан дар бораи мақсадҳои асосӣ ва вазифаҳои комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад, густариши таҷрибаи шарикии иҷтимоӣ, иттилоотонии комиссияҳои соҳавӣ, минтақавӣ ва комиссияҳои дигари танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар бораи фаъолияти комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин, дар бораи вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, соҳаҳо, корхонаҳо ва муассисаҳо барои ҳаллу фасли масъалаҳои бартарафсозии мухолифат оид ба созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ ва батанзимдарории баҳсҳои (мунокишаҳои) коллективии меҳнатӣ иттилооти зарурӣ гирад[292].

---

[289]Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, №307 дар бораи тасдиқи «Низомномаи тартиби таҳия ва бастани созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 17.03.2017, №137) // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 6.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.10.2023 с.).

[290]Международная организация труда. Рекомендация №129 «О связях между администрацией и трудящимися на предприятии» [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://normativ.kontur.ru/document?moduleId=1&documentId=278230(санаи муроҷиат: 16.10.2023 с.).

[291] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён»// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 6.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 16.10.2023 с.).

[292] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2008, №173 дар бораи тасдиқи «Низомнома дар бораи комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки аз меъёрҳои зикргадида чунин хулоса баровардан мумкин аст, принсипи дурустӣ ва мунтазамии иттилоот оид ба масъалаҳои фаъолияти тарафҳо ба боварӣ асос меёбад.

Чи тавре И.А. Алешкова қайд менамоянд, системаи муносибатҳои ба вуҷуд омадаи байни субъектҳо ба боварӣ асос ёфта, ба таъмини ҳамоҳангии манфиатҳои тарафҳо дар шарикӣ нигаронида шудааст[293].

Хулоса ҳар яке аз принсипҳои шарикии иҷтимоӣ, ки дар мақола ба таври возеҳ мавриди таҳлилу таҳқиқ қорор гирифтанд, на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти муҳими амалӣ доранд.

Аз ин лихоз, принсипҳои шарикии иҷтимоӣ бояд принсипҳоеро фарогир бошад, ки имконияти муайян кардани ҳама гуна муносибатҳои шарикии иҷтимоиро фароҳам оварад.

Бо ҳамин назардошт, муаллиф нуқтаи назари худро оид ба такмили моддаи 298 КМ ҶТ манзур намудааст, ки пазируфтани онҳо ба рушди муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо алоқаманд, хусусан дар муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ дар кишвар таъсири калон мерасонанд, аз ҷумлаи онҳо: принсипи таъмини ҳуқуқи кормандон ва корфармоён ба муттаҳидшавӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ, демократия, қонуният, инсондустӣ, адолати иҷтимоӣ, рақобат, конфронтация, бетарафӣ.

**Адабиёт:**


1. Алешкова И.А. Принцип социального партнерства: содержание и особенности реализации. Журнал Право и государство: теория и практика. №10(190). 2020.– С. 35-46.

2.Витко Ф.П. Социальное партнерство: учеб.-метод. Комплекс / Ф. П. Витко. – Минск: ГИУСТ БГУ, 2008. – 184 с.

3. Деминишин А.В. Добровольность в праве // Правовые проблемы укрепления российской государственности. Сборник статей. Часть 53. Под редакцией М.М. Журавлёва, А.М. Барнашова, С. С. Кузнецова. Издательство: Изд-во Том. ун-та. Томск, 2012. – С. 27-29.

4.Мальцев Г.В. Социальные основания права / Г.В. Мальцев. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2014. — 800 с.

5.Маҳмадуллозода Н.Р., Наботов С.Х. Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ/ Маҳмадуллозода Н.Р., Наботов С.Х.-Душанбе: ҶДММ “Сомон Принт”, 2021. – 539 с.

6.Маҳмудзода М., Худоёрзода Б., Муқимӣ С., Ҳошимзода Д. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Эр-граф», 2019. – 648 с.


---

(Қарори Ҳукумати ҶТ аз 17.03.2017, № 136) // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 6.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.10.2023 с.).

[293] Ниг.: Алешкова И.А. Принцип социального партнерства: содержание и особенности реализации. Журнал Право и государство: теория и практика. №10(190). 2020.– С. 44. Семигин Г.Ю. Социальное партнерство в современном мире. М., 1996; Бурляева В.А. Развитие системы социального партнерства в России: социальноисторический аспект; Кривошеев В.Т. Социальное партнерство и корпоративизм: российская специфика; Gerber L.G. Corporatism and state theory // Social science history. 1995. Vol. 19. № 3. – P. 313-332; Социальное партнерство: цель или средство: монография. / Матвеева, Алла Ивановна; Любутин, Константин Николаевич (Редактор). Казань: Общество с ограниченной ответственностью «Бук», 2016. – 193 с.

7.Сафонов, В. А. Социальное партнерство: учебник для вузов / В. А. Сафонов. – Москва: Издательство Юрайт, 2022. – 395 с.

8.Словарь русского языка: В 4-х т. / РАН, Ин-т лингвистич. исследований; Под ред. А. П. Евгеньевой. – 4-е изд., стер. – М.: Рус. яз.; Полиграфресурсы, 1999; (электронная версия).

9.Соловьева С.В. Социальное партнерство как принцип трудового права. Юридическая техника. 2020. №14. – С. 316-318.

10. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи ихтисоси «ҳуқуқшинос» таҳсил мекунанд. – Душанбе: ДМТ. 2018. – 784 с.

11. Сошникова Т.А. Принципы социального партнерства и их классификация. Журнал «Образование и право». №5. 2022. – 346-348.

12.Теория государства и права. Курс лекций/ Под ред. Н.И.Матузова, А.В.Малько. М.,2002. – 245 с.

13.Ҳуқуқи меҳнат ва таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни зинаи таҳсилоти бакалаври ихтисоси ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Нашри якум.// Муҳаррири масъул номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Ғ.М. Бобокалонов. – Душанбе: «ЭР–граф». 2021. – 482 с.

14.Шестерякова И.В. Международные трудовые нормы и трудовое право России: их соотношение и коллизии. – 287 с.

15.Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ.М., Маҳмадуллозода Н.Р. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри сеюми тасҳеҳ ва иловашуда /Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. –Душанбе: Нашриёти «Офсет», 2021. – 827 с.

16.Шонасридинов Н., Бозоров Р.Б. Ҳуқуқи меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе «Сино», 2006. –181 с.

17.Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №2, мод. 42; с. 2008, №10, мод. 807; с. 2010, №12, қ. 1, мод. 818, аз 2.01.2020, №1679.

18.Конвенция Международной Организации Труда №144 о трехсторонних консультациях для содействия применению международных трудовых норм (Женева, 21 июня 1976 г.) [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://base.garant.ru/2540640/ (санаи мурочиат: 03.10.2023 с.).

19.Конвенции Международной организации труда. Манбаи дастрасӣ: URL: www.Grandars.ru] http://www.grandars.ru/college/pravovedenie/konvencii-mot.html (санаи мурочиат: 15.09.2023).

20.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008,№307, дар бораи “Низомномаи тартиби таҳия ва бастани созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 6.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи мурочиат: 13.10.2023 с.).

21.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2008, № 173 дар бораи тасдиқи «Низомнома дар бораи комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»(Қарори Ҳукумати ҶТ аз 17.03.2017, №136) // Махзани

мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 6.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2023 с.).

29. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, №307 дар бораи тасдиқи «Низомномаи тартиби таҳия ва бастани созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 17.03.2017, №137) // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 6.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.10.2023 с.).

30. Международная организация труда. Рекомендация №129 «О связях между администрацией и трудящимися на предприятии» [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://normativ.kontur.ru/document? moduleId=1& documentId=278230(санаи муроҷиат: 16.10.2023 с.).

32. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2008, №173 дар бораи тасдиқи «Низомнома дар бораи комиссияҳои сетарафа оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 17.03.2017, №136) // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 6.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.10.2023 с.).

31. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён»// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 6.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 16.10.2023 с.).

## ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)

# ТАҲЛИЛИ МУҚОСИАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИ ВАЙРОН КАРДАНИ ДАХЛНОПАЗИРИИ МАНЗИЛ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ КИШВАРҲОИ ХОРИҶИ ДУР

**Зоир Ҷурахон Маҷидзода,**
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов, Сарходими илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
**Тел.:** +992 985038585
**E-mail:** zoirov2009@mail.ru

**Файзиев Спитамен Абулҳақович,**
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов
**Тел.:** 770000550
**E-mail:** spitamen_f@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур таҳлили муқоисавӣ- ҳуқуқии ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил мутобиқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шудааст. Таҳлили муқоисавӣ дар мақолаи мазкур бо мақсади ошкор намудани самаранокии танзими ҳуқуқи ҷиноятии таркиби ҷинояти мазкур гузаронида шудааст.

Дар мақола муқоиса намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ҳангоми сохтани таркиби ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил бо қонунгузории чунин давлатҳои хориҷи дур ба монанди Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Фаронса, Испания, Швейтсария, Лаҳистон, Шветсия ва ғайра анҷом дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** Кодекси ҷиноятӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, манзил, таркиби ҷиноят, субъекти ҷиноят, ҷазо, кофтукови ғайриқонунӣ, ҳолатҳои вазнинкунанда.

# СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ПРЕСТУПЛЕНИЙ НАРУШЕНИЯ НЕПРИКОСНОВЕННОСТИ ЖИЛИЩА ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ ДАЛЬНЕГО ЗАРУБЕЖЬЯ

**Зоир Джурахаон Маджидзода,**
Национальная академия наук Таджикистана, Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова, научный сотрудник кафедры истории государства и права, доктор юридических наук, профессор,
**Тел.:** +992 985038585
**E-mail:** zoirov2009@mail.ru

**Файзиев Спитамен Абулхакович,**
Национальная академия наук Таджикистана, соискатель Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова
**Тел.:** 770000550
**E-mail:** spitamen_f@mail.ru

**Аннотация:** В данной статье проводится сравнительно-правовой анализ преступлений нарушения неприкосновенности жилища в соответствии с законодательством зарубежных стран. Сравнительный анализ в данной статье проведён с целью выявления эффективности уголовно-правового регулирования состава данного преступления.

В статье сравниваются нормы отечественного уголовного законодательства при создании состава преступления нарушения неприкосновенности жилища по законодательству таких иностранных государств, как Федеративная Республика Германия, Франция, Испания, Швейцария, Польша, Швеция и др.

**Ключевые слова:** Уголовный кодекс, уголовная ответственность, жилища, состав преступления, субъект преступления, наказания, незаконный обыск, отягчающие обстоятельства.

# COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS OF CRIMES OF VIOLATION OF THE INVIOLABILITY OF HOME UNDER THE LEGISLATION OF FAR ABROAD

**Zoir Jurakhon Majidzoda,**
National Academy of Sciences of Tajikistan, Institute of Philosophy, Political Science and Law named after. Bakhovaddinov, researcher at the Department of State History and Law, Doctor of Law, Professor,

**Тел.:** +992 985038585
**E-mail:** zoirov2009@mail.ru

**Faiziev Spitamen Abdulhaqovich,** National Academy of Sciences of Tajikistan, candidate at the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov
**Тел.:** 770000550
**E-mail:** spitamen_f@mail.ru

**Annotation:** In this article the comparative legal analysis of crimes of violation of inviolability of dwelling in accordance with the legislation of foreign countries is carried out. Comparative analysis in this article is carried out in order to identify the effectiveness of criminal-legal regulation of the composition of this crime.

The article compares the norms of domestic criminal legislation in creating the corpus delicti of violation of inviolability of dwelling under the legislation of such foreign countries as the Federal Republic of Germany, France, Spain, Switzerland, Poland, Sweden and others.

**Keywords:** CRiminal code, criminal liability, housing, criminal offense, subject of the crime, punishment, illegal search, qualifying circumstances.

Ҳифзи ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як давлати муосир мебошад. Қонунгузории ҷиноятии бисёр кишварҳои хориҷӣ дорои меъёрҳое мебошанд, ки ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро ҳифз менамоянд. Қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ одатан ба ду низоми асосии ҳуқуқӣ тақсим мешавад: англо-саксонӣ ва романо-олмонӣ. Намунаҳои қонуни англосаксонӣ қонуни ҷиноятии Англия, ИМА, низоми ҳуқуқии романо-олмонӣ – қонуни ҷиноятии давлатҳои Фаронса, Олмон, Испания мебошанд.

Меъёрҳоеро, ки ҳуқуқҳои инсон, бахусус ҳуқуқ ба манзилро муқаррар мекунанд, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишварҳои гуногун ба назар мерасанд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Фаронса аз солҳои 1946 ва 1958 ва Конститутсияи Олмон моддаҳое ҷой доранд, ки даромадан ба манзили шахси дигар, гузаронидани кофтуков ва тафтиши беасосро манъ мекунанд, ба истисној ҳолатҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд.

Конститутсиям Италия, ки 22 декабри соли 1947 қабул шудааст, дар боби I "Ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрвандон" он, дахлнопазир будани манзил пешбинӣ гардидааст. Кофтуков ва ҳабси амвол ғайр аз холатҳои муқаррар намудаи қонун гузаронида шуда наметавонад[294].

Конститутсияи Испания аз 29 декабри соли 1978 дар боби I "Дар

[294] Конституции государств Европейского Союза [Текст] / ред. Л.А. Окуньков [и др.]; Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве РФ. – М.: Инфра-М – Норма, 1997. – С. 424-425.

бораи ҳуқуқу вазифаҳои асосӣ” эълон мекунад: “Манзил дахлнопазир аст. Бе иҷозати соҳибмулк ворид шудан ба манзил ё кофтукови он, ба истисноби холатҳои дастгир кардани шахс дар манзили зист манъ аст”[295].

Дар м. 34 Конститутсияи Португалия аз 2 апрели соли 1976, муқаррар гардидааст, ки дахлнопазирии манзил ва махфияти мукотиба бо қонун ҳифз карда мешавад. Дахолат ба манзили шаҳрвандон бар хилофи хоҳиши онҳо танҳо дар мавридҳои таъиноти судӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун мумкин аст. Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки шабона бе ризоияти шахсони истиқоматкунанда ба манзил ворид шавад[296].

Қонуни асосии Финляндия дар боби 10 муҳофизати моликияти хусусиро эълон мекунад. Шахсият, шаъну шараф ва дахлнопазирии манзили ҳар як шахс ҳифз карда мешавад. Қонун метавонад чораҳоеро муқаррар намояд, ки дахлнопазирии манзилро вайрон кунанд ва барои таъмини озодиҳо ва ҳуқуқҳои асосӣ ё ошкор кардани ҷиноят заруранд.

Дахлнопазирии манзил дар Британияи Кабир новобаста аз мавҷуд набудани конститутсия ҳифз карда мешавад. Ба андешаи А.Горбунов, маҳдудияти ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил, инчунин, ҳар як ҳуқуқи дигар дар Британияи Кабир вобаста ба амалҳои ҳокимияти судӣ муқаррар карда мешавад, на ҳокимияти иҷроия[297].

Конститутсияи Эстония дар соли 1992 дар баробари манзил эълони ҳуқуқ ба дахлнопазирии дигар моликияти хусусии шахс аз ҷумла ҷои корро низ муқаррар кардааст[298].

Конститутсияи Булғория на танҳо даромадан, балки бе иҷозати соҳибманзил дар манзил қарор доштанро низ манъ мекунад (м.33).

Ҷолиб он аст, ки дар конститутсияи Шветсия, ки соли 1974 қабул шудааст, муқаррарот вобаста ба дахлнопазирии манзил пешбинӣ гардидааст. Дар он танҳо манъи кофтукови манзил нишон дода шудааст.

Дар м. 226-4 Кодекси ҷиноятии Фаронса вайрон намудани дахлнопазири манзио ҳамчун кирдори ҷиноятӣ эътироф карда мешавад, ки чунин тасниф гардтдааст: “Дар натиҷаи фиреб, таҳдид, зӯроварӣ ё маҷбуркунӣ даромадан ё қарор доштан дар манзили шахси дигар, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун иҷозат додааст”. Ин қоида дар фасли аввал “Дар бораи дахолат ба дахолатнопазирӣ” -и боби IV “Дар бораи таҷовуз ба шахс” -и Кодекси ҷиноятии Фаронса пешбинӣ шудааст. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ду амали алтернативӣ пешбинӣ шудааст: воридшавӣ ва қарор доштан дар манзили шахси бегона. Моддаи 432-8-и Кодекси ҷиноятии Фаронса ҷавобгариро низ барои истифода аз мансаби хизматӣ ё мақоми хизмати давлатӣ пешбини менамояд.

Дар Кодекси ҷиноятии Испания низ як қатор моддаҳо мавҷуданд, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил ва

---

[295] Асари ишорашуда.- С. 363.

[296] Конституции государств Европейского Союза / ред. Л.А. Окуньков [и др.]; Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве РФ. – М.: Инфра-М – Норма, 1997. – С. 59.

[297] Горбунов, А. Гарантии личной свободы в Англии / [Александр Владимирович] Горбунов. – Ростов-на-Дону: Донская речь, 1905. – С. 53.

[298] Конституция Республики Болгария [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.concourt.am/armenian/legal_resources/world_constitutions/constit/bulgaria/bulgar-r.htm (дата обращение: 19.10.2022).

барои будубоши бе иҷозати соҳибмулк пешбинӣ мекунанд.

Ҷазо барои чунин кирдор аз 6 моҳ то 2 сол маҳрум кардан аз озодӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳолатҳои бандубастшаванда низ пешбинӣ гардидаанд: тарсондан ба соҳибманзил, истифодаи зӯровари ҳангоми ворид гаштан ба манзили шахс. Барои чунин амалҳои бандубастшванда аз 1 то 4 соли аз озоди маҳрум намудан ҷазо дода мешавад. Субъекти ҷиноят тибқи Кодекси ҷиноятии Испания шахси воқеие мебошад, ки ба синни 14 расидааст.

Инчунин м. 205 КҶ Испания ҷавобгарии ҷиноятиии хизматчиёнро барои ворид шудан ба манзили шахси дигар, барои ворид шудан ба идораи (ҷои кор) шахси дигар ва ворид шудан ба биноси шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ мекунад. Ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 4 то 8 сола пешбинӣ гардидааст[299].

Дар тафовут бо КҶ Фаронса, КҶ Испания на танҳо барои бо роҳи зуроварӣ ё тарсондан ба манзил даромаданро, балки худи ҳолати дохилшавиро низ ҷиноят эътироф менамояд. Ин меъёр ба ғайр аз манзил, идора, биноҳои шахси ҳуқуқиро низ ҳифз менамояд.

Моддаи 186 КҶ Швейтсария ба чунин биноҳои ҳифзшаванда утоқи пӯшидае, ки барои хизматрасонии иҷтимоӣ ё бино барои фаъолияти касбӣ ва истеҳсолиро дохил менамояд. Моддаи 439 КҶ Белгия ҳама гуна биноҳое, ки шахс онҳоро ишғол кардааст, аз ҷумла, утоқи кориро низ дохил менамояд[300].

Баъзе кишварҳо барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил ҷавобгарӣ муқаррар мекунанд, ки танҳо агар соҳиби манзил ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шикоят ё ариза пешниҳод карда бошад (м. 182 КҶ Сан-Марино, м. 109 КҶ Австрия,[301] м. 165 КҶ Литва[302]). Бояд қайд намуд, ки тибқи КҶ ҶТ танҳо дахлнопазирии манзил таъмин мегардад на ин ки дахлнопазирии дигар моликият.

Моддаи 193 КҶ Лаҳистон ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо барои вайрон кардани манзили шахси дигар, ва барои тарк накардани манзил бо дархости соҳиби он муқаррар мекунад. Оид ба дигар молу мулк чизе муқаррар нагардидааст[303].

Кодекси ҷиноятии Дания, дар боби "Ҷиноятҳо бар зидди шаъну шарафи шахсӣ ва ҳуқуқҳои шахсии шахсӣ", банди 264 ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекунад, агар шахс ғайриқонунӣ ба манзили шахси дигар ё ягон ҷои дастнорас ворид мегардад. Ин модда ҷавобгагриро вазнин менамояд, агар ин амалҳо бо мақсади таъмин кардан ё ошно

[299] Уголовный кодекс Испании. – М.: Зерцало, 1998. – С. 69.

[300] Уголовный кодекс Бельгии: нормативный документ / ред. Н. И. Мацнева; пер. с фр. Г. И. Мачковского. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2004. – С.78.

[301] Уголовный кодекс Австрии The Austrian Penal Code / Ассоциация юридический центр; пер. с нем. Л. С. Вихровой. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2004. – С.95.

[302] Уголовный кодекс Литовской Республики. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2003. – 470 С.

[303] Уголовное законодательство зарубежных стран (Англии, США, Франции, Германии, Польши, Японии) [Текст]: сб. законодательных материалов / ред. И. Д. Козочкин ; Московский гос. ун-т им. М. В. Ломоносова. Юридический факультет. – М.: Зерцало, 1999. – С. 35

кардани касе бо маълумот дар бораи сирри тиҷоратии ширкат ё дигар ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда сурат гирад[304].

Мафҳуми “вайрон кардани дахлнопазирии манзил” дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Мамлакатҳои ҷаҳон дар кодекси ҷиноятии худ шаклҳои содир кардани ин кирдори аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнокро муайян накардаанд ва ё танҳо истилоҳи “ворид шудан ба манзил”-ро истифода мебаранд.

Ба ҷои ин, дар баъзе кишварҳо, истилоҳ ба таври васеъ муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, дар КҶ Гурҷистон чунин шакли вайрон кардани дахлнопазирии манзил, аз қабили кофтукови ғайриқонунӣ (м. 160); КҶ Сан-Марино вайрон кардани дахлнопазирии манзилро барои машғул шудан ба фаъолияти инфиродӣ бар хилофи иродаи шахсе эътироф мекунад, ки ҳуқуқ ба хориҷ кардани ҷинояткорро дорад (м. 182); дар КҶ Швейтсария – агар шахс сарфи назар аз дархости доимии соҳибмулк дар бораи тарк кардани бино ба иҷрои талаби ӯ шитоб накунад (м. 186).

Меъёре, ки барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил ҷавобгариро муқаррар мекунад, дар КҶ Ҷумҳурии Булғористон ба таври муфассал танзим карда шудааст. Мувофиқи м. 170 КҶ Ҷумҳурии Булғористон ворид шудан ба манзили каси дигар, ки бо истифода аз зӯроварӣ, таҳдид, фиреб, сӯиистифода аз ҳокимият ё бо истифода аз воситаҳои махсус содир шудааст, ҷиноят ҳисобида мешавад. Инчунин, тарк накардани манзили каси дигар, сарфи назар аз талаби қатъии тарк кардани он, вуруд ба манзили каси дигаре шабона ё ба тарзи мусаллаҳона ё ду ва зиёда шахсон содир кардааст, низ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Амалҳое, ки ба манзил, воситаҳои нақлиёт ё биноҳои корни шахси ҳифзшудаи байналмилалӣ нигаронида шудаанд, ба ҷавобгарии сахттар кашида мешаванд[305].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили кирдорҳоеро, ки барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил равона гардидаанд, як хусусиятҳои ҷунин кирдорҳоро қайд намудан зарур аст:

- дар кодексҳои ҷиноятии баъзе мамлакатҳои алоҳида аллакай худи ҳолати вайрон кардани дахлнопазирии манзил ҳамчун ҷиноят эътироф карда шудааст, агар он бе розигии молик содир гардида бошад (м.160 КҶ Гурчистон, м. 405 КҶ Исроил, м. 86 КҶ Швейтсария).

-дигар кишварҳо вайроншавии ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро танҳо дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои бандубастшванда, аз қабили истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он, ҷиноят эътироф мекунанд ( м. 109 КҶ Австрия), м. м. 432-8 КҶ Фаронса, м. 439 КҶ Белгия).

Қонунгузории ин давлатҳо бо тарзи гуногун холатҳои бандубастшвандаро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил муайян мекунад. Ҳамин тавр, тибқи м. 440 КҶ Белгия, содир намудани ин ҷиноят шабона, аз ҷониби ду ва зиёда шахсон, доштани силоҳ, ҳамчун ҳолати

[304]Уголовный кодекс Дании / Ассоц. юрид. центр; науч. ред. и авт. предисл. канд. юрид. наук С. С. Беляев; пер. с дат. и англ.: С. С. Беляев, А. Н. Рычева. – СПб., 2001. – С. 163.

[305]Уголовный кодекс Республики Болгария / Ассоц. юрид. центр; науч. ред. канд. юрид. наук., проф. А. И. Лукашов; пер. с болг. Д. В. Милушев; авт. вступ. ст. Й. И. Айдаров. – СПб., 2001. – С. 128.

вазнинкунанда эътироф карда мешавад. Мутобиқи КҶ Австрия, агар вайрон кардани дахлнопазирии манзил бо қасди истифодаи зӯроварӣ ё дуздии ашё ҳамроҳ шуда бошад, агар яке аз шарикон силоҳ дошта бошад ва аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир шуда бошад, ҳолати вазнинкунанда эътироф карда мешавад (м. 109). Тибқи КҶ Исроил, агар шахс ҳангоми ворид шудан ба манзил бо худ силоҳи оташфишон ё силоҳи сард дошта бошад (м. 408).

Чун қоида, ҷазо дар кодексҳои ҷиноятии ин кишварҳо вазнин намебошад. Ҳамин тавр, тибқи КҶ Фаронса барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати як сол ё ҷарима; дар КҶ Гурҷистон – ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ё ҷарима; дар КҶАвстрия ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то як сол, пешбинӣ шудааст.

Дар баробари ин содир намудани ин ҷиноят дар ҳолатҳои вазнинкунанда бо афзоиши хавфи ҷамъиятӣ ва мӯҳлатҳои зиёди маҳрумият аз озодӣ тавсиф мешавад. Ҳамин тавр, ҷазои ҳадди аксар барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил дар КҶ Исроил пешбинӣ шудааст, агар он бо мақсади дуздӣ ва бо доштани силоҳи оташфишон содир шуда бошад. Барои чунин амалҳо мутобиқи м. 408 ҷазои 14 соли зиндонро пешбинӣ мекунад.

Дар кишварҳои низоми англо-саксонӣ, институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил хусусиятҳои хос дорад. Қонуни ҷиноятии ИМА бо КҶ федералӣ ва КҶ Ню-Йорк муаррифӣ карда мешавад. Дар ИМА 53 низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ низ мавҷуданд[306].

Дар КҶ ИМА, зери мафҳуми “вайронкунии дахлнопазирии манзил”, вайрон кардани соҳибият ё воридшавии ғайриқонунӣ, қасдан ворид шудан фаҳмида мешавад. Зери мафҳуми бино – ҳама гуна бино, иншоот, нақлиётҳои заминӣ ё киштӣ, ки барои истиқомати якшаба ё тиҷорат дар он ҷо истифода мешавад, фаҳмида мешавад[307]. Кирдори ҷиноятӣ аз он иборат аст, ки шахс ғайриқонунӣ ба ҳар ҷой бо ҳуқуқи моликият ҳифзшаванда ворид мешавад ё дар он ҷо қарор мегирад.

Шахсе гунаҳкор дониста мешавад, ки агар бе ҳуқуқ ё иҷозат: а) ба манзил ворид шавад; б) бо роҳи фиреб розигӣ гирифта, дастрасиро ба ҳама гуна бино таъмин мекунад; в) пинҳонӣ дар дохили манзил мемонад; г) бо шикастани қулф ё зӯрӣ ба бино ворид мешавад; д) тавассути лавозимоти гушкунӣ ва назорати электронӣ ҳуқуқи моликиятро вайрон мекунад[308].

Ҳамин тавр, вайронкунии дахлнопазирии манзил дар КҶ ИМА ба таври васеъ шарҳ дода мешавад ва ҳама гуна воридоти ғайриқонунӣ ба бино, новобаста аз усулро дар назар дорад. Илова бар ин, ҳама гуна ворид шудан ба бино бо мақсади содир кардани ҷиноят – ҷинояти мустақил ҳисобида мешавад.

---

[306] Уголовное законодательство зарубежных стран (Англии, США, Франции, Германии, Польши, Японии): сб. законо- дат. материалов / Моск. гос. ун-т им. М. В. Ломоносова, Юрид. фак.; авт. предисл. И. Д. Козочкин. – М., 2001. – С. 118.
[307] Малиновский А. А. Уголовное право зарубежных государств: учеб. пособие [для преподавателей, аспирантов и студентов юрид. вузов] / А. А. Малиновский. – М., 1998. – С. 35.
[308] Малиновский А. А. Асари ишорашуда. – С. 35.

Тибқи КҶ Пенсилвания (ИМА) вайрон кардани “даҳлнопазирии манзил”, “поймол кардани ҳуқуқи соҳибмулк” маънои ворид гаштани ғайриқонунӣ ба манзил ё дигар объекти ғайриманқулро дорад. Ин ҳама гуна бино, ҳатто ҷои кор, воситаи нақлиёти заминӣ буда метавонад, ки барои истироҳати шабона ё барои иҷрои корҳои муайян истифода мешавад. Шахс барои содир намудани ҷинояти вайрон кардани дахлнопазирии манзил дар ҳолатҳои зерин гунаҳкор дониста мешавад агар:

- қулф ё дарро шикаста ба манзил даромада бошад;
- пинҳонӣ дар бино қарор дошта бошад;
- бо роҳи фиреб ба ягон бино дастрасӣ пайдо карда бошад;
- дастгоҳи гӯшкунӣ ё камераи видеоӣ насб намуд бошад.
- зарари ҷимсонӣ расонида бошад;
- яроқ истифода бурда бошад[309].

Ҷазо барои вайрон кардани ҳуқуқи “соҳибмулк” то 10 сол маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ шудааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳар як иёлоти ИМА КҶ худро дорад, ки аз ин рӯ аксар вақт вайрон кардани дахлнопазирии манзил ҳамчун ***Burglary*** (тоҷ. ғоратгарӣ) ҳисоб мешавад. ***Burglary*** ҷинояти мушаххас мебошад. Ин маънои истифодаи манзил барои содир кардани ҷинояти дигар: дуздӣ, ғоратгарӣ, куштор ё таҷовузро дорад. Ҷазо барои ***Burglary*** анҷом додани нақшаро (куштори одам ё ғорат кардан) талаб намекунад, барои полис кофӣ аст, ки танҳо ин нияти ҷиноятиро дар суд исбот намояд[310].

ҚҶ ИМА 3 дараҷаҳоро пешбинӣ менамояд: – барои ***Burglary*** дараҷаи III – то 7 сол, барои дараҷаи II – то 15 сол ва барои дараҷаи I – то 25 сол маҳрум сохтан аз озодӣ пешбини гардидааст.

Фарқи вайрон намудани дахлнопазири манзил аз ***Burglary*** дар он аст, ки объекти асосии дахлнопазири манзил ин худи манзил бошад, объекти асосии ***Burglary*** ин предмети дигаре, ки дар дохили ҳамин манзил аст, мебошад. Ҳамин тавр, агар суратгир пинҳонӣ бо мақсади аксбардорӣ намудани “ситора” вориди манзили ӯ гардид, ин амали ӯ на ҳамчун ***Burglary***, балки ҳамчун “вайрон кардани моликияти дигар” бандубаст карда мешавад. Тибқи КҶ Ню-Йорк, ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят доштани силоҳ ва дигар лавозимоти ҷангӣ мебошад. Ҷазо барои чунин кирдор аз 4 то 7 сол маҳрум сохтан аз озодӣ мебошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани он аз синни 14-солагӣ оғоз мегардад[311]. Бояд қайд намуд, ки дахлнопазирии манзили амрикоиҳо на танҳо аз ҷониби Кодексҳои ҷиноятии ҳар як иёлот, балки КҶ федералӣ низ ҳифз карда мешавад.

Дар ИМА барои кофтукови манзил қарори махсус зарур аст. Аммо, чунин қарор дар сурате ба даст овардан мумкин аст, ки масъули ин кофтуков зарурияти гузаронидани онро бо савганд собит ва тасдиқ намояд. Ғайр аз ин, дар қарор бояд ҷои кофтуков дақиқ нишон дода шавад. Боз,

---

[309] Конституция и законодательные акты: Перевод с английского / Сост.: Лафитский В. И.; Под ред. и совступ. ст.: Жидков О. А. – М.: Прогресс-Универс, 1993. – С.768.
[310] Николайчик, В. М. Уголовный процесс США / В. М. Николайчик. – М.: Наука, 1981. – С. 109.
[311] Николайчик, В. М. Уголовный процесс США [Текст] / В. М. Николайчик. – М.: Наука, 1981. – С. 108.

сарфи назар аз кӯшишҳои зиёд барои ба даст овардани чунин қарор, дар тағйироти 4-уми Конститутсияи ИМА мушаххас нагардидааст, ки ин қароро маҳз кӣ бояд диҳад. Ин масъала ба ихтиёри мақомот гузошта шудааст.

Кодекси ҷиноятии Олмон дар боби VII «Амали ҷиноятии зидди тартиботи ҷамъиятӣ», параграфҳои 123 ва 124 ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил пешбинӣ мекунад. Дар диспозитсияи параграфи 123 чунин омадааст: "шахсе, ки ба таври ғайриқонунӣ ба манзил, бинои саноатӣ ё бинои ҳифзшаванда ё ба биноҳои алоҳидае, ки барои хизматрасонии ҷамъиятӣ ё нақлиёт пешбинӣ шудаанд, ворид мегардад ё дар чунин биноҳо бе ваколати дахлдор қарор дошта, талаботи шахси ваколатдорро оид ба тарк намудани ин бино иҷро намекунад"[312]. Диспозитсия вайронкунии дахлнопазирии манзилро ба таври васеъ шарҳ медиҳад, зеро, на танҳо манзилҳо таҳти ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор мегиранд, балки инчунин дигар биноҳои истеҳсолӣ ва муҳофизатӣ, биноҳои алоҳидае, ки барои хидматрасониҳои ҷамъиятӣ ё нақлиёт пешбинӣ шудаанд.

Манзил дар КҶ Олмон як мафҳуми умумӣ буда, ҳама биноҳоеро муттаҳид мекунад, ки ба будубоши як ё якчанд нафар хизмат мекунанд. КҶ Олмон мафҳуми "манзил"-ро ба таври васеъ шарҳ медиҳад: ба ин мафҳум на танҳо манзил ба маънои аслии ин калима, балки биноҳои пӯшидае, ки барои хизматҳои муайян пешбинӣ шудаанд ба ин мафҳум дохил мешавад. Инчунин, таҳти мафҳуми "манзил" утоқҳоеро фаҳмида мешаванд, ки дар онҳо як ё якчанд нафар қарор дошта метавонанд.

Тибқи қонунгузории Олмон, таҳти истилоҳи "воридшавӣ" бар хилофи иродаи шахси дар он истиқоматкунанда ва ҳатто агар як қисми бадан ворид шуданро, фаҳмида мешавад. Илова намудан зарур аст, ки мувофиқи  қонунгузории Олмон на танҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ, балки бо садои муайян, доду фарёд, занги шабона, хатто тавассути телефон вайрон гаштани дахлнопазирии манзил мумкин аст. Мутобиқи параграфи 123, агар соҳибмулк ақаллан як маротиба тарк кардани манзилашро талаб карда бошад ва агар ин дархост иҷро карда навашад, ин бехаракатӣ ҳамчун вайронкунии ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил ҳисоб мегардад. Ҳамин тариқ, ҳам харакат ва ҳам бехаракатӣ ҷазо дода мешавад[313]. Параграфи 124 КҶ Олмон, ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷинояти вайрон кардани дахлнопазирии манзилро пешбинӣ мекунад, ки ин бо роҳи зӯроварӣ ва ё аз ҷониби гурӯҳи вайрон намудани дахлнопазири манзил, мебошад.

Кодекси ҷиноятии Ҳолланд дар м. 138 барои ворид шудан ба манзил сарфи назар аз манъи шахсони дар он қарордошта ҷазо пешбинӣ менамояд[314].

[312] Уголовный кодекс ФРГ / МГУ им. М. В. Ломоносова, Юрид. фак., Каф. уголов. права и криминологии; пер. с нем. и предисл. А. В. Серебренниковой. – М., 2001. – С. 86.

[313] Серебренникова, А. В. Уголовно-правовая охрана человека и гражданина на неприкосновенность жилища по УК Российской Федерации и УК Германии / [Анна Валерьевна] Серебренникова // Вестник Московского университета. Сер. 11, Право. – 2003. – № 3. – С. 68.

[314] *Уголовный кодекс Голландии / науч. ред. Б. В. Волженкин. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2000. – С.253.*

Дар Англия қоидаи вайрон кардани дахлнопазирии манзил ба таври махсус ҳифз карда нашудааст, вале, ҳифзи манзил бо дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ (ҳуқуқи моликият) пайваст карда шудааст.

Пас аз таҳлили қонунҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ қайд кардан зарур аст, ки дахлнопазирии манзил ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ҳифз карда мешавад. Муҳимтарин санадҳои байналмилалӣ Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандӣ мебошанд. Ҳар як давлат ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзилро яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои инсон медонад. Тасдиқи ин андеша он аст, ки дар тамоми қонунгузории кишварҳои хориҷӣ, ки мо мавриди таҳлил қарор додаем, ҳам Конститутсия ва ҳам кодексҳои ҷиноятӣ ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзилро кафолат медиҳанд ва ҳимоя мекунанд.

**Адабиёт**


1. Горбунов А. Гарантии личной свободы в Англии / [Александр Владимирович] Горбунов. – Ростов-на-Дону: Донская речь, 1905. – 55 с.
2. Конституции государств Европейского Союза / ред. Л.А. Окуньков [и др.]; Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве РФ. – М.: Инфра-М – Норма, 1997. – 802 с.
3. Конституция и законодательные акты [Текст]: Перевод с английского / Сост.: Лафитский В. И.; Под ред. и со вступ. ст.: Жидков О.А. – М.: Прогресс-Универс, 1993. – 768 с.
4. Конституция Республики Болгария [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.concourt.am/armenian/legal_resources/world_constitutions/constit/bulgaria/bulgar-r.htm (дата обращение: 19.10.2022).
5. Малиновский А.А. Уголовное право зарубежных государств. Учебное пособие / Малиновский А.А. – М.: Новый Юрист, 1998. - 128 с.
6. Николайчик, В.М. Уголовный процесс США / В.М. Николайчик. – М.: Наука, 1981. – 224 с.
7. Серебренникова, А.В. Уголовно-правовая охрана права человека и гражданина на неприкосновенность жилища по УК Российской Федерации и УК Германии // Вестник Московского университета. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 2003, № 3. - С. 52-74.
8. Уголовное законодательство зарубежных стран (Англии, США, Франции, Германии, Японии). Сборник законодательных материалов / Под ред.: Козочкин И.Д. - М.: Зерцало, 2001. - 352 с.
9. Уголовный кодекс Австрии The Austrian Penal Code / Ассоциация юридический центр; пер. с нем. Л.С. Вихровой. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2004. – 352 с.
10. Уголовный кодекс Бельгии: нормативный документ / ред. Н.И. Мацнева; пер. с фр. Г.И. Мачковского. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2004. – 561 с.
11. Уголовный кодекс Голландии / науч. ред. Б.В. Волженкин. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2000. – 253 с.

12. Уголовный кодекс Дании / Ассоц. юрид. центр; науч. ред. и авт. предисл. канд. юрид. наук С.С. Беляев; пер. с дат. и англ.: С.С. Беляев, А.Н. Рычева. – СПб., 2001. – 171 с.

13. Уголовный кодекс Испании [Текст]. – М.: Зерцало, 1998. – 218 с.

14. Уголовный кодекс Литовской Республики [Текст]. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2003. – 470 с.

15. Уголовный кодекс Республики Болгария / Ассоц. юрид. центр; науч. ред. канд. юрид. наук., проф. А.И. Лукашов; пер. с болг. Д.В. Милушев; авт. вступ. ст. Й.И. Айдаров. – СПб., 2001. – 298 с.

16. Уголовный кодекс ФРГ / МГУ им. М.В. Ломоносова, Юрид. фак., Каф. уголов. права и криминологии; пер. с нем. и предисл. А.В. Серебренниковой. – М., 2001. – 208 с.

# ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ НИЗОМИ ҶИНОЯТҲО ДАР СОҲАИ АНДОЗ

**Давлатов Бахтиёр Саидакбарович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ
**Тел:** (+992) 933-87-87-86
**E-mail:** bakhtiyor_20@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Назаров А.Қ., доктори илмҳои ҳуқуқшинонсӣ, профессор
**Муқарриз:** Давлатзода К.Д., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Низоми ҷиноятҳо дар соҳаи андозҳо ва (ё) пардохтҳо яке аз масоили мубрам дар замони муосир ба ҳисоб рафта, диққати олимони пасошӯравиро ба худ ҷалб намудааст. То ҳол оид ба ин масъала мавқеи ягона ва умумиэътирофшуда ҷой надорад. Ин ба он оварда мерасонад, ки назария ва амалияи ҳуқуқтатбиққунанда дар бандубасти ҷиноятҳои ҳаммонанд, номгузории ин ҷиноятҳо, муқаррарнамоии низоми онҳо, ҷойгир кардани он дар бобҳои қонунгузории ҷиноятӣ (дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ) ба мушкилӣ дучор мешавад. Бинобар ҷой доштани чунин ҳолатҳо муаллиф дар мақоллаи мазкур бо дарназардошти таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, адабиёти илмӣ, амалияи ҳуқуқтатбиққунанда мавзуи низоми ҷиноятҳо дар соҳаи андозро мавриди баррасӣ қарор дода, ақидаи худро оиди ин масъала пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** Андозҳо ва (ё) пардохтҳо, низоми ҷиноятҳо дар соҳаи андоз, фаъолияти иқтисодӣ, аҳди ғайриқонунӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо, пардохтҳои гумрукӣ, объекти ҷиноят, мақомоти ваколатдори давлатӣ, соҳибкории ғайриқонунӣ, соҳибкории сохта, коғазҳои қиматноки қалбакӣ, манфиати молиявии давлат, буҷети давлат, муносибатҳои ҷамъиятӣ.

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СИСТЕМЫ ПРЕСТУПЛЕНИЙ В НАЛОГОВОЙ СФЕРЕ.

**Давлатов Бахтиёр Саидакбарович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет,
старший преподаватель кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности
**Тел:** (+992) 933-87-87-86
**E-mail:** bakhtiyor_20@mail.ru

**Научный руководитель:** Назаров А.К., доктор юридических наук, профессор.
**Рецензент:** Давлатзода К.Д., кандидат юридических наук, доцент.

**Аннотация:** Система преступлений в сфере налогов и (или) платежей считается одной из актуальных проблем современности и привлекает внимание постсоветских ученых. Единой и общепризнанной позиции по этому вопросу до сих пор не существует. Это приводит к тому, что теория и практика правоприменения при квалификации однородных преступлений, наименовании этих преступлений, установлении их системы, размещении ее в главах уголовного законодательства (в уголовном законодательстве зарубежных стран) ) сталкивается с трудностями. В связи с существованием подобных ситуаций автор в данной статье с учетом анализа уголовного законодательства зарубежных стран, научной литературы, правоприменительной практики рассмотрел тему системы преступлений в налоговой сфере и изложил свое мнение по этому вопросу.

**Ключевые слова:** Налоги и (или) платежи, система преступлений в налоговой сфере, экономическая деятельность, незаконные операции, физические и юридические лица, уклонение от уплаты налогов и (или) платежей, таможенные платежи, объект преступления, уполномоченные государственные органы, незаконное предпринимательство, фейк бизнес, поддельные ценные бумаги, финансовый интерес государства, государственный бюджет, связи с общественностью.

## THEORETICAL ANALYSIS OF THE SYSTEM OF CRIMES IN THE TAX FIELD

**Davlatov Bakhtiyor Saidakbarovich,**
Tajik National University, Law Faculty, Senior Lecturer of the Department of Criminalistic and judicial-expert activity
**Phone:** (+992) 933-87-87-86
**Email:** bakhtiyor_20@mail.ru

**Research supervisor:** Nazarov A.Q., doctor of legal sciences, professor.
**Reviewer:** Davlatzoda K.D., candidate of legal sciences, docent

**Annotation:** The system of crimes in the field of taxes and (or) payments is considered one of the pressing issues in modern times and has attracted the attention of post-Soviet scholars. There is still no unified and universally recognized position on this issue. This leads to the fact that the theory and practice of the law enforcement in the classification of similar crimes, the naming of these crimes, the establishment of their system, placing it in the chapters of the criminal legislation (in the criminal legislation of foreign countries) faces difficulties. Due to the existence of such situations, the author in this article,

taking into account the analysis of the criminal legislation of foreign countries, scientific literature, law enforcement practice, discussed the topic of the system of crimes in the tax field and presented his opinion on this issue.

**Keywords:** Taxes and (or) payments, system of crimes in the tax field, economic activity, illegal transactions, natural and legal persons, evasion of taxes and (or) payments, customs payments, object of crime, authorized state bodies, illegal business, fake business, counterfeit securities, financial interest of the state, state budget, public relations.

Дар низоми ҷиноятҳое, ки қонунгузории ҷиноятӣ онҳоро амали ғайриқонунӣ эътироф кардааст ҳуқуқвайронкунии андозӣ низ аз аҳамият холӣ нест. Имрӯз вобаста ба ин масъала дар адабиёти илмӣ ва қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ дигаргуниҳои зиёд дида мешавад, ки ин метавонад ба таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии он таъсири худро расонад. Амалияи ҳуқуқтатбиққунанда низ дар низоми ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, хусусиятҳои ҷиноятҳои соҳаи андозро ба таври гуногун баҳо медиҳад, ки ин ба бандубасти ҷиноятҳои ҳаммонанд метавонад таъсир расонад. Масалан дар қонунгузории ҷиноятии кишвари мо ҷиноятҳои соҳибкории ғайриқонунӣ ва саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо муқаррар гардидааст, ки қасди содиршавии ин ҷиноятҳоро аз ҳам ҷудо кардан мушкилиро ба бор меорад.

Дар адабиёти илмӣ низ низоми ҷиноятҳо дар соҳаи андозро ба таври гуногун шарҳ медиҳанд ва мавқеи ягонаву устувор, ки бевсита онро муайян кунад ҷой надорад. Маҳз ҳамин ҳолатҳо моро водор кард, ки масъалаҳои назариявии низоми ҷиноятҳо дар соҳаи андозро баррасӣ намоем.

Оид ба ин масъала андешаҳои олимон гуногун ба назар мерасанд, ки онҳоро мо мавриди таҳлил қарор медиҳем.

И.И. Кучеров ҷиноятҳои соҳаи андозро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад. Яке саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дигаре ҷиноятҳо ба муқобили андозситонӣ (соҳибкории ғайриқонунӣ, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин ва ғ.). Дар умум олим ҳамаи ин ҷиноятҳоро дар якҷоягӣ «Ҷиноятҳо ба муқобили андоз ва андозситонӣ» ном мебарад[315].

В.Д. Ларичев ҳам ҷиноятҳои соҳаи андозро ба ду категория ҷудо мекунад. Ба категорияи аввал ҷиноятҳо вобаста ба саркашӣ аз супоридани андозҳоро аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва ба категорияи дуюм бошад, ҷиноятҳо вобаста ба вайронкунии қонунгузории андоз (ба монанди соҳибкории ғайриқонунӣ, соҳибкории сохта, бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, аз хориҷа барнагардонидани воситаҳо ба асъори хориҷӣ)[316]. Таснифоти И.И. Кучеров ва В.Д. Ларичев як хел мебошанд. Ақидаи олимони номбурда агарчанде қобили дастгирӣ бошад ҳам, аз нигоҳи илмӣ баҳсталаб аст. Зеро муносибатҳои андозӣ байни андозсупорандагон ва давлат (мақомоти

---

[315] Кучеров И.И. Налоговые преступления. – М., 1997. – С. 17-18.

[316] Ларичев В.Д., Решетняк Н.С. Налоговые преступления и правонарушения. Кто и как их выявляет и предупреждает. – М., 1998. – С. 57-71.

ваколатдори давлатӣ вобаста ба ҳисоб ва ситонидани андоз) дутарафа ба миён меоянд. И.И. Кучеров ва В.Д. Ларичев танҳо кирдорҳои андозсупорандагонро баҳо додаанд, аммо дигар нишонаҳои тарафи объективии ҷиноятҳои зикршуда сарфи назар карда шудаанд.

Р.А. Сабитов, В.Г. Пишулин ва А.С. Хорошилов ақидаҳои олимони қаблан зикршударо бо якчанд асосҳо рад мекунанд. Онҳо чунин мешуморанд, ки аввалан объекти бевоситаи ҷиноятҳои соҳибкории ғайриқонунӣ, аҳди ғайриқонунӣ бо замин ва ғ. маблағи андозҳоро ташкил намедиҳанд, дуюм ин ки тарафи субъективии ин ҷиноятҳо саркашӣ аз супоридани андозҳо шуда наметавонанд. Вобаста ба аҳди ғайриқонунӣ бо замин бошад, сухан дар бораи кам кардани ҳаққи пардохти замин ва кирдори содиркардаи шахсони мансабдор оид ба ғараз ё дигар манфиатҳои шахсии онҳо меравад[317]. Аммо, ба ақидаи мо, олимони зикршуда нодуруст хулосабарорӣ кардаанд. Зеро ки ба ҷиноятҳои бо андоз алоқаманд, чи тавре ки дар боло қайд кардем, дар баробари вайрон кардани дигар қонунҳо қонунгузории андоз низ вайрон мешаванд. Аз ин лиҳоз, ин ҷиноятҳо бо ҷиноятҳои соҳаи андоз алоқаманд ном гирифтаанд. Дигар ин ки ин муаллифони зикршуда ақидаи худро на вобаста ба ҷиноятҳо дар соҳаи андоз, балки вобаста ба чинояти саркашӣ аз супоридани андозҳо пешниҳод намудаанд. Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо нисбати ҷиноятҳои соҳаи андоз нисбатан маънои маҳдуд доранд.

Б.В. Ятселенко ба гурӯҳи ҷиноятҳо дар соҳаи андоз дар баробари саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо маҷмуи ҷиноятҳо вобаста ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), ба ҳудуди давлат барнагардонидани сарватҳои бадеӣ, таърихӣ ё бостоншиносии халқҳои давлат ва мамлакатҳои хориҷӣ, бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид, вайрон кардани қоидаҳои ба давлат супоридани фулузот ва сангҳои қиматбаҳо, аз хориҷа барнагардонидани воситаҳо ба асъори хориҷӣ ва саркашӣ аз супоридани пардохтҳои гумрукиро низ шомил медонад[318]. Ба фикри мо, ақидаи олим каме васеътар оварда шудааст. Олим танҳо онро ба назар гирифтааст, ки ҳангоми содир шудани ин ҷиноятҳо мисли ҷиноятҳо дар соҳаи андоз зарар ба буҷети давлат мерасад. Лекин ин хусусияти овардашуда ҷиноятҳои мазкурро пурра ба ҷиноятҳо дар соҳаи андоз шомил карда наметавонад. Агар ин ҷиноятҳоро дар умум ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд номгузорӣ кунем, дурусттар мешавад.

Б.В. Леонтев бошад, ба ҷиноятҳо дар соҳаи андоз танҳо саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳоро аз шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ ном бурда, саркашӣ аз пардохтҳои гумрукиро истисно мекунад[319].

---

[317] Сабитов Р.А. Проблемы уголовной ответственности за налоговые преступления // Административно-правовые, уголовно-правовые, уголовно-процессуальные, криминалистические и иные меры противодействия экономическим, налоговым правонарушениям и преступлениям: Материалы Всероссийской научно-практической конференции. 4.1. – Челябинск, 2005. – С. 21.; Пищулин В.Г. Налоговое преступления: уголовно - правоые и криминологические аспекты: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 1999. – С. 71-72.

[318] Уголовное право России. Особенная часть: Учеб. / Под. ред. А.И. Рарога. – М., 1997 – С. 143-146.

[319] Уголовное право Российской Федерации. Особенная часть: Учеб. / Под. общ. ред. Г.Н. Борзенкова и В.С. Комисарова. – М., 1997 – С. 247-248.

Муаллиф фикри худро бо он асоснок мекунад, ки вақте мо ба ҷиноятҳо баҳогузорӣ мекунем, бояд ба объекти бевоситаи он назар кунем. Дигар ин ки саркашӣ аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ ба низоми иқтисодиёти берунаи давлат зарар мерасонад.

Ақидаи олим оид ба он ки ҳангоми баҳо додани ҷиноят ба объекти бевосита мо назар бояд кунем, қисман дуруст мебошад. Вале, ҳолате ки саркашӣ аз пардохти гумрукӣ ба низоми иқтисодии берунаи давлат зарар мерасонад, нодуруст мебошад. Зеро ки низоми молиявии давлат ҳам дохила ва ҳам берунаро дар назар дорад. Дуюм, низоми молиявии иқтисодиёти ҳам берунаи давлат ва ҳам дохилаи давлат аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ пур мешавад.

А.П. Кузнетсов[320] ақидаи айнан ба ҳамин монандро пешниҳод мекунад. Илова ба он, олим ақида дорад, ки ин ҷо манфиатҳои молиявии давлат танҳо бояд аз манбаи даромадҳои андоз вайрон гардад. Ба ақидаи мо, фикри олимон нопурра мебошанд. Зеро аввало, пардохтҳои андозӣ дар навбати худ як шакли пардохтҳои ҳатмии давлатӣ шуда метавонад. Дувум, пардохтҳои гумрукӣ барои анҷом додани амалиёти гумрукӣ ситонида шавад, маблағи андозӣ ва маблағҳои дигар пардохтҳои ҳатмӣ низ дар як навбат барои иҷрои кори муайян ситонида мешавад ва ё маблағҳои андозӣ барои амалиёти гумрукӣ низ ситонида мешавад. Масалан, соҳибкор то фаъолияти соҳибкориро анҷом надиҳад, андоз аз арзиши иловашуда ё андоз аз фоида намесупорад. Сеюм, ҳангоми насупоридани пардохтҳои гумрукӣ, андозӣ ва дигар пардохтҳо зарари молиявӣ ба давлат мерасад. Бинобар ин, пешниҳоди олимонро умумиэътирофшуда пазируфтан то андозае нодуруст аст.

Волженкин Б.В., В.Н. Кудрявсева, ва А.В. Наумова чунин мешуморанд, ки саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ ба ҷиноятҳо дар соҳаи андоз дохил намешаванд, зеро қонунгузории гумрук тартиби ситонидани пардохтҳои гумрукиро дар шакли алоҳида муқаррар кардааст. Яъне ҳангоми интиқоли бор ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади давлат аз ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ мегузаранд[321]. Ин ҷо тамоман амалиёт вобаста ба пардохти андозҳо дида намешаванд. Саркашӣ аз пардохтҳои гумрукиро ба ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд медонанд. Инчунин ба номгӯи амалиётҳои гумрукӣ, ки нисбати бор ва воситаҳои нақлиётӣ ҳангоми интиқол аз қаламрави давлат анҷом дода мешавад, ситонидани андоз ҳам дохил мешавад. Пас, пардохтҳои гумрукиро ба ҷиноятҳои соҳаи андоз дохил кардан аз эҳтимол дур нест.

Гурӯҳи дигари олимони ватанӣ ба монанди Сафарзода А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А[322]., ин ҷиноятҳоро ҷиноятҳо дар соҳаи андозу гумрук ном мебаранд, яъне онҳо саркашӣ аз супоридани андозҳо, аз пардохтҳои

---

[320] Кузнецов А.П. Преступления в сфере экономической деятельности: понятие, место и классификация // Следователь. – 1999. – № 4. – С. 11-12.

[321] Волженкин Б.В. Экономические преступления. – СПб., 1999. – С. 201; Кучеров И.И. Преступления в сфере налогообложения. – М., 1999. – С. 8-9; Российское уголовное право. Особенная часть: Учеб. / Под ред. В.Н. Кудрявцева и А.В. Наумова. – М, 1997. – С. 205.

[322] Сафарзода А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А., "Ҷиноятҳои иқтисодӣ". Васоити таълимӣ. – Душанбе, 2015 – С.

гумрукӣ ва аз супоридани дигар пардохтҳоро ба ҷиноятҳои соҳаи андоз дохил мекунанд. Онҳо ақидаи худро ба муқаррароти Кодекси ҷиноятии ҶТ муносиб карда, мавқеи худро асоснок кардаанд.

Л.Д. Гаухман бошад, ҷиноятҳо вобаста ба саркашӣ аз супоридани андозҳоро ба ҷиноятҳо дар соҳаи барасмиятдарории буҷет ва фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ, ки дар навбати худ ба гурӯҳи ҷиноятҳо, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба таъмини манфиатҳои иқтисодии давлат дар соҳаи молиявӣ мебошад, монанд медонад.[323] Муаллиф васеътар ин мафҳумро пешниҳод кардааст. Зеро ки на ҳама маблағҳое, ки ба фондҳои давлатӣ ва ғайридавлатии буҷетӣ дохиланд, тавассути саркашӣ аз супоридани андоз ба вуҷуд меоянд. Аз ин рӯ, ақидаи олим мафҳуми ҷиноятҳо дар соҳаи молиявии давлатро ташкил медиҳад.

Дар натиҷаи таҳлили ақидаҳои олимон вобаста ба ин масъала чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

1. Тамоми фикру ақидаҳои олимонро вобаста ба муайян намудани низоми ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

• ба гурӯҳи аввал андешаи ин олимонро метавон овард (Б.В. Леонтев, А.П. Кузнетсов, Б.В. Волженкин, В.Н. Кудрятсев, А.В. Наумова, Р.А. Сабитов, В.Г. Пишулин, С.А. Хорошилов), ки ба ҷиноятҳо дар соҳаи андоз танҳо саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дохил мешаванд(мутобиқ ба м.292-293 КҶ ҶТ). Масалан, Б.В. Леонтев пешниҳод дорад, ки ба ҷиноятҳо дар соҳаи андоз танҳо саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ дохил мешаванд, на саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ. Ҳангоми ба ҳар як ҷиноят баҳо додан бояд ба объекти бевоситаи он бояд назар кард,. Саркашӣ аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ ба низоми иқтисодиёти берунаи давлат зарар мерасонад[324].

• ба гурӯҳи дуюм мавқеи олимонеро шомил кардан мумкин аст (А.И. Сафарзода, Н.А. Қудратов, Ш.Н. Саидов), ки мутобиқи он ҷиноятҳо дар соҳаи андоз танҳо саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ мебошанд;

• махсусияти мавқеи гурӯҳи сеюми олимон (ба монанди И.И. Кучеров, В.Д. Ларичев, Б.В. Ятселенко, Л.Д. Гаухман) дар он аст, ки онҳо ҷиноятҳо дар соҳаи андозро ба ду гурӯҳи алоҳида ҷудо мекунанд: якум ҷиноятҳое бевосита ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳоро дар бар мегиранд. Дуюм ҷиноятҳои бо ҷиноятҳои андоз алоқаманд, яъне ҳангоми содир шуданашон дар баробари меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ боз қонунгузории андоз, дигар пардохтҳо, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ низ вайрон мегардад (ба ин монанд маҷмуи ҷиноятҳо вобаста ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), ба ҳудуди давлат барнагардонидани сарватҳои бадеӣ,

---

[323] Гаухман Л.Д., Максимов С.В. Преступления в сфере экономической деятельности. – М., 1998. – С. 17-19.

[324] Уголовное право Российской Федерации. Особенная часть: Учеб. / Под. общ. ред. Г.Н. Борзенкова и В.С. Комисарова. – М., 1997 – С. 247-248.

таърихӣ ё бостоншиносии халқҳои давлат ва мамлакатҳои хориҷӣ, бастани аҳди ғайриқонунӣ бо металҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид, вайрон кардани қоидаҳои ба давлат супоридани фулузот ва сангҳои қиматбаҳо, аз хориҷа барнагардонидани воситаҳо ба асъори хориҷӣ, саркашӣ аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ, соҳибкории ғайриқонунӣ, монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ, бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин).

2. Ба ақидаи мо бошад, ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ба чунин гурӯҳҳо ҷудо карда мешавад:

- Ҷиноятҳо вобаста ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо моддаҳои 292-293 КҶ ҶТ, ки объекти бевоситаи онҳо андозҳо ва ё пардохтҳоро дар назар дорад.
- Ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд. Яъне ҳангоми содир шудани онҳо дар баробари вайрон гардидани дигар қонунҳо, қонунгузории андоз низ вайрон мегардад. Ба ин мисол шуда метавонад, соҳибкории ғайриқонунӣ (м.259 КҶ ҶТ), қонунигардонии молу мулки бо роҳи ҷиноят ба дастомада (м.262 КҶ ҶТ), фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ (м.263 КҶ ҶТ), муфлисии сохта (м.276 КҶ ҶТ) ва ғайраҳо.
- Ҷиноятҳои ба сиёсати андоз алоқаманд, ки ин ҷо вобаста ба муқаррар кардани маблағи андоз, пеш бурдан ва ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳо, ба амал баровардани назорати андоз, шикоят аз болои санадҳои мақомоти андоз ва аз болои амал (беамалӣ)-и шахсони мансабдори онҳо, беамалӣ дар вазифа аз ҷониби кормандони андоз, монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ (м.258 КҶ ҶТ), бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин (м.261 КҶ ҶТ), инчунин дигар ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, ки бо истифода аз мақоми мансабии кормандони мақомоти ваколатдор оид ба ҷамъоварии андоз ва андозбандӣ, инчунин бо маслиҳати пешакӣ бо кормандони мақомоти андоз содир мешаванд.

**Адабиёт:**


1. Волженкин, Б.В. Экономические преступления [Текст] / Б.В. Волженкин. СПб.: «Юридический Центр Пресс», 1999. – 296 с.
2. *Гаухман, Л.Д.,* Максимов, С.В. Преступлениях в сфере экономической деятельности [Текст] / Л.Д. Гаухман, С.В. Максимов. – М.: Центр Юринфор, 1998. – 215 с.
3. Кузнецов, А.П. Преступления в сфере экономической деятельности: понятие, место, классификация [Текст] / А.П. Кузнецов // Следователь. – 1999. – № 4. – С. 11-12.
4. Кучеров, И.И. Преступления в сфере налогообложения [Текст] / И.И. Кучеров. – М., Юринфор, 1999. 136 с.
5. *Кучеров, И.И.* Налоговые преступления: учебное пособие [Текст] / И.И. Кучеров. – М. : Юринфор, 1997. – 224 с.
6. Ларичев, В.Д., Решетняк, Н.С. Налоговые преступления и правонарушения. Кто и как их выявляет и предупреждает [Текст] / В.Д. Ларичев, Н.С. Решетняк. – М, 1998. – 202 с.

7. Пищулин, В.Г. Налоговое преступления: уголовно - правоые и криминологические аспекты [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Пищулин Валерий Гаврилович. – Челябинск, 1999. – 160 с.

8. Российское уголовное право. Особенная часть: Учебник [Текст] / Под ред. В.Н. Кудрявцева А.В. Наумова. – М. 1997. – 538 с.

9. Сабитов, Р.А. Проблемы уголовной ответственности за налоговые преступления [Текст] / Р.А. Сабитов // Административно-правовые, уголовно-правовые, уголовно-процессуальные, криминалистические и иные меры противодействия экономическим, налоговым правонарушениям и преступлениям: Материалы Всероссийской научно-практической конференции. 4.1. – Челябинск, 2005. – С. 18-23.

10. Сафарзода, А.И., Саидов, Ш.Н., Қудратов, Н.А., “Ҷиноятҳои иқтисодӣ” [Матн] / А.И. Сафарзода, Ш.Н. Саидов, Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2015 – 176 с.

11. Уголовное право России. Особенная часть: Учеб. / Под. ред. А.И. Рарога. – М., 1997 – С. 143-146.

12. Уголовное право Российской Федерации. Особенная часть: Учебник [Текст] / Под. общ. ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комисарова. – М., 1997 – 672 с.

# ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ОБ АЗ ИФЛОСШАВӢ

**Абдуллозода Баҳодур Валӣ,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия
**Тел:** (+992) 989-09-46-42
**Email:** bakhodur.vali@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Сафарзода А.И., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Шарипов Т Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои ҳуқуқии байналмилалии ҳамкории давлатҳо оид ба пешгирии ифлос намудани об ва муқаррар намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои чунин кирдор баррасӣ мегарданд. Аз нимаи дуюми асри XX дар арсаи байналмилалӣ як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ таҳия ва қабул гардиданд, ки ифлос намудани обро маҳкум намуда, пурзӯр намудани ҳамкории давлатҳоро дар бурдани мубориза бо ин амалҳои ба ҷамъият хавфнок талаб намуданд. Албатта, таъсири ин санадҳо минбаъд дар муқаррар ва пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об дар қонунгузории миллӣ назаррас аст.

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки муқаррароти чунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз қабили Эъломияи Стокголмии СММ оид ба масъалаҳои муҳити зисти инсон аз соли 1972, Қоидаҳои Ҳелсинки оид ба истифодаи дарёҳои байналмилалӣ аз соли 1966, қатъномаҳои Институти ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба пешгирии ифлосшавии обҳои байналмилалӣ, Конвенсияи Комиссияи иқисодии Аврупоии СММ (Конвенсяи Ҳелсинки) оид ба ҳифз ва истифодаи обҳои фаромарзӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ аз соли 1992 ва Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи истифодаи намуди ғайрикиштигардии обҳои байналмилалӣ аз соли 1997-ро баррасӣ намуда, мафҳумҳои ифлос кардани об, таъсири фаромарзиро ошкор намояд.

Ба ақидаи муаллиф ифлос кардани об бо таъсири субъективии инсон сурат гирифта, он метавонад боиси расонидани зарари ҷиддӣ ба ҳаёту саломатии инсон, хоҷагии халқ ва дигар манфиатҳои давлатию ҷамъиятӣ гардад.

**Калидвожаҳо:** Ифлос намудани об, зарари ҷиддӣ, институти ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳифзи муҳити зист, қатънома, созишномаҳои бисёрҷониба, таъсири фаромарзӣ, ҳолатҳои фавқулодда, пешгирӣ.

# МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ ОХРАНЫ ВОД ОТ ЗАГРЯЗНЕНИЯ

**Абдуллозода Баходур Вали,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции
**Тел:** (+992) 989-09-46-42
**Email:** bakhodur.vali@mail.ru

**Научный руководитель:** Сафарзода А.И., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Шарипов Т.Ш., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются международно-правовые аспекты сотрудничества государств по предотвращению загрязнения вод и установлению юридической ответственности за такие действия. Со второй половины XX века на международной арене был разработан и принят ряд международно-правовых документов, осуждавших загрязнение вод и требовавших укрепления сотрудничества государств в борьбе с этими опасными для общества действиями. Конечно, влияние этих актов является значительным в установлении и ужесточении уголовной ответственности за загрязнение воды в национальном законодательстве.

Автор попытался анализировать таких международно-правовых документов, как Стокгольмская декларация ООН по проблемам окружающей человеческой среды 1972 г., Хельсинкские правила использования международных рек 1966 г., резолюции Института международного права по предотвращению загрязнения международных вод, Конвенция ЕЭК ООН по охране и использованию трансграничных водотоков и международных озер 1992 года и Конвенция ООН о праве на несудоходных видов использования международных водотоков 1997 года, выявить понятия загрязнения воды и трансграничного воздействия.

По мнению автора, загрязнение вод вызвано субъективным влиянием человека и может нанести серьезный ущерб жизни и здоровью человека, народному хозяйству и другим государственным и общественным интересам.

**Ключевые слова:** Загрязнение воды, серьезный ущерб, Институт международного права, охрана окружающей среды, резолюция, многосторонние соглашения, трансграничное воздействие, чрезвычайные ситуации, предотвращение.

# INTERNATIONAL LEGAL ASPECTS OF WATER PROTECTION FROM POLLUTION

**Abdullozoda Bakhodur Vali,**
Tajik National University, Law Faculty, assistant of the Department of criminal law and combatting the corruption
**Phone:** (+992) 989-09-46-42
**Email:** bakhodur.vali@mail.ru

**Scientific Director:** Safarzoda A.I., Doctor of Legal Sciences, Professor
**Reviewer:** Sharipov T.Sh.**,** Doctor of Legal Sciences, Professor

**Annotation:** This article discusses international legal aspects of cooperation between states to prevent water pollution and establish legal liability for such actions. Since the second half of the twentieth century, a number of international legal documents have been developed and adopted in the international arena, condemning water pollution and demanding strengthening of cooperation between states in the fight against these actions dangerous to society. Of course, the impact of these acts is significant in establishing and strengthening criminal liability for water pollution in national legislation.

The author tried to analyze such international legal documents as the UN Stockholm Declaration on the Problems of the Human Environment of 1972, the Helsinki Rules for the Use of International Rivers of 1966, resolutions of the Institute of International Law on the Prevention of Pollution of International Waters, the UNECE Convention on the Protection and Use of Transboundary Watercourses and International Lakes 1992 and the UN Convention on the Law of the Non-navigational Uses of International Watercourses 1997, identify the concepts of water pollution and transboundary impacts.

According to the author, water pollution is caused by subjective human influence and can cause serious damage to human life and health, the national economy and other state and public interests.

**Keywords:** Water pollution, serious damage, Institute of International Law, environmental protection, resolution, multilateral agreements, transboundary impact, emergency situations, prevention.

Дар охири солҳои 60-уми асри XX назди бисёр кишварҳои саноатӣ масъалаи ҳифзи об ва муҳити зист бо усулҳои ҳуқуқӣ ба миён омад. Инкишофи босуръати прогресси илмию техникӣ ва пурзӯр гардидани таъсири манфии инсон ба табиат онро тақозо намуданд, ки дар ҳаёти сиёсию иқтисодии ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаҳои экологӣ ба мадди аввал гузошта шаванд. Дар ин давра аз ҷониби як қатор кишварҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии комплексӣ қабул гардиданд, ки ҳифзи муҳити табииро аз таъсири манфии антропогенӣ дар роҳ монданд. Масалан, дар ИМА - қонунҳо дар бораи сиёсати миллӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист (с. 1969), дар бораи сифати муҳити зист (с. 1970); дар Фаронса — декретҳо дар бораи

ташкил намудани комиссияи миллии байниидоравӣ (с. 1969) ва қонун дар бораи таъсиси Кумитаи олии ҳифзи муҳити зист (с. 1970), дар Ҷопон бошад, қонуни асосӣ дар бораи ҳифзи муҳити зист (с. 1967) қабул гардиданд. Дар ИҶШС қонунгузор роҳи кодификатсияи соҳавии қонунгузории ҳифзи табиатро интихоб намуд.

Чи тавре ки В.В. Петров қайд мекунад, кодификатсияи соҳавии қонунгузории ҳифзи табиат ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ба таъсиси шароити таҳияи қонуни комплексӣ оид ба ҳифзи муҳити зист дар шакли том бунёд гузошт.

Соли 1972 дар Стокголм аввалин конфронси байналмилалии СММ оид ба муҳити зист баргузор гардид. Дар ин ҷо аввалин бор принсипҳои асосии муносибатҳои байни инсон ва табиат кор карда баромада, таҳдидҳои асосии башарият нишон дода шуданд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳамияти ҳамкориро барои фароҳам овардани муҳити мусоид барои инсон дарк намуд. Дар асоси тавсияҳои конференсияи СММ худи ҳамин сол Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист (UNEP) таъсис дода шуд. Аниқтараш, дар иҷлосияи 27 МУ СММ Қатъномаи 2997 (XXVII) аз 15 декабри соли 1972 «Чорабиниҳои ташкилӣ ва молиявӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳити зист»[325] қабул гардид. Дар асоси қатъномаи мазкур бо мақсади самаранок амалӣ гардидани тадбирҳое, ки баҳри муҳофизат ва беҳдошти муҳити зист аз тарафи давлатҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ нигаронида шудаанд, Барномаи СММ оид ба муҳити зист (минбаъд - ЮНЕП) ба ҳайси мақомоти доимии Маҷмааи Умумии СММ таъсис дода шуд. ЮНЕП баҳри таъмини роҳбарӣ ва ҳавасмандгадонии шарикӣ дар соҳаи муносибати эҳтиёткорона бо муҳити зист бо роҳи ташкили шароити мусоид барои беҳтар намудани сифати ҳаёти мардум ва давлат бе расонидани зарар ба насли оянда таъсис дода шудааст.

Дар доираи ЮНЕП лоиҳаҳои гуногун дар соҳаи экосистемаи рӯизаминӣ, баҳрӣ ва атмосфераи Замин таҳия ва қабул мегарданд. Ҳар сол дар чаҳорчӯбаи ЮНЕП 5 июн ҳамчун Рӯзи умумиҷаҳонии муҳити зист ҷашн гирифта мешавад[326].

Ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба ҳифзи объектҳои алоҳидаи табиӣ, аз ҷумла ҳифзи об санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қабул намуд. Бояд қайд намуд, ки баъзе аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба ҳифзи объекти об нигаронида шуда бошанд ҳам, аммо онҳо ба ҳифзи захираҳои оби баҳру уқёнусҳо равона гардидаанд. Аз сабаби он ки Тоҷикистон мамлакате мебошад, ки ба баҳр роҳ надорад ва Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи баҳрӣ ва дигар конвенсияҳо оид ба ҳифзи баҳрҳоро ба имзо нарасондааст, мо низ зарур шуморидем, ки ҳифзи захираҳои оби баҳрҳоро таҳқиқ накунем.

[325] Ниг.: Резолюция 2997 (XXVII) ГА ООН от 15 декабря 1972 г. «Организационные и финансовые мероприятия по международному сотрудничеству в области окружающей среды» [Манбаи электронӣ]. — URL: https://documents-dds-ny.un.org/doc/RESOLUTION/GEN/NR0/273/21/IMG/NR027321.pdf?OpenElement (санаи муроҷиат: 03.07.2023).

[326] Сабаби 5 июн интихоб гардидани Рӯзи умумиҷаҳонии муҳити зист аз он иборат аст, ки дар ин сана Конфронси Стокголм оид ба масъалаи муҳити зисти инсоният соли 1972 ба фаъолият шуруъ намуда буд.

Обҳои фаромарзӣ ба захираҳои табиии ду ё зиёда давлатҳо мансубанд. Танзими истифодаи захираҳои табиии ду ё зиёда давлатҳоро ба роҳ монда, ҳуқуқи байналмилалӣ аз он бармеояд, ки чунин истифода бояд тавассути ҳамкории давлатҳои манфиатдор амалӣ карда шавад ва дар асоси мубодилаи иттилоот ва машваратҳои пешакӣ сурат гирад[327]. Ҳуқуқи байналмилалӣ давлатҳоро вазифадор мекунад, ки захираҳои табииро истифода баранд ва сиёсати экологиро тавре пеш баранд, ки ба муҳити зисти дигар давлатҳо ё минтақаҳои берун аз салоҳияти миллӣ зарар нарасонанд. Масалан, тибқи принсипи 21 Эъломияи Стокголм аз 16 июни соли 1972[328] оид ба масъалаҳои муҳити зист инсон, давлатҳо ҳуқуқи соҳибихтиёрии коркарди захираҳои худро мувофиқи сиёсати экологӣ доранд ва барои бо фаъолияти худ ва амалӣ намудани салоҳияти худ ҷиҳати нарасонидани зарар ба муҳити зисти дигар давлатҳо ё минтақаҳое, ки аз доираи салоҳияти миллӣ берунанд, масъулият доранд.

Дар мураттабсозии ғайрирасмии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба ҳифзи об аз ифлосшавӣ саҳми созмонҳои байналмилалии ғайриҳукуматӣ, аз ҷумла ҷамъияти илмӣ хеле калон аст.

Дар Қоидаҳои истифодаи дарёҳои байналмилалӣ (Қоидаҳои Хелсинки), ки яке аз аввалин санадҳои кодификатсияшудаи ҳуқуқи байналмилалии об мебошад ва аз ҷониби созмони байналмилалии ғайриҳукуматии Ассотсиатсияи ҳуқуқи байналмилалӣ соли 1966 таҳия шудааст, моддаҳои IX-XI –и он ба масъалаи ҳифзи об бахшида шудаанд. Қоидаҳои Хелсинки истилоҳи "ифлосшавии об"-ро ҳамчун ҳама гуна тағйироти зараровар дар таркиб ва сифати об дар ҳавзаи обҷамъии байналмилалӣ (яъне обҳои фаромарзӣ) дар натиҷаи рафтори инсон мефаҳманд. Ин санад изҳор менамояд, ки мувофиқи принсипҳои истифодаи одилонаи обҳои ҳавзаи байналмилалӣ, давлат вазифадор аст:

а) ифлосшавии нави об ё дилхоҳ баланд бардоштани дараҷаи ифлосшавии об дар ҳавзаи байналмилалиро, ки ба қаламрави давлати дигари ҳавзаи ягона зиёни ҷиддӣ мерасонад, бартараф намояд;

б) тамоми тадбирҳои заруриеро андешад, ки ифлоскунии ҷойдоштаи обро дар ҳавзаи байналмилалӣ то дараҷае кам намояд, ки ба давлати дигари ҳавзаи ягона зиёни ҷиддӣ нарасад.

Ин қоида ба ифлосшавии обе дахл дорад, ки чи дар ҳудуди давлат ва чи берун аз ҳудуди давлат ба амал меояд, агар он дар натичаи амали ин ё он давлат ба амал омада бошад (моддаи 10 Қоидаҳои Ҳелсинки). Мувофиқи моддаи XI Қоидаҳои Ҳелсинки, тарафи гунаҳкор дар ифлосшавии об вазифадор аст, ки амалиёти зиёноварро бас кунад ва ҷуброни зарарро ба давлати ҷабрдида пардохт намояд. Дар сурате, ки давлат барои пешгирӣ кардани ифлосшавии об чораҳои зарурӣ андешида наметавонад, тавсия дода мешавад, ки фавран бо давлате, ки зарар дидааст, барои ба даст овардани созиши одилона дар ин шароит гуфтушунид анҷом диҳад. Аммо таъсири афзояндаи инсон ба муҳити зист

[327] Ниг.: Тимошенко А.С. Правовой режим природных ресурсов, разделяемых двумя или более государствами // Советское государство и право. 1977. № 6. С. 113.
[328] Ниг.: Действующее международное право. Т. 3. М, 1997. С. 682 – 687.

ва аз ҷумла ба обҳои фаромарзӣ нишон дод, ки созишномаҳои умумӣ барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ифлосшавии обҳои дарёҳои байналмилалӣ кофӣ нестанд. Аз ин рӯ, аз нимаи дуюми асри XX амалияи бастани созишномаҳо ва конвенсияҳо, ки ба ҳифзи махсуси обҳои фаромарзӣ аз ифлосшавӣ нигаронида шудаанд, инкишоф ёфт.

Дар мураттабсозии принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба ҳифзи об аз ифлосшавӣ саҳми Институти ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун ҷамъияти илмӣ хеле калон аст.

Дар масъалаи об Институт солҳои 1911, 1961 ва 1979 қатъномаи дахлдор қабул намуда буд, ки қоидаҳои истифода ва муҳофизати обҳои байналмилалиро танзим мекунанд. Аммо танҳо дар қатъномаи охирин, ки дар ш. Афина қабул гардидааст, дар масъалаи ҳифзи дарёҳо ва кӯлҳои байналмилалӣ сухан меравад.

Аз рӯи фаҳмиши Институти ҳуқуқи байналмилалӣ «ифлосшавӣ» маънои ҳама гуна тағйироти физикӣ, кимиёвӣ ё биологии таркиб ё сифати об мебошад, ки бевосита ё ғайримустақим дар натиҷаи фаъолияти инсон сурат гирифта, ба истифодаи қонунии обҳо таъсир ва ба ин васила зарар мерасонад. Дар ҳолатҳои алоҳида мавҷудияти ифлосшавӣ ва хусусиятҳои он то ҳадди имкон бо истинод ба меъёрҳои экологии муқаррарнамудаи созишномаҳо ё ташкилоту комиссияҳои байналмилалии салоҳиятдор муайян карда мешаванд.

Ҳангоми татбиқи ҳуқуқи соҳибихтиёрии худ оид ба коркарди захираҳои худ, мувофиқи сиёсати экологии худ ва бидуни зиён ба ӯҳдадориҳои шартномавии худ, тибқи Қатъномаи Афинагӣ давлатҳо ухдадоранд, ки фаъолияте, ки дар доираи салоҳияти онҳо ё таҳти назорати онҳо анҷом дода мешаванд, таъмин намоянд ва онҳо боиси ифлосшавии оби дарёҳо ва кӯлҳои байналмилалӣ нагардад.

Давлатҳо барои иҷрои ухдадориҳои худ тибқи моддаи Қатъномаи Афинагӣ тамоми чораҳои зарурииро меандешанд, то ҳама гуна шакли нави ифлосшавӣ ё афзоиши дараҷаи мавҷудаи ифлосшавӣ пешгирӣ карда шавад, ифлосшавии мавҷуда ҳарчи зудтар кам карда шавад. Чунин чораҳо бояд махсусан дар мавриди фаъолиятҳои хеле хатарнок ё фаъолиятҳое, ки ба минтақаҳо ё муҳити зист таъсири зиёд доранд, сахтгир бошанд[329].

Институти ҳуқуқи байналмилалӣ вазъияти иқтисодии давлатҳои рӯ ба инкишофро ба назар гирифта, ба давлатҳои мутараққӣ ва созмоншои босалоҳияти байналмилалӣ муроҷиат мекунад, ки ба ин давлатҳо дар масъалаи ҳифзи обҳои фаромарзиашон аз ифлосшавӣ ёрии техникӣ ё хар гуна ёрии дигареро расонанд.

Бо дарназардошти ин меъёр барои беҳтар намудани ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи об созмонҳои бонуфузи байналмилалии байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ, аз қабили САҲА, ниҳодҳои махсуси СММ, Иттиҳоди Аврупо, Бонки Аврупои таҷдид

[329] The Pollution of Rivers and Lakes and International Law [Манбаи электронӣ]. — URL: https://www.idi-iil.org/app/uploads/2017/06/1979_ath_02_en.pdf (санаи муроҷиат: 01.09.2023).

ва рушд, USAID, GIZ, Helvetas, JIKA ва ғайра лоиҳаҳои гуногуни обро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ мекунанд.

Масъалаи ҳифзи объектҳои об дар Конвенсияи Комиссияи иқисодии Аврупоии СММ (Конвенсяи Ҳелсинки) оид ба ҳифз ва истифодаи обҳои фаромарзӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ аз 17 марти соли 1992 ва прокотоли иловагии он – Протокол оид ба масъалаҳои об ва саломатӣ аз 17 июни соли 1999 танзим шудааст.

Дар дебочаи Конвенсияи Ҳелсинки омадааст, ки иарафҳои Конвенсия зарурати пурзӯр намудани тадбирҳои миллӣ ва байналмилалиро оид ба пешгирӣ кардан, маҳдуд сохтан ва кам кардани партовҳои моддаҳои хатарнок ба муҳити обӣ ва кам кардани эвтификатсия ва туршкунӣ, инчунин ифлосшавии муҳити баҳрӣ, махсусан дар минтақаҳои наздисоҳилӣ аз манбаъҳои заминӣ таъкид менамоянд[330].

Дар моддаи 2 Конвенсия омадааст, ки "Тарафҳо барои пешгирӣ, маҳдуд кардан ва кам кардани ҳама гуна таъсири фаромарзӣ тамоми чораҳои заруриро меандешанд". Конвенсияи мазкур истилоҳи "таъсири фаромарзӣ"-ро истифода намудааст.

«Таъсири фаромарзӣ» маънои ҳама гуна таъсири манфии назаррасеро дорад, ки дар натиҷаи тағйирёбии ҳолати обҳои фаромарзӣ бо таъсири фаъолияти инсон ба вуҷуд омадааст ва манбаи физикии он пурра ё қисман дар минтақаи таҳти салоҳияти як тараф ҷойгир асту, ин таъсир ба муҳити зист дар минтақаи дар доираи салоҳияти Тарафҳои дигар қарордошта расидааст. Ба шумораи чунин оқибатҳо ба муҳити зист оқибатҳо барои саломатӣ ва бехатарии одамон, олами наботот,хок, ҳаво, об, иқлим, ландшафт ва ёдгориҳои таърихӣ ё дигар объектҳои моддӣ ё таъсири мутақобилаи ин омилҳо дохил мешаванд; ба шумораи онҳо инчунин оқибатҳо барои мероси фарҳангӣ ё шароити иҷтимоию иқтисодӣ, ки аз тағйирёбии ин омилҳо бармеоянд, дохил мешаванд[331].

Конвенсияи Ҳелсинки принсипи "ифлоскунанда пардохт мекунад"-ро муқаррар намуд, ки тибқи он хароҷоти вобаста ба чораҳои пешгирӣ, маҳдудсозӣ ва кам кардани ифлосшавӣ ба зиммаи ифлоскунанда гузошта мешавад.

Аз рӯи Конвенсияи мазкур Тарафҳо бо мақсади пешгирӣ, маҳдуд кардан ва кам кардани таъсири фаромарзӣ тадбирҳои дахлдори ҳуқуқӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва техникиро таҳия, тасдиқ ва амалӣ намуда, дар ҳолати барои амалӣ гаштани ин мақсадҳо кӯшиш мекунанд:

a) пешгирӣ, маҳдуд кардан ва кам кардани партовҳои моддаҳои ифлоскунанда тавассути технологияи кампартов ва бепартов;

b) ҳифзи обҳои фаромарзӣ аз ифлосшавӣ аз манбаъҳои нуқтаӣ тавассути додани иҷозати пешакӣ барои партовҳои обҳои партов аз

---

[330] Ниг.: Конвенция по охране и использованию трансграничных водотоков и международных озёр от 17 марта 1992 г. // Конвенция по охране и использованию трансграничных водотоков и международных озер от 17 марта 1992 г. // Юридический сборник № 2. – 1997. Ташкент, 1997. – С. 15–30.

[331] Ниг.: Протокол по проблемам воды и здоровья к Конвенции по охране и использованию трансграничных водотоков и международных озер 1992 года // https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/water_protection.shtml (санаи муроҷиат: 12.07.2023).

ҷониби мақомоти салоҳиятдори миллӣ ва амалигардонии мониторинги партовҳои иҷозатшуда ва назорат аз болои онҳо;

c) муқаррар намудани ҳадд барои партофтани обҳои партови дар иҷозатномаҳо пешбинишуда дар асоси технологияи беҳтарини партови моддаҳои хатарнок;

d) ҷорӣ намудани талаботҳои сахттаре, ки дар баъзе мавридҳо ҳатто ба манъи партовҳо оварда мерасонанд, агар ин бо зарурати нигоҳ доштани сифати дахлдори об ё экосистема тақозо карда шавад;

e) дар мавридҳои зарурӣ ба кор бурдани коркарди биологӣ ё ҷараёнҳои эквивалентӣ нисбат ба обҳои партови коммуналӣ;

f) андешидани чораҳои дахлдор, аз ҷумла тавассути татбиқи технологияи беҳтарини мавҷуда барои кам кардани воридоти моддаҳои биогенӣ аз манбаъҳои саноатӣ ва коммуналию маишӣ;

g) таҳия ва татбиқи чораҳои дахлдор ва таҷрибаи пешқадами экологӣ барои кам кардани воридоти моддаҳои биогенӣ ва хатарнок аз манбаъҳои паҳншуда, махсусан дар он ҷое, ки кишоварзӣ манбаи асосӣ мебошад;

h) татбиқи таъсири устувор ба муҳити зист ва усулҳои дигари арзёбӣ;

i) мусоидат ба идоракунии устувори захираҳои об, аз ҷумла татбиқи равиши экосистемавӣ;

j) таҳияи нақшаҳои амал дар ҳолатҳои фавқулодда;

k) андешидани тадбирҳои иловагии мушаххас оид ба пешгири ифлосшавии обҳои зеризаминӣ;

l) кам кардани хатари ифлосшавии садамавӣ.

Бо ин мақсад ҳар як Тараф меъёрҳои лимити партовҳои моддаҳои ифлоскунандаро аз манбаъҳои нуқтаӣ ба обҳои рӯизаминӣ дар асоси технологияи беҳтарин муқаррар менамояд.

Ҳифзи ҳуқуқии байналмилалии об ҳамчунин мавзӯи танзими Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи истифодаи намуди ғайрикиштигардии обҳои байналмилалӣ аз 21 майи соли 1997[332] мебошад.

Конвенсияи мазкур принсипи "нарасонидани зарари назаррас"-ро муқаррар менамояд, ки тибқи он давлатҳои маҷрои обӣ ҳангоми дар қаламрави худ истифода бурдани оби байналмилалӣ тамоми чораҳои зарурӣро меандешанд, то ба дигар давлатҳои маҷрои обӣ зарари назаррас нарасонанд. Дар сурате, ки бо вуҷуди ин ба давлати дигари наздисоҳилӣ зарари назаррас расонида шавад, давлате, ки чунин зарар расонидааст, дар сурати мавҷуд набудани созишнома дар бораи чунин истифода, бо назардошти принсипи истифода ва идораи одилонаю оқилонаи об тамоми чораҳои дахлдорро меандешад, бо давлати зарардида маслиҳат мекунанд, то ки ин зарар бартараф ё кам

332 Ниг.: Конвенция о праве несудоходных видов использования международных водотоков от 21 мая 1997 г. [Электронный ресурс]. — URL: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/watercrs.shtml (Санаи мурочиат: 04.08.2023).

карда шавад, дар мавридҳои зарурӣ масъалаи товони зарарро муҳокима мекунанд (м. 7 Конвенсия).

Ифлос намудани об, ки бараъло ба ҳаёт ва саломатии одамон таҳдид мекунад, яке аз амалҳое мебошад, ки боиси расонидани зарари назаррас ба давлати дигари наздисоҳилӣ мегардад[333].

Конвенсияи соли 1997 зери истилоҳи "ифлос намудани обҳои байналмилалӣ" дилхоҳ тағйир ёфтани таркиб ва сифати оби байналмилалиро мефаҳмад, ки мустақиман ё ғайримустақим натиҷаи фаъолияти инсонӣ ба ҳисоб меравад (банди 1 моддаи 21). Мазмуни Муоҳидаи мазкурро Комиссияи ҳуқуқи байналмилалӣ маънидод намуда, қайд мекунад, ки ин таъриф дилхоҳ ифлос карданро дар бар мегирад, новобаста аз он ки вай боиси расидани зарари "назаррас" гардидааст ё не[334].

**Адабиёт:**


1. Баскин Ю.Я. Международноправовые вопросы борьбы с загрязнением вод // http://wcb 1.law.edu.ru/script/cntsource.asp?cntro== 100014847 (санаи мурочиат: 12.09.2023).
2. Гуреев С.А., Тарасова И.Н. Международное речное право. Учебное пособие. – М., 2004. – С. 174.
3. Действующее международное право. Т. 3. М, 1997. С. 682 – 687.
4. Конвенция о праве несудоходных видов использования международных водотоков от 21 мая 1997 г. [Электронный ресурс]. — URL: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/watercrs.shtml (дата обращения: 04.08.2023).
5. Конвенция по охране и использованию трансграничных водотоков и международных озёр от 17 марта 1992 г. // Конвенция по охране и использованию трансграничных водотоков и международных озер от 17 марта 1992 г. // Юридический сборник № 2. — 1997. Ташкент, 1997. — С. 15-30.
6. Протокол по проблемам воды и здоровья к Конвенции по охране и использованию трансграничных водотоков и международных озер 1992 года // https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/water_protection .shtml (санаи мурочиат: 12.10.2023).
7. Раҷабов С.А., Ҷабборов Ф.Н. Масоили актуалии ҳуқуқи байналмилалии об. Монография. Душанбе: Эр-граф, 2018. – С. 139.
8. Резолюция 2997 (XXVII) ГА ООН от 15 декабря 1972 г. «Организационные и финансовые мероприятия по международному сотрудничеству в области окружающей среды» [Манбаи электронӣ]. — URL: https://documents-dds-


[333] Ниг.: Раҷабов С.А., Ҷабборов Ф.Н. Масоили актуалии ҳуқуқи байналмилалии об. Монография. Душанбе: Эр-граф, 2018. – С. 139.

[334] Ниг.: Гуреев С.А., Тарасова И.Н. Международное речное право. Учебное пособие. М., 2004. – С. 174.

ny.un.org/doc/RESOLUTION/GEN/NR0/273/21/IMG/NR027321.pdf?OpenElement (санаи руҷуъ: 03.10.2023).

9. Тимошенко А.С. Правовой режим природных ресурсов, разделяемых двумя или более государствами // Советское государство и право. 1977. № 6. С. 113.

10. The Pollution of Rivers and Lakes and International Law [Манбаи электронӣ]. — URL: https://www.idi-iil.org/app/uploads/2017/06/1979_ath_02_en.pdf (санаи муроҷиат: 01.10.2023).

# МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ РЕТСИДИВИ ҶИНОЯТ

**Сафарзода Носир Нодирҷон,**
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷуи институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов
**E-mail:** Nekruz.Safarzoda @mail.ru
**Тел:** (+992) 934-38-00-00

**Роҳбари илмӣ:** Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшинонсӣ, профессор
**Муқарриз:** Камолов З.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Амалияи ҳуқуқтатбиққкунанда имрӯз дар бандубасти ҷиноят, муайян кардани кирдори ҷиноятӣ, баҳо додан ба он, фарқиятгузории бандубасти ҷиноят аз рӯи ретсидиви ҷиноят ё такрори ҷиноят ба мушкилиҳои зиёд дучор мешавад. Зеро таркиби маҷмуи ҷиноят, такрори ҷиноят ва ретсидиви ҷиноят бо ҳам монандӣ дошта, дар фарқгузорӣ каме мушкилоти амалиявӣ дида мешавад. Таҳлили дуруст ва амиқи чунин падидаҳоро дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ олимон зиёд бурдаанд, вале ақидаи ягонаву мушаххаст ва умумиэътирофшуда ҷой надорад.

Дар мақолаи мазкур масъаллаҳои мафҳуми ретсидиви ҷиноят, алоқамандии он бо такрори ҷиноят, ретсидив бо ҳолатҳои вазнинкунанда, ретсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок, аломатҳои хавфнокии ретсидиви ҷиноят ва дигар ҳолатҳо баррасӣ шудааст.

Муаллиф бо дарназардошти адабиёти илмӣ ва таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷа ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ретсидиви ҷиноят, аломатҳои он, аломатҳои вазнинкунанда, ки хавфнок ё махсусан хавфнокии онро муайя мекунад, мавриди баррасӣ қарор дода, ақидаҳои асосноки худро пешниҳод кардааст. Ин ҳолат метавонад дар амалияи имрӯза аз ҷониби кормандони мақомоти таъқиби ҷиноятӣ истифода гардад.

**Калидвожаҳо:** Ҷиноят, ретсидиви ҷиноят, аломатҳои таркиби ҷиноят, ретсидиви хавфнок, такрори ҷиноят, таркиби ҷиноят, хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, содиршавии ҷиноят, ҳолатҳои вазнинкунанда, кирдор, кирдори ҷиноятӣ.

# ОПРЕДЕЛЕНИЕ И ПРИЗНАКИ РЕЦИДИВА

**Сафарзода Насир Надирджон,**
Национальная академия наук Таджикистана, соискатель института философии, политологии и право имени А. Баховаддинов
**Тел:** (+992) 934-38-00-00
**E-mail:** Nekruz.Safarzoda @mail.ru

**Научный руководитель:** Шарипов Т.Ш., доктор юридических наук, профессор
**Кандидат:** Камолов З.А., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Сегодня правоприменитель сталкивается с множеством трудностей при квалификации преступлений, выявлении преступного деяния, его оценке, дифференциации квалификации преступлений по признаку рецидива или повторения преступлений. Поскольку состав общей преступности, повторности преступлений и рецидивов преступлений аналогичен, при их различении возникают некоторые практические проблемы. Правильный и глубокий анализ подобных явлений проведен многими учеными уголовно-правовой науки, однако единого, конкретного и общепризнанного мнения не существует.

В данной статье рассматриваются вопросы понятия рецидивизма, его связи с рецидивизмом, рецидива при отягчающих обстоятельствах, опасного и особо опасного рецидива, признаков опасного рецидива и других ситуаций.

С учетом научной литературы и анализа уголовного законодательства зарубежных стран и уголовного законодательства Республики Таджикистан автором рассмотрены вопросы рецидивизма, его признаков, отягчающих признаков, определяющих его опасность или особенности его опасности, и представлены его обоснованное мнение. Эту ситуацию могут использовать в сегодняшней практике сотрудники правоохранительных органов.

**Ключевые слова:** Преступление, рецидивизм, признаки преступления, опасный рецидив, рецидивизм, состав преступления, общественная опасность преступления, совершение преступления, отягчающие обстоятельства, деяние, преступное деяние.

## DEFINITION AND SIGNS OF RECIDIVISM

**Safarzoda Nasir Nadirjon,**
National Academy of Sciences of the Tajikistan, fpplicant of the institute of philosophy, political science and law after name of A. Bahovaddinov
**Phone:** (+992) 934-38-00-00
**E-mail:** Nekruz.Safarzoda @mail.ru

**Academic supervisor:** Sharipov T.Sh., doctor of legal sciences, professor
**Reviwer:** Kamolov Z.A., candidate of legal sciences, docent

**Summary:** Today, the law enforcer faces a lot of difficulties in the classification of crime, identification of criminal act, evaluation of it, differentiation of criminal classification based on recidivism or repetition of

crime. Because the composition of the total crime, repetition of the crime and recidivism of the crime are similar, there are some practical problems in the distinction. The correct and deep analysis of such phenomena has been carried out by many scientists in the science of criminal law, but there is no single, specific and universally recognized opinion.

In this article, the issues of the concept of recidivism, its connection with recidivism, recidivism with aggravating circumstances, dangerous and especially dangerous recidivism, signs of dangerous recidivism and other situations are discussed.

Taking into account the scientific literature and the analysis of the criminal legislation of foreign countries and the criminal legislation of the Republic of Tajikistan, the author discussed the issues of recidivism, its signs, aggravating signs that determine its danger or especially its danger, and presented his justified opinions. This situation can be used in today's practice by law enforcement officers.

**Keywords:** Crime, recidivism, signs of crime, dangerous recidivism, recidivism, crime composition, public danger of crime, commission of crime, aggravating circumstances, act, criminal act.

Ретсидив шакли хавфноктарини сершумории ҷиноятҳо мебошад, зеро шахс на танҳо на камтар аз ду ҷиноят содир мекунад, балки қасдан фаъолияти ҷиноятиро давом дода, баъди маҳкум шудан барои ҷинояти якум боз ҷинояти нав содир менамояд.

Хавфнокии ҷамъиятии ретсидив дар он ифода меёбад, ки тавассути ҷиноятҳои такрорӣ шахсони онро содиркарда ҳаҷму доираи зарарро ба одамони алоҳида, ҷамъият, давлат зиёд намуда, ҳамчун ҳомилони одатҳо, ахлоқҳо ва психологияи ба худ хоси ҷиноятӣ, онҳоро фаъолона ба дигарон таҳвил медиҳанд, ки дар натиҷа ин боиси криминализатсияи аҳолӣ мегардад[335].

Истилоҳи «ретсидив» аз калимаи лотинии «recidivus» гирифта шуда, маънои баргарданда,[336] «бозгашт, такрори ягон ҳодиса пас аз зоҳиран ғайбзании он»-ро ифода мекунад[337]. Ҳамин тариқ, унсури зарурии мазмуни этимологии мафҳуми ретсидив такрори ягон ҳодиса, мавҷудияти ду ҳодисаи якдигарро пайгирикунанда ба ҳисоб меравад.

Ба мафҳуми ретсидив фикру андешаҳои зиёди муаллифони мухталиф бахшида шудааст. Тамоми ин андешаҳо ба як аломати тағйирнопазир асос меёбанд – аз тарафи як шахс пай дар ҳам содир гардидани ду ҷиноят. Монандии мафҳумҳо дар ин хотима меёбад ва ба ҷойи он вариатсияҳои гуногуни ду ва ё зиёда ҷиноятҳо,ба ҷавобгарӣ кашида шудан, доғи судӣ, адои ҷазо ва ғайра меоянд.

Мо мехоҳем ин нуқтаҳои назарро бо мақсади ба низомдарории онҳо

[335] Ниг.: Соболев А. Ю. Сроки судимости в уголовном праве. Автореф. дис… канд. юр. наук. М. 2000. –С. 3.

[336] Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Раҳимзода Р.Ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе, 2019. – С. 341.

[337] Заярная Н.В. Уголовно-правовая регламентация рецидива преступлений: дисс…канд. юрид. наук. Ростов-на-Дону,2008. - С.15; Словарь современных иностранных слов. – М.,1993. – С. 532.

ба гурӯҳҳои муайян тақсим намоем.

Ба андешаи муаллифони гурӯҳи якум ретсидив ин такроран содир шудани ҳама гуна ҷиноят пас аз маҳкум гардидан барои ҷинояти қаблан содиркарда мебошад[338]. Ҷонибдорони ин гурӯҳ андешаи худро бо он асоснок менамоянд, ки шахси такроран пас аз маҳкумӣ барои ҷинояти қаблӣ ҷиноятсодиркарда барои ҷамъият хавфноктар мебошад, чунки кирдорҳои ӯ алакай як бор мавзӯи маломат ва мазаммат аз тарафи суд қарор гирифта буданд; кирдори ҷиноятиро такрор намуда, инсон дидаю дониста огоҳии пештар нисбати ӯ анҷомёфтаро инкор менамояд ва нисбат ба талаботи қонун беэътиноӣ зоҳир мекунад. Мо дурустии ин гуфтаҳоро инкор намекунем, аммо, ба андешаи мо, онҳо ҳаққонӣ будани эътирофи андешаи ин гурӯҳи муаллифонро асоснок намекунанд.

Такроран содир намудани ҷиноят баъди маҳкум гардидан барои ҷинояти қаблӣ, албатта шахсро аз лиҳози манфӣ тавсиф менамояд. Аммо чунин ҳолати шахс, ки ӯро аз лиҳози манфӣ тавсиф мекунад, барои ҷудо намудани ретсидив аз дигар падидаҳои беруниии ба он монанд асоси кофӣ намебошад.

Ба андешаи муаллифони гурӯҳи дуюм таҳти редсидив бояд танҳо содир намудани ҷиноятҳои якхела ва ё шабеҳ пас аз адои ҷазо фаҳмида шавад.

Ин гуруҳи олимон аломатҳои ретсидивро танҳо дар ҳолати такрор шудани ҷиноятҳои монанд ва ё якхела медиданд.. Яке аз шартҳои ҳатмии ретсидивист эътироф кардани шахс - муқаррар намудани хусусияти шабеҳи ҷиноятҳои содиркардаи ӯ мебошад. Содир гардидани ҷиноятҳои мухталиф аз тарафи шахсе, ки барои ҷинояти қаблан содирнамуда доғи судӣ дорад, дар хусуси тахассуси криминалӣ ва хавфнокии баланди ҷамъиятӣ доштани ӯ шаҳодат намедиҳад[339]

Мафҳуми пешниҳодкардаи намояндагони гурӯҳи дуюм тамоми намудҳои ретсидивро фаро намегирад. Содир гардидани ҷинояти якхела ва ё монанд пас аз адои ҷазо метавонад танҳо дар хусуси мавҷудияти яке аз намудҳои ретсидив – ретсидиви махсус гувоҳӣ диҳад. Дар робита ба ин, мо бо чунин нуқтаи назар розӣ шуда наметавонем.

Муаллифони гурӯҳи сеюм таҳти ретсидиви ҷиноят ҷинояти такрориро мефаҳманд, ки аз тарафи шахси қаблан судшуда, пурра ва ё қисман ҷазоро барои ҷинояти қаблӣ адонамуда содир гардидааст, агар доғи судӣ бардошта шуда ва ё тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун

---

[338] Карпец И. И. Индивидуализация наказания в советском уголовном праве. Москва, 1961, -С. 110; Кудрявцев В. Н. Теоретические основы квалификации преступлений. – Москва, 1963. – С. 314; Яковлев А. М. Совокупность преступлений по советскому уголовному праву. – Москва, 1960. – С. 38; Гришанин П. Ф. Ответственность преступников-рецидивистов по советскому уголовному праву. – Москва, 1974. – С. 16-17; Кафаров Т. М. Проблема рецидива в советском уголовном праве. Баку, 1972. – С. 14; Ниедре А. М. Понятие рецидива преступлений и уголовная ответственность рецидивистов. Автореферат дисс... канд. юрид. наук. Рига, 1971. – С. 7; Малков В. П. Множественность преступлений по советскому уголовному праву. Автореферат дисс... канд. юрид. наук. Казань, 1974, - С. 14; Феоктистов М. В. Ответственность особо опасных рецидивистов по уголовному законодательству Российской Федерации. Дисс... канд. юрид. наук. – Краснодар, 1996. – С. 39.

[339] Шляпочников А.А. Некоторые вопросы борьбы с преступностью / А.А. Шляпочников // Советская юстиция. 1957. № 3. – С. 41; Яковлев А.М. Совокупность преступлений по советскому уголовному праву / А.М. Яковлев. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 45.

барҳам нахӯрда бошад[340].

Чунончӣ, ба андешаи И. Б. Агаев ретсидиви ҷиноят бояд чунин муайян гардад: такроран содир гардидани ҷиноят аз тарафи шахсе, ки доғи судии бардошта нашуда ва ё тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун барҳамнахӯрда дошта, ҷазоро барои ҷинояти қаблан содиркарда пурра ва ё қисман адо намудааст[341].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбати он ки барои мавҷуд будани ретсидив худи далели маҳкумшавӣ бо ҳукми суд кофӣ аст ё инчунин адои ҷазои таъиншуда талаб мегардад, андешаи ягона ҷой надорад. Дар доираи ин масъала  се андешаи гуногун баён мешавад.

Тибқи нуқтаи назари якум, ретсидив – ҳангоми содир шудани ҷиноят аз тарафи шахсе, ки қаблан барои содир намудани ҷинояти дигар маҳкум гардидааст, эътироф карда мешавад, новобаста аз он, ки ӯ ҷазоро адо намуда буд ё на. В.И. Ткаченко қайд менамояд, ки «барои ретсидиви ҷиноят ҳолати адо намудани ҷазо аз рӯи ҳукми пештара аҳамият надорад. Он танҳо ҳангоми интихоби намуди муассисаи ислоҳӣ дар сурати маҳкум гардидани шахс ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба инобат гирифта мешавад»[342].

Барои эътирофи ретсидив муқаррар шудани факти маҳкум гардидан барои ягон кирдори ҷиноятӣ ва пас аз ин содир кардани ягон ҳуқуқвайронкунии ҷиноятии нав кифоя аст.

Мутобиқи нуқтаи назари дуюм, барои ба вуҷуд омадани ретсидив пурра ва ё қисман адо намудани ҷазои қаблан таъиншуда талаб карда мешавад[343].

Билохира, як гурӯҳи дигари назариячиён бар он андешаанд, ки барои ретсидив пурра адо намудани ҷазо аз рӯи ҷинояти қаблӣ зарур мебошад. Ҷонибдорони ин нуқтаи назар барои пурзӯр намудани чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ нисбати ретсидивистон чунин асосеро баррасӣ менамоянд, ки онҳо дар гузашта ҷазо адо намудаанд ва он ҷазо барои пешгирӣ кардани ҷиноятҳои нав кифоя набудааст, яъне боиси ислоҳшавии онҳо нагардидааст. К.А. Панков оид ба масъала чунин менависад: «Ретсидив – ин яке аз намудҳои хавфноктарини сершумории ҷиноятҳо мебошад, вақте ки мақсади пешгирикунии махсус новобаста аз он, ки на танҳо таъини ҷазо, балки иҷрои он низ амалӣ гаштааст, ба даст намеояд»[344].

Ба андешаи Ю.М. Ткачевский ретсидив танҳо пас аз адои пурраи

[340] Панько К. А. Рецидив в советском уголовном праве. Воронеж, 1983. – С. 54; Ефимов М. А., Шкурко В. А. Рецидивная преступность и ее предупреждение. Минск, 1977. – С. 5; Шутов Ю. И. Рецидивная преступность и меры борьбы с ней по советскому уголовному праву. Автореферат дисс... канд. юрид. наук. Свердловск, 1965.

[341] Агаев И.Б. Проблемы совершенствования уголовно-правовых норм об ответственности за рецидив преступлений. Дисс.канд…юрид…наук. Баку,2000. – С. 32.

[342] Ниг.: Уголовное право Российской Федерации: Общ. ч. /Под ред. Б.В.Здравомыслова. С. 281. Чунин ақидаро М.И.Бажанов низ ҷонибдорӣ менамояд:  Ниг.: Бажанов М.И. Множественность преступлений по уголовному праву Украины. Харьков, 2000. – С. 66.

[343] Ефимов М.Л., Шкурко В.А. Рецидивная преступность и ее предупреждение. Минск, 1977; Агаев И.Б. Рецидив в системе множественности преступлений. – М., 2002. – С. 34-37; Феоктистов М.В. Ответственность особо опасных рецидивистов по уголовному законодательству Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Краснодар, 1996.

[344] Панько К.А. Вопросы общей истории рецидива в советском уголовном праве. – Воронеж, 1988. – С. 51

ҷазо барои ҷинояти қаблӣ пайдо шуда метавонад[345]. Чунин андешаро олимони дигар низ ҷонибдорӣ намуда, чунин қайд менамоянд: “ то адои пурраи ҷазо тамоми чораҳои ислоҳнамоӣ, ки барои шахси мазкур зарур аст, амалӣ намешаванд, бинобар он дар бораи ислоҳнопазирии шахс сухан рондан мумкин нест”[346], «мазмуни мафҳуми ретсидив, танҳо ҳамон вақт воқеиятро касб мекунад, ки агар он адои ҷазоро талаб намояд. Маҳз ҳамин ҳолат метавонад ба ислоҳнашаванда будани шахс ишора намояд, ки чораҳои таъсиррасонии иловагиро талаб мекунад»[347].

Мо бо мавқеи олимони мазкур розӣ шуда наметавонем.

Чунки таҳлили м. 21 КҶ ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки эътирофи ретсидиви ҷиноят бо зарурати пурра ва ё қисман адо намудани ҷазо алоқаманд намебошад.

Мутобиқи қ. 1 м. 21 КҶ ҶТ содир намудани ҷинояти қасдона аз тарафи шахсе, ки қаблан барои содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ дорад, ретсидиви ҷиноят эътироф мешавад.

Чунин мафҳуми ретсидив аз тарафи қонунгузор бори аввал дода мешавад, дар қонунҳои ҷиноятии пештара он мавҷуд набуд. Дар таърифи мазкур он чӣ ҷолиби диққат аст, ки пеш аз ҳама, робитаи мафҳуми “ретсидиви ҷиноят” на бо маҳкумсозии шахси воқеӣ аз ҷониби суд, балки дар ӯ мавҷуд будани доғи судӣ барои дигар ҷиноят ба чашм мерасад.

Аммо дар КҶ ҶШС Тоҷикистон 1961 мафҳуми ҳуқуқӣ-ҷиноятии шахсияти ретсидивисти махсусан хавфнок пешбинӣ мешуд. Дар шароитҳои нави иҷтимоӣ ин мафҳум рад карда шуд, чунки он гӯё пурзӯр намудани ҷавобгариро барои ҳолати хавфноки шахсият талаб менамуд. Он инчунин ба принсипи ҷавобгарӣ барои гуноҳ, яъне – барои кирдори инсон ҷавобгӯ намебошад. Категорияи «шахсияти ретсидивист» - мафҳуми криминологӣ мебошад, на ин ки ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ.

Ин намуди ретсидивро қонунӣ (ҳуқуқӣ) меноманд, чунки мафҳуми он аз тарафи қонунгузор дода шудааст: он аломатҳои ҳуқуқӣ дорад ва танҳо ба он аҳамияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии расмӣ дода мешавад.

Мафҳуми дар қонунгузорӣ пешбинишудаи ретсидив имкон медиҳад дар он аломатҳои зерин ҷудо карда шаванд: дар вақтҳои гуногун содир намудани ду ва ё зиёда ҷиноят; бо шакли гуноҳи қасдона тавсиф гардидани ҷиноятҳои содиршуда; ҷинояти нав аз тарафи шахсе содир карда мешавад, ки қаблан барои содир намудани ҷинояти қасдона маҳкум шудааст; ҷинояти қасдонаи қаблан содиргардида аҳамияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии худро нигоҳ медорад, яъне доғи судӣ барои он бардошта ва ё тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун барҳам нахӯрдааст.

Ин аломатҳои зикршударо муфассалтар баррасӣ менамоем.

Баъзе муҳаққиқон тазаккур медиҳанд, ки барои ретсидив ҳамчун намуди сершумории ҷиноятҳо, пеш аз ҳама факти аз тарафи шахси

[345] Ткачевский Ю.М. Досрочное освобождение от наказания. – М., 1962. – С. 46-47.
[346] Возжанникова И.Г. Рецидив преступлений в уголовном праве России: понятие, виды, значение. дисс…канд. юрид. наук. – М., 2014. – С. 67.
[347] Шевченко В.Ф. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика рецидивной преступности (на материалах Санкт-Петербурга): дисс...канд. юрид. наук. СПб., 1998. – С. 53.

гунаҳгор содир шудани ду ва ё зиёда кирдор, ки ҳар кадоми он таркиби мустақилро ташкил медиҳанд, хос мебошад[348]. Онҳо чунин мешуморанд, ки мафҳуми ретсидив набояд бо содир гардидани ҷиноятҳои ҳамон як дараҷаи вазнинӣ, ҷиноятҳои якхела ва монанд алоқаманд карда шавад. Чунин ба назар мерасад, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳои аз тарафи шахс содиршуда, мувофиқат ва ё монандии онҳо аз рӯи аломатҳои объективӣ ва субъективӣ ҳангоми ба ин ва ё он категория мансуб донистан бо назардошти дараҷаи хавфнокӣ барои ҷамъият ба инобат гирифта мешаванд[349].

Барои ба вуҷуд омадани ретсидив, вазнинии ҷиноятҳои содиршуда, намуд ва андозаи ҷазо барои онҳо аҳамият надорад. Шахс новобаста аз он, ки ҷиноят хотима ёфтааст, сӯйиқасд ба ҷиноят ҷой дорад ва ё тайёрӣ ба он, дар ин ҳол ӯ иҷрокунандаи ҷиноят буд ва ё ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ баромад намудааст, ҷиноятсодиркарда ҳисобида мешавад. Бинобар ин, бо мафҳуми ретсидив на танҳо ҳолатҳои аз тарафи шахс содир шудани якчанд ҷиноятҳои хотимаёфта, балки инчунин ҳолатҳои аз тарафи шахс содир гардидани ду ва зиёда ҷиноятҳои нотамом ё ин ки як ҷинояти нотамом ва як ҷинояти хотимаёфта низ фаро гирифта мешаванд.

Тибқи талаботи б.8 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2005 № 1 "Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо" (бо тағйиротҳое, ки бо қарори Пленум аз 30 июни соли 2011 № 3 ворид карда шудаанд) мувофиқи мазмуни м. 21 КҶ ҶТ ҳангоми ҳал кардани масъалаи мавҷуд будани ретсидиви ҷиноят аҳамият надорад, ки оё ҷинояти қасдонае, ки барои он шахс бо ҳукми охирон маҳкум карда мешавад ё ин ки қаблан маҳкум шудааст, тамом шудааст ё нотамом мондааст ва ҳамчунин оё шахс иҷрокунанда ё шарики ҳар кадоме аз ин ҷиноятҳо мебошад[350].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ақидае, низ ҷой дорад, ки ҳангоми ретсидив эътироф намудан доғи судӣ барои тайёрӣ ба ҷиноят ба ҳисоб гирифта нашавад[351]. Ба андешаи мо барои ресидив эътироф намудан бояд далели нотамом будани ҷиноя таъсир намерасонад.

Ретсидиви ҷиноят, инчунин дар ҳолате ҷой дошта метавонад, ки ҷинояти пештараро шахс ҳамчун иҷрокунанда ва ҷинояти баъдиро ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда, ёрдамчӣ ва баръакс содир карда бошад.

Ҳамин тавр, метавон аломати якуми ҳуқуқии ретсидивро - аз тарафи шахс содир гардидани ду ва зиёда ҷиноят ҳисобид.

**Аломати дуюми** ретсидив ҳатман ҷой доштани шакли гуноҳи қасдонаро нисбати ҷиноятҳои онро созмондиҳандаро талаб менамояд, яъне

---

348 Ниг.:Уголовное право: Общ.часть. /Отв.ред.И.Я.Козаченко, З.А.Незнамова. – М.,2000. – С. 302.

349 Коротких Н.Н. Рецидив как вид множественнотсти преступлений в российском уголовном праве. дисс…канд. юрид. наук. Владивосток, 2001. – С.92.

350 Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). – Душанбе, 2019. – С. 59.

351 Питецкни й В.Назначение наказания при рецидиве преступлений /В. Питецкий / / Законность .2004. №9 . – С.40.

ретсидивро танҳо ҷиноятҳои қасдона ташкил медиҳанд.

Зимнан, намуди қасд аҳамият надорад: он метавонад ҳам бевосита ва ҳам бавосита бошад.

Муқаррарот оид ба шакли гуноҳи қасдона дар ҷиноятҳое, ки ретсидивро ташкил медиҳанд, имконияти ретсидивист эътироф намудани шахсеро, ки ҷинояти қасдона содир намудааст ва барои ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиркарда доғи судӣ дорад, инчунин аз беэҳтиётӣ ҷиноят содир кардааст ва барои ҷинояти қасдона доғи судӣ дорад, истисно менамояд.

На ҳама олимон мавқеи қонунгузорро оиди ҳамчун ретсидив мансуб донистани танҳо ҳолатҳои якчанд маротиба содир кардани ҷиноятҳои қасдона, ҷонибдорӣ менамоянд. Андешае иброз мегардад, ки мафҳуми ретсидив бояд васеъ бошад ва дар худ на танҳо ҷиноятҳои қасдона, балки инчунин ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршударо низ фаро гирад.

Масалан, Ю.В. Голик ва И.Я. Мирончик чунин мешуморанд, ки мафҳуми ретсидиви ҷиноят бояд на танҳо ҳолатҳои содир гаштани ҷиноятҳои қасдонаро ҳангоми мавҷуд будани доғи судӣ барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршуда, ё баръакс, балки инчунин такроран содир намудани танҳо ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршударо низ бояд дар бар гирад. Ба андешаи онҳо ин ҳолатҳо аҳамияти мустақили ҳуқуқӣ доранд, такрори ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршуда, бояд ретсидиви беэҳтиётӣ ном бурда шаванд. Онҳо қайд менамоянд, ки ретсидиви беэҳтиётӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шахси онро содирнамуда нисбати ҳуқуқвайронкуниҳо муносибати сабуку бепарвоёна дошта, риояи қоидаҳои ҷамъиятии беэҳтиётиро қотеона инкор менамояд[352].

Ҷонибдорони ин нуқтаи назар ақидаи худро боз бо он асоснок менамоянд, ки қонуни ҷиноятӣ на танҳо кирдорҳои қасдонаро, балки инчунин кирдорҳои аз беэҳтиётӣ содиршударо ҳамчун ҷиноят эътироф мекунад; аз ин рӯ, қонунгузор бояд ҷомеаро аз ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содир шуда, на камтар аз ҷиноятҳои қасдона муҳофизат кунад, зеро ҳатто бо шумораи зиёди ҷиноятҳои беэҳтиётӣ метавон дар бораи баъзе хосиятҳои нисбатан устувори зиддиҷамъиятӣ, ки ба шахсоне, ки онҳоро содир кардаанд, сухан ронад[353].

В.П. Малков ва Х.А.Тимершин, нуқтаи назари ба ин монандро ҷонибдорӣ намуда, чунин меҳисобанд, ки бинобар сабаби сатҳи нисбатан пасти содиршавӣ доштан (4,3% миёни ҷиноятҳои беэҳтиётӣ), ретсидиви беэҳтиётӣ дар КҶ инъикоси худро наёфт[354].

Дар ин ҳангом баъзе аз ин олимон розӣ ҳастанд, ки хусусияти фарққунандаи ретсидив зоҳир намудани тамоюли муайян дар рафтори шахси мушаххас мебошад, ки дар хусуси мавҷуд будани рағбат ва феълу хулқи манфӣ дар шуури ӯ шаҳодат медиҳад ва ин дар навбати аввал ба

[352] Голик Ю.В., Мирончик И.Я. Неосторожный рецидив: Уголовно-правовой и криминологический аспекты // Сб. Уголовно-правовые меры борьбы с преступностью в условиях перестройки. Свердловск, 1990. – С. 60 - 65.

[353] Кафаров Т.М. Проблема рецидива в советском уголовном праве / Т.М. Кафаров. – Баку: ЭЛМ, 1972. – С. 26; Агаев И.Б. Рецидив в системе множественности преступлений / И.Б. Агаев. – М .: Юристъ, 2002. – С. 21, 26-28, 53.

[354] Малков В.П., Тимершин Х.А. Множественность преступлений. Учебное пособие. Уфа, 1995. – С. 44.

шахсе рабт дорад, ки ҷиноятҳои қасдона содир кардаанд. Аммо, иброз медоранд, ки қисми зиёди ҷиноятҳои беэҳтиётӣ аз тарафи ҳуқуқвайронкунандагоне содир мегарданд, ки шахсияти онҳо ин ва ё он шаклдигаркунии криминогенӣ ва самтнокии зиддиҷамъиятӣ дорад, гарчанде дар муқоиса ба ашхоси ҷинояти қасдона содирнамуда нисбатан кам ҳам бошад. Дар идома қайд мегардад, ки шаклдигаркунии шахсият пеш аз ҳама, барои шахсе хос мебошад, ки ҳангоми ҷой доштани доғи судии бекорнашуда боз ҷиноятҳои нав содир менамоянд. Барои онҳо муносибати бедиққатона ва ё бемасъулиятона нисбати қоидаҳои эҳтиёткорӣ ба манфиатҳои дигар шахсон хос мебошад. Дар ин гунаҳгорон сифатҳои зиёди шабеҳ бо субъектоне, ки ҷиноятҳои қасдонаро нисбати тартиботи ҳуқуқӣ, интизом ва дигар манфиатҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ содир менамоянд, пайдо карда мешавад. Ҳамаи ин ҳолатҳо бояд ҳангоми ҳалли масъала оид ба ҷавобгарии онҳо ва пешбинӣ намудани мафҳуми нисбатан васеътари ретсидив дар намуди содир гардидани ҷинояти нав аз тарафи шахсе, ки барои ҷинояти қаблан содирнамуда доғи судӣ дорад, ба инобат гирифта шаванд[355]. А.П.Козлов, ба мавқеи он олимоне, ки ретсидивро нисбати беэҳтиётӣ паҳн менамоянд пайваст гардида, ба қонуни ҷиноятӣ ворид намудани чунин редсидиверо зарур мешуморад, ки ҳам қасд ва ҳам беэҳтиётиро дар бар гирад. Дар акси ҳол, муҳаққиқ чунин меҳисобад, ки «дар ҳолати мавҷуда низ проблемаи ба ретсидив шомил кардани қасди бавосита ба миён меояд, зеро ҳангоми он, якум, ба мисли ҳолати беэҳтиётӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ бо натиҷаи дуюмдараҷаи фаъолият дучор меояд ва дуюм, ба монанди ҳолати беэҳтиётӣ, хоҳиши ба вуҷуд омадани оқибат ҷой надорад. Тавре мебинем, аз рӯи аломатҳои худ қасди бавосита бо беэҳтиётӣ шабоҳати зиёд дорад ва бинобар ин ҳам, онро дар таҳрири амалкунандаи қонунгузорӣ бо ретсидив фаро гирифтан мақсаднок намебошад»[356].

Ба андешаи мо, паҳн намудани мафҳуми ретсидив инчунин нисбати шахсоне, ки барои ҷинояти аз беэҳтиётӣ содирнамуда доғи судӣ доранд, нодуруст аст, чунки аз як тараф, алакай вақти зиёд аст, ки мафҳуми ретсидив ба ҳама ҳамчун такроран содир намудани ҷиноятҳои қасдона маънидод мешавад, аз тарафи дигар, хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳои қасдона ва беэҳтиётӣ гуногун мебошад.

Бинобар ин, агар шахс барои қаблан содир намудани ҷинояти беэҳтиётӣ доғи судӣ дошта бошаду баъд аз он ҷинояти қасдона содир кунад ё баръакс, барои қаблан содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ дошта бошаду баъд аз он ҷинояти беэҳтиётӣ содир карда бошад ҳам- он гоҳ дар ин ҳолатҳо ретсидиви ҷиноят ҷой надорад[357].

Қонунгузор ҷиноятҳоеро, ки дар муқоиса бо ҷиноятҳои беэҳтиётӣ хавфнокии баланди ҷамъиятӣ доранд, ҷудо намуда, амиқӣ ва устувории

---

[355] Ниг. масалан: Черненко Т. Формы множественности преступлений и их отражение в квалификации преступлений // Уголовное право. 2000. № 4. – С. 42; Уголовное право. Общая часть: Учебник // Под ред. Н.И. Ветрова, Ю.М. Ляпунова. М.: Новый юрист, 1997. – С. 156.

[356] Козлов А.П., Севастьянов А.П. Единичные и множественные преступления. СПб., 2011. – С. 208-209.

[357] Тафсири Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе, 2006. – С.32.

мақсад ва сабабу ангезаи ашхосеро, ки ҷиноятҳои қасдона содир менамоянд, инчунин мавқее, ки кирдори ҷиноятӣ ишғол мекунад ва ангезаи содири онро бо назардошти тамоми системаи сифатҳои шахсии гунаҳгор ба инобат гирифтааст. Ҳаракатҳои бошуурона, вақте ки шахс имконият ва ё ногузирии ба вуҷуд омадани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокро пешбинӣ менамояд, мехоҳад ва дидаю диниста ба онҳо роҳ медиҳад ва ё бо онҳо бе тафовут муносибат мекунад, аз кирдорҳое, ки аз рӯи бепарвоӣ ё худбоварӣ содир мегарданд, бо дараҷаи идоракунии идрок ва ирода фарқ мекунанд. Илова бар ин, ҷиноятҳои беэҳтиётӣ моҳиятан вазъиятӣ мебошанд, яъне бо таъсири вазъият ё шароити муайян содир карда мешаванд.

**Аломати сеюми** ретсидив бо он тавсиф карда мешавад, ки ҷинояти нави қасдона аз тарафи шахсе содир мегардад, ки қаблан барои ҷинояти қасдона маҳкум шудааст. Қаблан маҳкумшуда шахсе эътироф мегардад, ки нисбати ӯ ҳукми айбдоркунӣ бо таъини ҷазо бароварда шуда, он ба қувваи қонунӣ даромада аст. Агар суд мутобиқи м. 339 КМҶ ҶТ ҳукми айбдоркуниро бе таъини ҷазо қабул намояд, пас чунин ҳукм доғи судиро ба вуҷуд намеорад ва дар ҳолати баъди он содир гардидани ҷинояти қасдонаи нав ретсидив ба миён намеояд. Бинобар ин, мавҷудияти якчанд ҳукми айбдоркунӣ нисбати шахси гунаҳгор худ аз худ нишондиҳандаи бебаҳси ретсидив намебошад.

Ҳангоми муайян кардани ретсидив намуди ҷазое, ки таҳти он шахси муайян бо ҳукми суд қарор гирифта буд, ба инобат гирифта намешавад. Ретсидиви ҷиноят метавонад новобаста аз он, ки бори аввал ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ё корҳои ислоҳӣ таъин шудааст, эътироф карда шавад.

Намуди ҷазо барои ҷинояти қаблан содиршуда танҳо барои муайян кардани намуди ретсидив аҳамият дорад (қ. 2 м. 21 КҶ ҶТ).

Аломати чоруми мафҳуми ретсидив - мавҷудияти доғи судӣ барои ҷинояти қаблан содиркарда мебошад. Мавҷуд будани доғи судӣ барои қаблан содир кардан ҷиноят аломати асосии ретсидив ба ҳисоб рафта, имконият медиҳад, ки ретсидивро аз маҷмӯи ҷиноятҳо фарқ кунем[358].

Доғи судӣ- ҳолати ҳуқуқии бадномкунандаи шахси мушаххас буда дар оқибати эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ ба вуҷуд омада ва то гузаштани мӯҳлати дар қонун пешбини шуда ё то рӯзи бардоштани доғи суди давом мекунад[359].

Дар робита ба ин, таҳти доғи судӣ вазъи махсуси ҳуқуқии шахс фаҳмида мешавад, ки бо назардошти далели аз тарафи суд маҳкум гардидани ӯ барои ҷинояти содиркарда ба миён омадааст. Вазъи махсуси ҳуқуқии шахс дар намуди ба миён омадани оқибатҳои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва умумиҳуқуқӣ дошта ифода меёбад[360].

Мутобиқи қ. 1 м. 84 КҶ ҶТ шахси барои содир намудани ҷиноят

---

[358] Тафсири Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе, 2006. – С.32.

[359] Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – С. 261.

[360] Армашова А.В. Проблемы рецидива преступлений и ответственности за него по уголовному праву России дисс…канд.юрид.наук. Рязань,2006. – С.25-26.

маҳкумшуда, аз рӯзи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдоркунии суд то рӯзи барҳам хӯрдам ва ё бардошта шудани доғи судӣ доғи судӣ дошта ҳисобида мешавад.

Ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят ба назар гирифта намешавад:

а) доғи судӣ барои ҷиноятe, ки шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ содир намудааст;

б) доғи судӣ барои ҷиноятe, ки нисбати он шартан татбиқ накардани ҷазо ё ин ки аз рӯи он мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм татбиқ гардидааст, агар шартан татбиқ накардани ҷазо ё мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм бекор карда нашуда бошад ва шахс барои адо намудани ҷазо ба ҷойҳои маҳруми аз озодӣ фиристода нашудааст, инчунин доғи судие, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 84-и КҶ ҶТ барҳам хӯрдааст ё бардошта шудааст (қ. 4 м. 21 КҶ ҶТ);

в) доғи судӣ ва дигар оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ нисбати шахсе, ки дар ҳудуди давлати хориҷӣ ҷиноят содир кардааст (қ. 5 м. 15 КҶ ҶТ).

Дар б. «б» қ. 4 м. 21 КҶ ҶТ ибораи начандон дуруст мавҷуд аст: «барои адо намудани ҷазо ба ҷойҳои маҳруми аз озодӣ фиристода нашудааст». Дар м.м.71 ва 78 КҶ ҶТ ҷазоҳо пешбинӣ шудаанд, ки на ҳамаи онҳо бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд мебошанд. Аз ин лиҳоз, мувофиқи мақсад мебошад, ки ибораи дар боло зикршуда ба ибораи зерин иваз карда шавад: «барои адо намудани ҷазои намуди дахлдор фиристода нашудааст». Дар акси ҳол, муқаррароти б. «б» қ. 4 м. 21 КҶ ҶТ танҳо бо ҷазоҳое маҳдуд мегардад, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд мебошанд. Мутобиқи қ. 1 м. 71 КҶ ҶТ агар суд ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ таъин намуда, ба хулосае ояд, ки ислоҳ кардани маҳкумшуда бе адои ҷазо, вале дар шароити назорати рафтораш имконпазир аст, он гоҳ метавонад дар хусуси шартан татбиқ накардани ҷазо қарор қабул намояд.

Агар шартан татбиқ накардани ҷазо барои маҳрум сохтан аз озодӣ аз рӯи асосҳое, ки дар қ. 7, 8 м. 71 КҶ ҶТ зикршуда бекор шуда, шахс барои адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ фиристода шуда бошад, пас чунин доғи судӣ ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят ба инобат гирифта мешавад. Бекор гардидани шартан татбиқ накардани ҷазо нисбати корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ барои ба инобат гирифтани доғи судии дахлдор ҳангоми эътирофи ретсидиви оддӣ асос медиҳад, вале шарти ҳатмӣ барои эътирофи мавҷудияти ретсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок намебошад.

Мавқуф гузоштани адои ҷазо (м. 78 КҶ ҶТ) метавонад аз рӯи асосҳои дар ин меъёрҳо ишорашуда бекор гашта, шахси маҳкумшуда барои адо намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ фиристода шавад. Дар ин ҳолат доғи судӣ барои маҳрум сохтан аз озодӣ бо татбиқи мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм ҳангоми хавфнок ва махсусан хавфнок эътироф гардидани ретсидив ба инобат гирифта мешавад.

Агар то ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидани кӯдак шахси маҳкумшуда аз ҷазо озод нагардад, вале ҷазои ӯ ба ҷазои сабуктар иваз шуда бошад, пас чунин доғи судӣ ҳангоми хавфнок ва махсусан хавфнок эътироф намудани ретсидив ба инобат гирифта намешавад, аммо мумкин аст ҳангоми эътирофи ретсидиви оддӣ ба назар гирифта шавад.

Ба андешаи А.В.Армашова, доғи судӣ аз тарафи суд бароварда шудани чунин ҳукми айбдориеро талаб менамояд, ки бо он нисбати шахси гунаҳгор ҷазо таъин шуда бошад[361].

Масалан, шахс доғи судӣ дошта ҳисобида намешавад, агар ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо асосҳои дар қонуни ҷиноятӣ пешбинигардида озод шуда бошад (масалан, дар асосӣ м.м. 75-78 КҶ).

Баровардани ҳукми айбдоркунанда бе таъини ҷазо танҳо дар ду ҳолат ҷой дошта метавонад: мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс барои ҳамин ҷиноят гузашта бошад; судшаванда фавтида бошад (қ.4 м.339 КМҶ ҶТ). Дар ин сурат, ҳукми айбдорӣ ҳамчунин доғи судиро ба вуҷуд намеорад.

Бинобар ин, доғи судӣ амалан на ба сифати оқибати маҳкумнамоӣ, балки ҷазо (таъини ҷазо) баромад мекунад. Доғи судӣ ҳамчун оқибати ҷазо мақсади асосии худ – пешгирии ретсидиви ҷиноятро дорад, ки дар робита ба он, ба марҳилаи баъди адои ҷазо низ паҳн мегардад. Ҳамин тариқ, барҳам хӯрдан ё бардошта шудани доғи судӣ худ аз худ редсидивро низ бекор мекунад.

Дар баробари аломатҳои номбаршуда, тибқи КҶ ҶТ ба қатори аломатҳои муҳими ретсидив инчунин синну соли ҷинояткор мансуб дониста шудааст. Мутобиқи қ. 4 м. 21 КҶ ҶТ ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят доғи судӣ барои ҷиноятe, ки шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ содир намудааст, ба назар гирифта намешавад. Чунин муқаррарот дуруст ба назар мерасад.

Ҳамзамон бо ин, дар илм андешае мавҷуд аст, ки ҳангоми ретсидив бояд доғи судӣ барои ҷиноятҳое, ки аз тарафи шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ содир шудаанд, ба инобат гирифта шавад[362]. Далели онҳо ин аст, ки шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ низ ба ҷамъият хавфнок будани кирдори худро дарк мекунад, метавонад онро идора кунад ва ба вуҷуд омадани оқибатҳои зарароварро пешбинӣ менамояд[363]. Инчунин В.А. Иванов пешниҳод менамояд, ки синни дар қ. 4 м. 18 КҶ ФР (қ.4 м.21 КҶ ҶТ) зикршуда, бо синну соли умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки дар қ. 1 м. 20 КҶ ФР (қ.1 м.23 КҶ ҶТ) муқаррар шудааст, мутобиқ карда шавад, яъне ҳангоми ретсидив доғи судӣ барои ҷиноятҳое, ки то шонздаҳсолагӣ содир шудаанд, ба инобат гирифта нашавад. Ин нуқтаи назарро В.А. Иванов бо зиёд будани шумораи ретсидивистон, ки бори аввал дар синни ноболиғӣ ҷиноят содир

[361] Армашова А.В. Проблемы рецидива преступлений и ответственности за него по уголовному праву России дисс…канд.юрид.наук. Рязань, 2006. – С. 26.

[362] См.: Ткачевский Ю.М. Указ.соч. – С. 49; Шутов Ю.И. Некоторые вопросы уголовного рецидива// Вопросы государства и права. Свердловск, 1964. – С. 111.

[363] Кафаров Т.М. Проблема рецидива в советском уголовном праве / Т.М. Кафаров. – Баку: ЭЛМ, 1972. – С.31-32.

намудаанд, асоснок менамоянд[364].

М.М.Асланян низ зарур мешуморад, ки ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят доғи судӣ барои ҷиноятҳое, ки аз тарафи шахс дар синни ноболиғӣ содир шудаанд, аниқтараш – аз тарафи шахси ба синни шонздаҳсолагӣ расида ба инобат гирифта шавад. Чунин ташаббус бо зарурати пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷинояткорони касбӣ асоснок карда мешавад[365].

И.Г.Возжанникова вобаста ба масъалаи мазкур иброз медорад, ки ба қонуни ҷиноятӣ бояд меъёри махсус дар бораи ретсидив эътироф шудани ноболиғ дохил карда шавад, зеро ин намуди ретсидив низ ҳамон табиати иҷтимоиву руҳиро дорад, ки барои ретсидивони болиғ хос мебошад. Бинобар он бояд аҳамияти ҳуқуқи ҷиноятии ресидиви ноболиғон муайян карда шавад, аммо бо дараҷаи камтари оқибатҳои манфӣ нисбат ба ретсидивони болиғ[366].

Як қатор муаллифон пешниҳод мекунанд, ки доғи судӣ барои ҷиноятҳое, ки дар синни то ҳаждаҳсолагӣ содир шудаанд, танҳо ҳангоми хавфнок ва ё махсусан хавфнок эътироф намудани ретсидив ба инобат гирифта шавад[367].

Қобили зикр аст, ки тибқи Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва давлатҳои иттифоқӣ с. 1991 пешниҳод мегардид, ки ноболиғии шахс ҳангоми аз тарафи ӯ содир гардидани ҷинояти қаблӣ танҳо ҳангоми ретсидивисти махсусан хавфнок эътироф намудани ӯ ба инобат гирифта шавад. Ҳангоми муқаррар кардани ретсидиви оддӣ бошад, синни содир намудани ҷинояти қаблӣ аҳамият надошт.

Мо бо андешаҳои мазкур розӣ шуда наметавонем.

Даст кашидани қонунгузор аз ба инобат гирифтани он доғҳои судие, ки шахс то расидан ба синни балоғат гирифтааст, ба консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ[368] иртибот дорад, ки муносибати махсусу инсондӯстонаро нисбати ноболиғи ҳуқуқвайронкунанда талаб менамояд. Ғайр аз он, хусусияти хоси фаъолияти зеҳнӣ ва иродавии ноболиғ, ҳатто дар доираи ҷинояти содирнамудаи ӯ, имконияти тасдиқи онро намедиҳад, ки чунин субъект ба андозаи пурра хосиятҳои иҷтимоие зоҳир намуда бошад, ки дар хусуси мақсаду замири устувори ҷиноятии ӯ шаҳодат диҳад. Ба назари мо, ба қатори ҷиноятҳои барои муқаррар намудани ретсидив аҳамиятдошта шомил намудани ҷиноятҳое, ки аз тарафи субъекти синни то 18 сола содир шудаанд, хилофи принсипи инсондӯстонаи қонуни ҷиноятӣ ва сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятии давлати муосир мебошад.

---

364 Иванов В.А. Рецидив преступлений: уголовно-правовые и криминологические аспекты. Автореф. дисс. ... канд. юрид. наук / В.А. Иванов. – Омск, 2002. – С.12.

365 Асланян М. М. Рецидив преступлений как легальная форма профессиональной преступности. дисс...канд.юрид.наук .Краснодар, 2008. – С.88.

366 Возжанникова И.Г. Рецидив преступлений в уголовном праве России: понятие, виды, значение. дисс…канд. юрид. наук. М.,2014. – С.64.

367 Феоктистов М.В. Ответственность особо опасных рецидивистов по уголовному законодательству Российской Федерации / М.В. Феоктистов. Автореферат дисс. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 1996. – С. 15.

368 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 // http://www.mmk.tj/node/843

Ретсидиви ҷиноят дар худ падидаи мураккаби иҷтимоию ҳуқуқиеро мемонад, ки дар воқеияти ҳақиқӣ дар намудҳои гуногун зоҳир мегардад.

**Адабиёт:**


1. Агаев И. Б. Проблемы совершенствования уголовно-правовых норм об ответственности за рецидив преступлений. Дисс.канд…юрид…наук. Баку,2000. – 76 с.;
2. Алиев Н. Б. Повторность и рецидив по советскому уголовному праву. Махачкала, 1978. – 122 с.;
3. Иванов В. А. Рецидив преступлений: уголовно-правовые и криминологические аспекты. Дисс...канд.юрид.наук. Омск, 2002. – С. 30-35.;
4. Коротких Н. Н. Рецидив как вид множественнотсти преступлений в российском уголовном праве. дисс…канд. юрид. наук. Владивосток, 2001. – 127 с.;
5. Красиков Ю. А. Множественность преступлений. М.,1988. – 63 с.;
6. Малков В. П., Тимершин Х. А. Множественность преступлений. Учебное пособие. Уфа, 1995. – 98 с.;
7. Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). – Душанбе, 2019. – 212 с.;
8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) / Шарипов Т. Ш., Сафарзода А. И, Камолов З. А., Холиқзода Ш. Л., Зокиров З. Х., Зиёбоева М. Н. – Душанбе, 2020. – 217 с.;
9. Тафсири Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Зери таҳрири Шарипов Ҳ. Ҳ. Душанбе, 2006. – 75 с.;
10. Уголовное право. Общая часть: Учебник // Под ред. Н. И. Ветрова, Ю. М. Ляпунова. М.: Новый юрист, 1997. – 212 с.;
11. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Ҳ. С. Салимов ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. А. Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – 365.;
12. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Раҳимзода Р. Ҳ., Бобоҷонзода И. Ҳ. – Душанбе, 2019. – 545 с.
13. Шутов Ю. И. Рецидивная преступность и меры борьбы с ней по советскому уголовному праву. Автореферат дисс... канд. юрид. наук. Свердловск, 1965. – 32 с.;
14. Яковлев А. М. Совокупность преступлений по советскому уголовному праву / А. М. Яковлев. – М.: Госюриздат, 1960. – 81 с.

# ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.09) – УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.09)

## НАҚШИ ПРИНСИПИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ ДАР НИЗОМИ ПРИНСИПҲОИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

**Маҳмудов Изатулло Тешаевич,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, н.и.ҳ
**Тел.:** +992935044352
**E-mail:** 1978_mahmudov@mail.ru

**Собиров Мирали Шералиевич,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ
**Тел.:** +992918150505
**E-mail:** sobirov0505@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур низоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, таснифбандии онҳо, андешаи олимон дар ин хусус ва ҳамзамон нақши эҳтимолияти бегуноҳӣ, ки яке аз принсипҳои муҳими мурофиаи ҷиноятӣ маҳуб мешавад, руйи кор омадааст. Муаллифон зимни таҳлил ва баррасии масъалаи мазкур ба хулосае меоянд, ки пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва амалишавии адолати судӣ танҳо дар сурати амалишавии низоми пурраи принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ ба даст меояд. Яъне принсипҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ бе алоқамандӣ бо якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Эҳтимолияти бегуноҳӣ, ки принсипи кафолатдиҳанда ва таъминсозандаи ҳуқуқу озодиҳои шахс аст, танҳо дар сурати риоя ва иҷроиши дигар принсипҳо фаъолияти пурраи худро метавонад, ба роҳ монад. Агар як принсип вайрон карда шавад боиси вайрон гаридани тамоми низоми принсипҳо мегардад.

**Калидвожаҳо:** Принсип, таснифбандӣ, низоми мурофиаи ҷиноятӣ, Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ, қонуният, алоқамандӣ, муҳокимаи судӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ.

## РОЛЬ ПРИНЦИПА ПРЕЗУМПЦИИ НЕВИНОВНОСТИ В СИСТЕМЕ ПРИНЦИПОВ УГОЛОВНОГО СУДОПРОИЗВОДСТВА

**Махмудов Изатулло Тешаевич,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет,

доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора, кандидат юридических наук
**Тел.:** +992935044352
**E-mail:** 1978_mahmudov@mail.ru

**Собиров Мирали Шералиевич,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры судебного права и прокурорского надзора
**Тел.:** +992918150505
**E-mail:** sobirov0505@mail.ru

**Аннотация:** В данной статье рассмотрена система принципов уголовного судопроизводства, их классификация, мнение ученых по этому поводу, а также роль презумпции невиновности, которая является одним из важных принципов уголовного судопроизводства. В ходе анализа и обсуждения данного вопроса авторы приходят к выводу, что раскрытие уголовного дела и осуществление правосудия могут быть достигнуты только при условии реализации всей системы принципов уголовного процесса. То есть принципы в уголовном судопроизводстве не могут существовать вне связи друг с другом. Презумпция невиновности, которая является принципом, гарантирующим и обеспечивающим права и свободы человека, может полноценно функционировать только при условии соблюдения и реализации других принципов. Если нарушится один принцип, будет нарушена вся система принципов.

**Ключевые слова:** Принцип, классификация, уголовно-процессуальная система, уголовно-процессуальный Кодекс, законность, связь, судебный процесс, презумпция невиновности.

## THE ROLE OF THE PRINCIPLE OF PRESUMPTION OF INNOCENCE IN THE SYSTEM OF PRINCIPLES OF CRIMINAL PROCEEDINGS

**Mahmudov Izatullo Teshaevich,**
Tajik National University, faculty of law, associate Professor of the department Judicial Law and prosecutor's, candidate of legal science
**Phone.:** +992935044352
**E-mail:** 1978_mahmudov@mail.ru

**Sobirov Mirali Sheralievich,**
Tajik National University, faculty of law, assistant of the Department of Judicial Law and prosecutor's supervision

**Phone.:** +992918150505
**E-mail:** sobirov0505@mail.ru

**Annotation:** This article examines the system of principles of criminal proceedings, their classification, the opinion of scientists on this matter, as well as the role of the presumption of innocence, which is one of the important principles of criminal proceedings. In the course of analysis and discussion of this issue, the authors come to the conclusion that solving a criminal case and administering justice can only be achieved if the entire system of principles of the criminal process is implemented. That is, principles in criminal proceedings cannot exist without connection with each other. The presumption of innocence, which is a principle that guarantees and ensures human rights and freedoms, can fully function only if other principles are observed and implemented. If one principle is violated, the entire system of principles will be violated.

**Key words:** Principle, classification, criminal procedure system, Criminal Procedure Code, legality, connection, trial, presumption of innocence.

Дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи зиёди принсипҳо ҳаккокӣ шудааст, аммо принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар низоми принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ мақому манзалати махсусро доро аст. Зимнан бояд қайд намуд, ки принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ бо ҳамдигар дар ҳамбастагии зич қарор гирифта, якдигарро пурра мегардонанд ва ҳанӯз аз лаҳзаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ то лаҳзаи баровардани ҳукм ва ҳатто баъд аз он низ амал менамоянд. Дар ин бобат олими рус М.С. Строгович ибрози андеша менамояд, ки: «принсипҳо дар ҳаракатҳои мурофиавӣ мавқеи марказиро соҳиб буда, дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ амал менамоянд[369].

Қайд намудан ба маврид аст, ки мафҳум, моҳият ва низоми принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ на танҳо хислати назариявӣ доранд, балки он аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ (таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор) ва суд низ вобастагии зиёд дорад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ андешаҳо оид ба гурӯҳбандии низоми принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ то ҳол вуҷуд доранд. Олими варзидаи рус М.С. Строгович низоми принсипҳои мурофиавии ҷиноятиро муайян намуда, муҳимтарин принсипҳои мурофиавии ҷиноятиро, ки дар ҳама марҳилаҳои мурофиавӣ ва марҳилаҳои алоҳидаи он амал менамоянд муайян намудааст[370]. Албатта баъзе принсипҳое ҳастанд, ки амали он дар марҳилаи муҳокимаи судӣ дида мешавад, вале он принсипҳое, ки дар марҳилаи мазкур амал менамоянд, аз як тараф агар танҳо масъалаҳои дар марҳилаи фавқуззикр бударо мавриди баррасӣ қарор диҳанд аз тарафи дигар онҳо принсипҳои тамоми мурофиаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбанд.

[369] Строгович М.С. Некоторые вопросы теории уголовного процесса. – М., 1952. – С. 23.
[370] Строгович М.С. Курс советского уголовного процесса. – М: Наука, 1968. – Т. I. – С. 125.

Ба андешаи В.А. Гриненко принсипҳо бояд бе ягон истисно дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ амал намоянд[371].

М.А. Челсов низоми принсипҳоро ба 2 гурӯҳи мустақил ҷудо намудааст. Аввалан принсипҳои конститутсионӣ дуввум дигар принсипҳо[372].

Бояд зикр намуд, ки оид ба тақсимнамоии принсипҳо олимон андешаҳои мухталиф доранд. Масалан ба андешаи А.М. Ларин тақсим намудани принсипҳо ба конститутсионӣ ва ғайриконститутсионӣ қобили қабул набуда, ба хулосаҳои нодуруст оварда мерасонад, зеро шакли ҳуқуқии онҳо чигунае муқаррар нашуда бошад, ҳамеша ҳамчун меъёри умумӣ ва идоракунанда баромад менамоянд[373].

Баъзе олимони дигар чунин мепиндоранд, ки: нақш ва таъсири кадоме аз принсипҳо бештар бошад мақом ва манзалати ҳамон принсип болотар аст[374]. Вале ба андешаи мо ин нуқтаи назар қобили қабул нест, зеро ҳар як принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ вобаста ба ҳолат як паҳлуи муҳими мурофиаро ҳал менамояд ва он дар кадом шакл ва мазмуне дарҷ нагардаду, дар кадом марҳилае амалӣ карда нашавад ва ё таъсираш бештар набошад ҳамоно принсип боқӣ мемонад. Бартарӣ ва имтиёз гузоштан ба ин ё он принсип қобили қабул нест. Масалан принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ принсипест, ки бе амалашавии дигар приснипҳо вуҷуд дошта наметавонад ва ҳамзамон тавассути худ амали пурраи дигар принсипҳоро таъмин месозад.

Аз ин гуфтаҳо ба таври комил метавон иброз дошт, ки ба гурӯҳҳо тақсимбандӣ намудани принсипҳо ва якеро ҳамчун принсипи асосӣ ва дигареро ҳамчун принсипи дуввуминдараҷа шумоtoday амали онҳоро дар давраи тафтишот лағв мегардонад ва ё умуман сарфи назар карда мешаванд. Вале аз рӯи тадқиқотҳо принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳамчун принсипи кафолатдиҳандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, намегузорад, ки ҳангоми амалишавии яке аз принсипҳо марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ба мазмуни томи худ халалдор карда шаванд. Ҳарчанд принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар алоқамандӣ бо дигар принсипҳо фаъолият менамояд, вале бояд иброз дошт, ки ҳангоми ба инобат нагирифтани ин ё он принсип мазмуну моҳияти дигар принсип аз байн меравад. Масалан мутобиқи принсипи қонуният “он ҷое ки қонунҳо ба таври зарурӣ риоя карда намешаванд, адолати судӣ низ ба назар намерасад.

Воқеан атрофи низоми муайяни принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ ва равобити онҳо бо якдигар фикру андешаҳо гуногунанд ва дар як фикри муайян истодагарӣ намудан тадқиқоти пурраро тақозо менамояд. Ба андешаи Ф.Н. Багаутдинов мақоми марказӣ ва муҳим барои ҳар як принсипи мурофиавии ҷиноятӣ марҳилаи муҳокимаи судӣ ба шумор

---

[371] Гриненко А.В. Принципы уголовного судопроизводства // Уголовный процесс: учебник для вузов. – М.: Норма, 2008. – 496 с.

[372] Чельцов М.А Уголовный процесс. – М.: Юридическая литература. – 1969. – С. 73.

[373] Ларин А.М. Уголовный процесс: структура права и структура законодательства. – М., 1985. – **С. 21.**

[374] Гриненко А. В. Система принципов уголовного процесса и ее реализация на досудебных стадиях. Автореф. дис. ... док. юрид. наук. – Воронеж, 2001. – С. 15.

меравад[375]. В.П.Божьев иброз медорад, ки “принсипҳо дар марҳилаи муҳокимаи судӣ амал менамоянд”[376]. В.М. Савитский низ ба ҳамин андеша ҳаст, ки “ҳама марҳилаҳои судӣ баробар нестанд ва мақоми марказиро миёни онҳо марҳилаи муҳокимаи судӣ ишғол менамояд[377]. Агар андешаи олимони болозикрро мавриди таҳлил қарор диҳем, пас маълум мегардад, ки принсипҳои амалкунандаи марҳилаи муҳокимаи судӣ нисбат ба дигар принсипҳо авлавият доранд, ки инро мувофиқи мақсад намешуморем. Албатта ба марҳилаи муҳокимаи судӣ нисбат ба дигар марҳилаҳо таваҷҷуҳ бештар аст, зеро дар марҳилаи мазкур масъалаи бегуноҳӣ ва ё гунаҳгории шахс ҳал карда мешавад, вале хидмати дигар марҳилаҳоеро, ки то расидан ба марҳилаи муҳокимаи судӣ кардаанд набояд фаромӯш кард. Агар дар дигар марҳилаҳо ҳолатҳои кор ба таври дахлдор ба роҳ мондаву, ҳамаҷониба риоя карда нашаванд, марҳилаи муҳокимаи судӣ мазмуну моҳияти худро гум мекунад.

Имрӯз дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ баъзе муаллифон теъдоду тартиби принсипҳоро дар ҳар шакл пешниҳод намудаанд. Баъзе аз принсипҳое, ки дар низоми муайяннамудаи муаллифон инъикос ёфтаанд метавонанд ба сохт ва таркиби дигар принсипҳо таъсир расонанд ва ё онҳоро аз ин низом пурра берун намоянд[378]. Чунки дар низоми муқаррарнамудаи онҳо ба яке аз принсипҳо авлавият дода шудааст. Бояд иброз дошт, ки низоми принсипҳо ин маҷмуи принсипҳо ба ҳисоб меравад, ки тамоми ҷараёни мурофиаро дар бар мегиранд ва онҳо бо якдигар дар алоқаи ногусастанӣ қарор дошта, якдигарро пурра менамоянд. Масалан бе амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дигар принсипҳо ба таври комил фаъолияти худро ба роҳ монда наметавонанд, вале бояд зикр намуд, ки бе амалишавии дигар принсипҳо низ эҳтимолияти бегуноҳӣ мазмуну мундариҷаи худро аз даст медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳам дар алоқамандӣ ва ҳам дар вобастагии якдигар қарор доранд.

Мо ба пуррагӣ ба ҳама андешаҳои олимон оид ба принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ розӣ шуда наметавонем, чунки ҳама принсипҳо дар навбати худ мафҳум ва моҳияти худро доранд ва онҳо дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ амал менамоянд. Масалан принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ амал намуда, тавассути дигар принсипҳо низ амалӣ карда мешавад.

Бе шак нақш ва ҷойи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар низоми принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ хеле калон аст, зеро ягона принсипе ҳаст, ки гунаҳгории шахсро зери гумон гузошта, бегуноҳии ӯро кафолат медиҳад ва пайваста тақозо менамояд, ки гунаҳгории шахс исбот карда шавад ва ё шахс ба пуррагӣ бегуноҳ эълон карда шавад.

---

[375] Багаутдинов Ф.Н. Обеспечение публичных и личных интересов при расследовании преступлений.М.: Юрлитинформ, 2004. 544 с.

[376] Божьев В.П. Конститутсионные принципы уголовного процесса / Уголовный процесс: учебник для вузов. М.: Спарк, 1998. 591 с.

[377] Ларин А.М., Мельникова Э.Б., Савицкий В.М. Уголовный процесс России. Лекции-очерки. - М.: Изд-во БЕК. 1997. - С. 3.

[378] Быков В.М. Принципы уголовного процесса по Конституции РФ 1993 года // Российская юстиция. 1994.№ 8.- С. 8-9.

Пас аз таҳлили ҳамаҷонибаи андешаву интиқодҳои олимон ҷиҳати тартиб додани низоми муайяни принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ ва алоқамандии онҳо бояд зикр намуд, ки ҳар як принсип хусусуятҳои ба худ хос ва мазмуну мундариҷаи махсус дорад, ки маҳз бо ҳамин хусусиятҳои худ аз дигар принсипҳо фарқ карда мешаванд. Ҳамчунин ин хусусиятҳо аз дигар меъёрҳо бар намеоянд, баръакс онҳо мазмуну мундариҷаи дигар меъёрҳоро муайян менамоянд ва ҳамзамон паҳлӯҳои дигари мурофиаи ҷиноятиро ба танзим медароранд.

Мо низ ба андешаи боло мувофиқем. Ҳарчанд имрӯз олимон низоми принсипҳоро ба ҳар мазмуну мундариҷа овардаанд, вале мо ҳамон низоми принсипҳои дар боби 2-юми Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶТ овардашударо мувофиқи мақсад мешуморем. Зеро ба андешаи мо амали маҳз ҳамин низоми принсипҳо метавонад мурофиаи ҷиноятиро шуруъ аз лаҳзаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ то ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд ҳамаҷониба ва пурраву холисона муқаррар намоянд ва адолати судиро ба таври дахлдор мустаҷоб гардонанд.

Ҳамин тариқ тавре маълум гардид вобаста ба таснифоти принсипҳо ва алоқамандии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ бо дигар принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ олимон назару андешаҳои мухталиф доранд. Ба андешаи бархе аз олимон принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ танҳо бо якчанд принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ алоқамандӣ дорад. Ба андешаи онҳо баъзе принсипҳо, ки номгӯи онҳоро дар зербоби мазкур инъикос намудем аз ҷониби эҳтимолияти бегуноҳӣ ҷабида мешаванд. Яъне онҳо чунин мешуморанд, ки мақсаду моҳияти ин принсипҳо пурра аз эҳтимолияти бегуноҳӣ падид омада, алоқамандӣ бо ин гуна принсипҳо зарурат надорад. Аз рӯи ин таҳлилҳо мо ба чунин хулоса омадем, ки бе амалишавии принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ натанҳо як категорияи муайяни принсипҳо, балки тамоми низоми принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ аҳамияти худро аз даст медиҳанд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти инҳисорӣ ва рақобат таърихи дуру дароз дошта, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ дар шакли хоса рушд карда, як самти фаъолияти иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб меравanд. Мавқеъ ва нақши рақобат дар шароити кишваре, ки иқтисоди бозориро барои худ интихоб намудааст, муҳим мебошад. Таҷрибаи кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон, гувоҳӣ медиҳад, ки аксари кишварҳо маҳз ҳамин гуна роҳи тараққиётро пеш гирифта, таъмини рақобатро чун заминаи суботи раванди фаъолияти иқтисодии худ қарор додаанд.

Сиёсати зиддиинҳисории давлат дар ҷаҳон таърихи тулонӣ дорад. Ҳадафи асосии ин гуна сиёсат - ташкили шароити мусоид барои инкишофи рақобати солим дар бозор мебошад. Дар давлатҳои хориҷӣ шаклҳои босамараи муқобилият алайҳи амали инҳисорӣ ва маҳдуд намудани инҳисор ва таъмини озодии рақобат истифода мешаванд.

Дастгирии рақобат дар он ифода меёбад, ки аз ҷониби давлат мавқеи ҳукумфармоии инҳисорӣ маҳдуд гардонида мешавад. Барои расидан ба ин ҳадаф давлат роҳҳои мустақим ва ғайримустақими таъсиррасониро истифода мекунад[429].

Дар кишварҳои мутараққӣ низоми махсуси назоратбарӣ аз рӯйи фаъолияти инҳисорӣ вуҷуд дошта, қонунгузории зиддиинҳисорӣ амал мекунад, инчунин, барои мубриза бо фаъолияти инҳисорӣ мақомоти махсуси давлатӣ таъсис дода шудаанд: дар ИМА – Комиссияи Федералии тиҷорат, дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон – Раёсати федералӣ оид ба корҳои картелҳо, дар Булғория – Комиссияи зиддиинҳисорӣ, дар Британияи Кабир – Раёсати савдои боадолат, дар Полша – Кумитаи зиддиинҳисорӣ, дар Федератсияи Русия Хадамоти зиддиинҳисории федералӣ амал мекунанд.

Дар Тоҷикистон низ, бо мақсади маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ ва таъмини рақобати солим зарурати таъсиси як қатор мақомоти давлатии навро ба миён овард, ки Агентии давлатии сиёсати зиддиинҳисорӣ ва дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи онҳо буда, соли 2001 таъсис дода шуда буд. Агентӣ мақомоти давлатии идора дар соҳаи мазкур буда, сиёсати давлатиро дар самти пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ, рушди рақобат ва соҳибкорӣ дар бозорҳои мол ва таъминоти назоратро ҷиҳати риояи

[429] Ниг.: Ҳакимов А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С.106.

қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва фаъолияти рекламавӣ анҷом медиҳад. Агентии мазкур то соли 2006 фаъолият намуд.

Бинобар сабаби рушди мунсибатҳои бозоргонӣ ва ҳамгироии муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамҷавор, боло рафтани хавфи зери инҳисор қарор гирифтани бозор соли 2012 дар заминаи Агентии мазкур Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Хадамот) ташкил карда шуд.

Хадамот бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.2012, №489, таъсис дода шудааст.

Хадамот мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроия буда, сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи ҳимоя ва рушди рақобат, пешгирӣ, маҳдудкунӣ, қать намудани фаъолияти инҳисорӣ, танзими давлатӣ ва назорат дар соҳаи фаъолияти субъектҳои инҳисороти табиӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ амалӣ менамояд.

Фаъолияти Хадамот дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи рақобат”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи инҳисори табиӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи истеъмолкунандагон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи реклама” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ва Низомномаи Хадамот, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, № 227 тасдиқ шудааст, ба роҳ монда шудааст[430].

Хадамот вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо бевосита ва тариқи мақомоти маҳаллии худ амалӣ менамояд. Ҳамзамон, Хадамот фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро оид ба масъалаҳои сиёсати зиддиинҳисорӣ, ҳимоя ва рушди рақобат, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ ҳамоҳанг месозад.

Хадамот тибқи Низомномаи худ дар соҳаҳои муқарраргардидаи фаъолият вазифаҳои зеринро анҷом медиҳад:

– татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи пешгирии фаъолияти инҳисорӣ, ҳимоя ва рушди рақобат, танзими фаъолияти субъектҳои инҳисороти табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ;

– таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба таъмини ҳимояи рақобат дар кишвар, фароҳам овардани шароитҳои ҳуқуқӣ ва дигар шароит, ки ба ташаккули рақобати солим дар бозорҳои мол ва рушди он мусоидат менамояд;

– таҳияи пешниҳодот оид ба татбиқи чорабиниҳое, ки ба пешгирии фаъолияти инҳисорӣ, ҳимоя ва рушди рақобат, танзими фаъолияти субъектҳои инҳисороти табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ нигаронида шудааст;

– ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва иттиҳодияҳои

---

[430] Ниг.: Бонки маркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. 03.04.2023.

субъектҳои хоҷагидор оид ба гузаронидани чорабиниҳои ба мусоидати ҳимоя ва рушди рақобат, пешгирии маҳдудкунӣ ва қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона нигаронидашуда, танзими фаъолияти субъектҳои инҳисороти табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ тавсияҳо медиҳад ва ғ.[431]

Дар радифи мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ мафҳумҳое чун «рақобат» ва «фаъолияти инҳисорӣ» дар сатҳи қонунгузорӣ муайян гардидаанд. Пеш гирифтани сиёсати фаъолияти озоди иқтисодӣ барои давлатҳои ҷаҳони имрӯза аз ҷумлаи самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба шумор меравад, ки маҳз барои рушди иқтисоди бозорӣ шароит ба вуҷуд меоварад. Дар доираи он тадбирҳои гуногун, ба монанди тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ андешида мешаванд. Амалӣ намудани сиёсати фаъолияти озоди иқтисодӣ ба мазмуни томаш фаъолияти давлатро дар соҳаи таъмини рақобати солим ва пешгири намудани фаъолияти инҳисорӣ инъикос менамояд.

Ба ғайр аз ин, дар амалӣ гардидани сиёсати фаъолияти озоди иқтисодӣ доираи гуногуни мақомоти ҳокимияти давлатӣ метавонад иштирок намояд, ки аз мазмуни васеъ доштани сиёсати фаъолияти озоди иқтисодии давлат шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла: Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти дигари ғайрисоҳавӣ, Хадамоти зиддиинҳисорӣ ва ғ. Дар фаъолияти таъмини рақобат ва пешгирӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ, асосан мақомоти зиддиинҳисорӣ, ҳамчун, мақомоти соҳавӣ ва ваколатдори давлатӣ барандаи асосӣ мебошад.

Бо дарназардошти табиати фаъолияти зиддиинҳисорӣ метавон фаҳмиши онро бо ду мазмун, яъне ба мазмуни васеъ ва маҳдуд муайян намуд. Ба мазмуни васеъ, фаъолияти зиддиинҳисорӣ соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти давлатиро ташкил медиҳад, ки бо мақсади иҷрои вазифаҳо дар соҳаи таъминии фаъолияти озоди иқтисодӣ равона мегардад. Фаъолияти зиддиинҳисорӣ бо ин мазмун дарбаргирандаи муносибатҳо ва фаъолияти гуногунҷанбаи давлат вобаста ба фаъолияти озоди иқтисодӣ мебошад.

Ба мазмуни маҳдуд бошад, фаъолияти зиддиинҳисорӣ ифодагари фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ, ҷиҳати амалӣ намудани салоҳияти муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар замина таъмини рақобат ва пешгирӣ намудани фаъолити инҳисорӣ мебошад. Бо ин мазмун, фаъолияти зиддиинҳисорӣ хусусияти амалии худро касб намуда, татбиқи чорабиниҳо ва дигар ваколатҳои дахлдорро дар соҳаи фаъолияти озоди иқтисодӣ амалӣ менамояд.

Фаъолияти зиддиинҳисорӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ дорои аломатҳои ба худ хос мебошад. Бо ҳамин мазмун, ҷавҳари асосиро вобаста ба падидаи ҳуқуқи маъмурӣ будани фаъолияти зиддиинҳисорӣ меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва муносибатҳои ҷамъиятии муайян ташкил медиҳанд.

---

431 Ниг.: Низомномаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2.10.2010 № 534, аз 01.08.2012 № 397, аз 13.09.2012 № 489, аз 30.12.2015 № 820, аз 3.11.2018 № 537, аз 31.07.2019 № 389).

Меъёрҳои ҳуқуқии маъмурӣ таҷассуми худро дар қонунгузории амалкунанда ёфтаанд. Санади меъёрии ҳуқуқие, ки меъёрҳоро дар худ баҳри танзими фаъолияти зиддиинҳисорӣ фаро гирифтаанд, ин қонунгузории зиддинҳисорӣ мебошад.

Фаъолияти зиддиинҳисорӣ ба таври мушаххас бошад, ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ баромад мекунад, ки дар худ хусусияти маҷмуиро таҷассум менамояд. Дар раванди идоракунии давлатии фаъолияти зиддиинҳисорӣ, дигар объектҳои идоракунии давлатӣ, низ дар он дида мешаванд. Чунончи, пешгирии фаъолияти инҳисорӣ, ҳимоя ва рушди рақобат, танзими фаъолияти субъектҳои инҳисороти табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ нигаронида шудааст ва ғ.

Чуноне аз мазмуни объектҳои идоракунии давлатӣ бармеояд, фаъолият, равандҳо, муносибатҳои ҷамъиятӣ ба сифати объекти идоракунии давлатӣ баромад менамоянд, ки вобаста ба ин, бе шубҳа фаъолияти зиддиинҳисориро метавон, чун объекти идоракунии давлатӣ муайян намуд.

Бо дарназардошти ҷанбаи ҳуқуқии маъмурӣ доштан ва падидаи ҳуқуқи маъмурӣ будани фаъолияти зиддиинҳисорӣ, махсусиятҳои онро ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ чунин муайян намудан мумкин аст:

- фаъолияти зиддиинҳисориро ба мазмуни томаш метавон чун соҳаи ҷамъиятӣ эътироф кард, ки дар радифи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба сифати объекти идоракунии давлатӣ баромад менамояд. Вобаста ба фаъолияти зиддиинҳисорӣ идоракунии давлатӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ амалӣ шуда, дорои функсияҳои муайяни идоракунӣ дар ин самт мебошад;
- тавре дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, роҳбарӣ ба фаъолияти зиддиинҳисорӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ амалӣ карда, тибқи Низомномаи Хадамот роҳбарии умумӣ ба фаъолияти зиддиинҳисорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумуҳурии Тоҷикистон, ҳамчун мақомоти идоракунии давлатии салоҳияти умумидошта амалӣ карда мешавад;
- нисбат ба фаъолияти зиддиинҳисорӣ сиёсати давлатӣ роҳандозӣ карда мешавад;
- дигар паҳлуи объекти идоракунии давлатӣ будани фаъолияти зиддиинҳисорӣ, ин аз ҷониби давлат таъсис додани мақомоти махсусгардонидашуда ҷиҳати фаъолият намудан дар самти мазкур мебошад;
- дар иртибот бо иштирокдори асосӣ ва марказии фаъолияти зиддиинҳисорӣ, яъне иштирокдори таъмини фаъолияти озоди иқтисодӣ будани Хадамоти зиддиинҳисорӣ функсияҳои гуногуни идоракунии давлатиро аз қабили танзимнамоӣ ва назоратиро амалӣ менамояд;
- мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти зиддиинҳисорӣ ҳамчун субъекти идоракунии давлатӣ муносибатҳоро вобаста ба фаъолияти инҳисорӣ муайян менамоянд, ки дар ин ҳолат фаъолияти зиддиинҳисорӣ ифодагари объекти идоракунии давлатӣ будани он мебошад;

- мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти зиддиинҳисорӣ тавассути фаъолияти зиддиинҳисорӣ устуворӣ ва рушди соҳаҳои дигарро, аз ҷумла, соҳаи иқтисод, соҳибкорӣ, хизматрасонӣ, реклам ва буҷетро таъмин менамояд;
- ҷиҳати рушд ва мукаммалгардонии фаъолияти зиддиинҳисорӣ мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти зиддиинҳисорӣ стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатиро таҳия ва қабул менамояд;
- мақомоти зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти зиддиинҳисории дигар давлатҳо созишномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти зиддиинҳисорӣ ба имзо мерасанд;
- мақомоти зиддиинҳисори чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро дар самти фаъолияти зиддиинҳисорӣ татбиқ менамояд.

Дар иртибот бо таҳлил ва баррасии масъалаи фаъолияти зиддиинҳисорӣ ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ метавон чунин хулоса намуд:
- ташаккули фаъолияти зиддиинҳисорӣ бо асосҳои гуногун вобастагӣ дошта, бо фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ иртибот дорад;
- фаъолияти зиддиинҳисорӣ таърихан бо таъмини рақобати солим алоқаманд буда, заминаи асосии таъмини он мебошад;
- фаъолияти зиддиинҳисорӣ воситаи муҳимтарини таъмини рақобати солим маҳсуб меёбад;
- фаҳмиши фаъолияти зиддиинҳисориро шартан ба ду мазмун, яъне ба мазмуни васеъ – муносибатҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти давлат ва ба мазмуни маҳдуд – фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ муайян намудан мумкин аст;
- фаъолияти зиддиинҳисорӣ дар шароити муосир чун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ баромад менамояд. Ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ фаъолияти зиддиинҳисорӣ фарогири муносибатҳо ва равандҳои дахлдор буда, тибқи меъёрҳои ҳуқуқии зиддиинҳисорӣ танзим мегарданд;
- дар доираи идоракунии давлатӣ фаъолияти зиддиинҳисорӣ ба сифати объекти он баромад менамояд. Ҳамзамон, фаъолияти зиддиинҳисорӣ мазмунан фаъолияти давлат буда, фарогири равандҳо ва муносибатҳои муайян мебошад;
- фаъолияти зиддиинҳисорӣ чун объекти идоракунии давлатӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ба амал баровarda мешавад.

Ҳамин тавр дар асоси таҳлили қонунгузории Ҷумуҳурии Тоҷикистон ба хулосае омадан мумкин аст, ки вазъи ҳуқуқии мақомоти зиддиинҳисорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Конститутсия ва қонунҳои соҳавӣ устувор карда шуда, дар таъмини рақобати солим ва маҳдуд намудани фаъолияти зиддиинҳисорӣ нақши хеле муҳимро иҷро менамояд. Чунки пешрафти ҳар кишвар вобастагии амиқ ба таъмини рақобати солим ва пешгирӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ дорад.

**Адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – 86 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 30 майи соли 2017, №1417// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, № 5, қ. 1, мод. 274.

3. Бицоева Л.Ф. Правовое регулирование внешнеэкономической деятельности субъектов предпринимательства в Российской Федерации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Владикавказ, 2011. – 23с.

4. Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. 03.04.2023.

5. Низомномаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2.10.2010 № 534, аз 01.08.2012 № 397, аз 13.09.2012 № 489, аз 30.12.2015 № 820, аз 3.11.2018 № 537, аз 31.07.2019 № 389).

6. Раззоқов Б.Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалӣ. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 236 с.

7. Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ, монография. – Душанбе, 2018. – 392 с.

8. Соибов З.М. Административно-правовые основы организации и деятельности таможенных органов Республики Таджикистан. Монография. – Душанбе, 2019. – 192 с.

9. Ҳакимов А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 480 с.

## ОМИЛҲОИ АСОСИИ ЗУҲУРИ КОРРУПСИЯ ДАР НИЗОМИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

**Шарипова Мавзуна Ғоибназаровна**
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявӣ
**Тел.:** (+992) 903308983
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Ғафурзода А.Д., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Яке аз зуҳуроти номатлуби замони муосирро коррупсия ва омилҳои коррупсионӣ ташкил медиҳанд, ки ба рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва амниятӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Коррупсия, инчунин метавонад таъсири манфии худро ба низоми хизмати давлатӣ расонад. Бо ин мақсад, дар мақолаи мазкур омилҳои асосии зуҳури коррупсия дар низоми хизмати давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф иброз менамояд, ки як қатор омилҳо барои коррупсия дар низоми хизмати давлатӣ замина мегузоранд: а) омилҳои иқтисодӣ; б) омилҳои сиёсӣ; в) омилҳои ҳуқуқӣ; г) омилҳои иҷтимоӣ; ғ) омилҳои руҳӣ-ахлоқӣ; д) омилҳои марбут ба низоми ташкили мубориза бар зидди ҷиноятҳои коррупсионӣ; е) заиф будани ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти муқовимат ба коррупсия. Инчунин, ба андешаи муаллиф имрӯз тадбиқи мутамарказияти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар самти муқовимат ба коррупсия дар низоми хизмати давлатӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Калидвожаҳо:** Коррупсия, омилҳои коррупсионӣ, низоми хизмати давлатӣ, омилҳои сиёсӣ, омилҳои иқтисодӣ, омилҳои ҳуқуқӣ, омилҳои иҷтимоӣ, омилҳои ахлоқӣ.

## ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ КОРРУПЦИИ В СИСТЕМЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ

**Шарипова Мавзуна Гоибназаровна**
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, юридический факультет, соискатель кафедры административного и финансового права
**Тел.:** (+992) 903308983
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru

**Научный руководитель:** Гафурзода А.Д., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Одним из нежелательных проявлений современности является коррупция и коррупционные факторы, оказывающие негативное влияние на экономическое, социальное, культурное развитие и развитие безопасности. Коррупция также может оказать негативное влияние на систему государственной службы. С этой целью в данной статье рассматриваются основные факторы появления коррупции в системе государственной службы. Автор указывает, что в основе коррупции в системе государственной службы лежит ряд факторов: а) экономические факторы; б) политические факторы; в) правовые факторы; г) социальные факторы; ж) психические и моральные факторы; д) факторы, связанные с системой организации борьбы с коррупционными преступлениями; е) слабость гражданского общества в направлении сопротивления коррупции. Также, по мнению автора, целесообразным является централизованное применение морально-правовых норм в направлении борьбы с коррупцией в системе государственной службы.

**Ключевые слова:** Коррупция, коррупционные факторы, система государственной службы, политические факторы, экономические факторы, правовые факторы, социальные факторы, моральные факторы.

## MAIN FACTORS OF CORRUPTION IN THE CIVIL SERVICE SYSTEM

**Sharipova Mavzuna Goibnazarovna**
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Faculty of Law, applicant for the Department of Administrative and Financial Law
**Phone:** (+992) 903308983
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru

**Scientific supervisor:** Gafurzoda A.D., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** One of the undesirable manifestations of modernity is corruption and corruption factors that have a negative impact on economic, social, cultural and security development. Corruption can also have a negative impact on the public service system. To this end, this article examines the main factors in the emergence of corruption in the public service system. The author points out that corruption in the public service system is based on a number of factors: a) economic factors; b) political factors; c) legal factors; d) social factors; g) mental and moral factors; e) factors related to the system of organizing the fight against corruption crimes; f) weakness of civil society in resisting corruption. Also, according to the author, it is advisable to centralize the application of moral and legal norms in the fight against corruption in the public service system.

**Key words**: Corruption, corruption factors, public service system, political factors, economic factors, legal factors, social factors, moral factors.

Дар муҳити илми ватанӣ ва хориҷӣ вобаста ба тамоюл ва омилҳои асосии зуҳури коррупсия дар низоми хизмати давлатӣ андеша ва назарҳои яксон ба мушоҳида намерасанд. Қабл аз баррасии масъалаи мазкур бояд ишора намоем, ки муҳаққиқони ватанӣ низоми хизмати давлатиро ба се гурӯҳ ҷудо менамоянд:

– хизмати давлатии шаҳрвандӣ, ҳамчун фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ аз хизмати давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ иборат мебошад;

– хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамчун фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ба таъмини қонуният, амният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ нигаронида шудааст;

– хизмати давлатии ҳарбӣ фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомот ва ҷузъу томҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ мебошад, ки ба таъмини мудофиа ва амнияти давлат нигаронида шудааст[432].

Ҳангоми таҳлили рисолаи илмӣ, мо асосҳои маъмурӣ-ҳуқуқии муқовимат бо коррупсияро дар низоми хизмати давлатӣ, яъне хизмати давлатии шаҳрвандӣ, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Бо ин назардошт, масоили марбут бо муқовимат ба коррупсия дар низоми хизмати давлатӣ ба таври умумӣ мавриди омӯзиш қарор хоҳад гирифт.

Муқовимат ба коррупсия дар низоми хизмати давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Бо ин мақсад, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ, ки санаи 17-уми феврали соли 2015 дар ҷаласаи Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида буд, таъкид намуданд: «Бо дар назардошти он ки коррупсия дар қатори дигар зуҳуроти хавфноки ҷаҳони муосир асосҳои давлатдориро суст карда, садди роҳи инкишофи ҷомеа мегардад, мо ба масъалаи мубориза бар зидди ин падидаи нангин ва паст кардани сатҳи он диққати ҷиддӣ медиҳем ва гузашта аз ин, мубориза бо кирдорҳои коррупсиониро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон кардаем»[433].

Дар Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба таври махсус таъкид мешавад, ки «коррупсия дар ҷаҳони муосир дар роҳи рушди иқтисодию иҷтимоии

---

[432] Ниг.: Х. Ойев, Р.Н. Марифхонов, Ҷ.Н. Ҷамшедов, А.М. Диноршоев Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – С. 55-56. (240 с.)

[433] Ниг.: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми феврали соли 2015. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.president.tj (санаи истифодабарӣ: 20.09.2023).

кишварҳо ва риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷумлаи монеаҳои ҷиддӣ маҳсуб меёбад. Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ масъалаи муқовимат ба коррупсия дар меҳвари сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Дар партави сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муқовимат ба коррупсия мунтазам чораҳои мақсаднокро роҳандозӣ намуда, барои ба вуҷуд овардани фазои зиддикоррупсионӣ пайваста заминаҳои ташкиливу ҳуқуқиро амалӣ намуда истодааст»[434].

Дар ҳамин замина Пешвои миллат зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2018 иброз намуданд, ки «ба роҳ мондани мубориза қатъӣ бо амалҳои коррупсионӣ шарти муҳимми фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа ва таҳкими эътимоди мардум нисбат ба сохтору мақомоти давлатӣ мебошад»[435]. Воқеан, Пешвои муаззами миллат дуруст ишора намудаанд, ки содиркунии амалҳои коррупсионӣ эътиқоди мардумро ба мақомоти давлатӣ коста менамояд. Бо ин мақсад, мо бояд аз нигоҳи илмӣ омил ва ё сабабҳои сар задани коррупсияро дар низоми хизмати давлатӣ муайян намоем.

Д.С. Қодирзода чунин андешаро манзур менамояд, ки «муқовимат ба коррупсия – аз унсурҳои мубориза бар зидди коррупсия ва пешгирии коррупсия иборат буда, қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳия ва амалишавии он аз иродаи олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз гардида, самаранокии муқовимат ба он аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардонии он вобастагии зич дорад»[436]. Воқеан, ба роҳ мондани муқовимат ба коррупсия аз иродаи олии роҳбарияти давлат вобаста буда, самаранокии он замоне имконпазир аст, агар тамоми ҷомеаи шаҳрвандӣ онро дастгирӣ ва амалӣ намоянд.

Аз нигоҳи муҳаққиқони ватанӣ, муқовимат ба коррупсия дар самти идоракунии давлатӣ дар шаклҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

1. Тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ;
2. Таълиму тарбияи зиддикоррупсионӣ;
3. Таҳлили хавфҳои коррупсионӣ;
4. Мониторинги зиддикоррупсионӣ;
5. Экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
6. Чораҳои назорати давлатии молиявӣ;
7. Талаботи махсус нисбат ба довталабони вазифаҳои давлатӣ ва шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор;

[434] Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: **18.09.2023**).

[435] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.president.tj (санаи истифодабарӣ: 20.09.2023).

[436] Қодирзода Д.С. Хусусиятҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳои коррупсионӣ // // Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат ба коррупсия. – Душанбе: матбааи АИДНПҶТ, 2021. – С. 125 (– С. 123-131)

8. Мамоният барои таъин ё интихоб шудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда;

9. Ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо вобаста ба иҷрои вазифаҳои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробаркардашуда[437].

Пажӯҳишгарон мафҳум, мазмун ва шаклҳои муқовимат ба коррупсияро дуруст маънидод ва баҳогузорӣ намудаанд, аммо аз нигоҳи мо муқовимат ба коррупсия замоне имконпазир ва натиҷаовар хоҳад буд, агар омилҳои содиркунии амалҳои коррупсионӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ муайян карда шаванд.

Л.М. Колодкин яке аз сабабҳои паҳн гаштани коррупсия дар низоми хизмати давлатиро аз ин мураккабии сохтори ҳокимияти иҷроия мебошад, яъне мавҷудияти амалиёти сершумори расмии бюрократӣ (расмиятпарастӣ), ки худи хизматчиёни давлатӣ ба вуҷуд меоранд, инчунин набудани назорати самараноки берунӣ ва дохилии фаъолияти дастгоҳи идоракунии давлатӣ, маънидод намудааст. Вазъият аз он ҷиҳат бадтар мешавад, ки баҳисобгирӣ ва назорати пурраи фаъолияти хизматии хизматчиёни давлатӣ, тақсимоти аниқи ваколатҳо вуҷуд надоранд, такроршавӣ ва ҳамроҳ кардани уҳдадориҳои вазифавӣ ҷой доранд. Ва ҳамчун натиҷа – сусткории аз ҳад зиёд, кашолкорӣ, ки бо камбудиҳои ташкилӣ ва сатҳи пасти тайёрии касбии қисми муайяни хизматчиёни давлатӣ вобастаанд, мебошад[438].

Г.Н. Зокиров бошад, яке аз сабабҳои сар задани амалҳои коррупсионӣ дар низоми хизмати давлатиро ба номукаммалии қонунгузорӣ, сатҳи нокифояи таъминоти моддии хизматчиёни давлатӣ, ноустувор будани назорати давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти онҳо, хеле васеъ будани доираи салоҳдиди хизматчиёни давлатӣ дар мавриди қабули қарорҳо рабт медонад. Инчунин, мавсуф ишора менамояд, ки ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои лоббистӣ ҳам дар таркиби ҳокимияти қонунгузор ва ҳам дар таркиби дигар мақомоти давлатӣ, ки дар раванди қабули қарори сиёсӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ саҳм доранд, метавонанд дар инкишофи ҷомеаи коррупсионӣ нақши барҷаста бозанд[439].

А.А. Шевелевич ду омили асосии ташаккули амалҳои коррупсиониро дар низоми хизмати давлатӣ ҷудо менамояд:

а) Кӯҳнапарастона будани қонунҳо, яъне муносибатҳоро саривақт ва дуруст танзим карда натавонистани қонунҳо. Амалия нишон медиҳад, ки муносибатҳо дар низоми хизмати давлатӣ зуд тағйир меёбанд, ки қонунгузорӣ онро саривақт мавриди танзим қарор намедиҳад ва ин боиси бавуҷудоии холигӣ дар низоми идоракунӣ гардида, мавҷудияти стандартҳои қатъии танзимкунандаро аз байн мебарад.

---

[437] Ғафурзода А.Д., Қодирзода Д.С. Коррупсия ва таъсири он ба раванди идоракунии давлатӣ: мушкилот ва дурнамо // Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат ба коррупсия. – Душанбе: матбааи АИДНПҶТ, 2021. – С. 20.

[438]Ниг.: Колодкин Л.М. Административно-правовые проблемы предупреждения и пресечения коррупции в государственном управлении // Предупреждение организованной и коррупционной преступности средствами различных отраслей права. – М., 2002. – С. 188.

[439] Ниг.: Зокиров Г.Н. Коррупсия ва хосиятҳои асосии он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – №1. – 2005. – С. 146.

б) Имконияти ҳамаҷониба таъмин карда натавонистани назорат дар низоми хизмати давлатӣ, яъне тадбиқи функсияи назоратӣ маблағи зарурӣро тақозо менамояд, дар баробари ин, назорат бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки барои иҷрои ҳадафҳо дар хизмати давлатӣ монеа эҷод нанамояд. Ба ибораи дигар, назорати қатъии пурзӯр метавонад боиси даст кашидани мутахассисони соҳибтаҷриба аз фаъолияти корӣ гардад[440].

Бале, муносибат дар ҷомеаи инсонӣ ҳар лаҳза дигаргун мегардад ва мақсади қонунгузорӣ низ аз он иборат аст, ки муносибати нави бавуҷудомадаро саривақт мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор диҳад, дар сурати ғайр фазои холигӣ дар ҷомеа, алалхусус дар низоми хизмати давлатӣ ба вуҷуд омада, боиси суистифода аз ҳолати мазкур ва сар задани ҳар гуна ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ гардад. Вале, ба андешаи нарм муносибат намудани шахсони роҳбарикунанда дар низоми хизмати давлатӣ чандон розӣ шуда наметавонем. Зеро, фаъолияти хизматӣ бидуни таъмини назорати пурра ва иҷрои саривақтии вазифаҳои хизматӣ ғайримақсад мегардад. Бо ин мақсад, дар низоми хизмати давлатӣ бояд принсипи босалоҳият ва сифатнок иҷро намудани уҳдадориҳои мансабӣ ҷой дошта бошад, ки ин имконият фароҳам меорад то натиҷаи муфид дар хизмати давлатӣ ба вуҷуд ояд, аз ҷониби дигар бахри дур кардани омилҳои коррупсионӣ дар низоми хизмати давлатӣ мусоидат менамояд.

Ба андешаи В. Попова содиркунии амалҳои коррупсионӣ дар низоми хизмати давлатӣ аз ҳолати моддӣ ва иқтисодии хизматчии давлатӣ вобаста набуда, балки хусусияти идеологиро доро мебошад. Яъне, сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шахси мансабдори давлатӣ ӯро водор менамояд то барои иҷрои вазифаҳои худ даст ба амалҳои коррупсионӣ занад[441]. Воқеан, андешаи мазкур лоиқи дастгирӣ мебошад. Зеро, сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз дар аҳди қадим роҳҳои идеологии тарбиянамоии хизматчиёни давлатӣ ҷой дошт, ки ҳадаф аз он тайёр намудани шахс ба хизмати давлатӣ дар заминаи садоқат ба касби интихобнамудааш маҳсуб меёфт. Имрӯз низ зарур аст, ки хизматчии давлатӣ аз нигоҳи ахлоқӣ ва идеологӣ барои ишғоли вазифа омода бошад. Аз нигоҳи мо, яке аз роҳҳои кам кардани сатҳи содиркунии амалҳои коррупсионӣ дар низоми хизмати давлатӣ низ дар ҳамин нуҳуфта аст. Дар ҳамин замина, бисёр ба маврид аст, агар мо аз эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ёдовар шавем. Яъне, зимни ирои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар аз 28 декабри соли 2023, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати сазовор таҷлил намудани 30-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқии аҳолӣ, соли 2024-ро ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуда, дар ҳамин замина 30 декабри соли 2023, таҳти №668 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024-ро ба тасвиб

[440] Ниг.: Шевелевич А.А. Административно-правовые основы противодействия коррупции в системе государственной службы: дисс. … кандидат юридических наук: 12.00.14. – Москва, 2008. – С. 9. (206 с.)
[441] Ниг.: Попов В.И. Актуальные проблемы борьбы с наиболее опасными проявлениями организованной преступности. – М., 2004. – С. 96.

расиданд[442]. Воқеан, мақсад аз ин, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ва кормандони мақомоти давлатӣ мебошад, ки натиҷаи он баҳри таъмини волоияти қонун, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ташаккули ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёди Тоҷикистон мусоидат менамояд. Аз тарафи дигар, ин имконият фароҳам меорад, ки хизматчиёни давлатӣ баҳри баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии худ боз ҳам бештар талош намоянд, ки натиҷаи он метавонад боиси паст гардидани сатҳи содиркунии амалҳои коррупсионӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад.

Дар ҳамин замина, К.А. Султанкулова бисёр ба маврид иброз менамояд, ки баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ яке аз омилҳои асосии муқовимат ба коррупсия дар замони муосир ба ҳисоб меравад[443].

Д. Сайдаҳмадзода сабабҳои асосии даст задан ба амалҳои коррупсиониро аз «номукаммалии идоракунии давлатӣ, риоя накардани қонун, хоҳиши ба даст овардани бартарӣ дар рақобат бо ҳама гуна нархҳо, хасисии мансабдорон ва соҳибкорони ватанӣ, сатҳи пасти касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бесаводии ҳуқуқии аҳолӣ, анъанаҳо, сатҳи пасти даромади давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ, духтурон, муаллимон ва дигар намояндагони касбу кори гуногун, рушд накардани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғ.» маънидод менамояд[444]. Дар интиҳо, таҳқиқбаранда «ташаккули андешаи солими ҷамъиятӣ, эҷоди муносибат байни онҳое, ки ришва мегиранд ё медиҳанд, омӯзишҳои равонӣ барои онҳое, ки вақти тамаъҷӯӣ фишори равониро ҳис мекунанд, ҷоннок намудани тарбияи антикоррупсионӣ ва ҳуқуқӣ байни ҷомеа, алалхусус миёни насли наврас ва ҷавонон, аз ҳама муҳим иштироки фаъоли шаҳрвандон дар роҳи ҳалли мубориза бар зидди ин амали нангин»-ро аз зумраи чораҳои муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маънидод менамояд[445].

Пас аз таҳлили андеша ва назари пажуҳишгарон метавон хулоса намуд, ки тамоюл ва омилҳои асосии содиркунии амалҳои коррупсионӣ гуногун буда, онҳоро метавон ба сифати омилҳои комплексӣ баҳогузорӣ намуд. Воқеан, ҳар як омили баррасишуда имконият фароҳам меорад, ки дар низоми хизмати давлатӣ коррупсия доман паҳн намуда, ба рушди низоми идоракунии давлатӣ, таъмини шаффофият дар хизмати давлатӣ,

---

[442] Ниг.: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024 аз 30 декабри соли 2023, таҳти №668. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.president.tj (санаи истифодабарӣ: 09.01.2024).

[443] Ниг.: Султанкулова К.А. Повышение профессиональной культуры как важный аспект по противодействию коорупции // Права человека в соврименном мире: консепции, реальность и перспективы. – Душанбе, 2021. – С. 89-95.

[444] Сайдаҳмадзода Д. Ҳолатҳои равонии хизматчиёни давлатӣ дар раванди амалҳои коррупсионӣ // Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат ба коррупсия. – Душанбе: матбааи АИДНПҶТ, 2021. – С. 208. (– С. 203-212.)

[445] Сайдаҳмадзода Д. Ҳолатҳои равонии хизматчиёни давлатӣ дар раванди амалҳои коррупсионӣ // Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат ба коррупсия. – Душанбе: матбааи АИДНПҶТ, 2021. – С. 211.

тадбиқи ҳадафҳои давлатӣ, рушди иқтисодиёт ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ монеаи ҷиддиро пеш орад.

Бо дарназардошти таҳлили суратгирифта, манзури чунин хулосаҳоро дар доираи зербоби мазкур ба мақсад мувофиқ медонем:

1. Аз нигоҳи мо, чунин омилҳо барои коррупсия дар низоми хизмати давлатӣ замина мегузоранд: а) омилҳои иқтисодӣ; б) омилҳои сиёсӣ; в) омилҳои ҳуқуқӣ; г) омилҳои иҷтимоӣ; ғ) омилҳои руҳӣ-ахлоқӣ; д) омилҳои марбут ба низоми ташкили мубориза бар зидди ҷиноятҳои коррупсионӣ; е) заиф будани ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти муқовимат ба коррупсия.

2. Имрӯз тадбиқи мутамарказияти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар самти муқовимат ба коррупсия дар низоми хизмати давлатӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Яъне, мо бояд хизматчии давлатиро ҳам аз нигоҳи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳам аз нигоҳи меъёрҳои ҳуқуқӣ тарбия намуда, ҳолати руҳӣ ва равонии онро барои даст кашидан ва ё худдорӣ намудан аз амалҳои коррупсионӣ омода созем. Бо ибораи дигар, агар яке аз роҳҳои пешгирии амалҳои коррупсионӣ дар низоми хизмати давлатӣ вобастагӣ аз сатҳи маърифати ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ дошта бошад, аз тарафи дигар бо ҳолати руҳӣ-равонӣ (ахлоқӣ)-и онҳо вобастагӣ дорад. Дар сурати тавъам шудани ин ду унсур, фикр менамоем самаранокӣ дар самти пешгирии содиркунии амалҳои коррупсионӣ дар низоми хизмати давлатӣ имконпазир мегардад.

**Адабиёт:**


1. Ғафурзода А.Д., Қодирзода Д.С. Коррупсия ва таъсири он ба раванди идоракунии давлатӣ: мушкилот ва дурнамо // Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат ба коррупсия. – Душанбе: матбааи АИДНПҶТ, 2021. – С. 20.
2. Зокиров Г.Н. Коррупсия ва хосиятҳои асосии он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – №1. – 2005. – С. 146.
3. Қодирзода Д.С. Хусусиятҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳои коррупсионӣ // // Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат ба коррупсия. – Душанбе: матбааи АИДНПҶТ, 2021. – С. 123-131.
4. Колодкин Л.М. Административно-правовые проблемы предупреждения и пресечения коррупции в государственном управлении // Предупреждение организованной и коррупционной преступности средствами различных отраслей права. – М., 2002. – С. 188.
5. Ойев Х., Марифхонов Р.Н., Ҷамшедов Ҷ.Н., Диноршоев А.М. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – 240 с.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.president.tj (санаи истифодабарӣ: 20.09.2023).

7. Попов В.И. Актуальные проблемы борьбы с наиболее опасными проявлениями организованной преступности. – М., 2004. – С. 96.

8. Сайдаҳмадзода Д. Ҳолатҳои равонии хизматчиёни давлатӣ дар раванди амалҳои коррупсионӣ // Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат ба коррупсия. – Душанбе: матбааи АИДНПҶТ, 2021. – С. 203-212.

9. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: **18.09.2023**).

10. Султанкулова К.А. Повышение профессиональной культуры как важный аспект по противодействию коорупции // Права человека в соврименном мире: консепции, реальность и перспективы. – Душанбе, 2021. – С. 89-95.

11. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми феврали соли 2015. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.president.tj (санаи истифодабарӣ: 20.09.2023).

12. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024 аз 30 декабри соли 2023, таҳти №668. – [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.president.tj (санаи истифодабарӣ: 09.01.2024).

13. Шевелевич А.А. Административно-правовые основы противодействия коррупции в системе государственной службы: дисс. … кандидат юридических наук: 12.00.14. – Москва, 2008. – С. 9. (206 с.)

## МУРОФИАИ ГРАЖДАНӢ; МУРОФИАИ ИҚТИСОДӢ (ИХТИСОС: 12.00.15) – ГРАЖДАНСКИЙ ПРОЦЕСС; ЭКОНМИЧЕСКИЙ ПРОЦЕСС (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.15)

# ТРЕТЬИ ЛИЦА, НЕ ЗАЯВЛЯЮЩИЕ САМОСТОЯТЕЛЬНЫЕ ТРЕБОВАНИЯ НА ПРЕДМЕТ СПОРА В ГРАЖДАНСКОМ ПРОЦЕССЕ

**Тагайназаров Шариф Тагайназарович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, профессор кафедры гражданского права, доктор юридических наук
**Тел.:** (+992) 935534766
**E-mail:** hukukimadani@gmail.com

**Фозилов Насимжон Носирович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, старший преподаватель кафедры судебного права и прокурорского надзора
**Тел.:** (+992) 919195144
**E-mail:** nasim.fozil@yandex.ru

**Рецензент:** Махмудов И.Т., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Данная статья посвящена третьим лицам, не заявляющим самостоятельные требования на предмет спора в гражданском процессе. Нормы ГПК РТ, регулирующие участие третьих лиц, не заявляющих самостоятельные требования на предмет спора в гражданском процессе, сохранили преемственность с соответствующими нормами ГПК Таджикской ССР 1963 года. Вместе с тем, урегулирование общественных отношений с участием третьих лиц, не заявляющих самостоятельные требования на предмет спора в гражданском процессе, в указанном новом гражданском процессуальном законе получило дальнейшее развитие. Кроме того, анализ данных правовых норм показывает, что они нуждаются в последующей модификации. В связи с этим, авторы выдвигают обоснованные предложения по  дальнейшему усовершенствованию упомянутых правовых норм.

**Ключевые слова:** Гражданский процесс, лица, участвующие в деле, третье лица, третье лица, не заявляющие самостоятельные требования на предмет спора, Гражданский процессуальный кодекс Таджикский Советской Социалистической Республики 1963 года, Гражданский процессуальный кодекс Республики Таджикистан, развитие, совершенствование.

# ШАХСОНИ СЕЮМ, КИ ДАР МУРОФИАИ ГРАЖДАНӢ НИСБАТ БА МАВЗУИ БАҲС ТАЛАБОТИ МУСТАҚИЛОНА ПЕШНИҲОД НАКАРДААНД

**Тағойназаров Шариф Тағойназарович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (+992) 935534766
**E-mail:** hukukimadani@gmail.com

**Фозилов Насимҷон Носирович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ
**Тел.:** (+992) 919195144
**E-mail:** nasim.fozil@yandex.ru

**Муқарриз:** Маҳмудов И.Т., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Мақолаи мазкур ба шахсони сеюм, ки дар мурофиаи гражданӣ нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд, бахшида шудааст. Меъёрҳои КМГ ҶТ, ки иштироки шахсони сеюмро дар мурофиаи гражданӣ, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд, мавриди танзим қарор медиҳанд, бо меъёрҳои мувофиқи КМГ РССТ аз соли 1963 ворисиятро нигоҳ доштаанд. Илова бар ин, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо иштироки шахсони сеюм, ки дар мурофиаи гражданӣ нисбат ба мавзӯи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд, дар қонуни нави мурофиаи граждании зикргардида, инкишоф ёфтааст. Ҳамзамон, таҳлили ин меъёрҳои ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки онҳо ниёз ба таҷдиди минбаъда доранд. Аз ин рӯ, муаллифон таклифҳои асосноккардашударо ҷиҳати такмили минбаъдаи меъёрҳои ҳуқуқии ишорашуда, манзур менамоянд.

**Калидвожаҳо:** Мурофиаи гражданӣ, шахсони иштирокчии парванда, шахсони сеюм, шахсони сеюм, ки нисбат ба мавзӯи баҳс талаботи мустақилона пешниҳод накардаанд, Кодекси мурофиавии граждании Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аз соли 1963, Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инкишоф, такмил.

# THIRD PARTIES THAT DO NOT STATE INDEPENDENT CLAIMS ON THE SUBJECT OF A DISPUT IN CIVIL PROCEEDINGS

**Tagaynazarov Sharif Tagaynazarovich,**
Tajik National University, Faculty of Law, Professor of the Department of Civil Law, Doctor of Law
**Phone.:** (+992) 935534766
**E-mail:** hukukimadani@gmail.com

**Fozilov Nasimjon Nosirovich,**
Tajik National University, Faculty of Law, Senior Lecturer of the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision
**Phone.:** (+992) 919195144
**E-mail:** nasim.fozil@yandex.ru

**Reviewer:** Makhmudov I.T., Candidate of Legal Sciences, Associate Professor

**Annotation:** This article is devoted to third parties who do not declare independent claims on the subject of a dispute in civil proceedings. The norms of the Code of Civil Procedure of the Republic of Tajikistan, which regulate the participation of third parties who do not declare independent claims for the subject of a dispute in civil proceedings, have retained continuity with the corresponding norms of the Code of Civil Procedure of the Tajik SSR of 1963. At the same time, the settlement of public relations with the participation of third parties who do not declare independent claims on the subject of a dispute in civil proceedings was further developed in the specified new civil procedural law. In addition, the analysis of these legal norms shows that they need further modification. In this regard, the authors put forward reasonable proposals for further improvement of the mentioned legal norms.

**Key words:** Civil procedure, persons participating in the case, third parties, third parties who do not declare independent claims on the subject of the dispute, the Civil Procedure Code of the Tajik SSR of 1963, the Civil Procedure Code of the Republic of Tajikistan, development, improvement.

При защите лицом своего охраняемого законом интереса путем вступления в «чужой» процесс, в котором уже есть спорящие между собой истцовая и ответная стороны, мы сталкиваемся со специфическими субъектами гражданского процесса: третьими лицами, не заявляющими самостоятельные требования на предмет спора.

Гражданский процессуальный кодекс Республики Таджикистан[446] включает третьих лиц, не заявляющих самостоятельные требования на

[446]Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2008 г., № 1, ч. 1, ст. 6, ст. 7; 2010 г., № 1, ст. 6; 2012 г., № 7, ст. 721; 2014 г., № 7, ч. 1, ст. 388; № 12, ст. 821; 2015 г., № 11, ст. 953; 2016 г., № 1309; 2018 г., №

предмет спора в состав лиц, участвующих в деле (например, ст. 36). Это объясняется тем, что третьи лица, не заявляющие самостоятельные требования на предмет спора, имеют все характерные черты данной правовой категории субъектов гражданского процессуального права[447].

